ҲАБИБОВ С., ҶАМШЕДОВ М.

# ИҚТИСОДИ КОРХОНА (ТАШКИЛОТ)

Қисми 1

Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ

ТОҶИКМАТЛУБОТ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ
ТОҶИКИСТОН

ҲАБИБОВ С., ҶАМШЕДОВ М.

# ИҚТИСОДИ КОРХОНА (ТАШКИЛОТ)-ҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

**Қисми 1**

***Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ***

Бо қарори ҳайати мушовараи Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия гардидааст

Душанбе
«Ирфон»
2014

УДК (075.8) 339.5
ББК 65.5
Ҳ - 45

Китоби дарсӣ бо дастгирии молиявии Раёсати
Иттифоқи «Тоҷикматлубот» чоп шудааст

***Муқарризон*:**

***Обидов Ф.О.*** – декани факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Низомова Т.*** – профессори кафедраи иқтисодиёт ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ

***Раҷабов Р.К.*** – муовини ректор оид ба корҳои илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

***Шаропов Ф.Р.*** – декани факултети «Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ҳуқуқ»-и Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент

**Ҳабибов С., Ҷамшедов М.**

**Ҳ - 45 Иқтисоди корхона (ташкилот)-ҳои истеҳсолӣ:** Китоби дарсӣ. Қисми 1. Зери таҳрири д.и.и., профессорон Ҳабибов С.Ҳ. ва Шарипов М.М.-Душанбе: «Ирфон», 2014. – 352 саҳ.

*Дар фасли якуми китоби дарсӣ мавзӯъҳои асосии фаъолияти корхона дар раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ: мафҳум, аҳамият, нақш, тасниф, иттиҳодияҳо, асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти корхона, шаклҳои нави ташкилию ҳуқуқӣ, таъсисёбӣ, бақайдгирӣ ва тартиби барҳамдиҳӣ, муҳити дохилию берунӣ, механизми нақшагирӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, муносибатҳои шартномавӣ, услубҳои нархгузорӣ, хусусиятҳои андозбандӣ, сабаб ва оқибатҳои муфлисшавии корхона мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст.*

*Дар фасли дуюми китоби мазкур ба баррасии моҳият ва истифодаи самараноки ресурсҳои иқтисодӣ – воситаҳои асосӣ ва гардон, кормандон ва музди меҳнати онҳо, ташкили раванди истеҳсолот, робитаҳои иқтисодии берунӣ, сармоягузорӣ, сиёсати инноватсионӣ, арзиши аслии маҳсулот, фоида ва фоиданокӣ, молияи корхона ва дигар бахшҳои иқтисоди корхонаҳои истеҳсолӣ диққати махсус дода шудааст.*

*Ба манзури донишҷӯён, магистрантон, омӯзгорони мактабҳои олӣ, роҳбарону мутахассисони корхонаҳову ташкилотҳо ва дигар ниёзмандон пешкаш мегардад.*

$\text{Ҳ}\ \frac{0601000000 - 235}{\text{М}\ 501\ (12) - 2014} - 2014$

**ISBN – 978 -99975-0-211-7** **ББК 65. 5**
© Ҳабибов С., Ҷамшедов М., 2014

## САРСУХАН

Корхона рукни таркибӣ ва басо муҳими иқтисоди муосир маҳсуб мешавад ва нақшу аҳамияти он дар шароити гузариш ба низоми муносибатҳои бозорӣ беш аз пеш меафзояд.

Иқтисоди корхона (ташкилот)-ҳо ҳамчун фанни таълимӣ дар мактабҳои таҳсилоти олии касбии кишвар омӯхта мешавад.

Таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани обрӯю эътибори кишвари соҳибистиқлоли Тоҷикистон аз босифат тайёр кардани кадрҳои соҳибкасб, лаёқатманд ва ҷавобгӯ ба тақозои бозори меҳнат вобастагии бевосита дорад.

Нақши донишҳои ҳамаҷонибаи назариявӣ, методологӣ ва малакаҳои амалии касбӣ дар иҷрои муваффақонаи таҳлил ва нақшагирии фаъолияти хоҷагии корхонаҳо, пешгӯиҳои асосноки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ барои давраҳои кӯтоҳ, миёна ва дарозмуддат, таҳияи лоиҳаҳои навоваронаи сармоягузорӣ бениҳоят калон аст.

Дар замони муосир ташаккули фикрронии эҷодкорона, мустақилона ва саҳмгирии шахсӣ дар тартиб додани хулоса ва пешниҳодҳои судманд барои қабули қарорҳои дурусти идоракунӣ ва истифодаи оқилонаи ресурсҳои маҳдуди иқтисодӣ, бемайлон баланд бардоштани сатҳи самарабахши фаъолияти иқтисодӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд.

Аммо нарасидани китоби дарсӣ, хусусан ба забони давлатӣ-тоҷикӣ барои донишҷӯён воқеан монеаи ҷиддӣ эҷод месозад.

Китобе, ки ҳоло ба таваҷҷуҳи хонандагон пешниҳод мегардад, маҳз бо дастгирии Шӯрои илмӣ-методии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар тавсия шудааст. Дар ин маводи таълимӣ талаботи нақшаҳои нави таълимӣ ва стандартҳои

давлатии таҳсилоти олии касбӣ барои ихтисосҳои иқтисодӣ ба назар гирифта шудааст.

Дар ҷараёни тайёр намудани ин китоб маводи таълимие, ки дар кишварҳои ИДМ солҳои охир аз ин фанн ба забони русӣ нашр гардидаанд, ба эътибор гирифта шудаанд. Аммо хусусиятҳои татбиқи амалии ислоҳоти иқтисоди бозорӣ дар фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ таи солҳои соҳибистиқлолии давлатии Тоҷикистон мавқеи хос касб намуд.

Муаллифон аз хонандагони азизу арҷманд, ки фикру андешаҳои беғаразона барои дар оянда такмил додани мундариҷа ва мазмуну муҳтавои китоби мазкур иброз медоранд, эҳтиромона арзи сипос менамоянд.

Муаллифони китоб ба ҳаммуҳаррир -- д.и.и., профессор Шарипов М.М., ба муқарризон: д.и.ц., профессорон - Обидов Ф.О., Низомова Т.Д., Раҷабов Р.К., н.и.и., дотсент – Шаропов Ф.Р. ва ҳамкасбон барои ибрози ақида, эрод ва пешниҳодҳои судманд самимона минатдорӣ изҳор менамоянд.

Ба муҳтарам Наср Бобои Сарфароз барои эродҳо ва маслиҳатҳои пурарзиш сипосгузорем.

*Суроғаи мо:* **ш. Душанбе, кӯчаи А. Деҳотӣ 1/2, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.**
E-mail: tguk@mail.ru
сайт:www.tguk.tj

# МУНДАРИЧА

сах.

**САРСУХАН……………………………………………3**

**ФАСЛИ I. МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲО ДАР РАВАНДИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ..13**

**МАВЗӮИ 1. КОРХОНА (ТАШКИЛОТ) –ҲО ЗИНАИ АСОСИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ………………………………………………13**

*1.1.Корхона: мафҳум, нақш ва аҳамияти он дар замони муосир……………………………………………13*

*1.2.Ҳадаф, вазифаҳо ва намуди корхонаҳо……………………19*

*1.3.Таснифи корхонаҳои истеҳсолӣ……………………………22*

*1.4.Нишонаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳо……………………………………………24*

*1.5. Иттиҳодияи корхонаҳо……………………………………27*

*Саволу супоришҳо барои такрор……………………………31*

**МАВЗӮИ 2. МУҲИТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ КОРХОНА………………33**

*2.1.Муҳити дохилии корхона……………………………………33*

*2.2.Муҳити берунии корхона……………………………………34*

*Саволу супоришҳо барои такрор……………………………39*

**МАВЗӮИ 3. ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА (ТАШКИЛОТ)-ҲО………………………………………41**

*3.1.Ширкатҳои хоҷагидорӣ:……………………………………41*

*3.1.1.Ширкати комил……………………………………………41*

*3.1.2.Ширкати ба боварӣ асосёфта ё ширкати коммандитӣ……………………………………………42*

*3.2.Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ:……………………………………43*

*3.2.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд………………………43*

*3.2.2.Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ……………………45*

*3.2.3.Ҷамъияти саҳомии шакли кушода……………………45*

*3.2.4.Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида……………………46*

*3.2.5.Ҷамъияти фаръӣ……………………………………47*

*3.2.6.Ҷамъияти вобаста……………………………………48*

*3.3. Кооперативҳои истеҳсолӣ……………………………48*

*3.4.Корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ……………………49*

*Саволу супоришҳо барои такрор…………………………50*

**МАВЗӮИ 4. ТАЪСИСЁБӢ ВА БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ КОРХОНА….51**

*4.1.Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона……………51*

*4.2.Тартиби бақайдгирии давлатии корхона……………………52*

*4.3.Сармояи оинномавии корхона……………………………59*

*Саволу супоришҳо барои такрор…………………………61*

**МАВЗӮИ 5. НАҚШАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНА……62**

*5.1.Мафҳум ва мазмуни нақшагирии рушди иқтисодии корхона…………………………………………………………62*

*5.2.Принсипҳо ва усулҳои нақшагирӣ……………………64*

*5.3. Нақшагирии рушди фаъолияти иқтисодии корхона……69*

*Саволу супоришҳо барои такрор…………………………75*

**МАВЗӮИ 6.ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ КОРХОНА……………………76**

*6.1.Моҳият ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ……………76*

*6.2.Соҳибкории хурд: афзалият ва нуқсонҳои он……………78*

*6.3.Танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна…………………………………………………………79*

*6.4. Стратегияи рушди устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон……………………………………………………88*

*6.5. Таҳия ва мазмуни нақшаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ ........................................94*
*Саволу супоришҳо барои такрор........................................95*
**МАВЗӮИ 7. МУНОСИБАТҲОИ ШАРТНОМАВИИ КОРХОНА...............97**
*7.1. Моҳият ва аҳамияти ташкили муносибатҳои шартномавӣ........................................97*
*7.2.Шартнома ва ҷузъҳои таркибии он..........................99*
*7.3.Нархи шартномавии молу хизматҳо.......................103*
*7.4.Хавфу хатарҳои иқтисодӣ ва зарурати пешгирии онҳо........................................104*
*7.5.Қабул, супоридан ва ҳуқуқи моликият ба молҳо...........105*
*7.6.Идоракунии ҳолатҳои низоъӣ ва баҳсу мунозираҳои шартномавӣ........................................107*
*Саволу супоришҳо барои такрор........................................108*
**МАВЗӮИ 8. НАРХГУЗОРИИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ........................................110**
*8.1.Моҳияти иқтисодӣ, вазифаҳо ва нақши нарх дар иқтисоди бозорӣ........................................110*
*8.2.Низоми нархҳо, намудҳо ва таркиби нархи маҳсулот........................................112*
*8.3.Услубҳои нархгузорӣ ва тавзеҳи онҳо.....................113*
*8.4.Хусусиятҳои нархгузории бозорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ........................................116*
*Саволу супоришҳо барои такрор........................................118*
**МАВЗӮИ 9. НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АНДОЗБАНДИИ КОРХОНАҲО........................................119**

*9.1.Мафҳум, вазифаҳо ва принсипҳои поягии андозбандӣ…119*

*9.2.Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон…………………..126*

*9.3. Намудҳои асосии андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ.127*

*9.4.Андозбандии корхонаҳои истеҳсолӣ…………………….136*

*9.5. Низомҳои махсуси андозбандӣ ва шарҳи мухтасари онҳо………………………………………………………………137*

*9.6.Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагонӣ маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона)............142*

*9.7.Низоми андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ....147*

*Саволу супоришҳо барои такрор……………………………150*

**МАВЗӮИ 10.МУФЛИСШАВИИ КОРХОНА……………………………………152**

*10.1.Моҳият ва сабабҳои муфлисшавии корхона…………..152*

*10.2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», тавсифи муқаррароти асосии он………………………….153*

*10.3.Тартиби эътироф намудани муфлисшавии корхона…………………………………………………………...156*

*10.4.Роҳҳои пешгирӣ кардани муфлисшавии корхона дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ……………159*

*Саволу супоришҳо барои такрор……………………………160*

**ФАСЛИ II. ИҚТИСОДИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ……………………………………162**

**МАВЗӮИ 11. ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОНҲО……………………………………………………………………162**

*11.1.Воситаҳои асосии корхона: моҳият, таркиб ва таснифи онҳо…………………………………………………...162*

*11.2.Баҳо додан ба арзиши воситаҳои асосӣ…………………166*

*11.3.Фарсудашавӣ ва механизми бардошти истеҳлокӣ......169*

*11.4.Самаранокии истифодаи воситаҳои асосӣ: моҳият ва ҳисоб нишондиҳандаҳо..........................................173*

*Саволу супоришҳо барои такрор...................................175*

**МАВЗӮИ 12. ВОСИТАҲОИ ГАРДОНИ КОРХОНА..................................177**

*12.1.Моҳият ва таснифи воситаҳои гардон.....................177*

*12.2.Меъёргирии воситаҳои гардон...................................179*

*12.3.Самарабахшии истифодаи воситаҳои гардон ва ҳисоби нишондиҳандаҳои махсус..........................................184*

*Саволу супоришҳо барои такрор...................................162*

**МАВЗӮИ 13. КАДРҲОИ КОРХОНА: ТАРКИБ, ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ВА НАҚШАГИРӢ..................................................................188**

*13.1.Кадрҳои корхона: ҳайат, таркиб ва таснифи онҳо....188*

*13.2.Ташкил ва меъёргирии меҳнати кормандон..............190*

*13.3.Ҳосилнокии меҳнат: мазмун, нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон..........................................................191*

*13.4. Нақшагирии эҳтиёҷи кадрҳо дар корхонаи истеҳсолӣ.............................................................................196*

*Саволу супоришҳо барои такрор...................................198*

**МАВЗӮИ 14.МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ.........200**

*14.1.Моҳият, мазмун ва принсипҳои асосии музди меҳнат.200*

*14.2.Ташкили музди меҳнат.............................................203*

*14.3.Нақшагирии музди меҳнати кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ..........................................................206*

*Саволу супоришҳо барои такрор...................................209*

**МАВЗӮИ 15.ТАШКИЛИ РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР КОРХОНА.......210**

*15.1.Ташкили раванди истеҳсолот:мафҳум ва таснифи он...210*
*15.2.Шаклу навъҳои ташкили истеҳсолот.....................213*
*15.3.Усул ва меъёрҳои ташкили истеҳсолот...................217*
*15.4.Сикли истеҳсолӣ.................................................222*
*Саволу супоришҳо барои такрор...................................223*
**МАВЗӮИ 16.ИҚТИДОРИ ИСТЕҲСОЛИИ КОРХОНА...........................224**
*16.1.Иқтидори истеҳсолии корхона ва омилҳои муайянкунандаи он..................................224*
*16.2.Намуд ва роҳҳои ҳисоби иқтидори истеҳсолии корхона..........................................................228*
*16.3.Таҳияи нақшаи истеҳсоли маҳсулот.....................231*
*Саволу супоришҳо барои такрор...................................234*
**МАВЗӮИ 17.ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА НАВОВАРОНА ДАР КОРХОНА.................................................................235**
*17.1.Сармоягузорӣ: моҳият, намудҳо, тасниф ва аҳамияти он дар рушди иқтисоди корхона.....................235*
*17.2.Самаранокии сармоягузорӣ: тарзу услубҳои баҳодиҳӣ ва ҳисоби нишондиҳандаҳои иқтисодӣ..............238*
*17.3.Фаъолияти навоварона дар корхона ва самаранокии он.........................................................................243*
*17.4.Барномаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон...............................................244*
*Саволу супоришҳо барои такрор...................................249*
**МАВЗӮИ 18.АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ.........................................251**
*18.1.Моҳият ва таркиби арзиши аслии маҳсулот...........251*
*18.2.Таснифи хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.....253*

*18.3.Тартиби ҳисоби харҷнома (калкулятсия)-и воҳиди истеҳсоли маҳсулот............................................256*
*18.4.Пешгӯӣ ва нақшагирии арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот дар корхона..........................................259*
*Саволу супоришҳо барои такрор..................................260*
**МАВЗӮИ 19.ФОИДА ВА ФОИДАНОКӢ..........................................260**
*19.1.Моҳият ва намудҳои фоида. Фоиданокӣ....................260*
*19.2.Манбаъҳои ташаккулёбии фоида..................................262*
*19.3.Нақшагирии фоида дар корхона...................................263*
*19.4.Самтҳои асосии тақсим ва истифодаи фоида............266*
*Саволу супоришҳо барои такрор........................................268*
**МАВЗӮИ 20.ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНАИ КОРХОНА.............270**
*20.1.Моҳият ва аҳамияти фаъолияти иқтисодии берунаи корхона..........................................................270*
*20.2.Шартномаи тиҷоратӣ-иқтисодии корхона ва таркиби он........................................................................271*
*20.3.Намудҳои ҳисоббаробаркунӣ дар савдои хориҷии корхона ва шарҳи онҳо.............................................273*
*20.4. Истилоҳҳои махсуси шартномаи савдои хориҷӣ.......278*
*Саволу супоришҳо барои такрор.........................................281*
**МАВЗӮИ 21.МОЛИЯИ КОРХОНА..................................................283**
*21.1.Моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни молияи корхона.........283*
*21.2. Ҳолати молиявии корхона ва нишондиҳандаҳои таҳлили он..........................................................................286*
*21.3. Нақшагирии молияи корхона....................................293*
*Саволу супоришҳо барои такрор........................................300*

**ЗАМИМАҲО**........................................................**301**

**ЗАМИМАИ 1.** Консепсияи нақшаи соҳибкорӣ (бизнес-план)-и бунёди заводи қанд..............................301

**ЗАМИМАИ 2.** Нақшаи рушди соҳибкории корхонаи истеҳсолии ҶДММ «Кафолат»....................309

**ТАВЗЕҲОТ**.........................................................**319**

# ФАСЛИ I.
# МАСЪАЛАҲОИ УМУМИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНАҲО ДАР РАВАНДИ ИҚТИСОДИ БОЗОРӢ

## МАВЗӮИ 1.
## КОРХОНА (ТАШКИЛОТ) –ҲО ЗИНАИ АСОСИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

1.1.Корхона: мафҳум, накш ва аҳамияти он дар замони муосир.
1.2.Ҳадаф, вазифаҳо ва намуди корхонаҳо.
1.3.Таснифи корхонаҳои истеҳсолӣ.
1.4.Нишонаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳо.
1.5.Иттиҳодияи корхонаҳо.

### 1.1. Корхона: мафҳум, нақш ва аҳамияти он дар замони муосир

Фаъолияти муваффақонаи корхонаҳо аз омилҳои воқеан таъсиргузор ва муҳим дар таъмини рушди устувори иқтисоди миллии ҳар кишвар маҳсуб мешавад. Онҳо рукни чудонопазир ва марказии иқтисод буда, бояд дар ниҳоят фоида ба даст оранд, ки то битвонанд давом ва густариши бештар пайдо кунанд. Ба даст овардани фоида дар натиҷаи ташкили дуруст ва фаъолияти самарабахши корхонаҳо дар шароити татбиқи амалии муносибатҳои бозорӣ имконпазир аст.

Зикр бояд кард, ки корхона – объект ва субъекти низоми хоҷагидории мустақилона мебошад.

Корхона – объекти мустақили хоҷагидорӣ буда, дар таъмини рушди муназзаму босуботи иқтисодию иҷтимоии ҳар кишвар нақши босазо дорад. Нақши онро дар ҳалли масъалаҳои иқтисодии ҳаётан зарур бо он далел тавзеҳ додан зарур аст, ки маҳз ба туфайли фаъолияти муттасили он истеҳсол, фурӯши маҳсулот, иҷрои хизматҳо ва фоида ба даст оварда мешавад.

Корхона (ташкилот) дар кулли соҳаҳои иқтисоди миллӣ: саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, савдо, алоқа ва ғ. миссия ва ҳадафи стратегиро воқеан амалӣ намуда, дар ҳаллу фасли вазифаҳои бемайлон баланд бардоштани самаранокии фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ, сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ ва қонеъ гардондани эҳтиёҷоти истеъмолгарон саҳми назаррас мегузоранд. Корхонаҳои таъйиноташон гуногун дар шароити ба тадриҷ гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ ва пешрафти иқтисодӣ саҳми бузург доранд. Аз ҳамин нуқтаи назар, таъмини рушди муназзам ва устувори иқтисоди миллӣ аз фаъолияти пурсамари корхонаҳо вобаста аст. Тағйирёбии ҳаҷм, таркиб ва сифати истеҳсоли навъҳои маҳсулот, беҳдошти вазъи бозори молу хизматҳо, таҳкими иқтидори содиротии корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобаттавонии онҳо ва корбурди оқилонаи дигар омилҳои дохилию берунӣ ба беҳтар кардани фаъолияти иқтисодии корхонаҳо мусоидат менамоянд.

Дар адабиёти илмию таълимии муосири иқтисодӣ ва таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонӣ мо бо истилоҳҳои гуногун «корхона», «фирма», «ширкат», «ташкилот» ва муродифҳои онҳо дучор мешавем. Дар Тоҷикистон ҳам маъмулан истифодаи ду истилоҳи бо ҳам пайванд – «корхона» ва «ташкилот» мушоҳида мегардад. Дар кишварҳои хориҷӣ бошад, расман вожаҳои «фирма», «корпоратсия (ширкат)» ва ғ. ба назар мерасад.

Тибқи қонунгузории амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳумҳои «корхона» ва «ташкилот» дар амалияи хоҷагидорӣ бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд ва дорои вижагиҳои хеш мебошанд. Масалан, дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷои истилоҳи корхона, маҳз ташкилот номбар шудааст ва онро ба тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ ҷудо карданд.

Дар корхонаҳои тиҷоратӣ ҳадафи асосӣ маҳз ба даст овардани фоида – натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Баръакс, дар корхонаи ғайритиҷоратӣ гирифтани фоида мақсади асосӣ ва ниҳоӣ ба ҳисоб намеравад. Ин аст фарқи

ин ду истилоҳи иқтисодию ҳуқуқӣ. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳо» (с.1993) вожаи «корхона» бештар мавриди амал эътироф шудааст. Бинобар ин, ба андешаи мо, моҳият ва ҷанбаҳои ин ду калимаи иқтисодӣ бо ҳамдигар хеле наздик бошанд ҳам, вале онҳоро то андозае бояд фарқ кард. «Ташкилот» моҳиятан ба корхона шабоҳат дошта бошад ҳам, аммо мафҳуми он васеътар аст. Ташкилот ҳуқуқ дорад, ба сифати филиал якчанд корхонаи дигарро, ки фаъолияти якхела доранд, дар ҳайати хеш созмон диҳад. Новобаста аз ин тафовут, ба андешаи мо, маҳз мафҳуми «корхона» ҳоло дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) паҳн шуда, муҳимтар аз ҳама ба қонунгузории ҷории Тоҷикистон пурра мутобиқат мекунад. Воқеан, агар дар баъзе ҳолатҳо вожаҳои ташкилот (фирма) ё унвонҳои ҳархела: кооперативҳои истеҳсолӣ, ассотсиатсияҳо, консорсиумҳо, синдикатҳо ва иттиҳодияҳои хоҷагӣ дар шакли умумӣ, ҳамаи онҳоро ҳамчун корхона ва шакли муттаҳидгардонии онҳо мешиносанд ва ба ҳайси объект ва субъекти фаъолияти соҳибкорӣ аз назари ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки имрӯз комилан дар доираи иқтисоди хурд эътироф гардидаанд, фаъолият менамоянд.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳо» (с.1993) омадааст: ***корхона объекти мустақили хоҷагидорӣ ва дорои салоҳияти шахси ҳуқуқӣ мебошад, бо тартиби созмондиҳии қонунгузории амалкунанда муайян гардида, барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кору хизматҳо, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи бозор ва ба даст овардани фоида фаъолият меномояд***.

Корхона ҳуқуқ дорад сохторҳои ба худ тобеъ, яъне филиалҳо, намояндагӣ, шуъба ва дигар зерсохторҳои алоҳидаро дар доираи риояи нуқта ва талаботи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон диҳад.

Дар моддаи 2 қонуни мазкур масъалаи моликияти корхона қайд шудааст. Тибқи он соҳиби молу мулки корхона дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳамон субъекте бошад, ки агар он ба Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи моликият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с. 1990 ва с.1997 бо тағйиру иловаҳо) мухолиф набошад.

Соҳибмулк метавонад молу мулк (амвол)-и корхонаро соҳибӣ кунад, истифода барад, ба иҷора диҳад, маҳсулот, хизматҳои иҷрошуда ва даромади ба даст омадаро пас аз пардохти ҳатмии андоз ба буҷети давлатӣ ва буҷети маҳаллӣ бо салоҳдиди худ истифода барад.

Корхона фаъолияти истеҳсолӣ, молиявию иқтисодӣ, тиҷоратӣ, бозорёбӣ, иҷтимоӣ ва ғ.-ро дар асоси он салоҳияте, ки маҳз соҳибмулк ба ӯ додааст, метавонад мақсаднок ва пайгирона пеш барад. Дар ин бобат, соҳибмулк вазифадор аст, ки талаботи қонунҳои Тоҷикистон ва дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқиро ҳатман риоя кунад.

Рушди устувор ва фаъолияти самараноки корхонаҳо дар ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ бештар замина муҳайё месозад.

Корхонаҳои истеҳсолӣ мисли дигар шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ дар муносибатҳои бозаргонӣ бояд дорои нақш ва мавқеи махсус бошанд. Ҳоло тибқи омори расмӣ дар Тоҷикистон корхонаҳои шакли моликияташон гуногун фаъолияти мустақим дошта, бо кору фаъолияти самарабахшашон эҳтиёҷоти мардуми кишварро то андозае таъмин менамоянд.

Соли 2013 теъдоди корхонаҳои хурд, миёна ва калон дар Тоҷикистон 39824 ададро ташкил дод.

Таи ин сол дар мамлакат зиёда аз 330 корхонаи нави истеҳсолӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд, ки дар онҳо беш аз 120 ҳазор ҷои корӣ муҳайё шуд.

Дар тӯли ҳафт соли оянда тибқи нақшаи Ҳукумати мамлакат дар маҷмӯъ 1600 корхонаҳои гуногуни саноатӣ таъсис дода мешаванд.

Мушоҳидаҳои тӯлонӣ ва таҳлилҳои иқтисодӣ собит месозанд, ки дар соҳаҳои истеҳсолоти мамлакат дар пиёдасозии Стратегияи миллии Рушд, консепсияҳои рушди соҳа ва зерсоҳаҳои саноат, бахусус соҳаҳои хӯрокворӣ, нассоҷӣ, истеҳсоли нерӯи барқ, нуриҳои маъданӣ, кимиёӣ, бахши кишоварзӣ (сабзавоту мева, боғу токпарварӣ, маҳсулоти

ситрусӣ), занбури асалпарварӣ ва дига... истех-
Ҷумҳурии Тоҷикистон корхонаҳои ист... нокии
назаррас доранд. ... ақши

Албатта, барои ба дараҷаи та...
расонидани корхонаҳои истеҳсолии ма...
биниҳои ба нақша гирифтаи давлату ҳу...
сектори хусусии он тағйиру иловаҳои суд...
дорад, то ки вазни қиёсии молу маҳсулоти вори...
зина кам гардида, аз ҳисоби истеҳсолоти худӣ ҷойи...
карда шавад. Тавассути бозори истеъмолии Тоҷи...
имрӯз қариб 70 фоиз аз ҳисоби воридот таъмин ка...
мешавад, ки ин ба истиқлолияти иқтисодии ҷумҳурӣ т...
андозае латма мерасонад. Барои ба эътидол овардани сиёсати воридотии мамлакат мебояд сохтори истеҳсолотро таҷдид ва дигаргун кард. Кӯшиш бояд ба харҷ дод, то ки аз воридоти бесамара даст кашем. Он ба буҷети давлат таъсири манфӣ мерасонад.

Мо метавонем корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ, консерваҳои мевагию сабзавотӣ, обҳои ташнагишикан, маъданӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, сабзавоту меваҳои тару тоза, картошка, пиёз, полезиҳоро дар кулли минтақаҳои Тоҷикистон ҷойгир ва бунёд намуда, маҳсулнокии истеҳсолотро баланд бардорем.

Ба андешаи мо, имрӯз, ки Тоҷикистон узви комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳоии Савдо (СУС) ва дигар яккатор созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ аст, аз ин имконияти муносиб истифода карда, сохтори истеҳсолотро ҳам дар саноат, ҳам дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмон ва дигар бахшҳои соҳибкории истеҳсолӣ ривоҷ додан лозим аст. Дар ин раванд дастгирии оқилонаю судманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корхонаҳои истеҳсолоти миллӣ имрӯз мисли обу ҳаво зарур мебошад.

Таснифи истеҳсолии корхона - ин ҷудо намудани он ба бахшҳои ҷудогона: коргоҳ (сех), қитъа, хизматҳо ва г. иборат буда, он асоси меъёрҳои ҷойгиршавӣ, махсусгардонӣ, шумораи кормандон, шакли моликият иҷрошуда мебошад. Вобаста ба ин, тибқи иқтидори корхона ва раванди мураккаби истеҳсоли маҳсулот ҳар як корхонаи саноатӣ ба

бахшҳои калон (сатҳи якум): коргоҳ, истеҳсолот, хоҷагӣ ва инчунин бахшҳои хурд (сатҳи дуюм): қитъа, шуъба ва ҷойи корӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Сех яке аз сохторҳои калонтарини истеҳсолии корхона ба шумор меравад. Таҷриба нишон медиҳад, ки чунин сохтор на дар ҳамаи корхонаҳои саноатии кишвар амал менамояд, чунин воҳиди сохтори ягона дар бархе аз корхонаҳо ба ҳайси истеҳсолот, ки дар худ якчанд коргоҳҳоро муттаҳид менамояд, татбиқ мешавад. Дар маҷмӯъ бошад, бештари корхонаҳои саноатии мамлакат дорои сохтори махсус мебошанд. Афзалияти ин тарзи истеҳсолот, ба андешаи мо, дар он зоҳир мешавад, ки коргоҳҳо аслан дар дохили як корхонаи асосӣ (масалан, комбинат) ба хотири иҷрои ҳар гуна амалиёти истеҳсолӣ таъсис дода мешавад.

Коргоҳҳои корхонаҳои саноатӣ вобаста ба иҷрои нақшаи фаъолияташон дар раванди умумии истеҳсоли маҳсулот ба номгӯйҳои зерин тақсим мешаванд:

- истеҳсолоти асосӣ;
- истеҳсолоти ёрирасон;
- истеҳсолоти хизматрасонанда;
- хоҷагиҳои анборӣ;
- истеҳсолоти иловагии ҳамрадиф;
- истеҳсолоти таҷрибавӣ.

Дар бештари корхонаҳои соҳаи саноат омили асосии бунёд ва ташаккулдиҳандаи сохтори истеҳсолии ин ё корхона иборат аст аз:

- ➢ мансубияти соҳавии корхона;
- ➢ хусусияти хоси равандҳои технологӣ;
- ➢ сатҳи махсусгардонӣ ва кооперативонии истеҳсолот;
- ➢ андозаи (ҳаҷми умумии тавлидоти) маҳсулоти истеҳсолӣ.

Сохтори аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи корхонаи истеҳсолӣ самарабахшии фаъолияти онро бештар муайян менамояд. Аз ҳама муҳим аз нигоҳи олимону мутахассисони соҳа масъалаи оқилона ташаккул додани сохтори он, яъне интихоби дақиқи таносуби истеҳсолоти асосӣ ва ёрирасон, хизматрасонанда ва дигар бахшҳои сохтории он нақши ҳалкунанда мебозанд. Инчунин дар ин раванд истифодаи

самараноки воситаҳои асосии истеҳсолӣ, майдонҳои истеҳсолӣ, ҷойҳои корӣ ва шуғлнокии кормандон, ҳосилнокии меҳнати онҳо, хусусан коргарони истеҳсолию саноатӣ, нақши муассир дорад.

Ба ғайр аз бахшҳои фавқуззикри бунёдкунандаи сохтори истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ, ба таркиби сохтории онҳо бахшҳои ғайриистеҳсолӣ, ба истилоҳ, ташкили инфрасохторҳои корхона дохил мешаванд.

Қисмати муҳими сохтории инфрасохторҳои корхона хизматрасонии таъминот ва фурӯши маҳсулоти тайёр ба ҳисоб меравад. Ҷараёни бевоситаи фурӯши маҳсулот ба чор марҳила ҷудо карда мешавад. Марҳилаи якум, ташкил ва татбиқи амалии таҳия ва ба тасвиб расонидани шартнома (қарордод)-ҳоро оид ба таҳвили маҳсулот дар бар мегирад. Марҳилаи дуюм – тартиб додани нақшаи фурӯши маҳсулот ва бақияи маҳсулоти ғайрифурӯши дар анборҳои корхона мавҷуд буда. Марҳилаи сеюм - таҳвил (ё худ дар баъзе мавридҳо боркашонии нақлиётӣ, фаъолияти логистикӣ)-и маҳсулот то ба истеъмолкунандагон. Марҳилаи чорум бошад – бевосита воридшавии воситаҳои пулӣ ба суратҳисоби корхонаи молистеҳсолкунанда ба ҳисоб меравад. Дар ин сохтор бо мақсади баланд бардоштани самаранокии амалиёти фурӯши маҳсулот сохторҳои шабакаҳои муосири бо мол таъминкунанда ва молфурӯшӣ, аз ҷумла, анборҳои савдои яклухт, мағозаву дӯконҳои савдои чакана, супермаркетҳо, фурӯшгоҳҳои марказию фирмавӣ, биржаҳо ва музоядаҳои молию ашёӣ метавонанд шомил шаванд.

## 1.2. Ҳадаф, вазифаҳо ва намуди корхонаҳо

Тавре, дар боло ишора намудем, корхона барои ноил гаштан ба миссия ва ҳадафи асосии худ як қатор вазифаҳои муҳимро амалӣ мегардонад.

Миссия – ин мақсади олӣ, стратегияи дарозмуддати корхона мебошад ва таҳияи асосноки он барои ҳар як корхона, сарфи назар аз шакли моликияташ, дар замони муосир бениҳоят зарур аст. Миссия фалсафаи фаъолияти корхона аст.

Ҳадафи асосии фаъолияти иқтисодии корхона (ташкилот) истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, иҷрои кору хизматҳо, қонеъ намудани талаботи бозор ва бо ин васила ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ мебошад.

Дар шароити амалишавии муносибатҳои бозорӣ корхона ва кулли кормандони он бояд саъю талош намоянд, ки ба бозор бо нархҳои дастрас мутобиқи тақозои истеъмолгарон маҳсулот бароранд, инчунин хизматҳои гуногунро иҷро намоянд ва аз фурӯши онҳо ба истеъмолгарон дар анҷоми амалиёти хоҷагидорӣ фоидаи дилхоҳу бештар аз гузашта ба даст оваранд.

Барои ба мақсади асосии худ расидан ҳар як корхонаи истеҳсолӣ бояд ҳатталимкон вазифаҳои зеринро ба таври доимӣ ва пайгирона иҷро намояд:

1. самарабахш истифода бурдани сарватҳои меҳнатӣ, моддӣ, молиявӣ, иттилоотӣ, инноватсионӣ, сармоягузорӣ ва ба туфайли ин амалҳо боз ҳам афзун намудани натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти хоҷагию молиявӣ;

2. истеҳсоли маҳсулот барои қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон дар бозор, бо роҳи омӯхтан ва пешгӯӣ кардани вазъи он;

3. таҳвил ва фурӯши маҳсулот ба истеъмолгарон дар асоси шартнома (қарордод)-ҳои дуҷониба ба тасвиб расонидашуда;

4. ривоҷу равнақ бахшидан ба фаъолияти иқтисодии берунӣ;

5. ташкили хизматҳои имтиёзнок ба ниёзмандон бо роҳи ташкили оқилонаи фурӯши маҳсулот ва хизматҳо ба истеъмолгарон дар бозор;

6. таъмини рушди моддӣ-техникии корхона;

7. баланд бардоштани сифати маҳсулот мутобиқи талаботи стандартҳои давлатӣ ва ҷаҳонии сифати маҳсулот;

8. таъмини рушди босуботи истеҳсоли маҳсулот, баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва ба роҳ мондани реҷаи сарфакорӣ, кам кардани хароҷоти беҳуда ё аз меъёр зиёд;

9. таъмини рушди фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории навоварона, такя намудан ба дастовардҳои илмӣ-техникии муосир;

10.пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ба буҷети давлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ;

11.пардохти музди меҳнати асосӣ ва иловагии кормандон, дар амал риоя намудани сиёсати пардохти музди меҳнати ҳадди ақали кормандон, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст;

12.риояи стандартҳои амалкунанда, меъёрҳо ва қарорҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

13.шаффофона ва сари вақт тайёр намудан ва ба сохторҳои дахлдори давлатӣ супоридани ҳисоботҳои муҳосибӣ-молиявӣ, оморӣ ва ғ.;

14.муҳайё кардани шароити мусоиди корӣ барои кормандон, тадриҷан ҳал кардани масъалаҳои иҷтимоии онҳо, таъмини ҳифзи бехатарии меҳнат ва г.

Вазифаҳои ҳар як корхона аз ҳаҷм ва таркиби истеҳсоли маҳсулот, сатҳи махсусгардонии истеҳсолот, ба кадом соҳаи иқтисод мансубият доштан, шаклу намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла равобити берунии хоҷагидорӣ вобастаанд. Ҳар қадар корхона бузург бошад, масъулият нисбати иҷрои корҳо ҳамон қадар баландтар ва ҷиддитар мешавад. Мақсад ва вазифаҳо дар корхонаи хурд ё хурдтарин, аз хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳо вобастагӣ доранд ва нақши онҳо дар пешрафти иқтисодӣ, бахусус маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ҷойҳои нави корӣ, шуғлнокӣ дар оянда хеле назаррас хоҳад гашт ва инро таҷрибаи ҷаҳонӣ собит намудааст.

Корхонаҳоро аз рӯи нишонаҳои гуногун тасниф менамоянд. Бо назардошти нишонаи шакли моликият корхонаҳои зерин фаъолият карда метавонанд:

- ✓ давлатӣ;
- ✓ хусусӣ;
- ✓ кооперативӣ ё таовунӣ, аз ҷумла корхонаҳои низоми кооператсияи матлубот;

- ✓ муштарак (моликияти давлатӣ ва моликияти фирмаҳои хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хориҷӣ);
- ✓ саҳомӣ ва г.

Дар баробари ин корхонаҳо новобаста аз шакли моликияташон дорои номи фарқкунанда ва шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқӣ буда, дар асоси риояи талаботи Оинномаи худашон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти хоҷагиро пеш мебаранд.

Давлат дар асоси қонунгузории амалкунанда аз ҷониби худ гирифтани ҳуқуқи амволии воситаҳои асосӣ ва воситаҳои гардони корхонаҳоро кафолат медиҳад. Ба манфиати давлат кашида гирифтани воситаҳои асосӣ, воситаҳои гардони корхона ва дигар амволи корхона манъ аст, ба истиснои ҳолатҳои алоҳидае, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

Корхонаҳо инчунин дар асоси як қатор нишондиҳандаҳои дигар: махсусгардонии корхонаҳо ва хелҳои ҷудогонаи маҳсулот, таркиби истеҳсолот, ҳаҷм ё андозаи фаъолият, тасниф карда мешаванд.

## 1.3.Тасснифи корхонаҳои истеҳсолӣ

Корхонаҳоро, одатан, дар асоси нишонаҳои гуногун тавсиф ва тасниф мекунанд, ки барои хубтар омӯхтани моҳият, мазмун ва таъиноти онҳо боис мегардад. Таснифи корхонаҳои саноатӣ зимни нишонаҳои хеле зиёди зерин ба роҳ монда шудааст, ки аҳамият ва мақсади мантиқию амалӣ дорад (ҷадв.1.1).

**Ҷадвали 1.1**

**Таснифи корхонаҳои саноатӣ**

| Нишона | Таснифи корхонаҳо |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Шакли моликият | • давлатӣ;<br>• хусусӣ;<br>• муштарак. |
| Истифодаи ашёи хом ва коркарди он | • истихроҷи саноатӣ;<br>• коркарди саноатӣ. |

| 1 | 2 |
|---|---|
| Шакли ташкилӣ - ҳуқуқӣ | • ширкатҳои хоҷагидорӣ;<br>• ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ;<br>• кооперативҳои истеҳсолӣ;<br>• корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ;<br>• ширкатҳои холдингӣ;<br>• ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ. |
| Ягонагии техникӣ ва технологӣ | • раванди истеҳсоли бефосила;<br>• раванди истеҳсоли дискретӣ;<br>• раванди истеҳсоли кимиёвӣ;<br>• раванди истеҳсоли механикӣ. |
| Шумораи кормандони штатӣ | • хурд (то 50 нафар);<br>• миёна (аз 51 то 100 нафар);<br>• калон (101 нафар ва бештар аз он). |
| Вақти кор дар давоми сол | • соли пурра (доимӣ ё мунтазам);<br>• мавсимӣ. |
| Шаклҳои муосири ташкили истеҳсолот | • консентратсиякунонӣ;<br>• махсусгардонӣ;<br>• диверсификатсиякунонӣ;<br>• коопeратсиякунонӣ;<br>• комбинатсиякунонӣ. |
| Доираи истеҳсоли маҳсулоти навъи якхела | • умумӣ;<br>• сериягӣ (силсила ё махсус);<br>• инфиродӣ. |
| Усули ташкили раванди истеҳсолӣ | • потокӣ ( пайваста);<br>• партионӣ (анбӯҳӣ якдаврагӣ);<br>• ягона. |
| Дараҷаи механиконӣ ва автоматикунонӣ (худкорӣ) | • комплексӣ - автоматӣ;<br>• қисман автоматӣ;<br>• комплексӣ - механикони-дашуда;<br>• қисман – механиконидашуда;<br>• мошинӣ – дастӣ;<br>• дастӣ. |

Ба қатори нишонаҳои асосии таснифи корхонаҳо дохил мешаванд:

- махсусгардонии соҳавӣ ва навъӣ;
- таркиби истеҳсолӣ;

- андозаи корхона.

Мувофиқи нишонаи якум, корхонаҳоро аз рӯи нишонаи соҳаи иқтисодиёт дар истеҳсоли маҳсулот ва иҷрои хизматҳо ба саноатӣ, кишоварзӣ, сохтмонӣ, нақлиётӣ, алоқа, савдо, сайёҳӣ, маорифу илм, тандурустӣ ва ғ. гурӯҳбандӣ мекунанд. Дар навбати худ, ҳар яке аз соҳаҳои иқтисоди миллӣ боз ба зерсоҳаҳои фарққунанда ҷудо мешаванд. Танҳо соҳаи саноат ҳоло тақрибан сад зерсоҳа дорад. Масалан, саноати вазнин ва сабук, саноати мошинсозӣ, саноати истихроҷ ва коркард, саноати кимиё, саноати хӯрокворӣ, саноати флузоти ранга ва ғ.

Бо назардошти нишонаи таркиби истеҳсолот корхонаҳоро ба махсусгардонии истеҳсоли маҳдуди маҳсулот, универсалӣ ё тавлиди маҳсулоти навъи васеъ ва таъиноти гуногун ва муштарак тасниф мекунанд.

Ба инобат гирифтани нишонаи андозаи корхона аз рӯи шумораи рӯйхати кормандон имкон медиҳад, ки мо онҳоро ба се гурӯх ҷудо намоем: хурд (то 50 нафар), миёна (аз 51 то 100 нафар), калон (101 нафар ва зиёда аз он).

### 1.4. Нишонаҳо ва асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии фаъолияти корхонаҳо

Корхона нишонаю аломатҳои ба худ хос дорад. Дар ин росто фаъолияти корхонаҳоро аз рӯи се нишона тавсиф менамоянд.

Нишонаи ***якум*** - ягонагии фаъолияти иқтисодии корхона, ки татбиқи амалии раванди пурраи корҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ ва хизматрасониро муайян намуда, муносибатҳои мустақилонаи иқтисодию иҷтимоиро дар чаҳорчӯби қонунгузории амалкунандаи кишвар ва дар доираи салоҳияти оинномавиаш ба роҳ мемонад. Дар ин бобат, корхона бо истифода аз молу мулк, нерӯи коллективи меҳнатӣ, имконияту захираҳои ҳанӯз дар амали хоҷагидорӣ истифоданашуда оқилона ва бо мақсаду мароми муайян, дар такя ба омӯзиш ва пешгӯии вазъи бозор, таҳияи нақшаи соҳибкорӣ ва иҷрои пайгиронаи онҳо фаъолияти хешро амалӣ менамояд.

Нишонаи ***дувум*** - ягонагии ташкилӣ дар фаъолияти корхона мебошад. Ташкили дурусти фаъолияти хоҷагӣ дар кулли сохторҳои ташкилӣ – идоракунии корхона шарти муҳими фаъолияти самарабахш ва кафолатнок барои ноил гардидан ба дастовардҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, молиявӣ ва мудирияти муваффақонаи корхона маҳсуб меёбад.

*Нишонаи севум* - ин фаъолияти ҳуқуқӣ, мақсаднок ва бомароми корхона аст. Дар шароити ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона танҳо волоияти қонун барои рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона шароити мусоид фароҳам месозад. Корхона ҳамчун шахси ҳуқуқӣ метавонад дар ин шароити мусоид аз тамоми имконияту ҳуқуқҳо ва уҳдадориҳое, ки қонунгузории Тоҷикистон муқаррар кардааст, ба таври самарабахш истифода барад.

Санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунанда, бидуни шакку шубҳа, пояи боэътимоди фаъолияти пурсамари корхона мебошанд. Дар қаламрави Тоҷикистон санадҳои бунёдии ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қонунҳои таи солҳои соҳибистиқлолӣ ба тасвиб расида ба ҳисоб мераванд, ки онҳо меъёрҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, идорӣ ва сиёсии фаъолияти хоҷагиро муайян кардаанд.

Дар баробари ин, як қатор Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармону супориш ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармонҳои мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ, ки корхона дар ҳудуди маъмурии онҳо фаъолият мебарад, ҳамчунин оинномаи корхона ва ғ. ҳуҷҷатҳои ташкилию ҳуқуқие мебошанд, ки ба танзими давлатии фаъолияти корхона заминаи воқеӣ мегузоранд.

Қонунҳои зерини Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки аввал бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сипас бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои гуногун тасдиқ шудаанд. Қонунҳои мазкур барои пешбурди

фаъолияти мустақилона ва самарабахши корхона аҳамияти тақдирсоз доранд (ниг. ба http:www.mmk.tj):

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи моликият» (бо тағйиру иловаҳо), Душанбе, соли 1997;

•Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Шарқи озод, соли 2005;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи корхонаҳо» (бо тағйиру иловаҳо), Душанбе, соли 1997;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (19 май, № 508), Душанбе, соли 2009;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (бо тағйиру иловаҳо), Душанбе, соли 1997;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол» (28 июл, № 198), Душанбе, соли 2006;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (23 апрел, № 289), Душанбе, соли 2007;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» (10 сентябри, № 72), Душанбе, соли 2004;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии давлатии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (5 март, № 241), Душанбе, соли 2007;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи монополияҳои табиӣ» (5 март, № 235), Душанбе, соли 2007;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» (19 май, № 526), Душанбе, соли 2007;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооператсияи матлубот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (13 март, № 584), Душанбе, соли 1992;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» (12 май, № 260), Душанбе, соли 2007;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» (8 декабр, № 546), Душанбе, соли 2003;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (26 март, № 505), Душанбе, соли 2009;

•Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, Шарқи озод, 2012;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» (3 июл, № 846) , Душанбе, соли 2012;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» (3 июл, № 859), Душанбе, соли 2012;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳамкории давлатӣ – хусусӣ» (28 декабр, № 907), Душанбе, соли 2012;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии давлатӣ ва бахши хусусӣ» (28 декабр, № 907), Душанбе, соли 2012;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кооперативҳо» (22 июл, № 991), Душанбе, соли 2013;

•Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», бо тағйиру иловаҳо (14 март, № 1075), Душанбе, соли 2014.

### 1.5. Иттиҳодияи корхонаҳо

Корхона ҳуқуқ дорад, ки ба иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳо, консернҳо, трестҳо, ширкатҳои бузурги байналмилалӣ (трансмиллӣ), гурӯҳҳои молиявӣ - саноатӣ (холдингҳо), ширкатҳои хоҷагӣ (ширкатҳои комил, ба боварӣ асосёфта (коммандитӣ) ва омехта), ҷамъиятҳои дорои масъулияти маҳдуд ва иловагӣ, ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушода ва пӯшида, иттиҳодияҳои минтақавию байнисоҳавӣ, консорсиумҳои муваққатӣ ва муҳлатдор, синдикатҳо, ҳалқаҳои саноатӣ, ширкатҳои байналмилалии офшорӣ ва ғ. шомил

гашта, фаъолияти худро боз ҳам самаранок амалӣ гардонад.

Бояд хотиррасон кард, ки ба ин ё он намуди иттиҳодия ворид гаштани корхона ихтиёрӣ ва бо розигии ҳайати кормандони он сурат мегирад. Дар баъзе мавридҳо ин амал бо розигӣ ва хоҳиши соҳибмулкону саҳмгузорон рух медиҳад. Вале бо воридшавии якчанд корхона ба ҳайати иттиҳодияи корхонаҳо бо унвонҳои гуногун ва ҳадафи муайян имконияти корхонаро маҳдуд намесозад, баръакс вай мустақилияти худ ва салоҳияти шахси ҳуқуқиро пурра нигоҳ медорад. Роҳбарияти иттиҳодия бошад, танҳо ваколатҳои хоси ба ӯ додаро иҷро карда, вазифаҳои хоҷагидориро танҳо дар доираи қонун, оинномаи иттиҳодия ва шартномаи дуҷониба ба тасвиб расида, амалӣ менамояд.

Иттиҳодияҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти риояи шартҳои зерин бунёд мегарданд ва ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд:

- воридшавии ихтиёрии корхона ба иттиҳодия ва баромадан аз он бо шартҳое, ки дар оиннома сабт шуда бошад;
- риоя кардани қонунгузории зиддиинҳисорӣ;
- озодии интихоби шаклҳои ташкилӣ - ҳуқуқии иттиҳодия;
- ташкили муносибат дар байни корхонаҳое, ки ба иттиҳодия шомил мегарданд, дар асоси мустақилияти иқтисодӣ ва мазуну муҳтавои шартномаҳои хоҷагӣ.

Ҳар як иттиҳодия унвони махсуси худро дорад, ки дар он шакли ташкилӣ - ҳуқуқӣ зикр меёбад ва иттиҳодия танҳо зимни риояи қатъии нуқтаҳои таркибии оиннома ва қонунгузории амалкунанда метавонад фаъолияташро пеш барад.

Таҷрибаи хоҷагидорӣ дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ шаҳодат медиҳад, ки корхонаҳо ҳуқуқ доранд фаъолияти иқтисодиро дар доираи салоҳияти иттиҳодияҳои истеҳсолӣ амалӣ гардонанд. Ин имкониятҳои ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва идоракунии корхонаҳоро васеътар намуда, барои боз ҳам баланд бардоштани сатҳи самароварии

фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии субъектҳои хоҷагидорӣ бештар шароити зарурӣ фароҳам месозад.

Иттиҳодияи корхонаҳо намудҳои гуногун доранд, ба монанди корпоратсия, фирмаҳои конгломератӣ, ассотсиатсияҳои хоҷагӣ, консернҳо, ширкатҳои холдингӣ, консорсиумҳо, гурӯҳҳои молиявӣ - саноатӣ ва г.

***Корпоратсия*** ин ҷамъияти саҳомӣ буда, фаъолияти чандин фирмаҳоро барои муваффақ шудан ба мақсади ниҳоӣ муттаҳид мегардонад. Ҳамчун шакли шахси ҳуқуқӣ корпоратсия ҷавобгариро аз рӯи уҳдадориҳои кулли корхонаҳои ба он воридшаванда ба уҳдаи хеш мегирад. Онҳо метавонанд вобаста ба ҳаҷми фаъолияташон хурд, миёна ва калон бошанд.

***Фирмаҳои конгломератӣ*** намуди иттиҳодияе мебошанд, ки дар ҳайати худ корхонаҳои дигарро муттаҳид менамоянд. Онҳо метавонанд фаъолияти тиҷоратӣ ва истеҳсолиро инкишоф диҳанд.

***Консернҳо*** маъмулан иттиҳоди бузурги корхонаҳо буда, барои иҷрои вазифаҳои якхела нигаронида шуда, фаъолияти корхонаҳо-аъзоёни тобеъи идоравии худро оқилона амалӣ намуда, истеҳсолоти бузургро дар алоқамандӣ бо манфиати умумӣ, дар асоси шартнома (қарордод) ва иштироки фаъолонаи ҳар як корхонаро барои иҷрои фаъолияти якҷоя, инчунин алоқаҳои истеҳсолӣ-технологии ҳамоҳангшударо ба роҳ мемонанд.

Нишонаҳои фарққунандаи консернҳо инҳо мебошанд: - игонагии моликият, консентратсия (тамаркуз)-и сармоя, иқтидорҳои истеҳсолӣ, имкониятҳои бештар дар диверсификатсияи истеҳсолот, аз нав тақсим намудани ресурсҳои сармоягузорӣ, авлавият дар рушди самтҳои фоиданоки истеҳсолот, фаъолнокӣ дар бозори молу хизматҳо бо назардошти омили рақобат дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ.

***Ассотсиатсияҳои хоҷагӣ*** иттиҳоди корхонаю ташкилотҳо тавассути шартнома барои иҷрои корҳои махсус ва мазмунан якхелаи иқтисодӣ – истеҳсолӣ аст. Онҳо имрӯз дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, тиҷорат ва ғ. торафт инкишоф ёфта, ҳуқуқи корхонаҳоро чандон маҳдуд наме-

кунанд. Аъзоёни ассотсиатсия метавонанд бо хоҳиши худ ба дигар ҷамъиятҳои хоҷагӣ низ шомил шаванд ва аз ин амал суд бардоранд. Ҳар як ассотсиатсия назар ба корхонаю хоҷагиҳои алоҳида амалкунанда дар ҳаллу фасли масъалаҳои умумии хоҷагидорӣ имкониятҳои бештар пайдо мекунад. Онҳоро, воқеан, дар муносибат бо идораҳои давлатӣ, корхонаю ташкилотҳои дигар ба манфиати аъзоён истифода бурда метавонад. Дар ин маврид, имкониятҳои субъектҳои поёнӣ ё доираи фаъолияташон маҳдуд дар оянда бояд бештар ва хубтар истифода шаванд.

***Ширкатҳои холдингӣ*** ҳуқуқ доранд фаъолияти корхонаҳои дигари ба худ тобеъро назорат кунанд. Қабули қарорҳои идоракунӣ ва механизми амалигардонии онҳо дар чорчӯби фаъолияти ширкати холдингӣ имконият медиҳад, ки захираҳои дохилихоҷагӣ ва манбаи иқтисодии кулли корхонаҳои тобеъ самараи иқтисодӣ – фоидаи бештарро ба даст оваранд. Холдинг ҳуқуқ дорад дар ҳолатҳои зарурӣ ресурсҳои молиявиро дар як марказ ғун кунад ё ба имкониятҳои бештар манфиати умумӣ онҳоро дар байни аъзоён аз нав тақсим намояд.

***Консорсиум*** – иттиҳоди якчанд бонк ё корхонаи саноатӣ, ки барои иҷрои лоиҳаҳои муштарак, гузарондани амалиётҳои молиявӣ ё тиҷоратии миқёсан калон ва амалисозии намудҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ дар байни худ созишномаи муваққатӣ мебанданд.

Ҳангоми ташкили консорсиум субъектҳои хоҷагидорӣ ҳайати он мустақилияти худро пурра нигоҳ медоранд, вале дар он масъалаҳое, ки ба ҳадафҳои пешгирифтаи консорсиум дахл доранд, онҳо аз рӯи қарорҳои ба таври муштарак қабулшуда амал мекунанд.

***Гурӯҳҳои молиявӣ – саноатӣ*** дар пешрафти иқтисодӣ саҳми муносиб доранд. Зери мафҳуми гурӯҳҳои молиявӣ – саноатӣ маҷмӯи шахсони ҳуқуқӣ, ки ҳамчун ҷамъиятҳои асосӣ, ё худ филиал амал мекунанд, фаҳмида мешавад. Онҳо дороиҳои муздӣ ва ғайримуздии худро дар асоси шартнома дар бораи таъсис додани гурӯҳи молиявӣ – саноатӣ бо мақсади рушди ҳамгироии технологӣ ё иқтисодӣ барои

татбиқи лоиҳаҳои маблағгузорӣ бо назардошти таъмини рақобатпазирӣ, васеъ кардани бозори молҳо ва хизматҳо, баланд бардоштани самаранокӣ, таъсис додани ҷойҳои нави корӣ муттаҳид менамоянд.

Фаъолияти ҳамаи аъзоёни ин гуна гурӯҳҳо мақсаднок буда, онҳо дорои салоҳияти шахсони ҳуқуқӣ мебошанд ва ба шартномаи таъсисёбӣ имзо мегузоранд. Ба ҳайати гурӯҳ бонкҳо, корхонаҳои истеҳсолӣ, тиҷоратӣ, ташкилотҳои суғуртакунанда, институтҳои инноватсионӣ дохил мешаванд.

Оинномаи иттиҳодия ҳуҷҷати ташкилӣ – ҳуқуқӣ ба шумор меравад ва ҳар як корхонае, ки ҳамчун муассис ба он нияти шомил шудан дорад, вазифадор аст, дар сармояи оинномавии иттиҳодия саҳми муносиби худро то оғози бақайдгирии давлатӣ гузорад. Дар ин ҳолат, корхона бояд 50 фоизи маблағи дар ҳуҷҷати таъсисии иттиҳодия нишондодаро ба фонди оинномавӣ пардохт намояд.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Объект ва субъекти фаъолияти соҳибкориро дар мисоли корхонаи истеҳсолӣ шарҳ ва маънидод намоед.*
2. *Оё ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ аз ҳамдигар бо нишондоди қонунгузории амалкунанда фарқ доранд?*
3. *Санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими давлатии фаъолияти корхонаро шарҳ ва тавзеҳ диҳед.*
4. *Миссия, ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои асосии корхонаро номбар кунед.*
5. *Таснифи корхонаҳоро дар заминаи кадом нишонаҳо ва бо кадом мақсад амалӣ менамоянд?*
6. *Иттиҳодияи корхонаҳо чист? Афзалияту фарқияти онҳоро шарҳ диҳед.*
7. *Дар бораи намуд, моҳият ва фарқияти иттиҳодияи корхонаҳо андешаҳоятонро иброз намоед?*
8. *Корпоратсия ва консерн ҳамчун мафҳумҳои иқтисодӣ чиро ифода менамоянд? Умумиятҳо ва хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро зикр намоед.*

*9. Консорсиум ва синдикат низ чун вожаҳои иқтисодӣ чиро ифода мекунанд?*

*10. Ширкати холдингӣ ва гурӯҳи молиявӣ чист? Хусусиятҳо ва умумиятҳои онҳоро ба таври мушаххас дар мисоли ягон ширкати муштараки ватанию байналмилалӣ шарҳу тавзеҳ диҳед.*

# МАВЗӮИ 2.
# МУҲИТИ ДОХИЛӢ ВА БЕРУНИИ КОРХОНА

2.1.Муҳити дохилии корхона.
2.2.Муҳити берунии корхона.

## 2.1. Муҳити дохилии корхона

Ба нишондиҳандаҳои фаъолияти хоҷагӣ дар корхона омилҳои муҳити беруна ва дохилӣ таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд ва аз ин хотир омӯзиш ва таҳқиқи тағйироти ин омилҳо аҳамияти илмию амалӣ дорад.

Муҳити дохилӣ – механизми хоҷагидории бозорӣ, ҳайати кормандон, воситаҳои истеҳсолот, сохторҳои истеҳсолию технологӣ, ташкилӣ, идоракунӣ, тиҷоратӣ, бозорёбӣ, молия, иттилоот ва г.-ро дар бар мегирад. Ба таркиби он, инчунин низоми ҳисобу китоб, ҳисобот, назорат, таҳлил ва нақшагирии фаъолияти корхона, мудирият ва дигар омилҳоро шомил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Беҳтаршавии муҳити дохилии корхона аз фаъолияти самарабахши дастгоҳи идоракунии корхона, тарзу самтҳои муосири навоваронаи ташкили истеҳсолот ва меҳнати маҳсулноки кормандон, ба роҳ мондани низоми ҳавасмандгардонии меҳнати онҳо ва роҳҳои дурусти таъсиррасонӣ ба фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона вобаста аст.

Ба туфайли дар истеҳсолот бо ҳам пайвастшавии унсурҳои муҳити дохилии корхона дар натиҷаи истеҳсоли маҳсулот ва хизматҳо тавлид мeёбанд (нақшаи 2.1).

Аз нақшаи 2.1 маълум мешавад, ки кормандон (кадрҳо) ва ташкили пурсамараи фаъолияти онҳо омили муҳими муҳити дохилаи корхонаи истеҳсолӣ аст. Вале меҳнат бояд бо воситаҳои истеҳсолот – воситаҳои асосӣ ва гардон, молия (маблағҳои пулӣ) иттилоот дар пайванди шарти заруртарини ташкили фаъолияти хоҷагӣ буда, дар натиҷа истеҳсоли маҳсулот ва иҷрои ҳар гуна хизматҳо нигаронида мешавад.




***Нақшаи 2.1.*** Унсурҳои асосии муҳити дохилии корхона

## 2.2. Мухити берунии корхона

Омилҳои муҳити берунаи корхона сиёсати иқтисодӣ ва ичтимоии давлат дар марҳилаҳои алоҳидаи рушди кишвар, фаъолияту муносибати корхона бо идораҳою сохторҳои давлатии марказӣ ва ноҳиявию шаҳрӣ, таҳвилгарон, бонкҳо, истеъмолгарони молу маҳсулот, аҳолӣ, рақибон, сармоягузорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ, сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ғ.-ро дар бар мегирад (нақшаи 2.2).




***Нақшаи 2.2.*** Ҷузъҳои таркибии муҳити берунаи корхонаи истеҳсолӣ

Ҳамин тариқ, унсурҳои гуногуни беруна низ ба ҳолат ва таъмини рушди босуботи корхона таъсир мерасонанд, боис мегарданд.

Дар маҷмӯъ, фаъолияти мақсадноки корхона аз таъсири омилҳои дохила ва беруна бархурдор мебошад

*Ба омилҳои истеҳсолию техникӣ* – мошинолот, таҷҳизот, асбобҳо, ашёи хом, маҳсулоти нимтайёр, воситаҳои нақлиёт, кормандон ва г. дохил мешаванд.

Пешрафти фаъолияти корхона аз нишондиҳандаҳои зерин: таркиби мошину таҷҳизот, асбобу анҷом, коршоямии онҳо, сатҳи фарсудашавии ҷисмонию маънавӣ, истифодаи интенсивии технология ва сифати хизматрасонӣ, миқдор ва сифати ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, сатҳи фоиданокӣ ва андозаи фоида низ вобастагӣ дорад.

Дар баробари ин, таркиб ва сифати ашёи хом, маводҳои асосию ёрирасон, маҳсулоти нимтайёр, истифодаи технологияи навин, маҳорати касбии ҳайати кормандон, сатҳи маълумотнокии онҳо, усулҳои ҳавасмандгардонии меҳнат, сатҳи дониш ва касбияти коргарон ба фаъолияти иқтисодии корхона таъсири худро мегузоранд.

*Омилҳои иқтисодӣ* маҷмӯи равандҳои иқтисодие мебошанд, ки ҳаракати бевоситаи сармоя ва воситаҳои пулӣ, воситаҳои меҳнат, нерӯи корӣ ва ғ. нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти корхонаро дар бар мегиранд. Дар ин росто нишондиҳандаҳои иқтисодӣ фоида, ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот мавқеи хосро ишғол мекунанд.

Дар байни як қатор омилҳои муҳити дохилии корхона нақши марказиро низоми *иттилоотӣ* мебозад. Онҳо маҷмӯи воситаҳои ташкилию техникиро, ки шабака ва ҷузъу томҳои ахборотиро барои иртиботи самараноки идоракунии корхона таъмин менамоянд, дар бар мегирад. Бо пайдоиш ва инкишофи шабакаҳои иттилоотӣ, хусусан интернет, барномаҳои ададии идоракунӣ (ЧПУ), роботҳо, пешрафти кору фаъолияти корхона беш аз ҳама аз сатҳи истифодабарии технологияи иттилоотии он муайян карда мешавад.

Истифодаи ин дастовардҳои иттилоотӣ барои аз байн бурдани корҳои вазнини дастии кормандон, қабули қарорҳои мусоид ва тавсияҳои муфид доир ба рушди иқтисодию иҷтимоии корхона аҳамияти беандоза дорад.

Дар қатори омилҳои муҳити дохилии корхона *омили бозорёбӣ* мавқеи назаррас дорад. Он, бечуну чаро, таъмини эҳтиёҷоти харидоронро ба молҳо ё худ хизматрасониҳои корхона бо роҳи омӯзиши вазъи бозор, бунёд ва ташкили рекламнигории самарабахш ва низоми хариду фурӯшро дар назар дорад. Бозорёбӣ инчунин ба фаъолияти муназзами бозор, тақозои амалкунандаи он бо мақсади афзоиши ҳиссаи бозории корхона ва афзуншавии фоиданокии фурӯш таъсири мусбат мерасонад.

Қисмати ниҳоии муҳити дохилии корхона *омилҳои муносибатҳои касбӣ ва ахлоқии кормандон* бо шароитҳои иҷтимоӣ бо ҳам бармехӯранд ва шабоҳат низ доранд. Ин масъалаи муҳим дар амалияи корхонаҳои миллӣ чандон мушаххас, таҳлилу баррасӣ карда намешаванд. Ҳол он ки бе муайян намудани касбият ва фарҳанги одобу ахлоқи комил ба пешрафту дастовардҳои самарабахш ноил шудани фаъолияти соҳибкорӣ хеле мушкил аст.

Дар қатори омилҳои муҳити дохили хоҷагӣ ба фаъолияти иктисодию иҷтимоии корхона омилҳои беруна низ таъсири зиёд мерасонанд, гарчанде онҳоро бевосита андоза кардан чандон осон нест.

*Ба омилҳои муҳити берунаи корхона дохил мешаванд:*

- сиёсати иқтисодии давлат ва самтҳои афзалиятноки он дар соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ бо назардошти ҷараёни ҷаҳонишавӣ;
- ҳолати қонунгузорӣ ва шароити мусоид фароҳам овардан барои таъмини мустақилияти иқтисодӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқии корхонаҳо;
- фаъолияти мутақобилаи корхона бо идораҳои давлатӣ, аз ҷумла сохторҳои молиявӣ, бонкӣ, суғуртавӣ, иҷтимоӣ, муҳоҷират, шуғл ва ғ.;

- фаъолияти корхона бо истеъмолгарони молу хизматҳо, таҳвилгарони мол ва рақибон дар шароити муносибатҳои бозорӣ;
- ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва амали онҳо (иттифоқҳои касаба, ҷавонон, фондҳои дастгирии соҳибкорон, сандуқи хайриявӣ ва ғ.);
- низоми дастгирӣ ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкории корхона;
- муҳити сармояғузорӣ дар кишвар ва амалӣ намудани тадбирҳои судманд барои беҳтар кардани ин муҳит, пешбурди раванди инноватсионии корхона ва ғ.

*Омилҳои иқтисодии берунӣ* сатҳи умумии рушди иқтисодии кишвар, сатҳи муносибатҳои бозорӣ, рақобат ва ғ.-ро, ки дар маҷмӯъ шароитҳои мусоиди татбиқи амалии корхонаро ифода карда метавонанд, дар бар мегиранд. Қисматҳои асосии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии муайянкунандаи муҳити иқтисодӣ: ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва тағйирёбии он, сатҳи таваррум, меъёри фоизи қарзи бонкӣ, қурби асъор ва тағйирёбии он, каср ё профитсити буҷет, ҳосилнокии меҳнат, андозаи миёнаи музди меҳнат, низоми андозбандӣ ва ғ. ба шумор мераванд. Ба нишондиҳандаҳои муҳити берунии корхона инчунин омилҳои дигар, ба монанди сатҳи рушди иқтисодии минтақаҳои мухталиф, таносуби истеъмолот ва гункунӣ, содирот ва воридот, кифоя будани бузургии воситаҳои худии корхона, муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ дар кишвар ва ғ. тавсифгузор мебошад.

Истифодаи дониш оид ба ин масъалаҳои муҳими рушди иқтисодӣ ба корхона имконият медиҳад, ки баъзе афзалиятҳоро нисбат ба рақибонаш бе мушкилӣ ба даст оварад.

*Шароитҳои сиёсии берунӣ,* яъне сохт ва сиёсати давлатдорӣ, аз он ҷумла ба масоили дохилӣ ва берунии корхона таъсир мерасонанд.

Сиёсати дохилӣ бештар қисматҳои иҷтимоӣ, илмӣ-техникӣ, саноатӣ, кадрӣ, инчунин сиёсати андозбандӣ, сиёсати мувофиқи нарх, сиёсати устувори молиявию қарзӣ, сиёсати муназзами фаъолияти гумрукӣ ва г.-ро дар бар

меғирад. Истифодаи самарабахши ин масъалаҳои муҳими сиёсӣ ба рушди устувори иқтисодии корхона сабабгор мешавад.

Инчунин корхона бо ташаббусу фаъолиятҳои наҷиби худ метавонад дар сиёсати имрӯзаи кишвар, дар таҳия ва қабули қонуну қоидаҳои мутақобилан судманд фаъолона таъсиргузор бошад.

Ба *қисмати ҳуқуқии берунӣ* дараҷаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таркиби қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, кафолати таъмини амнияти корхона ва шаҳрвандон, шарҳу тавзеҳи дақиқи мафҳум ва меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигарҳо дохил мешаванд. Қисматҳои муҳити ҳуқуқии берунӣ ба пешрафти фаъолияти соҳибкории корхона воқеан таъсири бузург расонида метавонад.

Таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон - ИМА, Германия, Франсия, Италия, Япония, Шветсия, Хитой, Русия ва мамолики дигар собит менамояд, ки таҳия ва ба тасвиб расонидани қонуну санадҳои ҳуқуқию меъёрӣ ба омода намудани ҳуҷҷатҳои зарурии корхона (созишномаву қарордодҳо, ҳаллу фасли амалиёти касбии истеҳсолию тиҷоратӣ, имконоти ҳаллу фасли саривақтии баҳсу мунозираҳо ва дигар ҳолатҳои баҳсбарангез), ки ба фаъолияти рӯзмарраи он дар чорчӯбаи қонуну низомномаҳои амалкунанда таъсир мерасонанд, имконияти мусоид фароҳам меоварад.

Ба фаъолияти корхона *омилҳои илмӣ-техникии берунӣ*, аз қабили нерӯи илмӣ-техникии амалкунанда, мазмун, мундариҷа ва самтҳои назариявӣ (бунёдӣ) ва амалии тадқиқоти илмӣ, мавҷудият ва сатҳи объектҳои амал-кунандаи инфрасохторҳои илмию техникӣ, чун технопарк ва технополисҳо, инкубаторҳои гуногуни технологияи пешқадами ширкатҳое, ки ба фаъолияти венчурӣ бештар машғул мешаванд, иҷораи асбобу анҷом ва таҷҳизоти озмоишӣ, фондҳо ва барномаҳои таҳқиқотӣ ва ғ. таъсири назаррас мегузоранд. Мавҷудияти омилҳои илмию техникӣ ба корхона имкон медиҳад, ки дар истеҳсол ва таҷдиди маҳсулоти нав, азхуд намудани технологияи навоварона, ташаккули равандҳои

он, корбурди васеи инноватсия ва дигар омилҳо бо суръати тез татбиқ гарданд.

Фаъолияти соҳибкории корхона ба вазъи *иртиботи берунӣ*: сатҳи инкишофи шабакаҳои нақлиётӣ, мавҷудияти роҳи оҳан, шоҳроҳҳои автомобилӣ, ҳавоӣ, баҳрӣ ва роҳҳои дарёӣ, дараҷаи рушди шабакаҳои алоқа, мубодилаи иттилоотӣ ва иртиботӣ, мусоидат менамояд. Дар ҳамин радиф сатҳи овоздиҳии демократии ҷомеа, ба ҳама дастрас будани бойгонӣ, заминаҳои муфиди иттилоот ва маълумотҳои соҳавию идорӣ, китобхона ва дигар сарчашмаҳо аҳамияти муҳим дорад.

Дар охир бошад, *омилҳои иқлимию табиӣ ва дигарҳо*: иқлим ва мавқеи ҷойгиршавӣ, масоҳати умумӣ, ҳарорати миёнаи солона, самти шамол, намнокӣ ва хушкии ҳаво, намудҳои бештар дучоршавандаи ӣабототу ҳайвонот, мавҷудият ва мавзеъҳои ашёи хом, дигар махзанҳои канданиҳои фоиданок, ҳолати муҳити зист (экология) ва ғ. таъсири бевосита мерасонанд.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Ба андешаи Шумо, омилҳои ба муҳити дохилии корхона таъсиргузор кадомҳоянд ва онҳоро маънидод намоед?*
2. *Омилҳои асосии ба муҳити берунии корхона таъсиргузорро шарҳу тавзеҳ диҳед.*
3. *Сикли технологӣ чиро ифода менамояд ва он ба фаъолияти кадрҳои корхонаҳои истеҳсолӣ чӣ гуна таъсир гузошта метавонад?*
4. *Ба ақидаи Шумо, вақти иҷрои амалиёти иловагӣ аз кадом унсурҳои таркибӣ иборат аст?*
5. *Махсусгардонии истеҳсолот: моҳият ва аҳамияти рушди онро нақл намоед.*
6. *Истеъмолгарони молу маҳсулот ҳамчун омили муҳити беруна чӣ гуна нақшро иҷро мекунанд.*
7. *Мавқеъ ва аҳамияти сиёсати муосири иқтисодии давлатро фаҳмонед.*
8. *Сармоягузорӣ чист ва сарчашмаҳои онро шарҳ диҳед.*

9. *Нақши кормандон ва идоракунии стратегии онҳоро ҳамчун омили муҳити дохилии корхона тавзеҳ диҳед.*
10. *Воситаҳои истеҳсолот чист ва унсурҳои таркибиаш кадомҳоанд?*

# МАВЗӮИ 3.
# ШАКЛҲОИ ТАШКИЛӢ-ҲУҚУҚИИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА (ТАШКИЛОТ)-ҲО

3.1.Ширкатҳои хоҷагидорӣ:
*3.1.1.Ширкати комил.*
*3.1.2.Ширкати ба боварӣ асосёфта ё ширкати коммандитӣ.*
3.2.Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ:
*3.2.1.Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд.*
*3.2.2.Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ.*
*3.2.3.Ҷамъияти саҳомии шакли кушода.*
*3.2.4.Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида.*
*3.2.5.Ҷамъияти фаръӣ.*
*3.2.6 Ҷамъияти вобаста.*
3.3.Кооперативҳои истеҳсолӣ.
3.4.Корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ.

## 3.1. Ширкатҳои хоҷагидорӣ

### *3.1.1. Ширкати комил*

Корхонаи муосир метавонад дар шакли ширкати комил ва ширкати ба боварӣ асосёфта ё ширкати коммандитӣ созмон ёбад.

Ширкати комил корхонаи тиҷоратиест, ки барои амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ду ё зиёда аз ин шахсонро муттаҳид менамояд; инчунин иштирокчиёни он бевосита дар фаъолияти ширкат иштирок намуда ҳар кадоми онҳо аз рӯи уҳдадории ҷамъият на танҳо тибқи сармояи ҷалбшуда, балки бо арзиши амволашон пурра ҷавобгаранд. Фоида ё зарари ширкати комил дар байни иштирокчиён мутаносибан аз рӯи саҳми ҳар аъзои умумии ҷамъият тақсим карда мешавад. Ин намуди ширкат дар интишори маълумот доир ба натиҷаҳои ниҳоии молиявӣ ва фаъолияти хоҷагӣ вазифадор нест. Шумораи аъзоёни он одатан номаҳдуд мебошад. Агар яке

аз шарикон хоҳиши аз он баромаданро пайдо кунад, ширкат бекор карда мешавад.

Мувофиқи қонунгузорӣ фурӯхтани саҳмияи як аъзо ба шахсони нав бе розигии аъзои дигари ширкати комил қатъиян манъ аст. Дар ҳолатҳои қабули аъзои нав (фавт ё худ баромадан аз ширкат) шартнома оид ба созмон додани ширкат аз сари нав ба тасвиб расонида мешавад. Фаъолияти ширкатро асосан ҳамаи аъзоёни он дар шакли шахсони ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд ва дар бастани шартнома онҳо ҳуқуқи намояндагӣ доранд. Шакли ширкати комил он қадар пешрафтаву маъмул набошад ҳам, он дар амалияи хоҷагидории муосир барои корхонаҳои хурду миёна мавриди истифода қарор дода шудааст.

### *3.1.2. Ширкати ба боварӣ асосёфта ё ширкати коммандитӣ*

Ширкати ба боварӣ асосёфта ҳамон ширкате дониста мешавад, ки дар он дар баробари иштирокчиёне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкориро пеш мебарад, ҳамзамон дар уҳдадориҳои ширкат бо арзиши амволи худ масъулият доранд. Як ё якчанд иштирокчии саҳмгузоре ҳастанд, ки таваккали зиёни марбут ба фаъолияти ширкатро дар доираи маблағи саҳмгузоштаашон бар уҳда дошта, вале дар татбиқи фаъолияти соҳибкорӣ аз ҷониби ширкат иштирок намекунанд.

Шахси ҳуқуқӣ танҳо дар як ширкати ба боварӣ асосёфта ҳамкори комил буда метавонад.

Иштирокчии ширкати комил шарики бевоситаи ширкати ба боварӣ асосёфта буда наметавонад.

Унвони фирмавии ширкати ба боварӣ асосёфта бояд аз номи ҳамаи шарикони комил ва калимаҳои «ширкати ба боварӣ асосёфта» ё «ширкати коммандитӣ» ва ё аз номи на камтар аз як шарики комил бо иловаи калимаҳои «ва шариконаш» ва калимаҳои «ширкати ба боварӣ асосёфта» ё «ширкати коммандитӣ» иборат бошад.

Ширкати мазкур дар асоси қоидаҳои шартнома бунёд гардида, фаъолияти хоҷагиро амалӣ мегардонад. Шартнома аз ҷониби ҳамаи шарикони комил ба имзо расонида мешавад.

Фаъолияти ширкати мазкурро танҳо шарикони комил ҳуқуқи идора кардан доранд.

Саҳмгузорон ҳуқуқи иштирок карданро дар идора ва пешбурди фаъолияти хоҷагӣ - молиявии ширкати ба боварӣ асосёфта надоранд ва аз номи он дар асоси ваколатнома амал карда метавонанд.

## 3.2. Ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ:

### *3.2.1. Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд*

Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд *(ҶДММ)* як шакли мутаҳидкардашудаи сармоягузорӣ мебошад. Иштирокчиёни ин гуна ҷамъият тибқи уҳдадориҳояшон фақат дар чорчӯбаи саҳмияҳои худ бори ҷавобгарӣ доранд, вале аз рӯи амволашон бошанд ҳеҷ ягон масъулиятро ба дӯш надоранд.

Сармояи ҷамъият дар байни иштирокчиёнаш аз рӯи ҳиссаи пай тақсим карда мешавад ва он ба муассисонаш бе истифодаи услуби интишори озод дар шакли қайди исмӣ дастрас карда мешаванд. Доир ба пардохти пай ба шарикони ҷамъият ваколатномаи хаттӣ дода мешавад, ки он ба коғазҳои қиматнок ягон иртибот надошта, ба қисмҳои алоҳида тақсим намешавад ва бе иҷозати ҷамъият ба шахсони дигар фурӯхта намешавад. Пай ба соҳибаш ҳуқуқи дар ҷаласаҳои пайчиён иштирок намудан, гирифтани дивидендҳо (фоида аз саҳмия) ва ба як қисми амволи ширкат ҳангоми барҳамдиҳи (аз эътибор соқит шудан)-и он ҳуқуқи соҳибӣ карданро медиҳад.

Одатан иштирокчиёни ҶДММ аз гурӯҳҳои на он қадар зиёд иборат мебошанд. Шумораи иштирокчиёни ҷамъият дар чорчӯбаи талаботи қонунгузории амалкунанда метавонад маҳдуд бошад.

Идоракунии ҷамъият ва ба тасвиб расонидани амалиётро аз номи он як ё худ якчанд иштирокчиёни аъзои комили ҷамъият ё ғайриаъзои он воқеан амалӣ мегардонанд.

ҶДММ дар нашри ҳисоботҳо, оиннома, маълумот оид ба тавозун, тағйирёбии ҳаҷми сармоя ва ҷобаҷогузории кадрҳо дар маъмурияти он вазифадор намебошад. Таҷриба нишон медиҳад, ки маҳз ин тартиби корбарӣ ба соҳибкорон хеле писанду қулай аст.

Ҷамъияти аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсисгардида маъмулан хоҷагии дорои масъуляти маҳдуд дониста мешавад, ки сармояи оинномавии он ба ҳиссаҳои баробар, ба андозаи ҳуҷҷатҳои таъсисёбии он мутобиқат дорад. Иштирокчиёни ҷамъияти мазкур аз рӯи уҳдадориҳои он ҳеҷ ягон намуди масъулият надоранд ва зиёни таваккали марбут ба фаъолияти ҷамъиятро танҳо дар доираи арзиши саҳми гузоштаашон бар уҳда доранд.

Иштирокчиёне, ки дар шакли пурра дар оинномаи ҷамъият саҳм нагузоштаанд уҳдадориҳои он тибқи арзиши қисми пардохтанашудаи саҳми ҳар иштирокчӣ масъулияти якҷоя доранд.

Номи фирмавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд бояд ибораи «ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд»-ро қабул кунад.

Мавқеи ҳуқуқии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ва ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёни он дар асоси мазмун ва талаботи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» муайян карда мешавад. Шумораи иштирокчиёни чунин ҷамъият набояд аз 30 нафар зиёд бошад. Дар акси ҳол, агар шумораи иштирокчиёни он аз ҳадди муқарраргардида кам бошад, он гоҳ, ин гуна хоҷагии махсус бояд дар давоми сол ба ҷамъияти саҳомӣ табдил ёбад ва баъди гузаштани як муҳлати муайян, вай аз ҷониби суди иқтисодӣ бояд барҳам дода шавад.

### *3.2.2. Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ*

Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ *(ҶДМИ) намуди субъекти хоҷагидории тиҷоратӣ* дониста мешавад, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис ёфта, фонди оинномавии он мувофиқи қоидаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайянгардида ба ҳиссаҳои амиқ тақсим мешавад. Иштирокчиёни чунин ҷамъият аз рӯи уҳдадориҳои он фақат дар доираи бо амволи худ ба андозаи дар ҳуҷҷатҳои таъсисёбии ҷамъият сабтшуда барои ҳамаи аъзоён баробари арзиши саҳми гузоштаашон масъулияти муштараки махсус доранд. Агар дар ҳуҷҷатҳои таъсисёбии ҷамъият тартиби дигари корбурди масъулият пешбинӣ нашуда бошад, он гоҳ дар ҳолати воқеан муфлис эълон шудани яке аз иштирокчиён, ҳиссаи масъулияти ӯ аз рӯи уҳдадориҳои ҷамъият байни иштирокчиёни боқимонда мутаносибан ба бузургии саҳмияашон муайян карда мешавад.

Унвони фирмавии ҷамъияти мазкур бояд ибораи «ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ»-ро гирад.

Нисбати ин намуди ҷамъияти ҳоҷагӣ муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд мавриди истифода қарор мегирад.

### *3.2.3. Ҷамъияти саҳомии шакли кушода*

Ҷамъияти саҳомии шакли кушода *(ҶСК)* мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳидшавии гурӯҳи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба хотири пеш бурдани фаъолияти мустақилонаи хоҷагидорӣ таъсис ёфтааст. Вай дорои масъулияти махсус буда, онро дар заминаи арзиши саҳмияҳои аъзоён дар амалия татбиқ менамояд.

Арзиши умумии саҳмияҳои ба як аъзои ҷамъияти саҳомӣ дахлдоштаро одатан мафҳуми *пакети саҳмияҳо* меноманд.

*Пакети назоратӣ* - ин маҷмӯи арзиши саҳмияҳоеанд, ки ҳуқуқи идоракунии ҷамъиятро дода метавонад ва ҳар як пакети он ҳуқуқи як овозро дорад.

Барои интишори саҳмияҳо обунаи кушода (озод) эълон карда мешавад, ки дар аксари ҳолатҳо ҳуқуқи паҳнкунии (фурӯш)-и онҳо ба бонки сармоягузор, ки барои чунин амалиётҳо махсус гардонида шудааст, дода мешаванд. Арзиши номиналии саҳмияҳо дар маҷмӯъ бояд ба ҳаҷми умумии сармояи худӣ баробар бошад.

Сармояи ҷамъияти саҳомӣ ин маҷмӯи сармояҳои инфиродиест, ки бо роҳи интишороти умумӣ ва ҷойгиркунии хоси саҳмияву вомбаргҳо ташаккул меёбад. Маблағҳои аз ҳисоби интишор ва фурӯши саҳмияҳо ба даст омада, аслан арзиши сармояи худиро ташкил менамоянд. Он дар оянда тариқи услуби ғункуни (капитализация)-и сармоя аз ҳисоби фоида ва интишори фурӯши саҳмияҳо ба даст меояд.

Воситаҳои пулии аз ҳисоби ҷойгиркунии вомбаргҳо ба даст овардашуда одатан ба сармояи қарзӣ дохил мешаванд. Бо гузашти вақт онҳоро ба саҳомон бо фоизи муқарраршуда баргардонида мешаванд.

Идоракунии шакли саҳомии моликият имконият медиҳад роҳу равиши фаъолияти хоҷагидорӣ бидуни муттаҳидшавии шахсони ҳуқуқӣ ҳам татбиқи худро ёбад.

Дар ин росто имконияти ташкили маркази яғонаи стратегӣ барои қабули қарорҳои идоракунӣ нисбати ҳалли масъалаи ташкили сохторҳои муштараки корхонаву бахшҳои истеҳсолии ширкатҳои гуногун мусоидат хоҳад кард.

### *3.2.4. Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида*

Ҷамъияти саҳомие, ки саҳмияҳои он танҳо дар байни муассисон ва аъзоёни инфиродии он тақсим мешаванд, ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида *(ҶСП)* эътироф мешавад. Чунин ҷамъият ба обунаи озоди саҳмияҳои интишор додааш ё ба шахсони гайриаъзо фурӯхтани онҳо иҷозат намедиҳад.

Саҳмдорони ҶСП дар харидани саҳмияҳои аз ҷониби саҳмдорони дигари ин ҷамъият фурӯхташаванда одатан ҳуқуқи афзалиятнок доранд.

Шумораи иштирокчиёни ҶСП набояд аз шумораи муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» бештар бошад, дар акси ҳол, он бояд дар давоми сол ба ҶСК табдил дода шавад. Агар пас аз гузаштани ин муҳлат шумораи онҳо то ҳадди муқаррарнамудаи қонун халалдор нашавад, бояд тавассути қарори суди иқтисодӣ барҳам дода шавад.

Бояд гуфт, ки дар Федератсияи Русия бошад аз 1.09.2014 ба Кодекси гражданӣ тағйиру иловаҳо ворид кард ва мавриди амал қарор гирифт. Тибқи ин тағйирот ҶСК ва ҶСП, инчунин ҷамъиятҳои дорои ҷавобгарии иловагӣ фаъолияташонро қатъ хоҳанд кард. Ба ҷои онҳо компанияҳо (ширкатҳо)-и расмӣ ва ғайрирасмӣ ҳамчун шахси ҳуқуқӣ эҳдо мешаванд. Дар ин ҳолат танҳо ширкатҳои расмӣ ҳуқуқи савдои озоди когазҳои қиматнокро доранд. Ширкатҳои ғайрирасмӣ бошанд минбаъд ҳуқуқи ин амалиётро надоранд.

### *3.2.5. Ҷамъияти фаръӣ*

Агар дигар ҷамъият ё ширкати хоҷагидорӣ дар натиҷаи иштироки фаъоли худ дар сармояи оинномавии он ё мутобиқи қарордоди ба тариқи дигар имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъият қабулшударо дошта бошад, ҷамъияти хоҷагидории фаръӣ дониста мешавад.

Ҷамъияти фаръӣ барои қарзҳои ҷамъият (ширкат)-и асосӣ масъулиятро ба уҳда надорад.

Ҷамъияти асосие, ки ҳуқуқи ба хоҷагии фаръӣ, аз ҷумла тибқи шартнома ба он ҳуқуқи додани дастурҳои барояш ҳатмиро дошта бошад, он гоҳ аз рӯи аҳдҳое, ки ҷамъияти фаръӣ анҷом медиҳад, одатан, ба ин ҷамъият масъулияти муштаракро ба дӯш мегирад.

Дар сурати бо гуноҳи ҷамъияти асосӣ муфлис шудани хоҷагии фаръӣ, ҷамъияти асосӣ аз рӯи қарзҳои он масъулияти махсус дорад.

Агар дар қонун дар бораи ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ тартиби дигаре муқаррар нагардида бошад, иштирокчиён (саҳмдорон)-и ҷамъияти фаръӣ ҳуқуқ доранд, ки аз ҷуброни зарари ба ҷамъияти фаръӣ расидаро аз ширкати асосӣ, ки сабабгор аст, бечуну чаро талаб намоянд.

### *3.2.6. Ҷамъияти вобаста*

Агар ҷамъияти дигари бартаридошта бештар аз 20 %-и саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ ё 20 %-и сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро ба ухда дошта бошад, ҷамъияти хоҷагидории вобаста эътироф мешавад.

Ҷамъияти хоҷагидорие, ки зиёда аз 20 %-и саҳмияҳои овоздиҳандаи ҷамъияти саҳомӣ ё 20 %-и сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияи маҳдудро харидааст, мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда метавонад дар бораи ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бетаъхир маълумоти махсус интишор намояд.

Иштироки мутақобилаи ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар сармояи оинномавии якдигар ва миқдори овозҳое, ки яке аз чунин ҷамъиятҳо дар маҷлиси умумии иштирокчиён ё саҳмдорони ҷамъияти дигар истифода карда метавонад, дар асоси санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқии кишвар муайян карда мешавад.

## 3.3. Кооперативҳои истеҳсолӣ

*Кооперативи истеҳсолӣ* корхонаи тиҷоратие мебошад, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ буда, иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандонро барои иҷрои кори якҷояи судманд ташкил дода, мақсаду маромаш ба амал баровардани фаъолияти муштараки истеҳсолӣ (бо роҳи муттаҳид намудани моликият ва кӯшиши тарафҳо) ё худ ягон навъи дигари хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, фурӯши маҳсулоти саноатӣ,

кишоварзӣ ва маҳсулоти дигар, иҷрои корҳо, савдо, хизматрасонии маишӣ, хизматрасониҳои дигар) мебошад. Моликияти ҳар як намуди кооператив аз ҳисоби саҳмияҳо ташкил меёбад. Фаъолияти мақсадноки кооператив тавассути иштироки бевоситаи аъзои он дар пешбурди фаъолияти хоҷагидорӣ амалӣ мегардад. Дар фаъолияти кооператив на танҳо иштироки аъзоёни воқеӣ зарурат дорад, балки иштироки шахсони ҳуқуқӣ низ дар назар дошта мешавад. Аъзоёни кооператив ҷавобгарии махсусро ба уҳдаи худ доранд, яъне онҳо уҳдадор мешаванд, ки ҳатто дар сурати муфлисшавӣ қарзҳои худро баргардонанд ва андозҳоро ба буҷети давлат пардохт намоянд. Фоидаи умумие, ки кооператив ба даст меорад, бо иҷрои ҳатмии саҳмгузорӣ ба хазинаи давлат, яъне қисмати боқимондааш ба фондҳои махсус, аз ҷумла барои ҳавасмандгардонии моддии аъзоён тибқи иштироки бевоситаашон дар фаъолияти меҳнатии кооператив тақсим ва истифода мешавад. Кооператив – шахси ҳуқуқӣ буда, ҳисоботи молиявиро бо роҳи тартиб додани тавозуни муҳосибӣ ва замимаҳо ба он амалӣ мегардонад.

## 3.4. Корхонаҳои воҳиди давлатӣ ва маҳаллӣ

*Корхонаи воҳиди давлатӣ* ташкилоти хоҷагидорие мебошад, ки бо амволи дар ихтиёраш мавҷудбуда дорои салоҳияти шахси ҳуқуқӣ намебошад. Дар шакли воҳид ҳоло дар Тоҷикистон ва кишварҳои ИДМ корхонаҳои давлатӣ ё маҳаллӣ созмон дода мешаванд. Корхонае, ки бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ташкил мешавад, маҳз корхонаи воҳиди давлатӣ унвон мегирад. Вале он корхонае, ки бо қарори ҳокимияти давлатии маҳаллӣ ташкил мешавад, корхонаи воҳиди маҳаллӣ номида мешавад. Дар қатори корхонаҳои давалатие, ки бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамчун субъектҳои хоҷагидорӣ таъсис дода шудаанд, барои идораи фаврии онҳо амволи мушаххас ҷудо карда мешавад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1. Ширкати комил чист ва хусусиятҳои хоси фаъолияти онро дар шароити кунунӣ фаҳмонед?*
*2. Ширкати ба боварӣ асосёфта ё ширкати коммандитӣ чӣ гуна намуди хоҷагидорӣ маҳсуб меёбад?*
*3. Ҷамъияти дорои масъулати иловагӣ, моҳият ва мазмуни онро шарҳ диҳед.*
*4. Хусусият ва мазмуни ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро нақл ва маънидод намоед.*
*5. Ҷамъияти саҳомии шакли кушода ба кадом намуди сохтори ташкилию ҳуқуқӣ мансуб аст? Мақсад, вазифа ва сохтори идоракунии онро тавзеҳ диҳед.*
*6. Ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида кадом хусусиятҳо дорад? Мақсад, вазифа ва сохтори идоракунии онро фаҳмонед.*
*7. Кооперативи истеҳсолӣ: мақсад, вазифа ва сохтори идоракунии онро нақл намоед.*
*8. Ширкатҳои холдингии соҳаи саноат чӣ гуна шакли ташкилию ҳуқуқианд? Мақсад, вазифа ва сохтори идоракунии онро маънидод намоед.*
*9. Ширкати комил аз ширкати ба боварӣ асосёфта оё фарқ дорад? Умумият ва хусусиятҳои хоси фаъолияти онҳоро шарҳ диҳед.*
*10. Кадоме аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии корхонаҳои тиҷоратӣ дар қаламрави Тоҷикистон бештар маъмуланд ва сабаби ин ҳолат чист?*

# МАВЗӮИ 4.
# ТАЪСИСЁБӢ ВА БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ КОРХОНА

4.1.Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона.
4.2.Тартиби бақайдгирии давлатии корхона.
4.3.Сармояи оинномавии корхона.

## 4.1. Мақсад ва вазифаҳои таъсис додани корхона

Дар ҳамаи марҳилаҳои рушди иқтисоди кишвар фаъолияти пурсамари корхонаҳо омили муҳим ва мусбат ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосии фаъолияти корхона дар замони муосир гирифтани фоида ва қонеъ гардонидани тақозои истеъмолгарон ба молу хизматрасонӣ мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафи муҳим дар корхона фаъолияти соҳибкории мустақилона тариқи самарабахш истифода бурдани ресурсҳои маҳдуди иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳо ба таври мунтазам ва босубот ба роҳ монда мешавад.

Дар воқеъ, мақсаду мароми фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонунҳои амалкунанда низ ҳар чи беш аз пеш ба даст овардани фоида аст. Вале муносибатҳои мутамаддини бозорӣ истифодаи бомарому мутақобилан судманди ин ду мақсад (қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ ва гирифтани фоида)-ро вазифаи корхона дар шароити кунунӣ меҳисобанд. Бояд зикр намуд, ки дар ҳақиқат, корхона бе фоида фаъолият карда наметавонад. Фоида ин нишондиҳандаи ҷамъбастии ҳама гуна корхона (ташкилот) ё сохтори дигари истеҳсолоту тиҷорат ҳисобида мешавад. Андоза ё ҳаҷми илман асосноки он метавонад фаъолияти корхонаро дар бозори истеъмолӣ пурзӯр ва мақсаднок намояд.

Ҳангоми таъсиси корхона соҳибкор ё худ гурӯҳи ҳаммаслакони кордону нававар бояд дар ибтидо ғояи мушаххаси истеҳсоли маҳсулот ва кору хизматрасониро тавассути низоми дархосту фармоишоти истеъмолгарони онҳо ба роҳ монанд. Ҳаҷми истеҳсол, иҷрои кору хизмат-

расонӣ бояд аз ҳар ҷиҳат бо маводу захираҳои зарурии моддии дар назар дошташуда таъмин карда шаванд. Барои ноил шудан ба ин мақсадҳо соҳибкор бояд ҳатман дорои андозаи зарурии сармоя бошад. Ҳамаи ин тадбирҳо, ба андешаи мо, дар як ҳуҷҷати мукаммал – *нақшаи соҳибкорӣ* пурра инъикос меёбанд.

Корхонаи истеҳсолӣ ва тиҷоратии ҳозиразамон бояд дорои шакли махсуси сохторию ташкилӣ бошад. Дар шароити гузаштан ба иқтисоди бозорӣ аҳамият ва зарурати се самти асосии ташкили корхонаи саноатӣ нуфузи беандоза пайдо намуда истодааст:

- ташкили илмии истеҳсолот;
- ташкили илмии меҳнат;
- ташкили илмии идоракунии корхона.

*Ташкили илмии истеҳсолот* мақсади бунёди оқилонаи низоми технологияи пешқадам ва техникаи муосир дар сатҳи корхона мебошад. Ин амал ташкили самаранок ва боварибахши татбиқи технология ва таҷҳизоти навтарин, пайвастагии мутақобилан судманди робитаи кормандонро дар раванди истеҳсоли маҳсулот пурра дар бар мегирад.

*Вазифаи ташкили илмии меҳнат* бунёди муносибатҳои солим дар ҳайати кормандон, низоми тадбирҳо оид ба фароҳам овардани шароити қулайи меҳнати эҷодкоронаю самарабахш ва ҳосилнокиаш баландро дар назар дорад.

*Ташкили илмии идоракунии корхона,* пеш аз ҳама, бояд ба сохтори ташкилии самараноки замонавӣ, истифодаи тарзу услубҳои судманд ва пешқадами идоракунӣ дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ такя намояд.

## 4.2. Тартиби бақайдгирии давлатии корхона

Аз қайди давлатӣ гузаронидани (таъсиси) корхона тибқи моддаҳои 24 ва 51 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмист, зеро ин амал барои баҳисобгирӣ ва назорати фаъолияти онҳо зарур аст. Бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии

шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» (с.2009) ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, таҳти рақами 273 «Дар бораи тартиби гирифтани патент аз ҷониби шаҳрвандоне, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба амал мебароранд» ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ сурат мегирад.

Бақайдгирии давлатӣ – амали мақомоти ваколатдори давлатӣ дар хусуси ба расмият даровардани воқеияти ҳуқуқии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ва қатъ намудани фаъолияти онҳо мебошад. Ворид намудани маълумот ҳам ба масъалаи бақайдгирии давлатӣ тааллуқ дорад.

Ҳоло дар Тоҷикистон бақайдгирии давлатии корхона бо тартиби «равзанаи ягона» аз ҷониби мақомоти андоз ба амал бароварда мешавад, ки хеле қулай ва камхарҷ аст.

Бақайдгирии давлатӣ аз ҷониби мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мувофиқи тартиби «равзанаи ягона» бе гузаронидани экспертизаи ҳуқуқии ҳуҷҷатҳои пешниҳодгардида амалӣ гардонида мешавад.

Бақайдгирии давлатӣ мувофиқи қоидаи «равзанаи ягона» ба таври ҳатмӣ риоя кардани амалҳои зеринро пешбинӣ менамояд:

1. Барои дар қайди давлатӣ мондан аризадиҳанда ҳуҷҷатҳои дар қонуни мазкур зикршударо, ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ аз рӯи суроғаи ҷойгиршавии шахсони ҳуқуқӣ, ҷойи зисти соҳибкорони инфиродӣ, маҳалли ҷойгиршавии филиал ё намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ пешниҳод менамояд. Ба комил ва ба таври ҳуқуқӣ дуруст будани ин ҳуҷҷатҳо тибқи қонунгузории кишвар аризадиҳанда ҷавобгариро бояд ба зиммаи худ гирад;

2. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ маълумотро дар бораи шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиал ё намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намуда, ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатиро медиҳад. Бақайд-

гирии давлатӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ бақайдгирии яквақтаро дар мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ, мақомоти давлатии омор ва суғуртаи иҷтимоии давлатиро дар назар дорад;

3. Ҳангоми бақайдгирӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ба субъектҳо рақами ягонаи мушаххас дода мешавад, ки барои ҳар як шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷӣ такрорнашаванда мебошад. Рақами ягонаи мушаххас ҳам барои бақайдгирӣ дар Феҳристи ягонаи давлатӣ, ҳам барои қайди баҳисобгирӣ дар мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ истифода бурда мешавад.

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ:

Дар муддати се рӯз пас аз анҷом додани бақайдгирии давлатӣ маълумоти ба Феҳристи ягонаи давлатӣ воридкардашударо ба мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ дар шакли электронӣ мефиристад.

Дастрасии маълумотро аз Феҳристи ягонаи давлатӣ барои мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ таъмин менамояд;

Рақами ягонаи мушаххас танҳо як маротиба ҳангоми бақайдгирии аввалия дода мешавад ва он дар тамоми давраи фаъолият бояд тағйир наёбад. Дар мавриди бекор гардидани бақайдгирии субъекти мушаххас ин рақам ба дигар субъекти нави хоҷагӣ дода нашавад.

Субъектҳои бақайдгирифташуда уҳдадор мебошанд, ки рақами ягонаи мушаххаси худро дар мукотибаи хеш бо шахсони сеюм нишон диҳанд.

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳангоми додани ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатии шахси ҳуқуқӣ, соҳибкори инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ онҳоро дар бораи уҳдадории пешниҳод намудани ҳисоботи давлатии муқарраргардида ба мақомоти давлатии омор ва мақомоти суғуртаи иҷтимоии давлатӣ бо роҳи қайд намудани ин уҳдадорӣ дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи бақайдгирии давлатӣ хабардор мекунад (моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»).

Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад:

1. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- ➢ пешбурди сиёсати ягона дар бобати бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагони шахсони ҳуқуқии хориҷиро таъмин менамояд;
- ➢ пешбурди Феҳристи ягонаи давлатиро амалӣ месозад ва дастрас шудани маълумоти онро таъмин менамояд;
- ➢ шакли аризаҳоро барои бақайдгирии давлатӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ, инчунин шакли ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ, филиалҳо ва намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ муқаррар менамояд;
- ➢ маълумотро дар бораи шахсони ҳуқуқии бақайдгирифташуда, аз нав ташкилгардида ва барҳамдодашуда, соҳибкорони инфиродии бақайдгирифташуда ва фаъолияташон қатъгардида, намояндагиҳои таъсисдодашуда ва фаъолияти худро қатъ намудаи шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, тағйир ёфтани маълумоти ба Феҳристи ягонаи давлатӣ воридгардида дар сомонаи расмии худ ҷойгир намуда, онро мунтазам нав мегардонад;
- ➢ дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд.

Бақайдгирии давлатии корхона (ташкилот)-и тиҷоратӣ дар ҷойи мақомоти иҷроияи ин хоҷагӣ ба амал бароварда мешавад. Барои бақайдгирии корхона (ташкилот)-и тиҷоратӣ ариза дар бораи бақайдгирӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба он суратҷаласаи маҷлиси муассисон ё шартномаи таъсисии корхона замима мегардад. Қайди давлатӣ дар муҳлати то 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои нишондодашуда ва пардохти боҷи давлатӣ анҷом дода мешавад (моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ»).

Ҳангоми анҷом додани амали бақайдгирии давлатии корхонаи нав мақомоти бақайдгиранда бояд ба се масъала диққати махсус диҳанд, аз ҷумла:

- ҳуҷҷатҳои таъсисёбии корхона бояд ба талаботҳои қонунгузорӣ пурра мутобиқ бошанд ва фаъолияти ояндаи корхона танҳо дар чорчӯби талаботи қонун амалӣ гардад;
- маълумотҳое, ки дар ҳуҷҷатҳои бақайгирӣ омадаанд, комилан дуруст ва саҳеҳ бошад;
- тартиби тибқи қонун муқарраршудаи таъсиси корхона пурра риоя шуда, сармояи оинномавӣ ва розигии мақомоти ваколатдори давлатӣ мавҷуд бошад.

Бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ аз тарафи мақомоти андози маҳалли истиқомати доимии шаҳрвандон ба амал баровarда мешавад. Қайди давлатии соҳибкори инфиродӣ бо гирифтани патент ё шаҳодатнома ва дохил намудани ӯ ба Феҳрист тасдиқ карда мешавад.

Қайди давлатии соҳибкорони инфиродӣ моҳияти озод дошта, ҳамчун шахси воқеӣ - соҳибкори инфиродӣ сурат мегирад.

Шаҳрвандони зерине, ки фаъолияти соҳибкории зайлро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ анҷом медиҳанд, аз бақайдгирии давлатӣ озод карда мешаванд:

- дар ҳайати хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ) фаъолият менамоянд (Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)» аз 19 майи соли 2009);
- шаҳрвандоне, ки дар асоси шартномаи пудрат ва шартнома (қарордод)-ҳои дигари ҳуқуқи граждании корҳои якдафъаинаро анҷом медиҳанд;
- шаҳрвандоне, ки дар баробари шабакаи савдои яклухту чакана бо фурӯши амволи ба онҳо тааллуқдошта, инчунин маҳсулоти истеҳсолкарда, коркард, харидашуда, аз ҷумла молҳои саноатию озуқаворӣи воридотӣ дар ҷойҳои махсус барои ин мақсад ҷудогардида ё аз тариқи мағозаҳои комиссионӣ машғуланд;

- шаҳрвандоне, ки даромади аз анҷоми кор ва хизматрасонӣ бадастовардаашон дар муддати як сол аз бист маоши ҳадди акалл зиёд нест.

Шаҳрвандоне, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машгуланд, дар асоси патент ва пардохти пули муайян барои як моҳ ё як сол амал мекунанд. Патент шаҳодатномаи ба сифати соҳибкор ба қайди давлатӣ гирифта шудани шаҳрванд мебошад, ки барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкории дар патент пешниҳодгардида ҳуқуқ медиҳад. Тартиботи додани патент ва маблаги боҷи патентро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар замимаи 1 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2008, таҳти рақами 273 қоидаи додани Патент ва Шаҳодатнома оиди бақайдгирии шахсони воқеӣ ба ҳайси соҳибкорони инфиродӣ, ки фаъолияти соҳибкориро бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба амал мебароранд намудҳои фаъолияти соҳибкорие номбар карда шудаанд, ки барои ба амал баровардани онҳо гирифтани патент зарур мебошад.

Патент ба шахсе дода мешавад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз қайди давлатӣ гузашта бошад. Агар ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ якчанд намуди фаъолиятеро дар бар гирад, ки барои ҳар яке аз онҳо, ба даст овардани патенти алоҳида зарур аст, пас чунин ҳуқуқи фаъолият аз лаҳзаи гирифтани патент ҳамчун фаъолияти расмӣ эътироф карда мешавад. Ҳамзамон барои ҳар корманди кироя ва аъзои оила, ки меҳнати онҳо дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, гирифтани Патенти алоҳида зарур аст.

Барои амалӣ гардонидани бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- аризаи хаттӣ барои бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ аз рӯи шакли тасдиқнамудаи мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ:

✓ ному насаби шахси воқеӣ;

✓ маҳалли (суроғаи) зисти шахси воқеӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гирифтани Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ ва суроғаи анҷомдиҳии фаъолияти соҳибкорӣ;

✓ рақами мушаххаси андозсупорандаи (РМА) шахси воқеӣ;

✓ намудҳои асосии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ, ки шахси воқеӣ хоҳиши анҷом додани онҳоро дорад;

✓ санаи пешниҳод гардидани ариза ва имзои аризадиҳанда;

• нусхаи ҳуҷҷате, ки дуруст будани шахсияти шахси воқеиро тасдиқ мекунад, инчунин ду расми андозаи 4х6;

• нусхаи ҳуҷҷате, ки дар асоси он ба шахси воқеии хориҷӣ сукунат ва амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шудааст (раводид, варақаи бақайдгирӣ, иҷозатномаи иқомат);

• пардохтномаи боҷи давлатӣ, ё пардохтномаи пешпардохти маблағи Патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ барои шумораи муайяни моҳ (муҳлати амали Патент) – барои шахсоне, ки хоҳиши гирифтани Патент барои ҳуқуқи амалӣ ғардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродиро доранд.

Шахси воқеӣ ҳуқуқ надорад дар як вақт ҳам соҳиби патент барои ҳуқуқи амалӣ гардонидани фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва ҳам соҳиби шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ бошад. Ин гуна иҷозатнома ба муҳлати панҷ сол дода мешавад. Мақомоти иҷозатдиҳанда феҳристи иҷозатномаҳоро тартиб медиҳад.

Мақомоти ба иҷрои ин амал масъул уҳдадор аст, ки муҳлати аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ бартараф кардани қонуншиканиро, ки боиси боздоштани амали иҷозатнома гардидааст, муқаррар намояд. Муҳлати нишондодашуда набояд аз се моҳ зиёд бошад. Агар иҷозатномадор қонуншиканиҳои мазкурро дар муҳлати муқарраршуда ислоҳ накарда бошад, мақомоти иҷозатно-

мадиҳанда метавонад ба суд мурочиат намуда, бекор кардани иҷозатномаро талаб намояд.

Аз эътибор бекор намудани иҷозатнома бо тартиби муайянкардаи судӣ дар асоси муроҷиатномаи мақомоти иҷозатдиҳанда ба амал бароварда мешавад. Умуман, қатъ гардондани фаъолияти шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродӣ дар асоси риояи тартиботи махсус бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ (аризаи соҳибкор, қарори суд дар бораи муфлис эътироф намудани соҳибкори инфиродӣ ба таври маҷбурӣ ва қатъ гардидани фаъолияти соҳибкорӣ ва ғ.) амалӣ мешавад

## 4.3.Сармояи оинномавии корхона

Сармояи оинномавии корхона (ҳисса, саҳмия, ҳақул-саҳмияи пайчиён), андозаи он дар санадҳои муассисӣ муқаррар карда шудааст. Аъзоҳақӣ ба сармояи оинномавӣ метавонад дар шакли пулӣ, ҳамчунин дар шакли амволӣ дар намуди бино, таҷҳизот, ҳуқуқи истифодаи замин ва сарватҳои табиӣ, патентҳо, литсензияҳо, нишонаҳои молӣ ва дигар дороиҳои фаъоли ғайримоддӣ татбиқ гарданд. Он дар аксар ҳолатҳои зарурӣ аз ҳисоби фоида зиёд карда мешавад. Дар марҳилаи гузариш ба муносибатҳои бозаргонӣ ва инкишофи ислоҳоти иқтисодии кишвар ҳисса ва ҳаҷми он дар сармояи худии корхона афзоиш ёфта истодааст.

Тартиби ташкил ва ба миён омадани сармояи оинномавӣ комилан аз шаклҳои ташкилию ҳуқуқии корхона вобастагии беандоза дорад. Сармояи оинномавии корхонаи саҳомӣ бо усули интишор ва фурӯши саҳмия бунёд меёбад.

Хусусиятҳои фарқкунандаи ин шакли ташкилӣ-ҳуқуқии фаъолияти соҳибкорӣ дар ташаккулёбии сармояи оинномавии он зоҳир мегардад, ки он тавассути паҳн намудани коғазҳои қиматноки эмиссионӣ, яъне саҳмияҳо ба вуҷуд меоянд.

Саҳмия, ҳуқуқу уҳдадориҳои иштирокчиёнро нисбати молу мулки (сармояи) ҷамъият тасдиқ менамояд. Имконияти озодона хариду фурӯш намудани ин коғазҳои қиматнок

шарти беҳтарини ҷалб намудани маблағҳои зарурӣ мегардад.

Ҳамин тариқ, хусусияти фарққунандаи ҷамъияти саҳомӣ аз дигар субъектҳои хоҷагӣ дар он ифода меёбад, ки маблағи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ дахлнопазир мебошад ва маҳз ҳамин хусусият аз афзалияти ин шакли хоҷагидорӣ, гувоҳӣ медиҳад. Ҷамъияти саҳомӣ (ҶС) шакли беҳтарини фаъолияти соҳибкории корпоративӣ мебошад.

Оинномаи корхона ҳуҷҷати поягии таъсисёбӣ ва сарчашмаи асосии пайдоиши сармояи худи корхона ба шумор меравад ва аз ин рӯ, аҳамияти махсус дорад.

Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ аз арзиши номиналии саҳмияҳои ҷамъият иборат мебошад, ки аз ҷониби саҳомон харидорӣ карда шудаанд. Аз рӯи моҳияти худ сармояи оинномавӣ – арзиши ҷамъшудаи номиналии саҳмияҳои фурӯхташуда мебошанд. Сармояи оинномавиро аз саҳмияҳои эълоншуда фарқ кардан зарур аст, чунки инҳо саҳмияҳои иловагие мебошанд, ки ҶС ҳуқуқи фурӯхтани онҳоро дорад.

Сармояи оинномавӣ вазифаҳои зеринро ба уҳда дорад.

Якум – вазифаи таъмини кафолат. Ин функсияи сармояи оинномавӣ масалан дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (с.2007) ҳамчун кафолати манфиатҳои кредиторҳо муқаррар карда шудааст.

Вазифаи дуюми сармояи оинномавӣ таъмини шароити воқеан ҳуқуқӣ барои оғози фаъолияти тиҷоратии ҷамъият буда, ҳамчун заминаи моддӣ барои инкишофи минбаъдаи он хизмат менамояд.

Тавассути вазифаи сеюми сармояи оинномавӣ ҳиссаи ҳар як саҳом дар идоракунии натиҷаи фаъолияти молиявӣ - фоида ва идоракунии ҷамъият муқаррар карда мешавад.

Қонунгузории ҷорӣ ҳадди ақали сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомиро муқаррар кардааст. Аз ҷумла, сармояи ҳадди ақали оинномавии ҷамъияти саҳомии шакли кушода набояд аз маблағи 1000 каратаи ҳадди ақали музди меҳнат (1000 х 200 сомонӣ = 200 000 сомонӣ) ва барои ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида бошад дар ҳаҷми 400 каратаи ҳадди ақали музди меҳнат (400 х 200 сомонӣ = 80 000 сомонӣ), ки

дар санаи бақайдгирии давлатии ҷамъияти саҳомӣ муқаррар шудааст, камтар бошад.

Сармояи оинномавии ҷамъият дар ҳаҷми 50 фоиз дар мухлати се моҳи пас аз қайди давлатӣ пардохт карда мешавад, 50 фоизи боқимондаро муассисон бояд дар давоми як сол пардохт намоянд.

Сармояи оинномавии ҷамъияти саҳомӣ бо ду тарз зиёд карда мешавад: якум, бо роҳи баланд бардоштани арзиши номиналии саҳмияҳо; дувум - тавассути механизми интишор ва фурӯши миқдор ва арзиши саҳмияҳои нав.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Ҳадафҳои таъсис додани корхона ва вазифаҳои асосии он аз чӣ иборат аст?*
2. *Роҳу усулҳои дар асоси ҳуҷҷатҳои поягии ҳуқуқӣ муқаррар-гардидаи бақайдгирии корхонаро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас маънидод ва асоснок намоед.*
3. *Сармояи аввалияи корхона гуфта чиро меноманд ва он кадом масъалаҳои асосиро дар бар мегирад?*
4. *Аҳамият ва афзалиятҳои тартиби бақайдгирии давлатии «равзанаи ягона»-ро шарҳ диҳед.*
5. *Роҳҳои асосии зиёд намудани воситаҳои молиявии ҷамъияти саҳомиро нақл ва маънидод намоед.*
6. *Феҳристи ягонаи бақайдгирии корхонаҳо чист ва ин кор ба уҳдаи кадом идораи давлатӣ вогузор шудааст?*
7. *Барои бақайдгирии корхонаи навтаъсис кадом ҳуҷҷатҳоро бояд омода намуда, ба идораи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод кардан зарур мебошад?*
8. *Мақомоти давлатии бақайдгирии таъсиси корхона ва вазифаҳои он.*
9. *Мақомоти бақайдгирии давлатӣ ба кадом масъалаҳои таъсис додани корхонаҳои нав ва инноватсионӣ диққати аввалиндараҷа медиҳад ва сабаби ин амал чист?*
10. *Тартиби бақайдгирии корхонаҳои хурд ва соҳибкории инфиродӣ ва ҳуҷҷатҳои барои ин амалиёт заруррро фаҳмонед?*

# МАВЗӮИ 5.
# НАҚШАГИРИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНА

5.1.Мафҳум ва мазмуни нақшагирии рушди иқтисодии корхона.
5.2.Принсипҳо ва усулҳои нақшагирӣ.
5.3.Нақшагирии рушди фаъолияти иқтисодии корхона.

## 5.1.Мафҳум ва мазмуни нақшагирии рушди иқтисодии корхона

Нақшагирӣ муҳимтарин қисмати идоракунӣ, роҳи ноил шудан ба самарабахшии истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ба шумор меравад, зеро тавассути ин гуна механизми хоҷагидорӣ ресурсҳои иқтисодӣ бо мақсади корхона дар давраи оянда ҳамоҳанг мешавад.

Нақшагирӣ – ин:

- як ҷузъи таркибии менеҷменти корхона буда, метавонад фаъолияти корхонаро дар асоси тақозои истеъмолгарон ва посух додан ба саволҳои чиро, чӣ тавр ва барои кӣ бояд истеҳсол кард, ба самти дуруст сафарбар намояд;
- роҳу равиши идоракунии мақсаднок ва бомароми фаъолияти хоҷагидории корхонаро бо мақсади ба даст овардани фоида нишон медиҳад;
- таҳлили нишондиҳандаҳои иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва асосноккунии стратегияи рушди корхона ва қабули қарорҳои идоракуниро амалӣ менамояд;
- нақшагирӣ дар саноат - фаъолияти мақсадноки кормандон барои ноил шудан ба самаранокии раванди идоракунӣ ва танзими истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонӣ ба истеъмолгарон аст.

***Нақшагирӣ дар сатҳи корхона*** нахуст аз ҳама аз таҳия ва асоснок намудани нақшаи рушди истеҳсолот дар давраҳои гуногун буда, таҳлили комплексии вазъи иқти-

содӣ, мушаххасгардонӣ, ояндабинӣ ва инъикоси фаъолияти субъектҳои хоҷагиро барои давраҳои кӯтоҳ, миёна ва дарозмуддат татбиқ менамояд. Тарҳи ҷараёни нақшагирии фаъолияти иқтисодии корхона дар нақшаи 5.1 инъикос ёфтааст.




***Нақшаи 5.1.*** Раванди нақшагирии фаъолияти корхона

Нақшагирӣ дар корхонаи саноатӣ бо роҳи асоснок намудани миссия, ҳадаф ва вазифаҳои бо он пайвандро дар бар мегирад:

- асоснок намудани самтҳои асосии рушди мунтазам ва устувори фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона;
- ба таври мушаххас муайян кардани миссияи умумӣ, ҳадафи инкишофи корхона ва бахшҳои мухталиф барои давраи дарозмуддат;
- муайян намудани вазифаҳои пешбурди хоҷагидорӣ, оқилона истифода бурдани ресурсҳои иқтисодӣ, тарҳрезии нақшаи тараққиёти устувори иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона;
- пайдо намудани сарчашмаҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии кифоя бо мақсади ҳаллу фасли мусбати вазифаҳои муқарраршуда;

- истифодаи самарабахши имкониятҳои дохилӣ ва берунии субъектҳои хоҷагӣ дар раванди инкишофи муносибатҳои бозорӣ.

Ноил шудан ба ҳадафи асосии нақшагирии фаъолияти корхона бевосита иҷрои амалиёти бо ҳам пайванди «таҳлил» ва «ояндабинӣ»-ро талаб менамояд.

Бояд гуфт, ки маҳз таҳлилу таҳқиқи ҳолати воқеии иқтисодӣ – заминаи боэътимоди пешгӯию ояндабинӣ ба ҳисоб меравад.

Истифодаи услубҳои гуногуни таҳлили иқтисодӣ, ки ба ду гурӯҳи асосӣ: анъанавӣ-оморӣ ва иқтисодӣ – риёзӣ ҷудо мешавад ва дар навбати худ боз дорои зергурӯҳҳои нисбатан мустақил мебошад.

***Таҳлили иқтисодӣ*** ин тарзу усулҳои омӯзиши вазъи муосири фаъолияти молиявию хоҷагии субъектҳои бозор дар давраи мушаххас бо мақсади муайян кардани сатҳи иҷрои нақшаю супоришҳо, ошкор кардани захираҳои то ҳанӯз истифоданашуда, асоснок намудани хулоса, таклифу пешниҳодҳои муфид барои қабули қарорҳои идоракунӣ аст.

Марҳилаи ниҳоии тартиб додани чораю тадбирҳои ояндабинӣ бо роҳи асоснокгардонии нақшаи тараққиёти фаъолияти истеҳсолӣ-иқтисодӣ алоқамандии зич дорад.

Ҳамин тавр, нақшагирӣ оид ба пайдо намудани посух ба муаммоҳои пешбурди фаъолияти пурсамари корхона дар давраи кӯтоҳмуддат (то 1 сол), миёнамуддат (то 3 сол) ва дарозмуддат (зиёда аз 5 сол) бастагӣ дорад.

## 5.2. Принсипҳо ва усулҳои нақшагирӣ

Зери мафҳуми принсипҳои нақшагирӣ шарту қоидаҳои устувори поягиеро фаҳмидан мумкин аст, ки дар раванди нақшагирӣ истифода намудани онҳо зарурат дорад.

Ба таври мухтасар шарҳу тавзеҳи принсипҳои нақшагириро дида мебароем.

***Принсипи илмӣ*** будани нақшагирии рушди фаъолияти корхона бояд ба истифодаи дастовардҳои илмӣ-назарӣ ва амалии пешқадами хоҷагидорӣ робитаи хеле ногусастанӣ дошта бошад ва бо ин васила асосноккунии илмии нақшаи рушди иқтисодию иҷтимоии корхона таъмин гардад.

***Принсипи комплексӣ*** маънои онро дорад, ки нақшаи рушди фаъолияти иқтисодӣ бояд ҳамаи бахшҳои истеҳсолот: заминаҳои моддӣ-техникӣ, истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, ресурсҳои иқтисодӣ, кормандон, даромадҳо, хароҷот, фоида, музди меҳнат, молия ва ғ. кору хизматҳоро таҳлилу таҳқиқ намуда дурнамои корхонаро дар бар гирад.

***Принсипи гуногунвариантии таҳияи*** нақша дар намуди бисёрвариантӣ (3-4) таҳия гардад; то ин ки барои интихоби варианти аз ҳама беҳтарин ва камхарҷи онҳо имконият фароҳам оварда шавад.

***Принсипи демократӣ.*** Дар шароити истифодаи ин принсип, бояд ҳар чи бештар кормандони корхона дар муҳокимаи лоиҳаи нақшаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ширкати фаъолона намоянд, зеро дар натиҷаи истифодаи таклифу пешниҳодҳои кормандон сатҳи асоснок намудани тарҳи нақша боз ҳам беҳтар хоҳад гашт.

***Ягонагии методологӣ дар ҷараёни нақшагирӣ ҳамчун принсипи хос,*** ки он бевосита тартиб додани нақшаи комплексии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии корхонаро тақозо менамояд. Дар корхонаҳои ватанӣ дар қатори нақшаи рушди иқтисодӣ-молиявӣ, инчунин нақшаҳои ҷудогона оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, дахлу харҷҳои молиявӣ ва маркетингӣ таҳия мегардад. Вале ҳамаи ин нақшаҳо ҳатман бо нақшаи ягонаю комплексии рушди иқтисодию иҷтимоии корхона бояд дар алоқамандии бевосита бошанд. Ворид кардани ҳама гуна тағйироту иловаҳо ба фаслҳои алоҳидаи нақша ё худ нишондиҳандаҳои нақшавӣ ҳамзамон ба нақшаи умумии рушди фаъолияти иқтисодию иҷтимоии корхона таъсир мерасонад.

***Принсипи бефосилагии нақшаҳо*** бештар дар он зоҳир мегардад, ки раванди нақшагирӣ, ташкили идоракунии истеҳсолот ва фаъолияти меҳнатӣ бо ҳам дар алоқамандии

ногусастанӣ буда, бе таъхир ва бо тарзи доимӣ татбиқи амалии худро меёбад. Барои он ки таваққуф дар ҷараёни истеҳсолот ба миён наояд, на танҳо зарурати мунтазамнокии нақшагирӣ, балки дигаргуншавии номгӯй, беҳтар гардидани сифати маҳсулот ва риоя кардани маҳз ин принсип аҳамияти муҳим дорад. Принсипи мазкур водор менамояд, ки бадали як услуби нақшагирии истеҳсоли маҳсулот бо дигараш ба таври бефосила ба миён меояд. Вобаста бо ин мазмун, бефосилагии нақшагирӣ гузариши давра ба давра - аз амалиёти стратегӣ ба тактикӣ, сипас ба фаврӣ, инчунин зарурати таъмини алоқамандии нақшаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро ифода менамояд.

Дар замони гузариш ба иқтисоди бозорӣ дар фаъолияти бештари корхонаҳои истеҳсолӣ асосан тарзи нақшагирӣ барои як соли оянда бештар ба назар мерасад. Бефосилагии нақшагирӣ имконият медиҳад, ки назорати доимӣ, таҳлили вазъи иқтисодӣ ва гуногунии муҳлат, намудҳо ва мазмуни нақшаҳои рушди фаъолияти корхона дар пайвастагӣ бо тағйироти дохиливу берунӣ ба вуқӯъ пайвандад. Дар ҷараёни нақшагирӣ бо ҳамдигар алоқаманд намудани нишондиҳандаҳои нақшавӣ бо нишондиҳандаҳои воқеии соли ҷорӣ ва давраҳои гузаштаи фаъолияти истеҳсолию иқтисодии ҳар як корхона ногузир аст.

***Зудбадалии нақшаҳо*** бо принсипи бефосилагӣ бевосита алоқаманд буда, тасҳеҳи системаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва ҳамоҳангсозии онҳоро воқеан пешбинӣ менамояд.

***Саҳеҳии нақшаҳо*** ба ҳайси принсипи алоҳида, пеш аз ҳама, дар асоси омилҳои гуногуни дохилию берунии хоҷагӣ муайян карда мешавад. Муҳимияти шарти мазкур, сатҳи саҳеҳии нақшаро интихоб менамояд, ки он самаранокии истеҳсолотро вобаста ба вазъи молиявӣ ва эҳтиёҷоти истеъмолгарон дар бозор бо алоқамандии омилҳои дигар таъмин карда тавонад. Дар фаъолияти нақшагирии фаврӣ сатҳи баланди саҳеҳии нишондиҳандаҳои нақшавӣ талаб карда мешавад, гарчанде дар нақшагирии стратегӣ интихоби рисолати умумӣ ва риояи тартибу қоидаҳои амалкунанда хеле муҳим аст.

Дар илми муосири иқтисодӣ ва амалияи нақшагирӣ ба ғайр аз риоя кардани мазмуни принсипҳои дар боло зикршуда, дар чараёни нақшагирӣ принсипҳои умумиқтисодӣ, аз қабили принсипҳои низомнокӣ, илмӣ, афзалиятнокӣ, мувозинатӣ, шуғлнокӣ, директивӣ, мустақилиятнокӣ, баробарвазнӣ, мушаххаснокӣ, динамикӣ (пӯёӣ), ва г. мавқеи муайянро ишғол менамоянд.

Принсипи ***комплексии*** нақшагирӣ нақши муассир дорад. Дар ҳар як корхона натиҷаи фаъолияти иқтисодии бахшҳои гуногуни он аз сатҳи ҳолати воқеии рушди техникӣ, технологӣ ва ташкили истеҳсолот, аз қабули низоми пешқадами идоракунии кормандон, ҳавасмандгардонии натиҷаи меҳнати онҳо, истифодаи самарабахши ресурсҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ, нишондиҳандаҳои маҳсулнокӣ, даромаднокӣ, қобилияти пардохттавонӣ ва таъсири омилҳои дигар вобастагии қавӣ дорад.

Принсипи ***самаранокӣ*** ҳамон ҳаҷми зарурии истеҳсоли молу хизматҳоро дар назар дорад, ки ҳангоми истифода намудани захираҳои маҳдуди истеҳсолот ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи самаранокии иқтисодиро таъмин менамояд.

Нақшагирӣ ба натиҷаҳои таҳлили ҳолати нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва имкониятҳои дохилии корхона такя мекунад. Умуман дар ин кор аз услубҳои гуногун – ҳисобу китобҳои иқтисодӣ, тавозунӣ, меъёрӣ ва г. истифода намудан зарур аст.

Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар раванди нақшагирӣ метавонанд бо воҳидҳои андозагирии *миқдорӣ, пулӣ, сифатӣ, мутлақ ва нисбӣ истифода шава*нд.

Методологияи нақшагирӣ аслан дар истифодаи амалии тарзу услубҳои гуногун инъикос меёбад.

**Услуби нақшагирӣ** – ин як тарзи таъсиррасонӣ ва муайян намудани роҳу равиши фаъолияти корхона барои ба даст овардани натиҷаҳои боз ҳам баландтари иқтисодӣ мебошад.

Дар нақшагирии фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ чунин тарзу амалҳои иқтисодӣ, *ба монанди услубҳои* -

*тавозунӣ, ҳисобҳои иқтисодиву техникӣ, барномасозиҳои мақсаднок, қабули қарорҳои оқилона (оптималӣ)-и идоракунӣ, ҳисобҳои гуногунҷабҳа, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, амсиласозӣ ва г.* ба таври васеъ мавриди истифода қарор мегиранд.

***Услуби тавозунӣ*** ин василаи бомароми бо ҳамдигар алоқаманд кардани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо роҳи баробар кардани бузургии ду ё якчанд нишондиҳандаи пулӣ ё натуралӣ дар шакли тавозун ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид аз тавозунҳои зерин:

- моддӣ (тавозунҳо оид ба ашёи хом, маҳсулот, сӯзишворӣ, нерӯи барқ, захираҳо, тавлид ва ҳаҷми фурӯши маҳсулоту молҳо, кор ва хизматҳо);
- меҳнатӣ (тавозуни захираҳои меҳнатӣ);
- молиявӣ (тавозуни даромадҳои пулӣ ва хароҷоти корхона, тавозуни дороиҳо ва уҳдадориҳои корхона ва г.) истифода мебаранд.

***Моҳияти услуби асосноккунии иқтисодию техникӣ, ё худ меъёрӣ*** аз он иборат аст, ки ба туфайли он нишондиҳандаҳои нақшаи рушди иқтисодӣ ва андозаи меъёрҳои иқтисодӣ барои таҳлил ва пешгӯии вазъи давраҳои оянда асоснок карда мешаванд. Меъёрҳои гуногуни иқтисодӣ бояд аз ҷиҳати илмӣ асоснок ва саҳеҳ бошанд.

Барои асосноккунии нишондиҳандаҳои нақшаи рушди фаъолияти корхонаи саноатӣ меъёрҳои гуногун истифода мешаванд. Онҳо бештар ҳангоми муайян кардани:

- меъёрҳои харҷи ашёи хом ва маснуот;
- меъёри нақшагирии музди меҳнати кормандон;
- муайян кардани тарифҳои боркашонӣ тавассути нақлиёти автомобилӣ, роҳи оҳан ва г., нерӯи барқ, гармӣ, иҷорапулӣ, талафоти табиии молу маҳсулот, фоизи қарзи бонкҳои тиҷоратӣ;
- меъёри пардохти андозҳо ба буҷет, хазинаи ҳимояи иҷтимоӣ, воситаҳои гардон ва ғ.

Солҳои охир дар амалияи корхонаҳои тавлидотӣ истифодаи услуби барномасозиҳои мақсаднок бештар ба назар мерасад. Моҳияти ин аз алоқамандии мақсади нақшаи

рушди иқтисодиву иҷтимоӣ бо маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, ташкилию техникӣ ва манбаъҳои ташаккулёбии молия, захираҳои меҳнатӣ, моддӣ ва таъмину дастрас будани онҳо иборат аст. Услуби мазкур дар мураттабсозии барномаи комплексии рушди фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона барои давраҳои оянда татбиқи бевоситаи худро меёбад.

*Аз назари илмию амалӣ таҳия ва қабули* барномаҳои мақсаднок зарурат доранд.

Шарти муҳим муайян намудани бузургии нишондиҳандаҳои оптималӣ ба шумор меравад. Дар корхонаи саноатӣ ҳангоми тартиб додани нақшаи комплексии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, яъне ба инобат гирифтани кулли намудҳои фаъолияти хоҷагиро истифода мебаранд.

## 5.3.Нақшагирии рушди фаъолияти иқтисодии корхона

Нақшагири рушди фаъолияти корхона дар се намуди асосӣ: стратегӣ, ҷорӣ ва фаврӣ тартиб ва асоснок карда мешавад.

Дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ таҳия ва истифодаи нақшагирии стратегӣ дар фаъолияти корхона аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Нақшагирии стратегӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ барои давраи дарозмуддат, яъне 10, 15, 20 сол ва аз ин бештар мавриди татбиқ қарор мегирад.

Моҳияти нақшагирии стратегӣ дар он ифода меёбад, ки самту намудҳои афзалиятдори фаъолияти корхона, истифодаи самарабахши ресурсҳои иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти камтарин ва ҳамзамон бо назардошти дастовардҳои илмӣ-техникӣ, тарзу услубҳои пешқадами илму амали иқтисодӣ асоснок карда шаванд.

Дар ҷараёни нақшагирии стратегӣ масъалаи марказии муайян кардани миссия, мақсади фаъолияти корхона ва самту роҳҳои авлавиятдори иқтисодӣ-иҷтимоӣ бояд ҳама-

ҷониба тарҳрезӣ шаванд ва дар оянда истифодаи татбиқи воқеии худро ёбанд.

Нақшагирии стратегии фаъолияти иқтисодии корхона талаб менамояд, ки лоиҳаи нақшаи стратегӣ таҳия ва қабул карда шавад.

Таҳияи стратегияи рушди фаъолияти корхонаи истеҳсолӣ аз давраҳои зерин иборат мебошад:

- таҳлили иттилооти иқтисодӣ нисбат ба ҳолати бозор, таъсири омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ, рақобаттавонии корхонаю маҳсулоти он;
- муайян кардани миссия ва мақсади фаъолияти стратегии корхона;
- асоснок намудани пешгӯии тараққиёти иқтисодӣ барои давраи дарозмуддат;
- баҳо додан ва интихоби варианти оптималии стратегияи фаъолияти мақсадноки корхона барои давраи перспективӣ;
- тарҳрезӣ кардани амалиёт ва чорабиниҳои мушаххас ва ташкили назорат оид ба татбиқи амалии нақшаи стратегӣ;

Давраҳо ё зинаҳои таҳияи нақшаи стратегии корхона ва ташкили назорати он дар нақшаи 5.2. зикр шудааст.

Ҳар як давраи таҳияи стратегияи рушди фаъолияти корхона масъалагузории хос ва ҳаллу фасли корҳои гуногунро пешбинӣ менамояд.

Дар давраи аввал бояд таҳлили муҳити дохилӣ, берунӣ ва рақобаттавонии корхона гузаронида шавад. Дар ин маврид, иҷрои корҳои зерин: таҳқиқи нишондиҳандаҳои (вазъ) конъюктураи бозори маҳсулот, ҳисса дар бозор, миқдор ва ҳаҷми тақозои истеъмолгарон, мавқеи рақибон дар бозор, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии онҳо, сифат ва сатҳи нархи фурӯши маҳсулот, реклама ва ғ. хеле зарур мебошад.




***Нақшаи 5.2.*** Давраҳои нақшагирии стратегии рушди фаъолияти корхона

Инчунин баҳо додан ба вазъи рақобаттавонии корхона дар бозор, сафарбар кардани захираю имкониятҳои мавҷуда, самаранок истифода намудани ресурсҳои иқтисодии корхона аҳамияти муҳим пайдо мекунад.

Таҳлили омилҳои муҳити дохилӣ ва беруӣии корхонаро, ки ба фаъолияти он таъсири таъғйирёбанда мерасонанд, тавассути услуби поягии SWOT - таҳлил амалӣ карданро таҳияи стратегияи фаъолияти корхона боисрор талаб мекунад. Ин услуби таҳлили фаъолияти хоҷагӣ имкон медиҳад, ки омилҳои мусбат ё афзалиятдор, инчунин ҷиҳатҳои сусти фаъолият, имконият ва хавфу хатарҳо аниқу ошкор карда шаванд.

Дар давраи дуюми таҳияи стратегияи фаъолияти корхона муайян кардани миссия, ҳадафу вазифаҳо ва самтҳои афзалиятдори фаъолияти иқтисодӣ вазифаҳои басо муҳим, вале мушкилу масъулиятнок ба шумор меравад.

**Миссия** – ин мақсади олитарини фаъолияти ҳар як корхона, фалсафаи мавҷудияти он дар шароити амали воқеии муносибатҳои бозорӣ, пешбурди оқилонаи корҳои истеҳсолӣ-иқтисодӣ бо мақсади хубтар қонеъ гардонидани тақозои истеъмолгарон, садоқати ҳақиқӣ ба онҳо ва боварии истеъмолгарони маҳсулоту хизматҳо ба корхона аст. Миссия бояд мухтасар ва пурмазмун иншо гардад, ки корхона барои наздик шудан ба ин қулла ё фалсафа ҳамеша саъю талош кунад ва обрӯю эътибори худро зина ба зина дар бозор, дар назди истеъмолгарони маҳсулот ва хизматҳои худаш торафт баланд бардорад.

Дар пайвандию ҳамоҳангӣ бо миссия ҳамзамон ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои мушаххас бояд тарҳрезӣ шаванд. Муайян кардани самтҳои афзалиятнок ва оядадори фаъолияти иқтисодии корхона аз назар ва гояи нақшагирии стратегӣ маҳз дар ин давра аниқ ва асоснок карда мешавад.

Дар давраи сеюм вариантҳои гуногуни нақшаи фаъолияти рушди корхона муайян карда мешаванд, ки онҳо низ бо мақсади асосӣ ва ресурсҳои иқтисодии мавҷуда ҳамоҳанг карда мешаванд.

Дар давраи чорум яке аз вариантҳои беҳтаринро аз байни чандин вариантҳои дигари мавҷудбуда бояд интихоб кард ва баҳо дод.

Дар давраи панҷум барномаи мушаххаси татбиқи амалиёт - чорабиниҳои иқтисодӣ ва назорати иҷрои онҳо таҳия карда мешавад.

Нақшагирии ҷорӣ ё тактикӣ дар корхона бо мақсади таҳия намудани нақшаи рушди фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона барои давраҳои кӯтоҳмуддат (то 1 сол) ва миёнамуддат (то 3 сол)-и оянда тартиб дода мешавад. Тибқи ин намуди нақшагирӣ тағйирёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолӣ, иқтисодӣ, бозорёбӣ, молиявӣ ва иҷтимоии корхона зери таъсири омилҳо дар давраи оянда асоснок карда мешаванд. Дар натиҷа, нақшаи мушаххаси рушди фаъолияти иқтисодии корхона тартиб дода мешавад, ки асосан бобҳои зеринро муттаҳид менамояд:

- нақшаи истеҳсоли маҳсулот (барномаи истеҳсолӣ);
- нақшаи бозорёбӣ ва омӯзишу пешгӯии вазъи бозори маҳсулот;
- нақшаи корҳои тадқиқот ва таҳияи намунаи маҳсулоти нав;
- нақшаи сармоягузорӣ ва сарчашмаҳои ташаккулёбии сармоя;
- нақшаи фаъолияти иқтисодии берунӣ;
- нақшаи шумораи кормандон ва музди меҳнати онҳо;
- нақшаи хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- нақшаи молиявӣ;
- нақшаи фаъолияти иҷтимоии корхона;
- нақшаи чорабиниҳои ҳифзи муҳити зист ва экологӣ.

Ҳар яки аз ин бахшҳои нақшаи рушди корхона мавқеи муайян, хусусият, нишондиҳандаҳои хос, тартиботи таҳия ва асоснок намудан дорад. Барои мисол, нақшаи истеҳсоли маҳсулот (барномаи истеҳсолӣ) аҳамияти асосӣ ва ҳалкунанда дорад. Ба таҳияи ин қисмати нақша, ки дар он ба бузургии мутлақи истеҳсоли маҳсулот ва нишондиҳанда-

ҳои фурӯши он – ҳаҷми умумии маҳсулот, ҳаҷми маҳсулоти молӣ ва ҳаҷми фурӯши маҳсулот, инчунин навъҳои ҷудогонаи он бо ченаки пул ҳисоб карда мешавад.

Дар нақшаи бозорёбӣ масъалаҳои омӯзиши вазъ ва пешгӯии бозор, нархгузорӣ, реклама, ҳавасмандгардонии фурӯши маҳсулот, омӯхтани фаъолияти рақибон, истеъмолгарон ва тақозои онҳо ҳаллу фасли худро меёбанд.

Дар нақшаи корҳои тадқиқоти илмӣ зарурати истифодаи маблағҳои молиявӣ барои тарҳрезӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нав, татбиқ кардани дастовардҳои навтарини илмӣ-техникӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Инчунин дар нақшаи сармоягузорӣ ба ҳалли масъалаҳои муҷаҳҳазгардонии корхона бо техника ва таҷҳизот, азнавсозӣ ва таҷдиди фаъолияти корхона, рушди муносибатҳои иқтисодии берунӣ ва содироти маҳсулот, нақшаи истифодаи нерӯи корӣ ва музди кор, арзиши аслии маҳсулот, ба даст овардани фоидаи бештар, нақшаи молиявии корхона ва маблағгузорӣ, беҳтар кардани ҳолати иҷтимоии кормандон ва татбиқи чорабиниҳо барои кам кардани таъсири фаъолияти корхона ба муҳити зист ва г. аҳамияти аввалиндараҷа додан зарур аст.

Нақшагирии фаврӣ таҳия, асосноккунии мушаххаси нақшаҳои стратегӣ, ҷориро пешбинӣ менамояд ва он муддати нисбатан кӯтоҳтар (рӯз, ҳафта, моҳ, семоҳа, шашмоҳа ва нуҳмоҳа)-ро мефаҳмонад. Ин намуди нақша нишондиҳандаҳои иловагиро дар доираи сех ва дигар сохторҳои поёнии корхона дар бар мегирад. Ҳар як сохтори таркибии корхона хусусияти ба худ хос дорад ва аз ин рӯ, маҳз нишондиҳандаҳои ба ин сохтори истеҳсолот мувофиқро дар асоси иқтидори истеҳсолии таҷҳизот, захираҳои мавҷудаи ашёи хом, нерӯи корӣ ва дигар ресурсҳои иқтисодӣ (меҳнатӣ, моддӣ ва молиявӣ) ҳатман ба инобат гирифтан аз манфиат холӣ нест.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Аҳамият, моҳият ва вазифаҳои нақшагирии фаъолияти корхонаи истеҳсолиро дар замони гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ маънидод намоед.*
2. *Хусусиятҳо ва принсипҳои нақшагирии рушди иқтисодӣ - иҷтимоии корхонаро дар замони муосир фаҳмонед.*
3. *Усулҳои нақшагирӣ ва нақши онҳоро дар фаъолияти корхонаҳои тавлидотии Тоҷикистон маънидод кунед.*
4. *Таҳлили иқтисодӣ ва мавқеи онро дар комил гардонидани фаъолияти нақшагирӣ дар сатҳи корхонаҳои саноатии кишвар тавзеҳ диҳед.*
5. *Шакл ва намудҳои нақшагириро дар рушди фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ, новобаста аз шакли моликияташон, номбар кунед ва шарҳ диҳед.*
6. *Роҳу равишҳои муайян намудани дурнамои нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, молиявии рушди корхона ва асоснок кунии иқтисодии онҳоро дар замони ба эътидол овардани буҳрони иқтисодиву молиявии ҷаҳонӣ нақл кунед.*
7. *Нақшаи соҳибкориро ҳамчун як омили муҳим ва заруртарини пеш бурдани фаъолияти корхона чӣ тавр арзёбӣ мекунед?*
8. *Нақшаи соҳибкории корхонаҳои тавлидотӣ, фаслҳои асосӣ, нишондиҳандаҳо ва роҳу усулҳои асоснок намудани онро шарҳу тавзеҳ диҳед?*
9. *Моҳият ва мазмуни намудҳои нақшагирӣ: стратегӣ, ҷорӣ ва фавриро маънидод намоед.*
10. *Нақшаи истеҳсоли маҳсулот бахши мустақили нақшаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Вазифаҳои асосӣ ва нуқтаҳои марказии онро номбар карда, андешаҳоятонро баён намоед.*

# МАВЗӮИ 6.
# ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ КОРХОНА

6.1.Моҳият ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ.
6.2.Соҳибкории хурд: афзалият ва нуқсонҳои он.
6.3.Танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна.
6.4.Стратегияи рушди устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.
6.5. Таҳия ва мазмуни нақшаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ.

## 6.1.Моҳият ва намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ

Тавре аз саҳифаҳои адабиёти муосири иқтисодӣ маълум аст, соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилона, ташаббускорона ва навоварона ё, ки ба таваккал асос ёфта, мақсади ниҳоиаш ба даст овардани фоида дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ мебошад.

Соҳибкорӣ ҳамчун фаъолияти ташаббускорона дар субъектҳои худ бо роҳи эҷодкорӣ, саъю кӯшиши навоварӣ, ҷустуҷӯ, дарёфт ва қабули қарорҳои судманд, васеъ намудани фаъолият, омода будан ба пайдоиши ҳама гуна хавфу хатарҳо ва пайдо намудани роҳу усулҳои кам ё бартараф намудани онҳоро дар назар дорад.

Фаъолияти соҳибкорӣ – омили асосӣ ва роҳи пешбурди иқтисоди бозорӣ буда, субъектҳои хоҷагии он дар ҳаллу фасли масъалаҳои зерин, аз қабили интихоби самтҳо, соҳаҳо, намуду шаклҳо ва усулҳои амалигардонии фаъолият, таҳия ва қабули қарорҳои идорӣ, таҳлил ва нақшагирии нишондиҳандаҳои муҳими фаъолияти молиявию хоҷагӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории кормандон, шабака ва воситаҳои фурӯши молҳо, омӯзиши эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон, муайян кардани низом ва ҳаҷми зарурии музди кори кормандон, муқаррар намудани нархи молу хизматрасонӣ, истифода ва тақсими фоида бо назардошти ҳиссаҷудокунӣ ба буҷети давлат ва ғ. мустақилияти том доранд.

Дар замони гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шакл ва намудҳои гуногун амалӣ мегардад, ки заминаи иқтисодии онҳо ба моликияти мухталиф – хусусӣ, давлатӣ, муштарак ва ғ. асос ёфтааст.

Фаъолияти соҳибкориро тибқи таҷрибаи пешқадами кишварҳои мутараққии ҷаҳон ва илми муосири иқтисодӣ ба чор гурӯҳои зерини ба ҳам алоқаманд тақсим менамоянд:

1. соҳибкории истеҳсолӣ;
2. соҳибкории тиҷоратӣ;
3. соҳибкории молиявӣ;
4. соҳибкории машваратӣ.

***Соҳибкории истеҳсолӣ*** ба тавлиди маҳсулоти тайёр, коркарди ашёи хом, иҷрои кору хизматҳои гуногун фаъолияти навоварона дар асоси дастовардҳои пешқадами илмию техникӣ нигаронида шудааст.

***Соҳибкории тиҷоратӣ*** хариду фурӯши молҳои истеҳсолшуда, воридотӣ, фаъолияти миёнаравӣ, пешниҳоди хизматрасониҳо, савдои биржавӣ, музоядавӣ ва дигар амалиёти тиҷоратиро дар бар мегирад.

***Соҳибкории молиявӣ*** иҷрои вазифаҳои хизматрасониҳои молиявӣ ва бонкӣ, пешбурди ҳисоботи молиявӣ, суғурта, аудит, лизинги молиявӣ ва г.-ро амалӣ мегардонад

***Соҳибкории машваратӣ*** ба ҳаллу фасли идоракунии илмии истеҳсолот, идоракунии кормандон, бозорёбӣ, таҳлили фаъолияти хоҷагӣ, таҳияи нақшаи соҳибкорӣ, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва ғ. нигаронида мешавад.

Яке аз намудҳои асосии фаъолияти иқтисодӣ дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, ба андешаи мо, ин соҳибкории истеҳсолӣ ба шумор меравад. Ҳамзамон дар пайвандӣ бо ин шакли афзалиятдор инкишофи босуръат ва устувори шаклу намудҳои дигари фаъолияти соҳибкорӣ тақозои иқтисоди бозорӣ ва иҷтимоёт майлдошта аст.

## 5.2. Соҳибкории хурд: афзалият ва нуқсонҳои он

Таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ ва ватанӣ собит намуд, ки соҳибкории хурд дар таъмини рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ нақши муассир дорад, чунки он дорои як қатор афзалиятҳо мебошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2002) барои амалӣ гардонидани талаботҳои Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқи шаҳрвандон барои истифодаи фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки қонун манъ накардааст, равона карда шудааст. Қонуни мазкур нақши иқтисодиву иҷтимоии соҳибкории хурдро муқаррар намудааст.

***Соҳибкории хурд аз афзалиятҳои зерин бархурдор мебошад:***

- ✓ мутобиқшавии фаъолияти мустақилонаи шахсони ҳуқуқӣ ва инфиродӣ ба шароити хоҷагидории маҳаллӣ;
- ✓ озодии том дар татбиқи амалии фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурд;
- ✓ сатҳи нисбатан пасти хароҷот барои фаъолият, хусусан сарфи воситаҳои молиявӣ оиди идоракунии субъектҳои хоҷагидорӣ;
- ✓ имконияти беҳад зиёд барои амалӣ гардонидани андешаи фардӣ ва татбиқи қобилияту нерӯи корӣ;
- ✓ эҳтиёҷоти ниҳоят ками сармояи ибтидоӣ ва қобилияти бо тезӣ ворид намудани тағйирот ба маҳсулот дар ҷараёни истеҳсолот;
- ✓ гардиши нисбатан суръатноки сармояи худӣ ва г.

Инчунин мувофиқи баъзе тадқиқоти иқтисоддонон, соҳибкории хурд дорои афзалияти рақобатнок, ҳаҷми ками маблағгузорӣ ба ҳисоби як коргар нисбат ба корхонаҳои калон ва истифодаи васеи захираҳои моддӣ ва меҳнатии маҳаллӣ мебошад.

Соҳибкории хурду миёна дар бештари кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нисбат ба соҳибкории калон ҳам аз рӯи ҳаҷм

ва ҳам аз рӯи вазни қиёсии истеҳсоли молҳо, иҷрои кору хизматрасонӣ мавқеи устуворро ишғол мекунад.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, соҳибкории хурд дар замони гузариш аз баъзе нуқсонҳо орӣ нест. Он иборат аст, аз:

- ➢ сатҳи баланди таваккал ва ноустувории мавқеи он дар бозор;
- ➢ нуқсонҳо дар идоракунии фаъолияти касбӣ;
- ➢ салоҳияти пасти роҳбарон;
- ➢ камбудиҳо дар истифодабарии воситаҳои молиявии иловагӣ ва гирифтани маблағҳои қарзӣ;
- ➢ нобоварӣ ва эҳтиёткории субъектҳои хоҷагидор вобаста ба тасвиби шартнома (карордод)-ҳо ва ғ.

Пурсиши афкори умум доир ба фаъолияти соҳибкорӣ дар ИМА чунин нуқсонҳоро ошкор намуд:

- бесалоҳиятӣ;
- номувофиқӣ дар касбу кор (мисол, шояд соҳибкор муҳандиси пуртаҷриба бошад, вале ӯ тоҷири камтаҷриба ё худ ноуҳдабарост);
- камтаҷрибагӣ дар фаъолияти тиҷоратӣ, молиявӣ, интиқол, истеҳсол, идоракунӣ, ноуҳдабарой дар фаъолияти дастгирии робитаҳои касбӣ ва иртиботи қавӣ бо соҳибкорони дигар ва г.

Сабабҳои дар Тоҷикистон бо суръат рушд накардани соҳибкории хурд: гаронии андозбандӣ, бесарусомониҳои соҳибкорӣ, муҳити носолим ё худ хислату одатҳои зараровари маъмурӣ, офатҳои зараровари табиӣ, сӯхтор, нокифоя будани заминаҳои ҳуқуқӣ, қаллобӣ, ришваситонӣ ва ҳодисаҳои дигари ангезандаи бӯҳрони иқтисодию иҷтимоӣ.

## 6.3. Танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории хурду миёна

Рушди устувори иқтисодии ҳар як кишвари мустақил аз саҳми соҳаҳои мухталифи он, аз ҳолати воқеии соҳибкорӣ ҳамчун омили муҳими рушди истеҳсолот дар фаровон гардонидани бозори мол ва хизматҳои навъи гуногун

вобастагии калон дорад. Вале таҳлилу пажӯҳишҳои доманадори мутахассисону олимони бахши иқтисоду тиҷорати ҷаҳонӣ, бахусус Тоҷикистон, собит месозад, ки ҳиссаи корхона ё соҳибкории хурду миёна дар бӯзсозӣ, таҳкими босуботи иқтисоди он имрӯз то андозае ҷавобгӯи талаботи замони бозаргонӣ намебошад. Сабаби ба ин ақида омадан ин аст, ки солҳои охир аз паст гардидани суръати афзоиши истеҳсолот ва амалан коста гардидани робитаҳои судманди хоҷагидорӣ ва инчунин дастгирии давлатии соҳибкории хурд, мо тибқи барномаҳои давлатӣ ба сатҳи чашмраси рушди устувори он ноил нагардидем.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда соҳибкории хурд ҳамчун омили муҳими таъмини рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ, аз бисёр ҷиҳат аз тазодҳои ноҷури муносибатҳои бозорӣ вобастагӣ дошта, ба дастгирии гуногунҷабҳаи давлат зарурат дорад.

Дар як қатор давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон - ИМА, Япония, кишварҳои Иттиҳоди Аврупо (Германия, Шветсия, Франсия Италия) ва дигар мамолики рӯ ба инкишоф, ба хотири таъмини рушди босуръати соҳибкории хурд бо назари тозаву масъулияти баланд муносибат мекунанд. Аз ин рӯ, дар ин мамлакатҳо дастгирии давлатии молиявию қарзӣ аз тарафи сохторҳои давлатӣ тавассути хазинаҳо ва фондҳои махсусгардонидашуда, масалан ташкили Маъмурияти соҳибкории хурд дар ИМА, Корпоратсияи қарзи суғуртавии соҳибкории хурд дар Япония, «Қарз барои ширкат (фирма)-ҳои хурду миёна дар Франсия ва ғ. фаъолияти пайгирона ва густурда дорад. Онҳо дар рушди иқтисоди миллиашон нақши муҳим мебозанд. Ба ҳисоби миёна ҳиссаи бахши соҳибкории хурду миёна дар кишварҳои зикршуда аз 55 то 80%-и ММД-и ин кишварҳоро ташкил медиҳад.

Дар мамлакатҳои ИДМ, бахусус дар Русия, Қазоқистон, Қирғизистон фондҳои гуногуни ташкили ҳимоя ва дастгирии давлатии корхонаҳои хурд амал менамоянд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чунин фишангҳои дастгирӣ ва ҳимояи фаъолияти соҳибкорӣ, аз қабили Фонди дастгирии соҳибкории хурд дар кору фаъолияти корхона ва ширкатҳои

кишвар воқеан кумакҳои молиявию қарзии хешро дареғ намедорад.

Бо мақсади рушди соҳибкории хурд ва таъмини дастгирии давлатии соҳибкории хурд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонун ва қарорҳои махсусро ба тасвиб расонид. Дар доираи ин санадҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2002) мавқеи муассир дорад, ки дар он қоидаҳои умумии ҳимоя ва дастгирии давлатӣ, инкишофи озоди соҳибкории кишвар муайян гардида, шаклу усулҳои ҳавасмандгардонию танзими давлатии фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ муқаррар карда шудааст.

Тибқи нишондоди ин қонун истилоҳи ***«Соҳибкорӣ - фаъолияти мустақилона ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи ресурсҳои маҳдуди иқтисодӣ, молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст».***

Қонуни мазкур шакл ва намудҳои танзим ва дастгирии давлатӣ, ҳавасмандгардонии субъектҳои соҳибкории хурд, маҳдудияти салоҳиятҳо дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва субъектҳои алоҳидаи он муайян карда шудааст. Дар қонун салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба танзим ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ зикри худро ёфтаанд ва онҳо аз:

- муайян кардани принсипҳои умумӣ, самтҳои афзалиятнок ва тарзҳои ҳимояву дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
- муқаррар намудани тартиби таъсиси мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкили фаъолияти онҳо дар соҳаи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ;
- тартиб додан ва амалӣ гардонидани барномаҳои давлатии рушду равнақи соҳибкорие, ки аз ҳисоби буҷет ва фондҳои махсуси давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд;
- пешниҳоду таклифҳо оид ба имтиёзҳо барои субъекти соҳибкорӣ аз рӯи андози давлатӣ ва дигар пардохтҳо ба буҷети давлатӣ иборат мебошанд.

Ҳама гуна шакл ва намудҳои соҳибкории дар қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида аз тарафи давлат эътироф ва иҷозат дода мешавад.

Соҳибкорӣ дар доираҳои тартиби муқаррарнамудаи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ (с.1997) бо назардошти тағйиру иловаҳои солҳои охир бо таври зайл амалӣ мегардад:

- бо истифодаи меҳнати кироя;
- бе истифодаи меҳнати кироя;
- бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ;
- бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ.

Дар қаламрави мамлакат фаъолияти соҳибкорӣ метавонад дар шаклҳои зерин татбиқ шавад:

***соҳибкории инфиродӣ*** - фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ (корхона ё ташкилот) аз номи худ ва хавфу хатар бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида равона карда шудааст;.

***соҳибкории шахси ҳуқуқӣ*** - фаъолияти мустақили ба хавфу хатари худ амалишавандаи корхонаест, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, истеҳсол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст.

Ҳамаи субъектҳо дар амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ҳуқуқи баробар доранд.

Фаъолияти соҳибкорӣ тибқи қонуну санадҳои амалкунанда ба намудҳои зерин тақсим мешавад:

1) соҳибкории хурд;
2) соҳибкории миёна;
3) соҳибкории калон.

Ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ инҳо дохил мешаванд:

- **шахси воқеъӣ**, яъне шаҳрвандони Тоҷикистон, хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд;

- **шахси ҳуқуқӣ** - ташкилотҳои тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, инчунин ташкилотҳои хориҷие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуле дохил мешаванд, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи иштироки давлат аз 25 фоиз зиёд намебошад ва ба меъёрҳои зерин мутобиқ аст:

- андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз савдои чакана аз ҳадди чоркаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёд набошад (КА ҶТ аз 25.03.11с. №701);

- шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафар бошад.

Ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба фаъолиятҳои зерин машғул мебошанд, дохил карда намешаванд:

- истеҳсоли молҳои зераксизӣ;

- таҳвили алюминийи аввалия;

- фаъолият дар соҳаи истифодабарии каъри замин;

- фаъолияти бонкӣ (ё барои машғул шудан бо намудҳои алоҳидаи амалиёти бонкӣ) ва суғуртавӣ;

- фаъолияти вобаста ба идоракунии фондҳои инвеститсионӣ;

- фаъолияти касбӣ дар бозори коғазҳои қиматнок.

Дар ҳолати зиёд шудани яке аз меъёрҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда имтиёзҳои барои субъекҳои соҳибкории хурд муайянкардаи қонунгузорӣ ба субъектҳои соҳибкории хурд татбиқ карда намешаванд.

Ба субъектҳои соҳибкории миёна соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки мутобиқи меъёрҳои зерин ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд, дохил мешаванд:

Шумораи миёнаи солонаи кормандони субъектҳои соҳибкорӣ мутобиқи дастурамали тасдиқнамудаи мақоми ваколатдори омори давлатӣ муайян карда мешавад.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар ҳолатҳои зерин метавонад қатъ ёбад:

- бо қарори муассисони он ё мақоми шахси ҳуқуқие, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисотӣ чунин ваколат дорад, аз

ҷумла бо сабаби гузаштани мухлате, ки шахси ҳуқуқӣ барои он таъсис шуда буд, ноил шудан ба мақсадҳои таъсиси он, ё аз ҷониби суд беэътибор дониста шудани бақайдгирии шахси ҳуқуқӣ, бо сабаби роҳ додан ба қонунвайронкунӣ ҳангоми таъсиси он;

- бо қарори суд дар сурати бидуни иҷозатнома фаъолият кардан, дигар қонунвайронкуниҳо, ё дар сурати татбиқи мунтазами фаъолияте, ки хилофи мақсадҳои оинномавии шахси ҳуқуқӣ мебошад;

- дар ҳолати гузаштани муҳлати эътибори иҷозатнома ё патент;

- бо сабаби муфлис эълон шудан.

Талаби қатъ ёфтани фаъолияти соҳибкориро тибқи асосҳои дар қонуни амалкунанда зикргардида мақоми ваколатдори давлатӣ метавонад ба суд пешниҳод намояд.

Бо қарори суд мумкин аст вазифаи барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба зиммаи муассисони он ё мақоми дар асоси ҳуҷҷатҳои таъсиси шахси ҳуқуқӣ ба барҳамдиҳии он ваколатдошта гузошта шавад.

Шахси ҳуқуқие, ки ташкилоти тиҷоратӣ аст ва чун кооператсияи матлубот ё фонди ҷамъиятӣ фаъолият мекунад, бо сабаби муфлис эътироф шудан мутобиқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии мамлакат барҳам дода мешавад.

Муқаррароти бо сабаби муфлисшавӣ барҳам додани шахси ҳуқуқӣ ба муассисаҳо дахл надорад.

Дар мавриди қатъ ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ, шахси ҳуқуқӣ вазифадор аст, мувофиқи талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷараёни барҳамдиҳиро гузарад.

Соҳибкор бо назардошти манфиатҳои худ ва ҷомеа фаъолияти хешро бояд бо самтҳои зерин сафарбар намояд:

- бо мақсади кам кардани хатари бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум барои ба вуҷуд овардани ҷойҳои иловагии корӣ дар саноат, сохтмон, кишоварзӣ ва дигар соҳаҳо, махсусан соҳаи хизматрасонӣ тадбирҳо андешад;

- ба кори ташкили истеҳсолот, махсусан оид ба коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, сохтмон ва ба бозори дохилию хориҷӣ баровардани он чораҳои зарурӣ бинад;
- меъёрҳои амалкунандаи экологӣ, ҳифзи муҳити зист, ҳолати санитарӣ, саломатии аҳолӣ, техникаи бехатарӣ ва стандартҳоро риоя намояд;
- ба молҳои истеҳсоли хориҷӣ бо назардошти афзалиятҳои нисбии мамлакат ва истифодаи самараноки захираҳои табиии маҳаллӣ рақобат ба вуҷуд оварад;
- аз дастовардҳои навини илму техникаи муосир, омӯзиши дигар забонҳо, истифодаи усулҳои ҳозиразамони бозорёбӣ, мудирият, инчунин татбиқи технологияи навтарин воқиф бошад.

Дар баробари ин соҳибкор уҳдадор аст, ки:

- мутобиқи қонунгузории меҳнат бо шаҳрвандоне, ки онҳоро ба сифати коргари кироя ба кор мегирад, шартнома (қарордод) ва ҳамчунин бо талаби коллективҳои меҳнатӣ шартномаи коллективӣ бандад;
- барои муттаҳидшавии коргарони кироя ба иттифоқҳои касаба ва мақомоти дигари намояндагии онҳо, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии худ монеъ нашавад;
- ба коргарони кироя на камтар аз андозаи ҳадди ақали муқаррарнамудаи санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар маош диҳад;
- оид ба таъмини ҳифзи меҳнат, бехатарии экологӣ, санитарӣ ва техникаи бехатарӣ, тозагиву беҳдошти истеҳсолот, инчунин болоравии иқтисодиёт дар асоси қоидаву меъёрҳои ҷорӣ тадбирҳо андешад;
- пардохти саривақтии андозҳо ва дигар уҳдадориҳои молиявии худро дар назди давлат ба иҷро расонад;
- дар бораи муфлисшавии худ ва имконнопазир будани адои уҳдадориҳо дар назди қарздиҳандагон арз намояд;
- барои фаъолият дар соҳаҳое, ки тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии мамлакат иҷозатнома талаб карда мешавад, иҷозатнома гирад;
- талабҳои дигари дар қонунгузории амалкунандаи кишвар пешбинигардидаро риоя намояд.

Ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии соҳибкор бо роҳҳои зерин ҳимоя карда мешаванд:

а) имконияти озодона анҷом додани ҳамаи намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ тибқи тартиби муайяншуда, ба ғайр аз намудҳои фаъолияте, ки дар асоси иҷозатнома анҷом дода мешаванд;

б) тартиби содакардашудаи бақайдгирии субъекти соҳибкорӣ;

в) бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ маҳдуд кардани санҷиши фаъолияти соҳибкорӣ, ки аз тарафи мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешаванд;

г) шикоят кардан ба суд аз болои амал ё беамалии мансабдорони мақомоти давлатӣ, ки ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии субъекти фаъолияти соҳибкориро халалдор мекунанд;

д) танҳо бо санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ муқаррар кардани номгӯи корҳое (хизматрасониҳое, молҳое), ки барои соҳибкорӣ манъ ё маҳдуд шудаанд;

е) бо дигар воситаҳое, ки санадҳои меъёрию ҳуқуқии кишвар пешбинӣ намудаанд.

Мақомоти ваколатдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои соҳибкорӣ дорои ҳуқуқи дар назди мақомоти судӣ, ҳокимияти иҷроия ва сохторҳои дигари давлатӣ ҳимоя кардани манфиату ҳуқуқҳои субъекти соҳибкорӣ мебошад.

Ба ғайр аз масъалаҳои дар қонунгузории Тоҷикистон пешбинишуда, дахолат ба корҳои дохилии субъекти фаъолияти соҳибкорӣ манъ мебошад.

Дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар самтҳои зерин амалӣ мегардад:

- ✓ такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ барои инкишофи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- ✓ фароҳам овардани шартҳои имтиёзноке, ки онро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморад;
- ✓ ташкил кардани шароити мусоиди андозбандӣ, гумрукӣ ва сармоягузорӣ;
- ✓ барқарор намудани тартиби содакардашудаи андозбандӣ, бақайдгирии соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ ва ё патент

ба фаъолияти онҳо, сертификатсиякунонии маҳсулоти истеҳсол ва ё воридкардаи онҳо ва пешниҳоди ҳисоботи оморию муҳосибӣ;

✓ додани қитъаи замин ва амволи давлатӣ бо шарту тартиби содакардашуда;

✓ дастгирии фаъолияти берунии иқтисодии соҳибкорӣ, инчунин мусоидат ба пешрафти робитаҳои тиҷоратӣ, илмӣ-техникӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотии онҳо бо давлатҳои хориҷӣ;

✓ мусоидат ба ташкили фондҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ;

✓ фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти шарикии амалӣ байни бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ва таъмини муколамаи баробарҳуқуқи онҳо бо роҳи таъсис додани шӯроҳои машваратӣ доир ба рушди соҳибкорӣ дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳалҳо, таъмини ҳисоботдиҳии онҳо;

✓ мусоидат ба рушди соҳибкории инноватсионӣ, аз ҷумла тавассути муқаррар намудани низоми махсуси ташкилию ҳуқуқӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва паркҳои технологӣ;

✓ ҷорӣ намудани барномаҳои магистрии идоракунии соҳибкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бо мақсади тайёр намудани соҳибкорони касбии дорои дониши муосири иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ;

✓ такмили донишу малакаи касбии субъектҳои соҳибкории хурд бо роҳи ташкили машварат ё курсҳои кӯтоҳмуддат дар соҳаҳои маориф, молия, омор ва андоз тибқи барномаҳои таълимии мақомоти ваколатдори давлатии дастгирии соҳибкорӣ;

✓ фароҳам овардани шароити мусоид баҳри рушди фарҳанги андозсупорӣ, таблиги ғояҳои соҳибкорӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкорони пешсаф;

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар сол ҳангоми таҳияи лоиҳаи буҷети давлатӣ дар он ҳаҷми маблағгузориҳои буҷетиро, ки барои амалигардонии барномаҳои давлатии дастгирии соҳибкорӣ ҷудо карда мешаванд, алоҳида пешбинӣ мекунад.

Барномаҳои давлатии дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ бо тартиби муқарраркардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

тахия мешаванд ва онҳо бояд ба радифи барномаҳои давлатӣ бо назардошти ҳамаи самтҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва мусоидат ба шуғли аҳолӣ, татбиқи сиёсати муҳоҷират, ҳалли проблемаҳои экологӣ, инчунин барҳамдиҳии оқибатҳои вазъиятҳои фавқулода дохил шаванд.

Мақомоти ваколатдори давлатӣ ва идораҳое, ки барои ташаккул ва истифодаи манбаъҳои давлатии иттилоот масъуланд, барои ба субъекти фаъолияти соҳибкорӣ фавран ва пурра пешниҳод намудани иттилооти иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, оморӣ, истеҳсолию техникӣ ва дигар маълумотҳо дар асоси шартнома (қарордод) амал мекунанд.

Мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо мақсади дастгирии соҳибкорӣ, тораҳоро барои васеъ намудани иштироки ҳама шаклҳои соҳибкорӣ, дар муомилоти содиротию воридотӣ, намоишу ярмаркаҳои байналмилалӣ, татбиқи барномаҳо ва лоиҳаҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ба амал мебароранд.

## 6.4. Стратегияи рушди устувори соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Заминаҳои ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти бахши хусусиро дар кишварамон қабл аз ҳама Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор қонуну қарорҳои дигар, аз ҷумла Қонунҳо «Дар бораи ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ (с.1991), «Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.1991), «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (с.2002), «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ» (с.1992), «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» (с.1992), «Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)» (с.2002) ва г. муайян ва танзим менамояд. Чунончӣ, дар моддаи 12-и Конститутсия (Сарқонун)-и *Ҷумҳурии Тоҷикистон* омадааст: ***«Асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳанд. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад».***

Хусусан амалӣ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ», ки дар с.1997 ба он тағйиру иловаҳои ҷиддӣ ворид карда шуданд, қадами амалӣ дар роҳи бунёди соҳибкории хусусӣ дар Тоҷикистон гардид.

Таҷрибаи аксари кишварҳои пешрафта собит месозад, ки дар бисёр мавридҳо аз хусусигардонии корхонаҳои мавҷудаи давлатӣ дида, муҳайё намудани шароити мусоид барои таъсис ва инкишофи корхонаҳои нави хусусӣ ё бо шарикони давлат бо бахши хусусӣ аҳамияти махсуси иқтисодӣ дорад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми зиёди воситаҳои асосӣ ва гардони корхонаҳои давлатии аз замони Иттиҳоди Шӯравии собиқ ба мерос монда, ба фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ назаррас дучор шуда, молҳои истеҳсоли як қисми корхонаҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилию берунӣ чандон рақобаттавон намебошанд. Роҳи васеъ кушодан барои ривоҷу равнақи тамоми шаклу намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ, хусусан соҳибкории хурду миёна, дар заминаи ҷалби сармоягузориҳои хориҷию дохилӣ, истифода аз техника ва технологияҳои инноватсионӣ аҳамияти фавқулода пайдо мекунад.

Тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон стратегияи дастгирии давлатии соҳибкорӣ аз рӯи самтҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

- ташаккули инфрасохтори дастгирӣ ва рушди устувори соҳибкории хурд, миёна ва калон;
- бунёди шароитҳои имтиёзнок барои субъектҳои соҳибкории хурд аз манбаъҳои буҷети давлат, фондҳои мақсаднок, моддию техникӣ, иттилоотӣ, инчунин дастовардҳои илмӣ-техникӣ ва технологияҳои муосир;
- муқаррар намудани низоми содакардашудаи тартиби аз қайди давлатӣ гузаронидани субъектҳои соҳибкории хурд, литсензиякунонӣ ва сертификатонии маҳсулоти онҳо, пешниҳод намудани ҳисоботҳои оморӣ ва ҳисоби муҳосибӣ;
- дастгирии фаъолияти иқтисодии хориҷии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳамзамон мусоидат намудан ба рушди

равобити тиҷоратӣ, илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва иттилоотӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ;

- ташкили тайёр намудан, бозомӯзӣ, такмили ихтисос ва баланд бардоштани дараҷаи тахассуснокии касбии кормандони субъектҳои соҳибкорони хурду миёна.

Шаклҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурд, пеш аз ҳама, дастгирии молиявӣ дар асоси ройгон ва бозгардондагии онҳо, маблағгузориҳо аз ҳисоби барномаҳои давлатии дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурд, пешниҳод намудани андозҳои имтиёзнок ба корхонаҳои хурде, ки навъҳои фаъолияти афзалиятноки иқтисоди миллиро амалӣ мегардонанд; қарзҳои имтиёзнок ва сугуртакунии субъектҳои соҳибкории хурд; дар асоси озмун ба корхонаҳои хурд пешниҳод намудани фармоиши давлатӣ доир ба истеҳсол ва таҳвили навъҳои гуногуни маҳсулот ва кору хизматрасониҳо барои манфиатҳои давлатӣ ва шаклҳои дигари дастгирӣ. Вале, бояд зикр намоем, ки вазъи мавҷудаи иқтисоди миллӣ имконият намедиҳад, то ки ин чорабиниҳои судманди давлатӣ дар ҳаёт татбиқи худро ёбанд.

Дар ин самти фаъолият ҳукуматҳои маҳаллии мақомоти давлатии пойтахти кишвар ш. Душанбе, шаҳрҳои Хуҷанд, Исфара, Истаравшан, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, ноҳияи Данғара, Ҳисор ва минтақаву шаҳракҳои дигари ҷумҳуриро номбар кардан ҷоиз аст, ки ба рушду нумӯи соҳибкории хурд ва афзоиши нақши корхонаҳои хурд дар иқтисодиёти ин мавзеъҳо дастгирӣ ва мусоидати ҳаматарафи худро дареғ надоштаанд. Бинобар ҳамин, миқдори чунин корхонаҳо дар тӯли панҷ-даҳ соли охир дар ин манотиқи кишвар хеле афзоиш ёфтаанд.

Инкишофи соҳибкории хурд дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди кишвар гуногун ба назар мерасад. Он бештар дар соҳаҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, саноат ва сохтмон то як андоза тараққӣ ёфта бошад, вале дар соҳаҳои дигари мамлакат баръакс бо суръати хеле паст тағйир ёфта истодааст (ҷадв.6.1).

**Ҷадвали 6.1**

## Миқдори корхонаҳои хурд аз рӯи соҳаи фаъолият дар Тоҷикистон, солҳои 1996 -2012

| Номгӯи соҳаҳои фаъолият | 1996 | 1998 | 2000 | 2008 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Миқдори умумӣ | 3084 | 1978 | 1342 | 2291 | 2865 | 3367 | 3890 |
| Аз ҷумла аз рӯи соҳаи фаъолият: | | | | | | | |
| Саноат | 601 | 461 | 213 | 389 | 404 | 418 | 513 |
| Кишоварзӣ ва ҷангалпарварӣ | 183 | 68 | 39 | 38 | 44 | 55 | 65 |
| Нақлиёт ва алоқа | 25 | 26 | 27 | 76 | 93 | 133 | 155 |
| Сохтмон ва умури лоиҳакашӣ | 514 | 228 | 152 | 314 | 360 | 467 | 523 |
| Савдо ва хӯроки омма | 876 | 623 | 519 | 718 | 841 | 996 | 1145 |
| Хизматрасонии иттилоотӣ ва ҳисоббаробаркунӣ | 14 | 14 | 7 | 2 | 1 | 1 | 1 |
| Хизматрасонии маишӣ, манзилӣ-коммуналӣ | 171 | 148 | 145 | 518 | 752 | 758 | 762 |
| Тандурустӣ | 57 | 36 | 13 | 33 | 62 | 77 | 110 |
| Маориф | 18 | 13 | 16 | 47 | 62 | 87 | 105 |
| Фарҳанг | 36 | 26 | 9 | 11 | 9 | 10 | 12 |
| Илм | 57 | 37 | 13 | 2 | 4 | 5 | 6 |
| Қарздиҳӣ | 13 | 14 | 5 | 33 | 52 | 54 | 60 |
| Дигар соҳаҳои фаъолият | 519 | 284 | 178 | 110 | 181 | 296 | 433 |

***Манбаъ:*** *1) Тоҷикистон: 20 соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯи оморӣ)//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: TAJSTAT, 2011, саҳ.390-398.*

*2) Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2012 /Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013, саҳ.223-224.*

**Ҷадвали 6.2**

## Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар Тоҷикистон, солҳои 1992-2012

| Нишондиҳанда | 1992 | 1998 | 2000 | 2008 | 2010 | 2011 | 2012 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ | 31 | 10223 | 12074 | 30842 | 51372 | 58313 | 73806 |
| Майдони кишт, ҳазор га | 0,7 | 287,5 | 1395,5 | 2610,4 | 2682,7 | 2624,7 | 2589,4 |
| Майдони кишт ба ҳисоби миёна, га | 22,6 | 28,15 | 115,6 | 84,6 | 52,2 | 45,0 | 35,4 |

**Манбаъ:** *1) Тоҷикистон: 20 соли истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯи оморӣ)//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.-Душанбе: TAJSTAT, 2011, саҳ.388-389.*

*2) Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – 2012/Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2013, саҳ.221.*

Факту далелҳои дар ҷадвалҳои 6.1 ва 6.2 овардашуда собит менамоянд, ки корхонаҳои хурд ва хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар кишвар соли 2012 нисбат ба соли 2000, яъне тӯли 12 соли охир - 2,9 маротиба ё худ 2548 адад зиёд гардидаанд. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бошанд 6,1 маротиба ё худ 61 732 адад афзоиш ёфтаанд. Дар шумораи умумии корхонаҳои хурди мамлакат ҳиссаи аз ҳама зиёдро корхонаву соҳаҳои зерин: савдо ва хӯроки омма – 29,4 фоиз, хизматрасонии маишӣ, манзилӣ-коммуналӣ – 19,5 фоиз, сохтмон ва умумри лоиҳакашӣ – 13,4 фоиз, саноат – 13,2 фоиз-ро ташкил намуда бошанд, вале дар соҳаҳои дигари иқтисоди миллӣ: хизматрасонии иттилоотӣ ва ҳисоббаробаркунӣ, илм, фарҳанг, қарздиҳӣ, кишоварзӣ, нақлиёту алоқа, маориф, тандурустӣ вазни қиёсии онҳо хеле ночиз буда, мутаносибан аз 0,001 то 0,04 фоизро ташкил медиҳад.

Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) гарчанде теъдоди афзун шуда бошад, вале майдони кишт ба ҳисоби миёна ба ҳар як хоҷагӣ сол аз сол кам шуда истодааст. Ин нишондиҳанда агар соли 2000 – 115, 6 га-ро ташкил дода бошад, он соли 2012 танҳо 35,4 га-ро ташкил дод, яъне 3,1 баробар кам шудааст. Тадқиқоти олимон ва коршиносони соҳаи кишоварзии мамлакат нишон медиҳад, ки маҳсулнокии ин хоҷагиҳо нисбат ба хоҷагиҳои калони соҳа хеле паст мебошад. Аз тарафи дигар сатҳи нархҳои имрӯзаи маҳсулоти кишоварзӣ исботи ин гуфтаҳост.

Шояд баъзе хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар минтақаҳои мухталифи кишвар ба натиҷаҳои хуб ноил шуда бошанд, аммо миқдори чунин хоҷагиҳо дар маҷмӯъ хеле ва хеле ночиз аст, ин намуди корхонаҳо ба вазъ ва ҳолати бозори истеъмолии Тоҷикистон ягон таъсири мусбат расонида наметавонанд.

Соли 2013 аз рӯи намояи (индекси) сатҳи соҳибкорӣ ва имконияти рушди фаъолияти соҳибкорӣ Тоҷикистон ҷойи 94-ро ишгол намуда, дар байни кишварҳои ИДМ аз Арманистон гузаштааст.

Намудҳои зерини фаъолият тибқи қонуни амалкунандаи кишвар ба сифати фаъолияти соҳибкорӣ эътироф карда намешаванд:

- фаъолияти тамоми зинаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки мустақиман бо амалӣ намудани ваколатҳои ба онҳо вогузоркардашудаи давлатӣ алоқаманд мебошанд;
- фаъолияти эҳсонкорӣ;
- фаъолияти динӣ;
- фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ;
- фаъолияти муассисаҳое, ки аз ҳисоби муассис маблағгузорӣ карда мешаванд;
- аз ҷоииби шахсони воқеӣ иҷро ғардидани кори кироя.

Барои мақсадҳои андозбандӣ амалӣ намудани намудҳои зерини фаъолият аз ҷониби шахси воқеӣ, муассисаи аз ҳисоби муассис маблағгузоришаванда ва ташкилоти ғайритиҷоратӣ фаъолияти соҳибкорӣ эътироф намешавад, ба шарте ки ин фаъолият барои шахси онро амаликунанда фаъолияти асосӣ набошад:

- ҷойгир намудани маблағҳои пулӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;
- ба иҷора додани молу мулки манқул ва гайриманқул;
- додани молу мулк ба идоракунии боэътимод;
- харидан (фурӯхтан) ё ба дигар шахс додани ҳисса дар сармояи оинномавии шахси ҳуқуқӣ ё когазҳои қиматноки он;
- харидан (фурӯхтан) ё ба дигар шахс додани вомбаргҳо ё ҳама гуна векселҳои (васиқаҳои) дигар;
- харидан (фурӯхтан) ё ба дигар шахс додани саҳм дар фонди ҳиссавии сармоягузорӣ ва (ё) ҳуқуқи муаллифӣ ва ҳама гуна ҳуқуқҳои шабеҳи ба фурӯшанда тааллуқдошта;
- кори кироям дар асоси шартнома (қарордод)-ҳои хусусияти граждании ҳуқуқидошта ё ин ки бе шартнома (қарордодҳо)-ҳо амалишаванда.

## 6.5. Таҳия ва мазмуни нақшаи рушди фаъолияти соҳибкорӣ

Нақшаи соҳибкорӣ қисми таркибии фаъолияти соҳибкорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ маҳсуб меёбад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки нақшаи соҳибкорӣ ҳамчун заминаиояндабинии ташкили фаъолияти соҳибкорӣ ва инчунин татбиқи амалии лоиҳаҳои истеҳсоли маҳсулот ва ташаккулёбии мубодилаи молу хизматрасониҳои нав баромад мекунад.

Таркиб ва мазмуни нақшаи соҳибкорӣ барои ҳар як корхона ё лоиҳаи сармоягузорӣ вобаста ба тавсифи мақсад ва вазифаҳои гузошташуда фарқияти хос дорад. Дар мавриди асоснок намудани имкониятҳои лоиҳаи нави сармоягузорӣ намудани нақшаи соҳибкорӣ, одатан аз бобҳои зерин иборат мебошад:

**Боби 1.** Шарҳу тавзеҳ ё бо забони русӣ – резюме.. Дар шакли хеле мухтасару фишурда мазмун ва муҳтавои лоиҳа, афзалияти он, натиҷаҳои таҳқиқоти бозорёбӣ (маркетингӣ) ва ҳисобҳои молиявӣ-иқтисодӣ арзёбӣ мегарданд. Дар ин қисмати нақша ба ҷолибнокӣ, навҷӯӣ, фоиданокӣ ва дигар унсурҳои самарбахши татбиқи амалии лоиҳа таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад.

**Боби 2.** Мазмуни лоиҳаи сармоягузорӣ. Маҳсулоте, ки бояд истеҳсол шавад, муаррифӣ гардида, хислатҳои махсуси он инъикос мегардад.

**Боби 3.** Баҳо додани бозори маҳсулот ва рақибон. Таҳқиқи вазъи бозор ва баҳо додан ба динамика, ҳаҷм, таркиб ва сатҳи фурӯши маҳсулот, имкониятҳои истеъмолгарон ва пешгӯии нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии бозори мол дар давраи оянда.

**Боби 4.** Нақшаи бозорёбӣ (маркетинг). Дар ин боб нақша – чорабиниҳои бозорёбӣ, ки ба ташаккулёбӣ ва таҳким бахшидан, мавқеъ дар бозории фурӯши маҳсулот таҳия мегардад.

**Боби 5.** Нақшаи истеҳсоли маҳсулот. Заминаи истеҳсолӣ, истифодаи технологияи навтарин, ресурсҳои меҳнатӣ

ва моддию ашёӣ, ҳисобу китоби ҳаҷм, номгӯй, сифат ва арзиши аслии маҳсулот ва дигар нишондиҳандаҳои марбут ба истеҳсоли маҳсулот барои давраи оянда баррасӣ мешаванд.

**Боби 6.** Нақшаи ташкилӣ. Дар ин қисмати нақша тарҳи асоснокшудаи сохтори ташкилии идоракунии корхона ё лоиҳаи сармоягузорӣ инъикос меёбад.

**Боби 7.** Баҳодиҳӣ ва пешгирии хавфу хатар. Ба эҳтимолияти пайдо шудани хавфу хатарро дар татбиқи лоиҳа, намудҳо ва сабабҳои онҳо баҳо дода шуда, маҷмӯи чорабиниҳои имконпазир барои пешгирӣ кардани ин гуна ҳодисаҳои матлуб таҳия мегардад, ки дар амал саривақтӣ роҳандозӣ намудани онҳо ва татбиқи босифати лоиҳаи сармоягузорӣ, мусоидат хоҳад кард.

**Боби 8.** Хулосаҳо. Ба таври мухтасар оид ба лоиҳаи соҳибкорӣ, тарафҳои ҷалбу афзалиятнок ва самаровари дар натиҷаи татбиқи воқеии он хулосабардорӣ карда мешавад.

Ба нақшаи соҳибкорӣ, одатан боз як қатор маводи зарурӣ, ба мисли рақамҳои ҳисоботӣ (*нигаред ба замимаҳои 1 ва 2 ҳамин китоб*) ва пешгӯишуда, шартномаҳо, шарҳу тавзеҳи муҳим, замима мешаванд, ки мазмуни ин ҳуҷҷати муҳимро пурра ва асоснок менамоянд.

Ҳамин тавр, таҳияи нақшаи соҳибкорӣ дар корхона барои давраи кӯтоҳмуддат ва миёнамуддат имконият фароҳам месозад, ки натиҷаҳои дилхоҳи иқтисодӣ ба даст оварда шавад. Тартиб додани ин ҳуҷҷати муҳим барои асоснок-кунӣ ва баҳо додан ба имкониятҳои лоиҳаи маблағгузорӣ, муайян кардани даромадҳои пулӣ, хароҷоти истеҳсол, фурӯши маҳсулот ва дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1. Шакл ва намудҳои асосии фаъолияти соҳибкориро дар замони муосир шарҳ диҳед.*
*2. Меъёрҳои асосии соҳибкории хурд кадомҳоанд?*
*3. Шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкориро номбар кунед ва ҳар яки онро шарҳ диҳед.*

4. *Соҳибкории хурд: афзалиятҳо ва нуқсонҳои онро дар шароити соҳаҳои мухталифи иқтисоди Тоҷикистон фаҳмонед.*
5. *Механизм ва фишангҳои танзим ва дастгирии давлатии соҳибкории хурдро дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон диҳед.*
6. *Хусусият ва омилҳои фарқкунандаи рушди фаъолияти соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар муқоиса бо кишварҳои ҳамсоя ва мамолики ИДМ нишон диҳед.*
7. *Кадом роҳҳои паст кардани сатҳи хавфу хатари фаъолияти соҳибкорӣ ва идоракунии онро дар мисоли корхонаҳои хурду миёнаи кишвар шарҳ дода метавонед?*
8. *Ба андешаи Шумо, ҳиссаи аз ҳама зиёди фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар кадом соҳаҳои иқтисоди миллӣ бештар ба назар мерасад?*
9. *Самтҳои асосии стратегияи дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкориро дар Тоҷикистон асоснок маънидод намоед.*
10. *Ҳукумати Тоҷикистон бо кадом сабабу далелҳо афзалияти рушди соҳибкориро расман эътироф намудааст?*

# МАВЗӮИ 7.
# МУНОСИБАТҲОИ ШАРТНОМАВИИ КОРХОНА

7.1. Моҳият ва аҳамияти ташкили муносибатҳои шартномавӣ.
7.2. Шартнома ва ҷузъҳои таркибии он.
7.3. Нархи шартномавии молу хизматҳо.
7.4. Хавфу хатарҳои иқтисодӣ ва зарурати пешгирии онҳо.
7.5. Қабул, супоридан ва ҳуқуқи моликият ба молҳо.
7.6. Идоракунии ҳолатҳои низоъӣ ва баҳсу мунозираҳои шартномавӣ.

## 7.1. Моҳият ва аҳамияти ташкили муносибатҳои шартномавӣ

Шартномаҳо дар таъмини рушди бефосилаи иқтисодӣ ва иҷтимоии корхонаю ташкилотҳо нақши муҳим доранд, зеро бидуни онҳо хоҷагидории бозорӣ имконнопазир мегардад. Дар ин ҳуҷҷати ҳуқуқӣ – иқтисодӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои ҳар ду ҷониб – таҳвилгарони мол ва харидорон нишон дода мешаванд.

Тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон шартнома ё созишномаи хоҷагӣ дар байни ду ё якчанд шахс барои ба вуҷуд овардан, тағйир додан ё қатъи ҳуқуқ ва уҳдадории гражданӣ баста шуда, расман ба тасвиб расонида мешавад.

Шахси ҳуқуқӣ – корхона дар бастани шартнома бо ҷониби дигар мустақил мебошад.

Таҳия ва тасдиқи матни шартнома, пеш аз ҳама, дар чорчӯби қонунҳои амалкунандаи кишвар, бо риоя кардани талаботҳои умумӣ ва мушаххаси фурӯшанда ва харидор нисбат ба маҳсулоту хизматҳо сурат мегирад.

Татбиқи амалии фаъолияти соҳибкорӣ, новобаста аз шакли моликият, муқаррар намудани муносибатҳои шарт-

номавиро дар байни тавлидгарони маҳсулот – фурӯшандаҳо ва истеъмолгарон - харидорон дар назар дорад.

***Шартнома*** ин тарзи хаттии ба созиш, ҳамфикрии дутарафа омадани субъектҳои иқтисодии манфиатдор мебошад, ки пас аз ба имзо расонидани чунин ҳуҷҷат ҳуқуқу уҳдадориҳои худро бо риояи қатъии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии амалкунанда иҷро мекунад. Ин ҳуҷҷати ҳуқуқӣ-иқтисодӣ аз маълумотномаҳо доир ба иштирокчиён, нишон додани предмет, мафҳуми амалиётҳо, уҳдадориҳои қабулнамудаи тарафҳо, шартҳои иҷрои воқеии шартнома, тартиби пардохт ва пешниҳод намудани молу хизматҳо, шаклҳои ҷавобгарӣ ҳангоми иҷро накардани уҳдадориҳои қабулгардида, шартҳои бекор кардан ё худ тамдиди муҳлати шартнома ва суроғаи ҳуқуқии тарафҳоро дар бар мегирад.

Шартнома танҳо пас аз имзои намояндагони ваколатдори тарафайн ва тасдиқи он бо гузоштани муҳри мудаввар, агар иштирокчии он – шахси ҳуқуқӣ бошад, эътибори расмӣ пайдо мекунад. Шартнома аз рӯи мазмуну мундариҷа ва шахсони дар он иштироккунанда якчанд намуд мешаванд.

Шартномаи хоҷагӣ санади махсуси ҳуқуқӣ - иқтисодӣ буда, он барои ҳар як амалиёт мустақилона аз ҷониби ду тараф ва зиёда аз он (бисёрҷониба) ба таври алоҳида тибқи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода мешавад.

Шартнома бо фиристонидани оферта ё пешниҳод барои бастани он аз ҷониби як тараф ва аксепти вай (қабули пешниҳод) ба тарафи дигар - баста мешавад.

Ҳуҷҷати мазкурро дар ҳама гуна шакле, ки барои анҷом додани аҳд пешбинӣ шудааст, бастан мумкин аст, ба шарте ки қонун барои шартномаи шакли зикршуда шакли муайян муқаррар накарда бошад.

## 7.2. Шартнома ва ҷузъҳои таркибии он

Сохтори таркибии шартнома аз дебоча, қисматҳои асосӣ ва хотимавӣ иборат мебошад.

***Дебоча*** дар бештари ҳолатҳо ҳамчун муқаддимаи шартнома маҳсуб мешавад ва дар ин ҷо, макон ва санади бастани шартнома, унвони корхонаи истеҳсолӣ, харидори маҳсулот – корхонаи тиҷоратӣ ва ному насаби шахсони роҳбар зикр карда мешавад.

Қисмати асосии шартнома аз ду фасли муайянкунандаи хусусиятҳои хос ва умумиятдоштаи шартҳои шартнома таркиб ёфтааст.

***Шартнома (қарордод) ва ҷузъҳоц таркибии он:***

- ➢ предмети шартнома: воҳиди ченак, нархи як воҳиди маҳсулот, микдор ва номгӯи мол, сифати мол ва комплектатсияи он, муҳлати амали он;
- ➢ шарти таҳвил ва ҳисобҳо оиди мол, муҳлати интиқоли маҳсулот, намуди нақлиёт, коғазпеч ва ишораҳо ба стандартҳо, шартҳои техникӣ, муҳлати пардохт, шакли пардохт, андоз аз арзиши иловашуда ва ғ.;
- ➢ кафолати иҷрои шартнома, аз ҷумла аз ҷониби фурӯшанда, кафолати харидор, истифодаи ҷаримаҳо дар мавриди риоя накардани шартҳои тадқиқшуда;
- ➢ диғар шартҳои ҳамлу нақли борҳо;
- ➢ унвонҳои ҳуқуқӣ ва имзои тарафҳо.

***Ба шартҳои умумии шартнома*** ҳамон қисмати масъалаҳое дохил мешаванд, ки новобаста аз мазмуну муҳтавои он дар ҳамаи шартномаҳо қайд мешаванд:

- ✓ тартиби ҳалли низоъҳо ва баҳсу мунозираҳои гуногуни хоҷагӣ;
- ✓ ҳолатҳои фавқулода ё форс - мажорӣ.

***Дар қисмати хотимавии шартнома:***

- ❖ хулосаҳои ниҳоӣ;
- ❖ замимаҳо бошанд баъзе масоили шартномавиро илова менамоянд;
- ❖ маълумотҳои (реквизитҳои) бонкӣ .

***Дебоча.*** Ҳангоми навиштани ин ҷузъи шартнома бояд ҳатман унвон ва тавсифи ҳуқуқии он ба таври саҳеҳ зикр карда шавад. Яъне унвони шартнома бояд мушаххасан вобаста ба фаъолияти тарафҳо номгузорӣ гардад. Масалан, дар ин маврид «Шартномаи хариду фурӯш», «Шартномаи таҳвили мол», «Шартномаи нигоҳдории мол», «Шартнома оид ба комиссия» ва ғ. зикр мегардад. Рақам ва санаи он баъд аз номи мушаххаси шартнома гузошта мешавад.

Дар ин фасл бевосита фаъолияти мутақобилан судманди тарафҳо, намудҳои муайяншуда ва объекти амалиёт, шартҳои асосии таҳвил, миқдор, номгӯй, сифати мол, муҳлати таҳвил ва нархи мол нишон дода мешаванд. Дар ҳолатҳои набудани ин гуна шарти талабот шартнома ғайриқонунӣ ҳисобида мешавад.

Мазмуну муҳтавои асосии предмети шартнома аз нишон додани уҳдадориҳои фурӯшанда (таҳвилгари мол), фурӯши миқдори муайяни мол ва инчунин уҳдадориҳои харидор, ки ҳақи пардохти молро бар дӯши худ мегирад, иборат мебошад.

***Объекти амалиёт.*** Муайян намудани объекти амалиёт яке аз шартҳои муҳими шартнома буда, бе он ин гуна ҳуҷҷати ҳуқуқӣ беэътибор дониста мешавад. Дар он номи мушаххас ва бештар мавриди истеъмол қарордошта истифода мегардад ва тағйир додани он имконпазир аст. Хусусиятҳои муҳими мол, аломатҳои муайяни он аз ҷониби иштирокчиёни шартнома эътироф карда мешаванд.

Агар хусусиятҳои хоси мол пурра ба назар гирифта нашуда бошад, пас тарафи дигари амалиёт ба беэътиноӣ роҳ дода ҳисобида мешавад.

***Миқдори мол.*** Бузургие арзёбӣ мешавад, ки барои хариду фурӯш (таҳвил) пешбинӣ гардидааст. Дар шартнома бояд миқдори муайяни мол дар ҳамаи муҳлати амали он ба назар гирифта шуда бошад. Миқдори мол бо розигии тарафҳо муқаррар карда мешавад. Ҳамеша, чун қоида миқдори мол дар шартнома бо воҳиди ченаки табиӣ (аслӣ) (ченаки вазн, ҳаҷм, дарозӣ, бо адад ва ғ.) ва бо ченаки пулӣ нишон дода мешавад.

Ҳангоми муайян кардани микдори мол, инчунин воҳидҳои ченаки ғайристандартӣ (линга, даста, қуттӣ, зарф ва ғ.) метавонанд истифода шаванд. Дар ин ҳолат барои пайдо нашудани шубҳа ва нофаҳмиҳо вазни холиси ҳар як линга, даста, қуттӣ, зарф ва ғ. ҳатман бояд нишон дода шавад.

Микдори баъзе номгӯи молҳо бо роҳи бозҳисоби онҳо нисбат ба воҳиди шартӣ, мисол, консерваҳо бо қуттии шартӣ, як қатор молҳои кимиёӣ бо ҳисоби 100 фоизи моддаҳои асосӣ муайян карда мешаванд.

***Номгӯи молҳо.*** Номгӯи молҳо дар матни шартнома нишон дода мешавад. Дар спетсификатсия номгӯи васеи маҳсулот аз рӯи навъ, намуд, шакл, тарҳи зебой, артикул, андоза, ранг, бастабандӣ ва г. нишон дода мешаванд.

***Сифати мол*** - маҷмӯи нишондодҳои техникӣ-технологӣ, иқтисодӣ ва ғ. мебошад, ки истифодаи он дар шаҳодатномаи сифат тибқи талаботи техникӣ, ГОСТ-ҳо, стандартҳои байналмилалӣ (ИСО 9001 ва ғ.), нишонаҳои молӣ, уҳдадориҳои кафолатнок ва шароитҳои ҳамкории тарафайн дар шартнома зикр шудааст.

Ҳуҷҷатҳои дигари тақвиятбахшандаи тавсифи сифати мол шаҳодатномаи беҳдоштию байторӣ ё худ сертификати муайянкунандаи мутобиқати сифати мол, тибқи талаботи ҳолати беҳдоштӣ ва байтории дар шартнома зикрёфта маҳсуб меёбанд.

Сертификатсияи ҳатмии молу хизматрасонӣ ба ҳамон гурӯҳи молҳое татбиқ мешавад, ки дар қонунгузории ҷорӣ ва стандартҳои кишвар нисбат ба онҳо талаботи муайян муқаррар карда шудааст ё санадҳои ҳуқуқии таъминкунандаи амнияти бехатарии ҳаёт ва саломатии истеъмолгаронро дар худ таҷассум менамояд. Фурӯши мол ва иҷрои кору хизматрасонӣ бе сертификати мутобиқати тасдиққунандаи талаботҳои муқаррарӣ қатъиян манъ аст.

Фурӯшанда дар давоми мухлати кафолатнок (1-3 сол) ба сифати мол тақвияти кафолат дода метавонад.

***Мухлати таҳвили маҳсулот*** — ин пеш аз ҳама вақт ва ё мухлати дар шартнома муқарраршудаест, ки бо назар-

дошти он фурӯшанда молҳоро бояд ба харидор пешниҳод намояд.

Дар таҷрибаи истифодаи муносибатҳои бозаргонӣ, инчунин усули дар шартнома муқаррар намудани муҳлати умумии фаъолият ва маблағи таҳвили мол нишон дода мешавад. Таҳвили мол аз ҷониби тавлидгарони маҳсулот танҳо дар сурати пешниҳод кардани дархост мутобиқи тақозои фурӯши молҳо ва ҳисобу китоби онҳо татбиқ мегардад.

Дар баъзе ҳолатҳо санаи таҳвили маҳсулот хеле дақиқ ва мушаххас нишон дода мешавад, мисол, то 15 августи соли 2013, то рӯзи 10-уми ҳар моҳ ё худ бештар ба таври эҳтимолӣ (тобистон, дар давраи мавсимӣ (кушода будани ағбаҳо), тирамоҳ, баъд аз мавсими ҳосилгундорӣ (арафаи иди «Меҳргон») ва г.

Шартномаҳо метавонанд барои аз 1 то 3 сол ва муҳлатҳои дигар ба тасвиб расонида шаванд.

Дар шартнома на танҳо давраи муҳлати таҳвили маҳсулот, балки вақти пайдо намудани эътибори қонунӣ ва давраи фаъолияти он нишон дода мешавад.

***Шартҳои таҳвили маҳсулот.*** Дар шартнома ба куҷо ва бо кадом роҳу равиш молистеҳсолкунанда вазифаи таҳвилгариро ба зимма мегирад: ба харидоре, ки бо тавлидгар дар як минтақа ҷойгир мебошад, ё худ ба сурогаи харидор таҳвил намудани он, агар ӯ дар дигар минтақаи аҳолинишин ҷойгир бошад, ва ба нишонаи корхонаҳои дигар тибқи фармоишоти пешакӣ сурат мегирад. Дар шартнома муҳлати пешниҳоди дархост ва мазмуну мундариҷаи он нишон дода мешавад.

Шарти аз ҳама мақбул барои харидор, ин пеш аз ҳама, таҳвили маҳсулот ба анбор ба ҳисоб меравад, чунки кулли хароҷоти боркашонӣ, сугурта ва инчунин хавфу хатари нобудшавӣ ва шикасту рехти молро фурӯшанда ба зиммаи худ мегирад.

Шартҳои муҳими таҳвили маҳсулот ба берун аз марзи кишвар дар тиҷорати байналмилалӣ ҳанӯз соли 1953 аз тарафи Палатаи байналмилалии савдо (Қоидаи ИНКО-

ТЕРМС) ва бо тағйиру иловаҳои «ИНКОТЕРМС – 2010» ба ҳукми қонун даромад. Маълумоти кофӣ доштан дар ин бобат ҳам имрӯз дар корхонаҳои истеҳсолӣ аҳамияти калон дорад, зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло аъзои комилҳуқуқи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо мебошад.

***Борҷома, бастабандӣ, коғазпеч кардан ва тамғаи маҳсулот.*** Дар шартнома бо кадом намуди борҷома (линг(ч)а, борхалта, зарф, қуттӣ ва ғ.) таҳвил намудани маҳсулот, бастабандӣ намудани он (коғазпеч кардан, даста намудан, дар зарфҳо ҷойгир кардан ва ғ.) зикр карда мешавад. Арзиши бастабандии маҳсулот аз ҳисоби молистеҳсолкунанда буда, қимати он чун қоида ба нархи мол дохил карда мешавад.

Бастабандии мувофиқ ва ба таъбу завқи муштарӣ созгор, пеш аз ҳама, маҳсулотро аз нобудшавӣ, таъсири ҳодисаҳои табиӣ (боду борон, гармиву намии аз меъёр зиёд, сӯхтор ва ғ.) эмин нигоҳ дошта, ба зудтар кашондани молу маҳсулот мусоидат мекунад. Реклама, низ яке аз шартҳои муҳими фаъолияти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ ба шумор меравад.

***Ҳуҷҷатҳои техникӣ.*** Моддаи мазкур дар шартнома танҳо барои таҳвили мошину таҷҳизот дахл дорад. Дар он уҳдадории фурӯшанда ҳангоми таҳвили маҳсулот инъикос мегардад.

## 7.3. Нархи шартномавии молу хизматҳо

Нархи мол ва хизматҳо яке аз ҷузъҳои таркибӣ ва заруртарини шартнома ба шумор меравад. Бинобар ин, ба мувофиқа омадани тарафҳое, ки бо ҳамдигар шартномаи хариду фурӯши маҳсулот ва иҷрои ҳар гуна хизматҳои пулакиро мебанданду ба тасвиб мерасонанд, дар ҳақиқат муайян кардани сатҳи нархи шартномавӣ ба як воҳиди маҳсулот, масъалаи хеле муҳим ва баҳснок аст. Таҷрибаи ин амалиёти ҳуқуқию хоҷагидорӣ дар мисоли корхонаю ташкилотҳо нишон медиҳад, ки муқаррар кардани сатҳи дастраси нарх, ки ба он омилҳои зиёд: вазъи арзаи мол ва тақозои аҳолӣ,

сифати мол, омилҳои техникӣ, технологӣ ва ҳатто ҳолати иҷтимоии аҳолӣ вобастагӣ дорад.

Умуман дар шароити иқтисоди бозорӣ тартиботу қоидаҳое амал мекунанд, ки тибқи онҳо корхонаҳо мустақилияти бештар доранд ва ҳамеша кӯшиш мекунанд, ки нархи маҳсулотро дар вақти ба савдо баровардан, ҳарчи гаронтар ба харидорон фурӯшанд. Харидорони мол бошанд, баръакси манфиати онҳо, мехоҳанд молро арзонтар харидорӣ кунанд. Дар ин маврид, дар шартнома ин муаммои иқтисодӣ бояд ҳаллу фасли дурусти худро ёбад, яъне сатҳи оқилонаи, на каму ва на беҳад баланд, яъне бо роҳи созиши дуҷониба муқаррар карда шавад.

Тағйир додани нарх (тарифҳо, нархгузорӣ, ставка ва г.) пас аз бастани шартнома танҳо дар ҳолатҳо ва татбиқи шартҳои пешбинишудаи шартнома, иҷозат дода мешавад.

## 7.4. Хавфу хатарҳои иқтисодӣ ва зарурати пешгирии онҳо

Агар дар шартнома боркашонии мол ба масофаи нисбатан дур дар назар дошта шуда бошад, пас дар он сурат суғуртакунонӣ пешбинӣ мешавад. Вобаста ба талаботи шартҳои шартнома пардохти ҳақи суғуртаро як тараф-фурӯшандаи мол ё харидори он бояд пардохт намояд. Агар дар шартнома чунин ухдадорӣ нишон дода нашуда бошад, он гоҳ хавфу хатари несту нобудшавии мол дар ҷараёни боркашонӣ дар асоси ҳуҷҷати расмӣ ба зиммаи яке аз иштирокчиёни он гузошта мешавад.

Суғуртакунонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ» (соли 1997, № 517) татбиқ мешавад.

***Шарти амалиётҳои нақлиётӣ.*** Дар фасли алоҳида то чӣ андоза, имконияту ухдадориҳои тарафайн ҳангоми муайян намудани фаъолияти борбардорӣ, борфарорӣ ва умуман боркашонии молҳо аз фурӯшанда то харидор ҳаматарафа зикр мегардад. Хароҷоти боркашонӣ метавонад ҳиссаи назарраси (20-25 фоизи) нархи ниҳоии молро ташкил намояд,

аз ин рӯ, то ба тасвиб расонидани шартнома хусусиятҳои хоси амалиётҳои нақлиётӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешаванд ва эҳтимолияти масрафи амалиётҳои нақлиётӣ баҳогузорӣ гардида, дар интиҳои кор унсурҳои таркибии хароҷоти боркашонӣ ва нархи шартномаи молу хизматрасонӣ муайян мегардад.

Таркиби хароҷоти нақлиёт, аз:

- масрафи омодагӣ барои таҳвил (назорати сифат, миқдор, бастабандии махсус);
- пардохти ҳақи боркашонӣ, тавассути воситаҳои гуногуни нақлиётӣ ва муассисаҳои асосии боркашонӣ;
- хароҷоти давраҳои муайяни нигоҳдорӣ ва борбардорӣ;
- пардохти арзиши боркашонӣ ва сугурта;
- масрафи борбардорӣ то нуқтаи муайяншудаи он;
- пардохти боҷу хироҷ;
- таҳвили мол аз корхонаҳои истеҳсолӣ ва савдои яклухтфурӯшӣ то ба анбори харидор иборат аст.

## 7.5.Қабул, супоридан ва ҳуқуқи моликият ба молҳо

Яке аз шаклҳои одӣ ва маъмултарини қабул ва супоридани мол, ба тасвиб расонидани санади қабул ва супоридан ба ҳисоб меравад.

Супоридани мол аз ҷониби фурӯшанда (молистеҳсолкунанда) ва қабул намудани он аз ҷониби харидор бо муайян намудани миқдори мол, номгӯй ва арзиши молҳо дар санади махсус зикр мегардад. Сифати мол бошад дар асоси сертификати мутобиқати корхонаи таҳвилгар ё мактуби кафолатноки фурӯшанда, ҳуқуқи бевосита бо ҳам созиш ва ҳамфикрӣ пайдо намудан, баҳо дода мешавад.

Дар ҳолатҳои иҷро нагардидани баъзе талаботи моддаҳои шартнома ҷарима ба ҳисоби фоиз аз арзиши мушаххаси моли таҳвилнагардида, инчунин имкониятҳои аз даст додашуда, зарари мустақим муқаррар карда мешавад. Тибқи стандартҳои байналмилалӣ маблаги умумии товон ё

ҷаримаҳои пешкашшуда аз 3 то 8%-и арзиши амалиёти иқтисодӣ муайян шудааст.

***Гузашти ҳуқуқи моликият*** ба моли фурӯхташуда аз давраи қабули расмии мол ва пардохти арзиши он аз ҷониби харидор оғоз меёбад, агар ягон нишондоди дигар дар шароити гузаштан ба ҳуқуқи моликият қабул нагардида бошад.

***Уҳдадориҳои тарафҳо.*** Фурӯшанда уҳдадор аст миқдор ва сифати моли ҷавобгӯи шартҳои шартномаро сари вақт ба харидор пешниҳод намояд.

***Фурӯшанда*** вазифадор аст молҳои бесифатро дар давоми 10-30 рӯз аз лаҳзаи гирифтани огоҳинома дар бораи муқаррар гардидани молҳои пастсифат ё худ дар ҳамин муҳлати нишондодашуда арзиши маблағҳои молҳои пастсифатро баргардонад.

***Харидор*** уҳдадор аст мувофиқи таҳтибу низом ва маҷмӯи нишондод ва муҳлатҳои дар шартнома ва қонунгузории ҷории кишвар муқарраршуда молро бо миқдору сифати пурра қабул намояд.

Ҳангоми ворид шудани молҳои пастсифат ва нуқсондор харидор вазифадор аст дар муддати 4-8 соат бо тартиб додани санади моли иллатдор фурӯшандаро дар ин бобат огоҳ намояд.

Харидор ҳам вазифадор аст тибқи нишондоди шартнома дар муҳлати муқарраршуда ҳаҷми маблағи арзиши молро пардохт кунад.

***Ҷавобгарии тарафҳо.*** Уҳдадориҳои шартномавӣ бояд ҳатман бо масъулияти том, якдигарфаҳмӣ ва дар муҳлатҳои зикршуда иҷро гарданд. Ҳангоми иҷро нагардидани ин уҳдадориҳо тарафи ҷабрдида зарари моддӣ мебинад. Тибқи қонуну қоидаҳои амалкунандаи кишвар, тарафи муқобил ин зарар ё товони моддиро рӯйпӯш ё талофӣ менамояд. Ҷавобгарии тарафҳо ҳангоми риоя накардани уҳдадориҳои шартномавӣ дар фасли вобаста ба масъулияти ин амалиёт ба таври саҳеҳ ва равшан зикр шудааст.

## 7.6.Идоракунии ҳолатҳои низоъӣ ва баҳсу мунозираҳои шартномавӣ

Кулли баҳсу мунозираҳо ва нофаҳмиҳои байниҳамдигарӣ доир ба иҷро нагардидани талабот ва шартҳои шартнома бояд бо роҳи гуфтушунидҳои тарафайн ҳал карда шаванд.

Дар ҳолати имконият надоштани ҳаллу фасли баҳсу мунозираҳои шартномавӣ тавассути гуфтушунидҳои тарафайн мувофиқи нишондодҳои қонунгузории ҷории кишвар масъалаҳои баҳснок барои баррасӣ ба мақомоти судӣ (суди ҳакамӣ ва ғ.) пешниҳод карда мешаванд.

Барои пешниҳод намудани даъво ҳатман феҳристи пурраи ҳуҷҷатҳои зарурии ҳаллу фасли баҳсу мунозираҳо аз ҷониби даъвогар бояд пешкаш карда шаванд. Ба қатори чунин ҳуҷҷатҳо шомиланд:

- шартномаи хариду фурӯш бо назардошти тағйиру иловаҳои минбаъда (агар чунин тағйирот бошанд);
- спетсификатсия (таснифоти ё шаҳодатномаи тасдиқкунандаи сифати мол);
- борхати қабул ва санади қабулу супоридани мол;
- нусхаи супоришоти пардохт намудани арзиши мол.

Посух ба даъвои пешниҳодшуда аслан дар шакли хаттӣ, аз ҷониби роҳбари корхона (ё муовини аввали он) имзо карда мешавад ва он як қатор маълумотҳои зеринро ҳангоми пурра ё қисман қонеъ гардонидани маблағи даъвои эътирофшуда, рақам ва санаи супоришоти пардохт бо роҳи пардохти маблаг бопули нақд ё худ муҳлат ва усули қонеъгардонӣ дар ҳолатҳои мавҷуд набудани қимати арзиши пулӣ нишон дода мешавад, дар бар мегирад.

***Ҳолатҳои фавқулода** (форс-мажорӣ).* Тарафҳо аз масъулият ҳамон вақт озод карда мешаванд, ки иҷро нагардидани шартҳои шартнома маҳз тавассути ҳолатҳои номуайянӣ ё худ фавқулода ба миён омада бошад. Омили номуайянӣ дар фаъолияти иқтисодӣ новобаста аз майлу хоҳиши кормандон ва роҳбарон дар давраи муайян зуҳур ёфта, ба ҳолати молиявии корхона таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳолатҳои *форс-мажорӣ* маъмулан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

Ҳодисаҳои ногаҳонии табиӣ (заминларза, обхезӣ, сел, сӯхтор, тӯфон ва ғ.);

***Қисмати ниҳоии шартнома*** *(хулоса)* - адади нусха ва барои кадом ҷониб хос будани шартнома, инчунин *нишонаи ҳуқуқии тарафҳо, маълумотномаҳои (реквизитҳои) бонкӣ ва нақлиётиро дар бар мегирад.* Дар қисмати мазкур ҳар кадом тараф номгӯи пурра, рақами фардии андозсупоранда, шохис ва маълумотҳои иттилоотии бахши алоқа, мавқеи ҷойгиршавии корхона (суроғаи ҳуқуқии корхона), телефон, факс, маълумотҳои иттилоотии бонкии тарафайн (рақами ҳисобҳои ҷорӣ, номи бонк, ҳисобҳои муросилотии бонкӣ), маълумотҳои иттилоотии таҳвилгарӣ (барои шартномаҳои таҳвил), маълумотҳои нақлиётии борқабулкунанда, мавзеъ ё бандари муайяншуда ва ғ.-ро нишон медиҳанд.

Шартномаро бо талаб тарафҳои ҳавасманд (фурӯшанда, харидор) танҳо дар ҳолатҳои зайл аз тариқи суди иқтисодӣ тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст:

- ҳангоми шартномаро ба таври назаррас вайрон (ё риоя) накардани тарафи дигар;
- дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Бекор кардани шартнома аз сабаби ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат танҳо бо қарори суд, иҷозат дода мешавад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Моҳият ва аҳамияти муносибатҳои шартномавӣ (қарордодӣ)-ро шарҳу тавзеҳ диҳед.*
2. *Шартнома чист ва таркиби он аз кадом шартҳо ва унсурҳо иборат мебошад?*
3. *Нархи молро кӣ муайян менамояд, маблағи амалиёт ва шартҳои пардохт чӣ гуна муқаррар карда мешаванд?*
4. *Суғуртаи амалиёт дар савдои дохилӣ ва берунии корхонаҳои истеҳсолӣ чиро бештар ифода карда метавонад?*

5. *Қабул ва супоридани мол, ҳуқуқи моликиятро шарҳ диҳед.*
6. *Тартибу низоми ҳалли низоъҳо, баҳсу мунозира ва норозигиҳои мухталиф доир ба амалиёти шартномавиро кадом сохторҳои амалкунанда бо тарзу усулҳои муосир феълан татбиқ менамоянд?*
7. *Ҳолатҳои фавқулода (форс-мажорӣ)-ро дар амалиёти шартномавӣ маънидод намоед.*
8. *Борхат ё коносамент ин чӣ санадест, ба ақидаи Шумо, чиҳоро бештар ба он ворид менамоянд?*
9. *Иҷро накардани талаботи модда ва шартҳои шартнома ва баррасии парвандаҳо аз тарафи кадом мақомоти мамлакат мавриди санҷиш ва баррасӣ қарор мегирад?*
10. *Шартномаро кадом сохтори ҳуқуқӣ бо сабаи ба таври назаррас тағйир ёфтани ҳолат бекор намояд?*

# МАВЗӮИ 8.
# НАРХГУЗОРИИ МАҲСУЛОТИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

8.1.Моҳияти иқтисодӣ, вазифаҳо ва нақши нарх дар иқтисоди бозорӣ.
8.2.Низоми нархҳо, намудҳо ва таркиби нархи маҳсулот.
8.3.Услубҳои нархгузорӣ ва тавзеҳи онҳо.
8.4.Хусусиятҳои нархгузории бозорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ.

## 8.1.Моҳияти иқтисодӣ, вазифаҳо ва нақши нарх дар иқтисоди бозорӣ

Нарх ҷузъи таркибии бозор ва меҳанизми хоҷагидории бозорӣ буда, тағйирёбии сатҳи он зери таъсири омилҳои зиёди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникӣ – технологӣ ва ғ. метавонад барои ноил шудан ба ҳадафи асосии фаъолияти соҳибкорӣ дар корхона – ба даст овардани фоидаи ҳадди аксар, қонеъ намудани талаботи истеъмолгарон бештар мусоидат намояд.

Ҳамзамон, нархи мол ва сатҳи пастшавии он ба манфиати тамоми иштирокчиёни муносибатҳои бозорӣ – истеъмолгарони маҳсулот ва хизматҳо, харидорони онҳо, сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсири бевосита мерасонад.

Нархгузорӣ ин низоми иқтисодие мебошад, ки ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва назорати татбиқи амалии сиёсати нархро таъмин мекунад.

Нарх вазифаҳои ҳисобӣ – тақсимотӣ, ҳавасмандгардонӣ ва иҷтимоиро ба уҳда дорад.

Аз назари дигар, нарх механизми бо ҳам пайванду ҳамоҳанг намудани миқдори арзаи мол бо тақозои аҳолӣ мебошад ва аз ин лиҳоз, чун омили фаъоли инкишоф додани муносибатҳои бозорӣ ва муайянкунандаи сатҳи зиндагонии аҳолӣ низ шинохта шудааст.

Ҳоло дар шароити иқтисоди муосир низоми озоди нарх ва нархгузории бозорӣ ба маҳсулоти корхонаҳои истеҳсо-

нии ватанӣ – саноатӣ ва кишоварзӣ амал мекунад. Ҳукумати кишвар ва мақомоти дахлдори он танҳо нарху номгӯи хеле маҳдуди маҳсулот ва тарифҳои хизматрасониро танзим менамоянд, зеро ҳифзи иҷтимоии мардум, аз ҷумла қишри камбизоати аҳолӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Тавре аз илми назарияи иқтисод маълум аст, нарх – ин ифодаи пулии арзиши мол мебошад. Арзиш дар навбати худ чун категорияи иқтисодӣ дар асоси харҷи меҳнати зарурии ҷамъиятӣ, бо маънои дигар – хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо назардошти арзиши истеъмолии он дар шароити муътадили истеҳсолот ва сатҳи миёнаи ташкил ва шиддатнокии меҳнат дар ҷомеа муайян карда мешавад. Аммо иқрор бояд шуд, ки муқаррар кардани сатҳи харҷи меҳнати зарурии ҷамъиятӣ барои номгӯи алоҳида ва гурӯҳҳои нисбатан бузурги молҳо ва хизматрасониҳо дар илму амали иқтисодӣ масъалаи басо душвор ва пурмуаммо мебошад. Барои ҳаллу фасли масъалаҳои ҳаётан муҳими иқтисодӣ дар шароити амали муносибатҳои пулию молӣ истифодаи механизми арзиши аслии маҳсулот, фоида ва аз назари илмӣ асоснок намудани низоми андозгузориро зарурат дорад.

Тибқи тарзу услуби нархгузории бозорӣ заминаи асосии нархи маҳсулот – арзиши аслии маҳсулот – ифодаи пулии кулли хароҷоти корхонаи истеҳсолӣ, ки ба тавлид ва фурӯши он бастагӣ дорад, фаҳмида мешавад.

Бузургии арзиши аслии маҳсулот аз арзиши сарфи ашёи хом ва маводҳо, музди меҳнати коргарони истеҳсолот, харҷи сӯзишворӣ ва нерӯи барқ барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ-технологӣ, бардошти истеҳлоки фондҳои асосӣ, хароҷоти сехӣ ва умумиистеҳсолӣ, харҷҳои ғайриистеҳсолӣ ва ғ. иборат аст. Ҳамин тавр, барои муайян кардани сатҳи нархи корхона ба ин ё он намуди маҳсулот, бояд нахуст маблағи арзиши аслии маҳсулотро дар корхонаи мушаххас бо роҳи тартиб додани харҷнома (калкулятсия)-и нақшавӣ ва воқеӣ муайян карда, сипас ин гуна нишондиҳандаро бо ҳисоби миёна дар гурӯҳи корхонаҳои махсусгардонидашуда, масалан, соҳаи алоҳидаи саноат, ҳисобу китоби асоснок

намоем. Агар ба бузургии пурраи арзиши аслии маҳсулот ва мантиқан, сатҳи фоидаи кифояи корхона, инчунин маблағи андоз аз арзиши иловашударо (ҳоло 18 фоиз) зам намоем, он гоҳ нархи озоди яклухти корхонаи истеҳсолӣ ҳосил мешавад, ки онро дар шакли формула чунин ифода кардан мумкин аст:

$$Н_{я.к} = А_{а.м} + Ф_{к} + А_{а.и},$$

дар ин ҷо,

$Н_{я.к}$ – нархи яклухти корхона, сомонӣ;

$А_{а.м}$ – маблаги пурраи арзиши аслии маҳсулот, сомонӣ;

$Ф_{к}$ – андозаи кифояи фоидаи корхонаи истеҳсолӣ, сомонӣ;

$А_{а.и}$ – андоз аз арзиши иловашуда дар асоси меъёри расмии андозбандӣ, сомонӣ.

## 8.2. Низоми нархҳо, намудҳо ва таркиби нархи маҳсулот

Намудҳои гуногуни нарх ва тартиботи муқаррар кардаи онҳо низоми нархҳоро ташкил медиҳад. Низоми нархҳо дар шароити гузариш ба бозор аз нархҳои озоди яклухт, чакана ва намудҳои хоси онҳо (тарифҳо) иборат мебошанд.

Нархи яклухт чунин як шакли нархест, ки ба воситаи он маҳсулоти истеҳсолшудаи соҳаҳои саноат, кишоварзӣ ва бахшҳои дигари иқтисоди миллӣ байни корхонаҳо мавриди хариду фурӯш қарор мегирад.

Дар замони хоҷагидории бозорӣ ду навъи нархҳои яклухт: нархи яклухти корхона ва нархи яклухти саноатӣ истифода мешаванд.

Таркиби нархи яклухти корхона аз арзиши аслии маҳсулот, меъёри муайяни фоиданокии корхонаи истеҳсолӣ ва андоз аз арзиши иловашуда иборат мебошад.

Сатҳи нархи яклухти саноатӣ бошад нархи яклухти корхона ва тахфифи савдои яклухтро дар бар мегирад.

Нархи чаканаи фурӯши мол як шакли маъмули низоми нарх буда, он арзиши ниҳоии маводи истеъмолӣ ба ҳисоб

меравад. Тавассути ин намуди нарх асосан маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолӣ ба харидорони ниҳоӣ – аҳолӣ бар ивази даромадҳои пулии онҳо дар шабакаҳои савдо ва нуқтаҳои хӯроки омма фурӯхта мешавад.

Нархи чаканаи молҳои истеъмолӣ сатҳ, таркиб ва намудҳои гуногун дорад.

Корхонаҳои савдо ва хӯроки омма мол ва маҳсулотро аз корхонаҳои тавлидотӣ ва анборҳои савдои яклухт бо нархи арзонтар, яъне нархи яклухти саноатӣ харида, онро бо нархи баландтар – чакана ба аҳолӣ бар ивази пули нақд мефурӯшанд. Ба ғайр аз ин, ба таркиби нархи чаканаи мол инчунин андозаи тахфифи савдои чакана ва нархи бар иловаи корхонаҳои хӯроки омма дохил мешаванд. Аз ҳисоби тахфифи савдо бояд хароҷоти муомилоти корхонаҳои савдо ва хӯроки омма пурра пӯшонида шавад ва барои ба даст овардани фоидаи савдо шароити воқеӣ фароҳам созад.

## 8.3. Услубҳои нархгузорӣ ва тавзеҳи онҳо

Дар раванди нархгузорӣ ба хотири аз нигоҳи илмию амалӣ асоснок намудани сатҳи нарх ба маҳсулоти корхона зарурати аз тарзу усулубҳои мухталифи ҳисоби онҳо истифода намудан пеш меояд, ки онҳо дорои хусусиятҳои фарқкунанда мебошанд.

Се гурӯҳи услубҳои ҳисобу китоби нарх ба монанди харҷнокӣ, параметрикӣ ё меъёрӣ ва бозорӣ дар амалияи хоҷагидории муосир вуҷуд дорад. Дар ин росто, ба моҳият ва мазмуни ин услубҳои нархгузорӣ дар алоҳидагӣ ба таври мухтасар шинос мешавем.

Яке аз услубҳои дар илму амали иқтисодӣ бештар маълуму паҳншудатарини нархгузорӣ ин услуби ба инобат гирифтани арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот ба шумор меравад. Моҳияти иқтисодии ин услуб дар он ифода меёбад, ки харҷи пурраи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот аз ҷониби корхонаи истеҳсолӣ заминаи асосӣ ё пояи ибтидоии сатҳи нархи маҳсулотро ташкил медиҳад. Дар ин ҳолат

сатҳи нархи маҳсулот бояд тавре муайян карда шавад, ки корхона аз ҳар як воҳиди маҳсулоти тавлидшаванда, фоидаи кифоя гирад ё сатҳи фоиданокии меъёриро дар воқеъ таъмин карда тавонад. Бо ибораи дигар, формулаи муайян кардани сатҳи нархи яклухти маҳсулот дар корхона зимни ин услуб чунин аст:

$$Н_м = [АА_{п.м} х (1 + Ф_с],$$

дар ин ҷо,

$Н_м$ - нархи истеҳсоли намуди маҳсулот дар корхона, сомонӣ;

$АА_{п.м}$ – арзиши аслии пурраи маҳсулот, сомонӣ;

$Ф_с$ – сатҳи фоиданокӣ нисбат ба арзиши аслии маҳсулот, фоиз.

Мисол: фарз кардем, ки арзиши аслии пурраи маҳсулоти «Б» дар корхонаи саноатӣ 350 сомониро ташкил намуд. Меъёри фоиданокӣ – ҳиссаи фоида дар маблағи хароҷоти истеҳсолӣ– 15 фоиз мебошад. Он гоҳ, сатҳи нархи истеҳсоли ин навъи маҳсулот ба 402,5 сомонӣ [350 х (1 + 0,15)] баробар аст.

Аз ин ҷо, маълум мешавад, ки бо назардошти моҳияти ин гуна тартиби нархгузорӣ, маблағи арзиши аслии маҳсулот дар муддати муайяни вақт дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ дар асоси харҷи меҳнати гузашта ва ҷорӣ, ки барои истеҳсоли маҳсулот ҳисоб карда мешавад.

Ҳамин тариқ, услуби ҳисоби сатҳи нархи маҳсулот дар заминаи хароҷоти истеҳсоли он дар навбати худ, ду зеруслуб дорад: якум, услуби ҳисоби пурраи арзиши аслии маҳсулоти саноатӣ, ки моҳияти онро пештар дида баромадем. Дувум – услуби хароҷоти маҳдуд ба арзиши аслии тағйирёбии маҳсулот бо роҳи ҷамъ кардани маблағи кифояи фоида аз рӯи меъёри муқарраршуда ин тавр ҳисоб карда мешавад:

$$Н_м = [ХТ_м + (ХТ_м + Ф_с) : 100],$$

дар ин ҷо,

$Н_м$ - нархи истеҳсоли маҳсулот, сомонӣ;
$ХТ_м$- маблағи хароҷоти тағйирёбандаи истеҳсолот, сомонӣ;
$Ф_с$ – сатҳи фоиданокии маҳсулот, %;
100 – адади 100, ки агар ба он қимати сурати формуларо тақсим намоем, бузургии мутлақи нарх ҳосил мешавад.

Услуби дигари нархгузорӣ – параметрикӣ ё агар гуфтан ҷоиз бошад, меъёрӣ мебошад. Моҳияти фарққунандаи ин услуб дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи интихоби амсилаи муносиби вобастагии нарх бо параметрҳои хос ё нишондиҳандаҳои сифати истеъмолии маҳсулоти меъёришаванда, сатҳи нархи он аз назари иқтисодӣ асоснок ва муайян карда мешавад. Истифодаи ин услуб доираи муайяни худро дорад ва одатан дар тартиби нархгузорӣ ба маҳсулоти алоҳидаи саноатӣ, масалан дар соҳаҳои саноати мошинасозӣ, сабук ва хӯрокворӣ истифода мебаранд. Ба нишондиҳандаҳои параметрӣ (меъёрӣ) тавоноии двигателҳои баркӣ, тавоноии двигателҳои мошинҳои сабукрав, тавоноии трансформаторҳо ва г. дохил мешаванд. Дар ин ҳолат, усули ҳисоби нишондиҳандаҳои ҳиссагӣ давра ба давра бо формулаҳои махсус амалӣ карда мешаванд:

$$Н_{х.н.б} = Н_{б.м} : Б_{п.м.б},$$

дар ин ҷо,
$Н_{х.н.б}$ - нархи ҳиссагии нишондиҳандаи заминавӣ (параметрӣ), сомонӣ;
$Н_{б.м}$ – нархи маҳсулоти заминавӣ, сомонӣ;
$Б_{п.м.б}$ – бузургии меъёрии маҳсулоти муқоисашаванда.

Дар зинаи дигар нархи маҳсулоти навро ин тавр ҳисоб мекунанд:

$$Н_{п.н.м.н} = Н_{х.н.б} \times П_{м.н},$$

дар ин ҷо,
$П_{м.н}$ – параметри асосии маҳсулоти нав.

Тарзи сеюми нархгузорӣ – услуби бозорӣ ном дорад, ки таи солҳои охир хеле бештар татбиқи амалии худро

ёфтааст. Мутобиқи тартиби ин услуби ҳисоб нархи маҳсулотро бо роҳҳои гуногун: ҳисоби нарх аз рӯи даромади сармоя, ҳисоби нарх дар асоси талаботи аҳолӣ ва таносуби он ба арзаи мол дар бозор, муайян кардани нарх дар заминаи сатҳи воқеии нарх ва ғ. асоснок мекунанд.

Зикр бояд кард, ки услуби нархгузории бозорӣ асосан ба таносуб дар байни тақозои аҳолӣ ва арзаи мол такя мекунад. Дар натиҷаи омӯзиши вазъи бозори мол, маҳсулот танҳо бо нархи пешниҳодкардаи фурӯшанда (истеҳсолгар) ва бо нархи харидор (истеъмолгар) фурӯхта ё харида намешавад. Дар бозор нархи мувозинатӣ ё бозорӣ, ки ҳар лаҳза таносуб дар байни арзаи мол ва тақозои аҳолӣ тағйир ёфта, дар натиҷа ҳолати баробарии онҳо пайдо мешавад, воқеан маҳсулот бо нархи бозорӣ ё нархи озод дар бозор тиҷорат мешавад.

## 8.4. Хусусиятҳои нархгузории бозорӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ

Дар ҳолате, ки сухан дар бораи таркиби нархи чаканаи ягон номгӯи алоҳидаи мол меравад, пас мо бояд унсурҳои асосии нархро пеши назар орем, ки нархи бозории мол чӣ тавр муайян ва асоснок мешавад.

Таркиби ҳар навъи маҳсулот мувофиқи воҳиди ченаки муқаррар кардашуда - метр, килограмм ва ғ. аз унсурҳои зерин: арзиши аслии маҳсулот, фоида ва сатҳи нисбии он, андоз аз арзиши иловашуда, тахфифи савдои яклухт ва чакана иборат мебошад.

Нархи чакана намудҳои мухталиф дорад. Вай дар намуди нархи молҳои хӯрокворӣ, нархи молҳои ғайри-хӯрокворӣ, нархи маҳсулоти корхонаҳои хӯроки омма, нархи маводи мавсимӣ, нархи чаканаи танзимшаванда, нархи арзоншудаи баъзе молҳои истеъмолӣ, нархи чаканаи озод ва ғ. истифода мешавад.

Нархи мол дар савдои хориҷӣ, аз он ҷумла нархҳои содиротӣ ва воридотии молу хизматҳои махсусро фарқ бояд кард.

*Омилҳои ба низоми нархи молу хизматрасонӣ таъсиррасонанда ба панҷ гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд:*

1. аз рӯи намудҳои хизматрасонӣ дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ ва хориҷӣ нархҳои яклухти маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ; тарифҳои нақлиётӣ; нархи молҳои истеъмолии шахсӣ; тарифҳои хизматрасонӣ ба аҳолӣ; нархҳо дар савдои ҷаҳонӣ;

2. аз рӯи сатҳи иштироки давлат дар нархгузорӣ (нархҳои: бозорӣ, озод, инҳисорӣ, демпингӣ, танзимшаванда ва ғ.);

3. аз рӯи тартиби хоси нархгузорӣ (нархҳои: яклухти истеҳсолгарони маҳсулот, савдо, хариди маҳсулоти кишоварзӣ, чаканаи мол);

4. аз рӯи таъсири омилҳои нақлиётӣ ё логистикӣ (ҳамлу нақл);

5. аз рӯи моҳияти ахборот оид ба нарх ва тарзу амали иқтисодӣ (нархҳои: аҳдномавӣ, биржавӣ, музоядавӣ, тендерӣ, фардӣ ва ғ).

*Таркиби нархҳои яклухт ва чаканаи мол аз унсурҳои зерини иқтисодӣ иборат аст:*

- нархи яклухти корхона = арзиши аслии истеҳсол ва фурӯши мол + андозаи меъёри фоида ва фоиданокӣ;
- нархи яклухти саноатӣ = нархи яклухти корхона + андози молҳои зераксизӣ + андоз аз арзиши иловашуда;
- нархи яклухти хариди маҳсулоти кишоварзӣ = арзиши аслии маҳсулот + фоидаи корхонаи харид ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ + хароҷоти корхонаи миёнарави тиҷоратӣ + андоз аз арзиши иловашудаи корхонаи миёнарав;
- нархи чаканаи мол = нархи яклухти саноатӣ + хароҷоти савдои чакана + фоидаи савдои чакана + андоз аз арзиши иловашуда дар савдо.
- Нархи чаканаи молҳои воридотӣ = нархи озоди хариди мол + андози аксиз + боҷу хироҷи гумрукӣ + андоз аз арзиши иловашуда ба арзиши гумрукии мол + нархи бар иловаи савдои чакана (тахфифи савдои яклухт ва чакана).

Нархҳои бозорӣ ва сатҳи онҳо бошанд, ба таносуби пешниҳоди мол ва талаботи аҳолӣ дар бозор вобастагии зич доранд ва онҳо тамоюли тағйирёбӣ доранд.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Нарх ва аҳамияти он чист? Кадом номудҳои нархро медонед, онҳоро шарҳ диҳед?*
2. *Таркиби нарх аз кадом унсурҳои иқтисодӣ иборат аст?*
3. *Моҳият ва тартиби нархгузориро дар сатҳи корхона бо назардошти андозҳои гуногун чи тавр маънидод карда метавонед?*
4. *Услуби нархгузории бозориро ба маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ шарҳу маънидод намоед. Боз кадом услубҳои нархгузориро фаҳмонида метавонед?*
5. *Низоми нархгузорӣ, ба андешаи Шумо, чист ва он чиро дар бар мегирад?*
6. *Стратегияи нархгузорӣ чист ва он аз кадом тадбирҳои мушаххас иборат аст?*
7. *Таҷрибаи хориҷии ҳисобу китоби хароҷот ва низоми муқаррар намудани нархҳо чӣ гуна ба роҳ монда шудааст?*
8. *Оё нархҳои амалкунандаи бозори моводи истеъмолии Тоҷикистон ба талаботи қонунҳои амалкунандаи иқтисоди бозорӣ пурра ҷавобгӯ мебошанд? Сатҳи нарху тарифҳоро давлат чӣ тавр танзим карда метавонад ва ин тадбири муҳим воқеан чӣ тавр амалӣ мешавад?*
9. *Чаро фаъолияти танзимгарии давлат дар бозорҳои мамлакат ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст?*
10. *Ба фикри Шумо, ба сатҳи нархи чаканаи молҳои истеъмолӣ кадом омилҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад?*

# МАВЗӮИ 9.
# НИЗОМИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА АНДОЗБАНДИИ КОРХОНАҲО

9.1. Мафҳум, вазифаҳо ва принсипҳои поягии андозбандӣ.
9.2. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон.
9.3. Намудҳои асосии андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ.
9.4. Андозбандии корхонаҳои истеҳсолӣ.
9.5. Низомҳои махсуси андозбандӣ ва шарҳи мухтасари онҳо.
9.6. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона).
9.7. Низоми андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ.

## 9.1. Мафҳум, вазифаҳо ва принсипҳои поягии андозбандӣ

Андоз пардохти ҳатмӣ мебошад, ки онро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси муқарраротн Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ворид менамоянд.

Моҳияти иқтисодӣ ва иҷтимоии андоз ин аст, ки давлат ба воситаи истифодаи ин фишанги иқтисодӣ як ҳиссаи муайяни даромади шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро тариқи марказонидашуда ҷамъоварӣ намуда, ба ин васила хазинаи давлатро ғанӣ мегардонад. Давлат мутобиқи талаботи маблағҳои қисмати даромади буҷетро барои таъмини рушди устувори иқтисоди кишвар, бахусус соҳаҳои афзалиятноки он, саҳмгирии зарурӣ дар иҷро намудани вазифаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ғ. сарф менамояд. Шахсони воқеӣ (шаҳрвандон) ва шахсони ҳуқуқӣ (корхонаю ташкилотҳо) мутобиқи қонун ва қоидаҳои амалкунанда дар ҳудуди Тоҷикистон ҳамчун андозсупорандагони расмӣ эътироф шудаанд ва онҳо уҳдадор мебошанд, ки андозҳои муқар-

раршударо дар мухлати муайяншуда, тибқи тартиботу меъёри тасдиқшуда ва пурра ба буҷети давлат пардохт намоянд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати андозро бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ амалӣ мегардонад.

Тибқи муқаррароти боби 2 моддаи 7 банди 1 ва 2-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.09.2012, № 901 андоз - пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет ҳисоб рафта, ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад.

Андозҳо бо воҳиди пулӣ ҳисоб карда шуда, бо пули миллӣ ба буҷети давлат пардохт мешаванд, агар Кодекси мазкур тартиби дигареро муқаррар накарда бошад.

Маъхазҳои таърихӣ ва илму амали давлатдорӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки аз қадимулайём ва ҳоло ҳам ҳеҷ як кишвари дунё бе бастагии пойдор бо сиёсати андозбандӣ ва андозситонӣ вазифаи пур кардани хазина ё қисмати даро-мади буҷети давлатро воқеан татбиқ карда наметавонад. Намудҳои гуногуни андоз баробари пайдо шудани давлат ва сохторҳои ба он марбут ба миён омадаанд. Ҳар як давлат вобаста ба тақозои ҳаёти иқтисодӣ давру замонҳои гуногуни таърихӣ, низоми андоз, тарзу қоидаҳо, намудҳои мухталиф ва меъёрҳои онро ҷорӣ, дар амал татбиқ карда, онро боз ҳам таҳкиму такмил месозад. Мисоли равшани инро мо аз фарҳангу тамаддуни бою ғании сокинони бумии Осиёи Марказӣ, таҷрибаи аҳди Сомониён ва давлатдории минбаъда дар ин сарзамин, инчунин даврони мавҷудияти собиқ Ҳокимияти Шуравӣ мушоҳида карда метавонем. Дар асрҳои XI – XII, ба мисли боҷу хироҷ аз бозаргонон истифода мешуданд. Дар солҳои баъдина сиёсати андоз-бандӣ ва андозситониро на танҳо дар мадди аввали фаъолияти молиявӣ-иқтисодии хеш мегузоштанд, балки барои ғанӣ гардондани даромади буҷети давлат низоми андозро такмил дода, ба он тағйиру иловаҳои нав ба нав ворид карданд.

Мазмун ва муҳтавои масоили андозбандӣ ва андозситонӣ дар низоми андози ҳар як кишвар пурра инъикос меёбад. Ҳоло дар Тоҷикистон низоми андозбандии мусир бо назардошти механизми хоҷагидории бозорӣ мавриди истифода қарор дорад.

Унсурҳои асосии низоми андоз иборатанд аз: *принсипҳо, намудҳои андоз, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андоз, муҳлати пардохти андоз; имтиёзҳои андоз, ҷаримаи андоз, эъломияи андоз, агенти андоз, низомҳои махсуси андозбандӣ, аз ҷумла низоми содакардашудаи андозбандӣ барои соҳибкории хурд ва низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона); шахсони ҳуқуқӣ ва шахсони воқеӣ; тартиботи назорати пардохти андозҳо; санҷишҳои андоз; низоми идоракунии хавфҳо; мақомоти андоз; уҳдадориҳои андоз ва иҷрои он; муқарраротии умумӣ ва г.*

Дар кишварҳои аъзои ИДМ низоми байни андозҳои умумидавлатӣ ва андозҳои маҳаллӣ аз ҳамдигар тафовут ва хусусиятҳои фарққунанда доранд. Дар Ҷуҳурии Тоҷикистон аз 1-уми январи соли 2013 - 8 намуди андозҳои умумидавлатӣ мавриди амал қарор дода шудааст: *андоз аз даромад; андоз аз фоида; андоз аз арзиши иловашуда; аксизҳо; андози иҷтимоӣ; андоз барои захираҳои табиӣ; андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия.* Маблағҳои ба буҷети умумидавлатӣ воридгашта, тибқи қонунгузории амалкунанда бо назардошти зарурат байни буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ тақсим карда мешаванд.

Андозҳои маҳаллӣ аз ду намуд: *андозҳо аз молу мулки ғайриманқул; андоз аз воситаҳои нақлиёт* иборат мебошанд, ки онҳо танҳо ба буҷетҳои маҳаллии дахлдор ворид мешаванд.

Андозҳоро вобаста аз манбаи ташаккулёбӣ ба ду гурӯҳ: мустақим ва ғайримустақим ҷудо мекунанд.

***Андозҳои мустақим*** пардохтҳои пулие мебошанд, ки бевосита мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида аз манбаи маблағи андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маншаъ

гирифта ба буҷети давлат ворид карда мешаванд. Ин намуди андозҳо бо он фарқ мекунанд, ки ҳаҷми андоз аз худи маблаға манбаи андозбандӣ (музди меҳнат, фоидаи умумӣ, арзиши амвол ва ғ.) муайян мегардад. Меъёри андозбандӣ бо назардошти ин ё он намуди андоз бояд асоснок бошад ва он ба рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҳавасмандгардонии соҳаҳои афзалиятдор он бештар шароити хуб фароҳам оварад.

***Андозҳои ғайримустақим*** - гурӯҳи дигари ҳамон намудҳои андозҳое мебошанд, ки на аз манбаи асосӣ, балки ба тавассути нарх ва тарифҳо муқаррар мешаванд. Ба ин гурӯхи махсуси андоз, пеш аз ҳама навъи аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда ва ғ. мансубанд. Масалан, андоз аз арзиши иловашуда дар ҳамаи зинаҳои ҷараёни истеҳсолот ташаккул ёбад ҳам, аслан пардохтгарони ин намуди андоз истеъмолгарони ниҳоӣ, яъне аҳолӣ ба ҳисоб меравад, гарчанде андозҳои ғайримустақим ба нархи ҳар як молу маҳсулот ва хизматҳо ҳамроҳ карда мешаванд.

Вазифаи ***танзимгарии андозҳо*** моҳиятан дар он зоҳир мешавад, ки давлат бо роҳи муқаррар намудани ставка (меъёр), имтиёз, ҷарима ва дигар фишангҳои молиявӣ, шарту шароити муайян барои рушди устувору босуръат ва муназзами соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ ва умуман иқтисоди миллӣ заминаи боэътимод фароҳам меоварад.

Вазифаи муҳими дигар андозҳо – ***ҳавасмандгардонӣ*** *бошад* воқеан имконият медиҳад тавассути низоми андоз давлат ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ҳаллу фасли вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии аҳамияти аввалиндараҷа дошта, барои сатҳи некуаҳволии мардум кумаки бевосита ва назаррас мерасонад.

Тавассути иҷро кардани ***вазифаи тақсимоти даромадҳо аз ҳисоби андозҳои гуногун*** давлат барои ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва умумидавлатӣ дар буҷет гункунии воситаҳои пулии заруриро роҳандозӣ менамояд.

Вазифаи ***фискалии андозҳо*** (*ҷамъоварии мақсаднок ва саривақтии онҳо*) дар он ифода меёбад, ки дар ин раванд давлат ба туфайли татбиқи амалии низоми самарабахши

андозҳо ва механизми андозбандию андозситонӣ аз шаҳрвандон ва корхонаҳо хазинаи даромадҳои пулии буҷети умумидавлатӣ ва маҳаллиро бо пул таъмин карадани эҳтиёҷ ба хотири рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ истифода бурда мешаванд.

Вазифаи ***назоратии андозҳо*** имкон медиҳад, то ки механизми андозбандӣ самарабахш баҳогузорӣ гардад, назорати ҳаракат ва истифодаи манбаъҳои молиявии кишвар дар сатҳи давлативу маҳаллӣ пурра таъмин ва зарурати бевосита даровардани тағйиру иловаҳо бо талаботи муносибатҳои бозорӣ ба низоми андозу буҷет ҳаматарафа ташаккул ва такмил ёбад.

Андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар марҳилаи гузариш ба иқтисоди бозорӣ метавонад барои рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ ва дар ин замина барои баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагонии аҳолии мамлакат шароити зарур фароҳам созад.

Моҳият, зарурат ва принсипҳои истифодаи низоми андозро мавриди амал қарор додан бори нахуст дар қитъаи Аврупо олим Уилям Петӣ соли 1662 дар китобаш «Дар бораи андозҳо ва аворизм» муайян кардааст. Баъдтар, соли 1776 Адам Смит олими барҷаста ва поягузори илми иқтисод дар асари безаволи худ «Таҳқиқи моҳият ва сабабҳои пайдоиши боигарии халқҳо» масъалаҳои муҳими назарияи иқтисодиро мавриди баррасӣ ва таҳқиқи амиқ қарор дода буд. Ақидаи ӯ оиди амали механизми бозорӣ ва танзими он тавассути як «дасти ноаён», инчунин дар бобати зарурати андоз ва андозситонӣ, принсипҳои асосии он ва масоили дигари иқтисодӣ то имрӯз ҳам аҳамияти илмию амалии худро гум накардаанд. Маҳз Адам Смит яке аз аввалин пажӯҳишгарон шуда чаҳор принсипи классикии ташкили самарабахши фаъолияти андозситониро аз ҷиҳати илмӣ – методологӣ асоснок намудааст.

1.Одилона ё боинсофона будани андоз. Дар асоси ин принсип андоз бояд мутобиқ ба ҳаҷми воқеии даромади пулии андозсупоранда ба хазинаи давлат ситонида шавад.

2. Муайянсозии андоз, яъне меъёр ва муҳлати пардохти он бояд пешакӣ ва хеле мушаххас муқаррар гардад.

3. Сарфакорӣ ва камхарҷӣ оид ба тартиби андозбандӣ ва андозситонӣ. Моҳияти ин принсип дар он ифода меёбад, ки меъёри андоз дар ҳадди ақалл бошад, то боиси ғорат ва норозигии аҳолӣ нагардад.

4. Дар андозситонӣ ба амали худсарӣ ва қонуншиканӣ роҳ дода нашавад ва ин масъала ҳамеша бояд таҳти назорати доимию қатъии кормандони масъули соҳаи андоз ва андозситонӣ бошад.

Истифодаи принсипҳои зикршуда дар фаъолияти мақомоти андоз ва намояндагии он дар шаҳру ноҳияҳо барои ба низом овардани амалиёти андозбандӣ ва андозситонӣ, аз байн бурдани беадолатӣ, андозгирии аз меъёр зиёд, решакан кардани худсарию ҷабр кардан нисбат ба андозсупорандагон бештар ба таъмини адолат ва шаффофияти ин раванди иқтисодӣ мусоидат мекунад. Донишмандони машҳури иқтисоддон Давид Рикардо, Ҷон Мейнард Кейнс ва як қатор олимони илми иқтисоди муосир ба масъалаҳои ташаккули механизм ва усулҳои андозбандӣ, содa, фаҳмо ва самарабахш гардидани истифодабарии принсипҳои андоз ва низоми андоз таваҷҷуҳи хос зоҳир кардаанд. Дар шароити амали иқтисоди бозорӣ ва амсилаи иқтисоди омехта, ки ҳоло дар кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон (масалан ИМА, Хитой, Япония, ИДМ ва г.) мавриди истифода қарор дорад, ба истифодаи амалии боз як қатор принсипҳои дигар ба монанди: сода ва шаффоф будани андоз, ҳадди ақали имтиёзҳои андоз, ягонагии системаи андозҳо дар қаламрави як давлат; қиёсшавандагии андозҳо барои кулли андозсупорандагон ва ғ. таваҷҷуҳи бештар дода мешавад.

Низоми андози кишварҳои ҷаҳони муосир ба принсипҳои зерин такя мекунад ва онҳоро дар фаъолияти воқеӣ истифода менамоянд:

- *принсипи ҳавасмандгардонии* фаъолияти соҳибкории тавлидотӣ ва дар амал ҷорӣ намудани имтиёзҳо оид ба андозбандии фоида, ки ба рушди соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ такконӣ ҷиддӣ мебахшад;

• татбиқи меъёрҳои *принсипи ҳатмии андоз* ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар асоси маълумотномаҳои дақиқ оид ба объектҳои андозбандӣ дар давраи ҳисоботӣ муайян карда шудааст, муқаррар кардани ҷавобгарии андозсупорандагон ҳангоми риоя накардани талаботи қонунгузории андоз;

• *принсипи мунтазам ва мутаносибан* ситонидани намудҳои мухталиф аз шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ;

• *принсипи баробарӣ* – ин пеш аз ҳама роҳ надодан ба амали маҳдудсозии ҳуқуқи андозсупорандагон дар пешбурди фаъолияти хоҷагӣ;

• *принсипи адолати иҷтимоӣ* – таъмини дастгирии иҷтимоии қишри камбизоати аҳолӣ бо роҳи амалӣ намудани андозаи ҳадди ақали даромади шахсони воқеӣ ва истифодаи андозбандии тафриқавӣ ва пешқадам;

• *принсипи устуворӣ* – таъмини босуботи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ва ставкаи онҳо, инчунин андозҳои имтиёзнок дар давоми соли буҷетӣ;

• *принсипи асосноккунии иқтисодӣ* – ин муқаррар намудани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети давлатӣ дар асоси нишондиҳандаҳои рушди иқтисоди миллӣ ва имкониятҳои молиявии кишвар бо назардошти мувозинати бузургии пулӣ ба хароҷоти буҷети давлатӣ иборат мебошад;

• *принсипи пардохтҳои мунтазам* ин аз муқаррар намудани муҳлати пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ вобаста ба зарурати таъмини саривақтии воридшавии маблағҳо аз ҳисоби андозҳо ба буҷет ва масрафҳои гуногун мебошад;

• *принсипи салоҳиятнокӣ* нисбати муқаррар ва бекор кардани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, инчунин муайян кардани имтиёзҳои барои андозсупорандагон муайяннамудаи қонунгузории амалкунанда оид ба андозбандӣ;

• *принсипи муносибати ягона* – ин таъмини рафтори ягона доир ба таҳия, таҳрир, воридсозии тағйиру иловаҳо, мониторинги ҳолати андозгузорӣ ва андозситонӣ, ҳатман

муайян кардани андозсупорандагони муайяни он ва пардохтҳои ҳатмӣ, объектҳои андозбандишаванда, манбаъҳои пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, марҳила ва ставкаҳои андозбандӣ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҳлат, тартиби пардохти андозҳо ва асоснок пешниҳод намудани имтиёзҳои онҳо;

• *принсипи дастрас будани* андозҳо ин пеш аз ҳама, таъмини меъёрии ҳамаҷонибаи тартиботу муқарраротӣ низоми андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз ҷониби андозсупорандагон.

## 9.2. Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

*Низоми андозбандӣ* маҷмӯи муносибатҳои андозии дар Кодекси мазкур пешбинишуда ва андешидани тадбирҳои таъмини пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз ва шаклҳои ташкилӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои онҳо, тартиби назорати андозситонӣ ва ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андозро дар бар мегирад.

Ҳар як намуди андоз дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он аз унсурҳои зерин: субъект, объект, сарчашмаҳо, тартиби ситонидан, ставкаи (меъёри) андоз ва имтиёзҳои андоз иборат мебошад.

*Субъекти андозбандӣ* андозсупоранда, корхона (шахси ҳуқуқӣ) ё худ шаҳрванд (шахси воқеӣ), ки вазифаи ҳатмии супоридани андозро доранд, ба шумор меравад.

*Объектҳои андозситонӣ* аз даромад, фоида, арзиши иловашудаи маҳсулот (кору хизматрасонӣ), истифодаи сарватҳои табиӣ, амвол, арзиши гумрукии молу маҳсулот ва дигар манбаъҳо, ки қонунгузории амалкунанда муайян намудааст, иборат мебошд.

*Манбаъҳои андоз* – ин воситаҳое (фоида, арзиши иловашуда ва ғ.) мебошанд, ки аз онҳо андозҳои гуногун ба буҷети давлат ситонида мешаванд.

*Воҳиди ченаки ситонидани андоз* – воҳиди ченаки объект (сомонӣ, метр, метри мураббаъ, метри мукааб, литр, дека-

литр, килограмм, сентнер, тонна, гектар, ҳазор қуттии шартӣ ва г.) ба ҳисоб мераванд.

*Ставкаи андоз* – ин ҳаҷми андозе мебошад, ки аз ҳар воҳиди ченаки объект ситонида мешавад. Ставкаи андоз аз лиҳози моҳияту мазмун ба қатъӣ, мутаносиб, пешқадам ва регрессионӣ ҷудо мешавад.

*Ставки андози қатъӣ* бо маблағи мутлақ ба ҳар як воҳиди ситонидашавӣ новобаста аз андозаи даромадҳо муқаррар карда мешавад. *Ставкаи андози мутаносиб* бо ҳисоби фоизи ягона, новобаста ба андозаи даромадҳо муқаррар карда мешавад. *Ставкаи андози пешқадам* бо назардошти афзоиши андозаи ситонидашавандаи даромадҳо мустақиман афзун мегардад. *Ставкаи андози регрессионӣ (ҳадди ақалл)* бошад – баръакс бо мурури афзоиши даромадҳо сатҳи он кам карда мешавад.

Ставкаи андозҳо ва хироҷҳо (пардохтҳои ҳатмӣ) аз тарафи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии он, тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи андозҳо» муқаррар гардида, он дар давоми соли буҷетӣ умуман тағйир дода намешавад.

*Имтиёзи андоз* - ин қисман ё худ пурра озод намудан аз супоридани андоз, тамдиди мӯҳлати пардохти андоз мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

## 9.3. Намудҳои асосии андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон андозҳо (моддаи 6 “Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”) ба ду гурӯҳ – умумидавлатӣ ва маҳаллӣ ҷудо шудаанд, ки намудҳои зеринро дар бар мегиранд:

***1. Андозҳои умумидавлатӣ:***

1.1. андоз аз даромад;

1.2. андоз аз фоида;

1.3. андоз аз арзиши иловашуда;

1.4. аксизҳо;
1.5. андози иҷтимоӣ;
1.6. андозҳо барои захираҳои табиӣ;
1.7. андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
1.8. андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия.

***2. Андозҳои маҳаллӣ:***
2.1. андоз аз воситаҳои нақлиёт;
2.2. андозҳо аз молу мулки ғайриманқул.

### *1. Намудҳои андозҳои умумидавлатӣ*

***Андоз аз даромад.*** Ин яке аз намудҳои асосии андози мустақим маҳсуб меёбад. Онро бо ҳисоби фоиз аз маблағи умумии даромадҳои пулии шахсони воқеӣ бо роҳи тарҳи ҳароҷоти дар заминаи ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда ва бо назардошти қонунгузории амалкунанда ҳисоб мекунанд. Дар соли 2012 воридоти андози даромади шахсони воқеӣ ва андоз аз фоида ба 3,6%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистонро ташкил намуд. Тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон ҳамчун шахсони воқеии резидент ва шахсони ғайрирезидент (нафароне, ки дар корхонаю ташкилотҳо доимӣ фаъолият доранд) ин андозро аз даромади андозбандишаванда ба буҷет пардохт менамоянд. Даромадҳои умумии шахсони воқеӣ иборатанд аз: даромадҳое, ки ҳамчун музди меҳнат гирифта шудаанд; даромадҳо аз фаъолияте, ки меҳнати кироя ҳисоб намешаванд; ҳама гуна даромадҳои пулии дигар. Дар баробари ин, дар қаламрави Тоҷикистон аз намудҳои зерини даромади шахсони воқеӣ андоз аз даромад ситонида намешавад: даромад аз фаъолияти расмии дипломатӣ ё консулие, ки шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад; арзиши молу мулки аз дигар шахси воқеӣ дар шакли туҳфа ё мерос гирифташуда, ба истисноии даромадҳое, ки аз ҳисоби молу мулк гирифта шудаанд; арзиши туҳфаҳои аз шахсони

ҳуқуқӣ гирифташуда, ки аз 100 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд нест; арзиши ҷоизаҳои дар намоишҳо ва мусобиқаҳои байналмилалӣ гирифташуда, ки аз 500 нишондиҳанда барои ҳисобҳо дар як сол зиёд намебошад; нафақаҳои давлатӣ ва суғуртавӣ, стипендияҳои давлатӣ, ёрдампулиҳою ҷубронпулиҳои давлатӣ; алиментҳо аз ашхосе, ки онро мегиранд, молу мулке, ки аз ҷониби андозсупоранда барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода бурда мешавад; маблағи ҷоизаҳо ва мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон; бурдҳо аз вомбаргҳои давлатӣ ва лотереяҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Вазорати молияи Тоҷикистон баровардааст, дар ҳаҷми на зиёда аз 50 сомонӣ ба як вомбарг ё лоторея, маблағи ҷуброни зарари моддӣ, ки бо қарори суд муқаррар карда шудааст ва як қатор имтиёзҳои дигар.

Аз даромадҳое, ки ба фаъолияти кироя мансуб намебошанд: 1. даромад аз фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла маблағ аз фурӯш ё додани дороиҳое, ки барои пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ дода мешаванд; ҳамзамон маблағҳое, ки аз фурӯши воситаҳои асосӣ пайдо ва ба таркиби даромад дохил карда шудаанд; 2. даромад аз фаъолияти ғайрисоҳибкорӣ, ба мисли: даромади фоизҳо; суди саҳмияҳо (дивидендҳо); даромад аз иҷора ё кирояи молу мулк ва ғ.

Даромади андозбандишавандаи ҷойи кори асосии шахси воқеӣ аз рӯи меъёрҳои зерин андозбандӣ мешавад:

| Р/т | Маблағи даромади андозбандишаванда | Маблағ ва меъёри андоз |
|---|---|---|
| 1 | На зиёда аз тарҳи шахсӣ | Даромад андозбандӣ намешавад (аз андозбандӣ озод) |
| 2 | Зиёда аз маблағи тарҳи шахсӣ то 140 сомонӣ | 8 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз тарҳи шахсӣ |
| 3 | Зиёда аз 140 сомонӣ | Маблағи андози сатри 2 ҷамъ 13 фоиз аз маблағи даромади андозбандишавандаи зиёда аз 140 сомонӣ |

***Андоз аз фоида.*** Ин намуди алоҳида ва эътирофшудаи андози мустақим буда, онро ҳамаи корхонаҳои ватанӣ ва хориҷии дар қаламрави Тоҷикистон фаъолиятдошта ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ - андозсупорандагон ба буҷети давлат месупоранд. Меъёри андоз барои фаъолият оид ба истеҳсоли молу маҳсулот аз 1-уми январи соли 2013 – 15 фоиз, вале на кам аз як фоизи даромади умумӣ; аз 1-уми январи соли 2015 – 14 фоиз, вале на кам аз як фоизи даромади умумӣ; аз 1-уми январи соли 2017 – 13 фоиз, вале на кам аз як фоизи даромади умумӣ андозбандӣ мешавад.

Дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бобати андоз аз фоида аз тарафи давлат имтиёзҳои мушаххас муқаррар гардидаанд, ки тибқи онҳо ташкилоту корхонаҳои зерин аз андозбандии фоида озод мебошанд: ташкилоти динӣ, хайриявӣ (эҳсонкорӣ), буҷетӣ, созмонҳои байниҳукуматӣ ва байнидавлатии ғайритиҷоратӣ, ба истиснои фоидае, ки онҳо аз фаъолияти соҳибкорӣ мегиранд; маблағгузаронихои ройгон, молу мулки ройгон, аъзохақиҳо, хайрия ва грантҳое, ки ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ истифода мебаранд; Бонки миллии Тоҷикистон ва хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ.

***Андоз аз арзиши иловашуда*** - намуди асосии андози гайримустақим ба ҳисоб меравад. Тавассути ин андоз як ҳиссаи муайяни арзиши иловашудае, ки дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолу муомилоти молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил меёбанд, ба қисмати даромади буҷети давлат пардохт мешавад. Ҳамзамон воридоти молҳо аз хориҷи кишвар низ бо ҳамон меъёри стандартии андозбандӣ (18 % аз муомилоти андозбандишаванда дар давраи ҳисоботӣ), вале аз арзиши гумрукии моли воридшуда бо назардошти зам кардани он ба маблағи андози аксиз дар маҷмӯъ ҳамчун андоз аз арзиши иловашуда ба буҷети умумидавлатӣ ворид мегардад.

Бояд хотиррасон кард, ки бори нахуст андози мазкур соли 1954 дар Франсия ҷорӣ ғардид. Ҳоло онро беш аз 140 кишвари дунё (ба истиснои ИМА ва Япония), аз ҷумла

ИДМ – Русия, Тоҷикистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва ғ. бо мақсади ғанӣ гардондани буҷети давлатӣ ба таври васеъ истифода мебаранд. Андоз аз арзиши иловашуда дар асл андози фурӯши молу хизматҳои замони шуравиро пурра иваз кард. Шахсони ҳуқуқӣ ва як қисми соҳибкорони инфиродӣ (бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ), ки аз меъёри ҳадди ақали ҳаҷми гардиш аз фурӯши мол ва иҷрои корҳо зиёдтар аз маблағи муқарраршуда дар натиҷаи фаъолияти соҳиб-кориашон даромад мегиранд, ин намуди андозро бо тартиби муайян ва сари вақт чун уҳдадорӣ ба буҷет месупоранд. Механизми ба эътибор гирифтани маблағи муайяни андоз воқеияти ҳақиқӣ дорад ва воқеан имрӯз он дар амали хоҷагидорӣ истифода мешавад. Меъёри андоз аз арзиши иловашуда дар қаламрави Тоҷикистон ба 18% аз арзиши иловашудаи молу хизматрасонӣ дар истеҳсолоти ватанӣ ва молҳои аз хориҷи кишвар воридшаванда муқаррар гардидааст, ки нисбат ба солҳои аввали гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ (28%) то ба 18% расидааст.

***Андози аксиз*** - истилоҳи франсавӣ буда, маънояш «қайчӣ кардан ё буридан» аст. Аксиз ҳам як навъи андози ғайримустақим мебошад, ки танҳо аз номгӯи молҳои зераксизӣ ва намудҳои махсуси фаъолияти зераксизӣ ситонида мешавад. Тибқи Қонуни андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 1.01.2013 мавриди истифода қарор гирифт, андози аксиз чун сарчашмаи мустақили даромади буҷети умумидавлатӣ аз ҷониби истеҳсолкунандагон ва фурӯшандагони мол, ки амалиёти андозбандишавандаро анҷом медиҳанд, пардохта мешавад. Аксиз ҳамчун андози алоҳида ба баланд шудани нархи мол сабаб гардида, бори нархи изофашуда аз ҳисоби ин андоз ҳам бар зиммаи истеъмолгарони ниҳоӣ - аҳолӣ меафтад.

Дар моддаи 197 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи молҳои зераксизӣ зикр шудаанд, ки ба онҳо: ҳамаи намудҳои нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор; тамокуи коркардшуда, маҳсулоти саноатии ивазкунандаи тамоку ва маҳсулоти тамоку; сӯзишвории минералӣ, ҳамаи намудҳои нафти хом ва маҳсулоти коркарди он, моддаҳои биту-

минозӣ, маҳсулоти минералӣ, гази моеъ; шиша ва покришкаҳои пневматикии резинии нав, шина; автомобилҳои сабукрав ва ҳама гуна воситаҳои нақлиёти муҳаррикдор, ки барои кашонидани одамон пешбинӣ шудаанд; маҳсулоти заргарӣ аз металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо ва бо металлҳои қиматбаҳо рӯйпӯшкардашуда дохил мешаванд.

Манбаи андози аксиз маблаги воқеии молҳои зераксизӣ ва маблағи амалиётҳои андозбандишаванда ҳисобида мешавад.

Меъёри андози аксиз барои молҳои зераксизӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи номгӯи мушаххаси молҳо муайян карда мешавад. Инро одатан бо фоизҳо (адвалорӣ) ба арзиши молҳои зераксизӣ, ё бо маблаги мутлақ (устувор) ба воҳиди ченаки молҳои зераксизӣ дар ифодаи натуралӣ муқаррар мекунанд.

Тартиби озодкунӣ аз андози аксиз ҳам дар ҳолатҳои мушаххас пешбинӣ шудааст.

***Андози иҷтимоӣ.*** Ин намуди андоз маблағсупории ҳатмӣ мебошад, ки барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби супорандагони андози иҷтимоӣ мувофиқи меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати маблағи умумии музди меҳнат пардохта мешавад. Супорандагони андози иҷтимоӣ шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ - корфармоён мебошанд. Андози иҷтимоӣ, ки ба буҷети умумидавлатӣ гузаронида мешавад, барои суғуртакунандагон бо меъёри 25 фоиз аз фонди музди меҳнат дар корхонаҳо ва ташкилот барои сугурташудагон як фоиз аз маблаги музди меҳнати ҳисобшудаи ҳар як корманд дар як моҳ муқаррар гардидааст. Супорандағони андози иҷтимоӣ асосан соҳибкорони инфиродӣ бо меъёри 20 фоиз, шахсони ҳуқуқӣ, корфармоён, аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва ғ. мебошанд. Маблағи андози иҷтимоӣ ба ҳосили зарби меъёри якхелаи андоз ва фонди музди меҳнати ҳармоҳаи кормандони корхона ва ташкилотҳо баробар аст.

Аз супоридани андози иҷтимоӣ озод карда шудаанд: даромади шахсоне, ки дар муассисаҳои дипломатӣ ва консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа кор мекунанд; даромади шаҳрвандони хориҷӣ аз кироякорӣ дар чаҳорчӯбаи татбиқи лоиҳаҳои мақсадноки маъқулдонистаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби маблағҳои грантҳо ва қарзҳои пешниҳоднамудаи давлатҳои хориҷӣ. Муайян кардани меъёри андози иҷтимоӣ кори муҳим ба ҳисоб меравад, зеро ба он омилҳои зиёд таъсир мерасонанд.

***Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгардро*** ҳамчун шакли алоҳида ҳамаи корхонаҳои резидентӣ ва хориҷие, ки ба таври доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, ба буҷет месупоранд. Инчунин як қисми соҳибкорони инфиродӣ, ки бо андози даромад, андози иҷтимоӣ андозбандӣ карда мешаванд, супорандагони ин намуди андоз мебошанд. Меъёри он ба андозаи зерин муқаррар шудааст: аз 1-уми январи соли 2013 ба андозаи 0,5 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш ва 2 фоиз барои дигар намуди фаъолият; аз 1-уми январи соли 2015 ба андозаи 0,25 фоиз барои фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъмину фурӯш ва андозаи 1 фоиз барои дигар намудҳои фаъолият; аз 1-уми январи соли 2017 ин намуди андоз бекор карда мешавад. Манбаи андоз бо роҳи ҷамъ кардани ҳамаи хароҷоти дар давраи ҳисоботӣ андозкардашуда дар ҳаҷми пурра, бо назардошти маҳдудиятҳо бо хароҷот ҳисоб карда мешавад.

***Андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия*** - пардохти ҳатмӣ ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ ба ҳисоб меравад. Дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки ин молҳои истеҳсолшударо ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ таҳвил медиҳанд. Объекти андозбандӣ арзиши молҳои таҳвилшудаи андозбандишаванда, ба гарав монда, тибқи муомилоти фючерсӣ фурӯхташуда, ба сифати ашёи хоми молик додашаванда, содир кардани молҳои мазкур ба хориҷи

Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Меъёрҳои андоз аз фурӯш барои ҳисобкунии маблағи андоз бо фоиз нисбати нархҳои биржавии андозбандишаванда барои нахи пахта 10 фоиз ва барои алюминийи аввалия 3 фоиз муайян қарда шудааст.

***2.Намудҳои андозҳои маҳаллӣ:***

***Андоз аз воситаҳои нақлиёт*** - як намуди андози ҳатмӣ буда, пурра ба буҷети маҳаллӣ ворид мегардад. Супорандагони ин андоз. ҳамаи шахсони соҳиби воситаи нақлиёт мебошанд, ки дар воҳидҳои бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд. Объекти андозбандӣ ҳама гуна воситаи нақлиётест, ки дар гурӯҳи 87 (таҳти рамзҳои 8702 - 8705, 8711)-и номгӯи молии фаъолияҭи иқтисодии берунӣ зикр ёфтааст. Аз пардохти андоз инҳо озоданд: мошинҳо ва механизмҳои тасмачарх; комбайнҳои муҳаррикдори ғалладаравӣ ва махсус, аз ҷумла мошинҳои пахтачинӣ; автобусҳо ва троллейбусҳое, ки корхонаҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум барои мусофиркашонӣ дар шаҳрҳо истифода мебаранд; мотоколяска ва автомобилҳои бо даст идорашавандаи ба маъюбон тааллуқдошта; як автомобил новобаста аз иқтидори муҳаррик, ки моликияти Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамонони Тоҷикистон, шахсоне, ки дорандаи ҳамаи се дараҷаи ордени Шараф, иштирокчиёни ҶБВ-и солҳои 1941-45, шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ доир ба муҳофизати ИҶШС, собиқ партизанҳо ва ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни фалокати Неругоҳи барқи атомии Чернобил мебошанд.

Манбаи андоз иқтидори муҳаррики воситаҳои нақлиёт мебошад, ки бо воҳидҳои қувваи асп (қ.а.) ифода ёфтааст. Меъёрҳои андоз вобаста ба намуди воситаҳои нақлиёт тафриқабандӣ шудаанд ва дар як сол аз 2,5 фоиз (барои мотосикл ва мотороллерҳо) то ҳадди ниҳоӣ - 14,5 фоиз

(барои автомобилҳои боркаши иқтидори борбардориашон зиёда аз 40 тонна)-ро ташкил мекунанд.

***Андозҳо аз молу мулки ғайриманқул*** - навъи андозҳое, ки ба буҷети маҳаллӣ ворид мешаванд. Супорандагони ин намуди андоз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, яъне моликон ва истифодабарандагони молу мулки ғайриманқул мебошанд.

Объектҳои андозбандӣ: *хонаҳои истиқоматӣ, ҳуҷраҳо, бӯстонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморату иншоотҳое* мебошанд, ки ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф шудаанд. Манбаи андоз масоҳати ҳамаи ошёнаҳои молу мулки ғайриманқул (ба истиснои иншоотҳо) мебошад, ки бо назардошти зарибҳо тасҳеҳ шудааст. Манбаи андоз барои иншоотҳо масоҳати замине ба ҳисоб меравад, ки дар амал онҳо ишғол намудаанд. Ҳангоми ҳисоб кардани манбаи андоз масоҳати ошёнаи якум, таҳхона, болохона, ошёнаҳои 2 - 5 ва ғ. тартиботи хос муқаррар шудааст.

Имтиёзҳо оид ба ин намуди андоз вуҷуд доранд; молу мулки ғайриманқули ташкилотҳои буҷетӣ ё корхонаҳое, ки на камтар аз 50 фоизи кормандонашонро маъюбон ташкил медиҳад, андозбандӣ намешавад; молу мулки ғайриманқули Қаҳрамонони Иттифоқи Советӣ, Қаҳрамонони Меҳнати Сотсиалистӣ, Қаҳрамонони Тоҷикистон, шахсоне, ки бо се дараҷаи ордени Шараф мукофотонида шудаанд, иштирокчиёни ҶБВ (солҳои 1941 - 45), шахсони ба онҳо баробаркардашуда, иштирокчиёни дигар амалиётҳои ҳарбӣ ва ғ.; иншооти роҳҳои оҳани истифодаи умум, роҳҳои нақлиёти автомобилии истифодаи умум, қубурҳои интиқоли магистралӣ, хатҳои баландшиддати интиқоли барқ ва дигар иншоотҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад, андозбандӣ намегардад.

Меъёри андоз аз молу мулки ғайриманқул дар ҳаҷми карат аз меъёри андози замин муқаррар карда шудааст; молу мулки ғайриманқул, дар шакли бинои истиқоматӣ - ба андозаи 15-карата; молу мулки ғайриманқул барои мақсадҳои тиҷоратӣ, шабакаҳои хӯроки омма ва хизматрасонии маишӣ - ба андозаи 60-карата ва ғ.

## 9.4. Андозбандии корхонаҳои истеҳсолӣ

Соҳаҳои истеҳсолӣ маҷмӯи соҳаҳои тавлидкунандаи маҳсулоти ҷамъиятӣ мебошанд, ки ба онҳо дохил мешаванд: саноат, кишоварзӣ, сохтмон, нақлиёт, савдо ва дигар соҳаҳои истеҳсолкунандаи молу маҳсулот.

Фаъолияти минбаъдаи рушди соҳаҳои зикршуда аз истифодаи шаклу намудҳои андозбандие, ки ба корхона ва ташкилоти мухталиф Кодекси андози мамлакат муқаррар кардааст, вобастагӣ дорад.

Корхонаҳои истеҳсолии Тоҷикистон тибқи муқарраротн қонуни мазкур чунин андозҳои давлатию маҳаллиро месупоранд: андоз аз фоида; андоз аз арзиши иловашуда; аксизҳо; андози иҷтимоӣ; андоз аз захираҳои табиӣ; андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард; андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия ва андозҳо аз молу мулки ғайриманқул.

Моҳият, мазмун, объекти андозбандӣ, манбаи андоз, меъёри андозҳо ва имтиёзҳои ба онҳо хосбуда дар саволҳои дигари мавзӯъ ба таври мушаххас мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудаанд. Аз ин лиҳоз, ин ҷо барои равшанӣ андохтан ба баъзе аз имтиёзҳое, ки Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст, иктифо мекунем.

Кодекси андоз барои ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ заминаи мусоидро фароҳам овардааст, аз ҷумла дар он баъзе имтиёзҳо ва сабукиҳо доир ба иҷрои кору хизматрасониҳои истеҳсолӣ ба назар гирифта шудааст:

-Кодекси амалкунандаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андози фурӯши чаканаи молро аз эътибор соқит кард;

- талабот оид ба истифодаи музди меҳнати миёнаи номиналии омории коргарони кироя барои ҳисоби андози иҷтимоии коргарон хориҷ карда шуд;

- воридоти молҳо барои эҳтиёҷоти корхонаҳои навтаъсисе, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (аз калобаи нахи пахта то маҳсулоти пахтагини

дўзандагӣ) машғул мебошанд, аз боҷи гумрукӣ ва андоз аз арзиши иловашуда озод карда шуд;

- барои коркарди пӯст, пашм, абрешими хом ва дигар ашёи хоми соҳаи кишоварзӣ ба маҳсулоти ниҳоӣ ба муҳлати 5 сол имтиёзи андозӣ тибқи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад;

- дар доираи минтақаҳои озоди иқтисодӣ мутобиқ ба талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти истеҳсолӣ аз пардохти ҳама намуди даромади шахсони воқеӣ ва андози иҷтимоӣ озод мебошанд;

- воридоти таҷҳизоти технологӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷҳои гумрукӣ озод карда шуд. Ин имтиёзро минбаъд на танҳо шахсони ҳуқуқӣ, балки соҳибкорони инфиродӣ низ метавонанд истифода намоянд;

- ҳадди бақайдгирӣ бо мақсадҳои андоз аз арзиши иловашуда аз 200 ҳазор сомонӣ ба 500 ҳазор сомонӣ баланд бардошта шуд;

- то соли 2017 паст намудани меъёри андоз аз фоида барои фаъолияти истеҳсолӣ аз 15 % ба 13% пешбинӣ шуд;

- меъёри андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард дар соли 2015-ум 50,0 % паст ва аз 1 январи соли 2017 ин андоз бекор карда мешавад.

Ҳамзамон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани моратория ба ҳамаи намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» аз 30.09.2011 таҳти №1146 барои санҷиши субъектҳое, ки корхонаи нави истеҳсолӣ мекушоянд ва ё технологияҳои навинро барои васеъ кардани на кам аз нисфи истеҳсолот ҷалб менамоянд, ба муҳлати се сол мораторияи санҷишҳо муқаррар карда шудааст.

### 9.5.Низомҳои махсуси андозбандӣ ва шарҳи мухтасари онҳо

Чуноне дар саволи якуми ин мавзӯъ қайд намудем, Қонуни андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ба инобат гирифтани ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкории

инфиродӣ, соҳибкории хурд, дастгирии иқтисодии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, сохтмони неругоҳҳои барқӣ, корхонаҳои навтаъсис, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба таври маҳсулоти тайёр аз он машғул мебошанд, дастгирии рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Тоҷикистон як қатор низомҳои махсуси андозбандиро аз 01.01.2013 мавриди истифода қарор додааст.

Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд (минбаъд– андози низоми содакардашуда) яке аз низомҳои махсуси андоз мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ё андоз аз даромад барои соҳибкорони инфиродиро бо тартиби содакардашуда пардохт менамоянд.

Агар дар боби мазкур тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, субъектҳои соҳибкории хурде, ки даромади умумии бо усули хазинавӣ ҳисобшудаи онҳо дар соли пешинаи тақвимӣ (бе назардошти андози аксизӣ, андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия) аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд намебошад (минбаъд – ҳадди даромад) аз андози низоми содакардашуда истифода мебаранд.

Гузариш ба андози низоми содакардашуда ё баргаштан ба низоми умумии андозбандӣ аз ҷониби андозсупорандагон бо тартиби пешбининамудаи ҳамин боб амалӣ карда мешавад.

Супорандаи андози низоми содакардашуда супорандаи чунин андозҳо ба ҳисоб намеравад:

- андоз аз фоида, ба истиснои даромадҳое, ки аз онҳо андоз дар манбаи пардохт ситонида мешавад;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андоз аз даромади бевоситаи соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда;
- андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ҳангоми воридоти молҳо ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андоз аз арзиши иловашудаи ғайрирезидент, ки дар манбаи пардохт ситонида мешавад.

Ағар дар ҳамин боб тартиби дигаре пешбинӣ нагардида

бошад, дигар андозҳо аз ҷониби супорандагони андози низоми содакардашуда дар асоси Кодекси андози кишвар пардохт карда мешаванд.

Шахсоне, ки андози низоми содакардашударо истифода менамоянд, аз иҷрои уҳдадориҳои агенти андози пешбининамудаи кодекс озод намебошанд.

Инҳо супорандагони андози низоми содакардашуда эътироф мешаванд:

- шахсоне, ки фаъолияти соҳибкории онҳо дар соли ҷории тақвимӣ огоз ёфтааст, новобаста аз воқеияти барасмиятдарории бақайдгирии давлатии ин шахсон;
- шахсоне, ки ба шартҳои қисмҳои 1 ва 2 моддаи 290 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сархати якуми қисми 3 ҳамин модда ҷавобгӯ мебошанд.

Андози низоми содакардашуда нисбат ба андозсупорандагони зерин татбиқ намегардад:

- шахсони воқеие, ки ба сифати соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент ба қайд гирифта шудаанд ва нисбат ба даромадҳо аз чунин фаъолияти соҳибкорӣ бо андозҳои низоми патент андозбандӣ мешаванд;
- соҳибкорони инфиродии истифодакунандаи низоми содакардашудаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои даромадҳое, ки андозбандии онҳо дар доираи низоми содакардашудаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ба танзим дароварда нашудааст;
- шахсони истифодабарандаи низоми содакардашудаи андозбандии субъектҳои бизнеси бозӣ, ба истиснои даромадҳое, ки ба бизнеси бозӣ тааллуқ надоранд.

Гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба андози низоми содакардашуда, инчунин гузариши баръакс аз 1-уми январи соли тақвимӣ бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

- агар аз рӯи натиҷаҳои соли тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи низоми умумии андоз аз ҳадди даромад кам бошад ва агар баъди гузариши охирон аз системаи содакардашудаи андоз ба

низоми умумӣ 3 соли тақвимӣ гузашта бошад, андозсупорандаи мазкур уҳдадор аст на дертар аз 10-уми январи соли ҷорӣ ба таври хаттӣ мақомоти андози маҳалли баҳисобгириашро оид ба ҳаҷми даромади худ хабардор созад ва доир ба гузариш ба андози низоми содакардашуда аз 1-уми январи соли ҷории тақвимӣ ариза диҳад;

- агар дар давоми соли тақвимии гузашта даромади умумии андозсупорандаи истифодабарандаи андози низоми содакардашуда (бо назардошти даромадҳои дигаре, ки дар ҳолати истифодабарии низомҳои дигари андозбандӣ ба даст омадаанд) аз ҳадди даромад зиёд бошад, андозсупорандаи мазкур уҳдадор аст на дертар аз 10-уми январи соли ҷорӣ бо тариқи хаттӣ андози маҳалли баҳисобгириашро оид ба ҳаҷми даромади умумии худ хабардор созад ва доир ба гузариш ба низоми умумии андоз аз 1-уми январи соли ҷории тақвимӣ ариза диҳад;

- дар ҳолати аз ҷониби худи андозсупоранда иҷро нагардидани талаботи сархатҳои якум ё дуюми ҳамин қисм, мақомоти дахлдори андоз гузариши чунин андозсупорандаро ба дигар низоми андозбандӣ таъмин карда, дар ин хусус ин андозсупорандаро хабардор месозад, инчунин ӯро барои сари вақт ба дигар низоми андозбандӣ нагузаштан мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ мекашад.

Объекти андозбандии андози низоми содакардашуда даромади умумӣ, аз ҷумла даромад аз таҳвили молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, инчунин даромади дигари ба дастомада мебошад, ба истиснои даромадҳое, ки дар манбаи пардохт андозбандӣ карда шудаанд.

Даромади умумии супорандаи андози низоми содакардашуда бо усули хазинавӣ муайян карда мешавад.

Даромади умумии дар давраи ҳисоботӣ бадастовардаи шахси ҳуқуқии хориҷӣ, ки фаъолияти худро тавассути филиал ва (ё) намояндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд, дар асоси даромадҳои он, ки аз манбаъҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шудаанд, муайян карда мешавад.

Манбаи андоз оид ба андози низоми содакардашуда

ифодаи пулии даромади умумии дар давраи андоз гирифташуда эътироф карда мешавад.

Даромади умумии бо усули хазинавӣ ҳисобкардашуда андози аксизӣ ва андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалияро дар бар намегирад. Дар ҳолати дар муҳлати зиёда аз 6 моҳи амалӣ нагардидани ҳисоббаробаркуниҳо барои молҳои (кору хизматрасониҳои) аз ҷониби андозсупоранда таҳвилшуда, барои мақсадҳои ҳисоб намудани андози низоми содакардашуда молҳои (кору хизматрасониҳои) шикргардида ба андозсупоранда пардохтшуда ҳисобида мешаванд.

Андозсупорандагони истифодакунандаи андози низоми содакардашуда уҳдадоранд барои мақсадҳои муайян намудани манбаи андоз баҳисобгирии муҳосибии даромади умумиашонро пеш баранд.

Андозсупорандагон метавонанд низоми содакардашудаи баҳисобгирии муҳосибии аз ҷониби Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ муқарраршударо истифода намоянд.

Имтиёзҳои пешбининамудаи моддаи 110 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ин мақсадҳо татбиқ карда мешаванд.

Озодкунӣ аз пардохти андози низоми содакардашуда андозсупорандаро аз пешниҳод намудани эъломияи андоз доир ба даромадҳои озодкардашуда барои ҳар нимсолаи соли тақвимӣ бо шакли тасдиқкардаи мақоми ваколатдори давлатӣ на дертар аз санаи 20-уми моҳе, ки баъд аз нимсолаи хисоботӣ фаро мерасад, озод намекунад.

Давраи андози низоми содакардашуда семоҳа эътироф карда мешавад.

Меъёри андози низоми содакардашуда ба андозаҳои зерин муқаррар карда мешавад:

- барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо – 5 фоиз;
- барои намудҳои дигари фаъолият – 6 фоиз.

Андози низоми содакардашуда ҳамчун ҳосили зарби манбаи андози дахлдор ба меъёри андоз ҳисоб карда мешавад.

Ҳангоми аз ҷониби андозсупоранда амалӣ гардидани якчанд шаклҳои фаъолият, баҳисобгирии даромади умумӣ барои ин намудҳои фаъолият, инчунин ҳисоб намудани маблағҳои андози дахлдор ҷудогона бурда мешавад.

Андозсупорандагоне, ки то гузариш ба низоми андози содакардашуда ҳангоми ҳисоб намудани андозҳо аз рӯи низоми умумии андозбандӣ усули ҳисобу замкуниро истифода мебурданд, дар вақти пардохти андози низоми содакардашуда қоидаҳои зеринро иҷро менамоянд:

- маблағҳои пулии то гузариш ба андози низоми содакардашуда ба ҳисоби пардохт тибқи шартномаҳое, ки андозсупоранда иҷрои онҳоро баъд аз гузариш ба андози низоми содакардашуда амалӣ менамояд, гирифташуда ба манбаи андози низоми содакардашуда дохил карда мешаванд;
- маблағҳои пулие, ки баъд аз гузариш ба андози низоми содакардашуда гирифта шудаанд, агар мувофиқи қоидаҳои баҳисобгирии андоз бо усули ҳисобу замкунӣ маблағҳои пешбинигардида ҳангоми ҳисоб намудани манбаи андоз доир ба низоми умумии андозбандӣ ба даромадҳо илова шуда бошанд, ба манбаи андоз дохил карда намешаванд.

Пардохти андози низоми содакардашуда ба буҷети маҳаллӣ дар маҳалли баҳисобгирии андозсупоранда анҷом дода мешавад.

Дастурамал дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози низоми содакардашуда, инчунин шаклҳои эъломияҳо аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

Назорати пардохти андози низоми содакардашударо мақомоти андоз амалӣ менамояд.

### 9.6. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ (андози ягона)

Низоми мазкур тартиби махсуси андозбандии субъектҳои соҳибкории хурде мебошад, ки истеҳсоли маҳсулоти

кишоварзиро бе коркарди минбаъда амалӣ менамояд ва ин чун андози ягона эътироф шудааст. Андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ва дигар истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие истифода карда мешавад, ки барои онҳо замин воситаи асосии пеш бурдани фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Агар ин ҷо тартиби дигаре муқаррар нашуда бошад, супорандаи андози ягона дар қисми фаъолияте, ки бо андози ягона андозбандӣ мешавад ва аз пардохти андозҳои зерин озод карда мешавад:

- андоз аз фоида (андози низоми содакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд), ба истиснои даромадҳои аз манбаи пардохт андозбандишаванда;
- андоз аз арзиши иловашуда, ба истиснои андоз аз арзиши иловашудае, ки ҳангоми воридоти молҳо ба қаламрави гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохт мешавад ва дар ҳолати анҷом ёфтани амалиёти аз манбаи пардохт андозбандишаванда;
- андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард;
- андози замин.

Аз андози даромад танҳо даромадҳои вобаста ба фаъолияти кишоварзӣ бадастовардаи аъзои хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда, ки супорандаи андози ягона мебошад, озод карда мешавад.

Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти ғайрикишоварзӣ нисбат ба чунин фаъолият истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ-супорандагони андози ягона иловатан супорандагони андози низоми содакардашуда мешаванд (ё дар ҳолати аз ҳадди даромад зиёд гардидани даромади умумӣ - андозҳо тибқи низоми умумии андозбандӣ) ва баҳисобгирии алоҳидаи даромаду хароҷотро аз истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ пеш мебаранд.

Супорандагони андози ягона дигар андозҳоро бо тартиби муқаррарнамудаи кодекс пардохт менамоянд.

Супорандагони андози ягона истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие эътироф карда мешаванд, ки ба шарт-

ҳои қисми 1 моддаи 298 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамоянд.

Барои мақсадҳои зикршудаи ҳамин қисмат ба маҳсулоти кишоварзӣ натиҷаи ибтидоии (маҳсули) парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, ки таҳти коркарди минбаъда қарор нагирифтааст, дохил мешавад.

*Ҳуқуқи гузариш ба пардохти андози ягонаро инҳо надоранд:*

- андозсупорандагоне, ки ба истеҳсоли молҳои зераксизӣ машғуланд;
- андозсупорандагоне, ки дар бизнеси бозӣ фаъолият менамоянд;
- муассисаҳои давлатӣ;
- андозсупорандагоне, ки низоми содакардашудаи андозбандиро барои субъектҳои соҳибкории хурд истифода менамоянд;
- андозсупорандагоне, ки низомҳои имтиёзноки андозро истифода менамоянд.

Гузариш аз низоми умумии андоз ба пардохти андози ягона, инчунин гузариши баръакс аз 1-уми январи соли тақвимӣ бо чунин тартиб амалӣ карда мешавад:

- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки бо андози ягона андозбандӣ карда шуда, даромади умумии онҳо ба талаботи низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ мебошад, ҳуқуқ доранд на дертар аз 10-уми январи соли тақвимӣ ба мақомоти дахлдори андоз оид ба гузариш ба низоми умумии андозбандӣ ариза диҳанд;
- истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки даромади умумии онҳо ба талаботи низоми умумии андозбандӣ ҷавобгӯ намебошад, агар пас аз гузариши онҳо ба низоми умумии андозбандӣ на камтар аз 3 соли тақвимӣ гузашта бошад, уҳдадоранд на дертар аз 10-уми январи соли тақвимӣ ба мақомоти дахлдори андоз оид ба гузариш аз низоми умумии андозбандӣ ба пардохти андози ягона ариза диҳанд.

То гузариш ба низоми дигари андозбандӣ андозсупоранда уҳдадор аст ҳисоббаробаркунии уҳдадориҳои андозро аз рӯи низоми андозбандии қаблӣ анҷом диҳад.

Объекти андозбандии андози ягона қитъаи замини истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ мебошад, ба истиснои заминҳои аз андози ягона озод.

Манбаи андоз масоҳати қитъаи замини ҷудокардашуда (истифодашаванда) мебошад.

Ҳангоми гузариш аз андози ягона ба низоми умумии андозбандӣ ва гузариши баръакси он қоидаҳои гузариш барои супорандагони андози низоми содакардашудае, ки дар моддаи 297 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, истифода бурда мешаванд:

***Аз андози ягона инҳо озод карда мешаванд:***

- ✓ ҳудуди мамнуъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, боғҳои ботаникӣ мутобиқи номгӯи чунин ташкилотҳо ва масоҳати ҳудудҳои онҳо, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, агар чунин заминҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нашаванд;
- ✓ дар давоми 5 соли тақвимӣ баъд аз додани заминҳои вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) ва заминҳои дар марҳилаи азхудкунии кишоварзӣ қарордошта, ки мутобиқи хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ доир ба заминсозӣ бо мувофиқаи мақоми ваколатдори давлатӣ эътироф карда шудаанд;
- ✓ заминҳое, ки таҳти хатти мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд;
- ✓ заминҳои захираи озоди давлатӣ, агар чунин заминҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода нашаванд;
- ✓ дар давоми 5 соли тақвимӣ баъд аз додани заминҳои чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва дигар заминҳое, ки қаблан дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифода нашудаанд ва дар онҳо боғҳо ва токзорҳо бунёд карда шудаанд. Доир ба майдони воқеии богҳо ва токзорҳои дар чунин заминҳо бунёдгардида андозсупоранда ба таври хаттӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии онҳо дар давоми

30 рӯзи тақвимӣ аз рӯзи анҷом ёфтани чунин корҳо иттилоот медиҳад.

***Меъёрҳои андози ягона*** дар минтақаҳои кадастрӣ бо назардошти ноҳияҳои кӯҳӣ аз ҳар як гектар замин барои соли тақвимӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои заминсозӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ ҳар 5 сол муқаррар карда мешаванд.

Меъёрҳои андози ягона барои дигар заминҳо, ки дар ин қисмати Кодекси андоз муайян нашудаанд, ба меъёрҳои заминҳои дахлдори бо андози замин андозбандишаванда баробар карда мешаванд.

Оид ба заминҳои кишти обӣ, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, меъёри андози ягона дар ҳаҷми нисфи меъёри мутобиқи ҳамин қисми қонун зикргардида, муқаррар карда мешавад. Маълумот дар бораи масоҳати заминҳое, ки амалан барои парвариши пахта истифода мешаванд, аз ҷониби андозсупоранда ба мақоми андози маҳалли бақайдгириаш то 1-уми июни соли тақвимӣ (ҳисобот) пешниҳод менамояд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳар сол ҷуброни меъёрҳои андози ягона ва андози заминро мутобиқи сатҳи таваррум дар соли гузаштаи тақвимӣ, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи омор муайян гардидааст, анҷом дода, меъёрҳои ҷуброншудаи андози ягона ва андози заминро барои соли ҷорӣ дар сомонаи электронии расмии худ ҷойгир мекунад.

Ҳар сол то 1-уми марти соли ҷорӣ истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии заминҳои худ эъломияи андози ягона барои соли ҷории тақвимиро дар шакли муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ пешниҳод менамояд.

Истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки маҳсулоти ғайрикишоварзӣ истеҳсол менамоянд, нисбат ба чунин маҳсулот андозҳоро пардохт мекунанд ва ҳисоботи андозро ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии худ дар шакл, бо тартиб ва дар мӯҳлатҳои муқаррарнамудаи низоми дахлдори андозбандӣ пешниҳод менамоянд.

Андози ягона барои соли ҷории андоз дар маҳалли ҷойгиршавии заминҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар мухлатҳо ва бо андозаҳои зерин (бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол) пардохт карда мешавад:

- на дертар аз 10-уми март ба андозаи на камтар аз 15 фоизи маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми июн ба андозаи на камтар аз 30 фоизи маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми сентябр ба андозаи на камтар аз 50 фоизи маблағи солонаи андоз;
- на дертар аз 10-уми декабр ба андозаи на камтар аз 100 фоизи маблаги солонаи андоз.

Маблағи пурраи андози ягона метавонад аз ҷониби андозсупоранда пеш аз мухлат пардохт шавад.

Андозсупоранда метавонад маблаги пурраи андози ягонаро тибқи аризаи хаттӣ, ки ҳисоботи андоз ба ҳисоб меравад, то муҳлати муқарраршуда пардозад.

Дастурамал дар бораи ҳисоб кардан ва супоридани андози ягона, шакли эъломияҳои андози ягона аз тарафи мақоми ваколатдори давлатӣ дар мувофиқа бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Назорати пардохти андози ягона аз тарафи мақомоти андоз бо кумаки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешавад.

## 9.7. Низоми андозбандӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ

Низоми имтиёзноки андозбандии пешбининамуда танҳо нисбат ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ дар қитъаи маҳдуди бо девор иҳоташуда ва муҳофизатшавандаи қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгӯи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, татбиқ карда мешавад.

Молҳои ҷои истеҳсолашон хориҷи кишвар ва ватанӣ ҳам ба минтақаи озоди иқтисодӣ бо пурра озод будан аз пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо зери назорати мақомоти гумрук бо

шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукии минтақаҳои озоди иқтисодӣ ворид карда мешаванд.

Таҳвили молҳо аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба минтақаи дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати мақомоти гумрук бо шартҳои муайяннамудаи низоми гумрукии иҷозат барои муомилоти озод амалӣ карда мешавад.

Таҳвили молҳо аз ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба берун аз ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати мақомоти гумрук бо пардохт ва бидуни пардохти боҷҳои гумрукӣ, андозҳо бо шартҳои муайяннамудаи низомҳои гумрукӣ амалӣ карда мешавад.

Андозсупорандагон - шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, филиалҳои шахсони ҳуқуқии хориҷие, ки дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба сифати субъектҳои он фаъолият мекунанд, уҳдадоранд дар айни замон ба чунин шартҳо ҷавобгӯ бошанд:

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда дар бораи гузаштан аз қайди давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» ва дар нозироти андози ноҳияи (шаҳри) дахлдор ба ҳисоб гирифта шудан, дошта бошанд;
- берун аз қаламрави минтақаи озоди иқтисодӣ воҳидҳои алоҳида надошта бошанд;
- намудҳои фаъолиятеро амалӣ намоянд, ки низомномаи минтақаи озоди иқтисодии дахлдор манъ накардааст.

Ба соҳиби объекти молу мулки ғайриманқули дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ қарордошта дар давоми 3 (се) сол баъд аз таъсис додани минтақаи озоди иқтисодӣ мӯҳлат дода мешавад, ки мақоми субъекти минтақаи озоди иқтисодии мазкурро соҳиб шавад ё дар асоси шартҳои низомҳои андозии муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахсе фаъолият кунад, ки субъекти минтақаи озоди иқтисодии мазкур намебошад.

Субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ дар доираи фаъолияти дар минтақаи озоди иқтисодӣ амалишаванда ва молу мулки

истифодашаванда аз пардохти ҳамаи намудҳои андоз ва уҳдадориҳои агенти андози муқаррарнамудаи кодекс ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба истиснои баъзе андозҳои дар ҳамин бахш пешбинигардида озод карда мешаванд.

Ташкилотҳо – субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ агентони андоз оид ба андоз аз даромад ва супорандагони андози иҷтимоӣ нисбат ба шахсони воқеие мебошанд, ки ба онҳо даромадҳо, мукофотпулиҳо, пардохтҳо, фоида ва маблағҳои дигар мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи кодекс пардохт мешаванд.

Соҳибкорони инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд-субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ:

- нисбат ба даромадҳои бевосита гирифтаи онҳо – мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи кодекс супорандагони андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мебошанд, ки ҳар семоҳа ба буҷет пардохт мешаванд;

- нисбат ба даромад, подош, пардохт, фоида ва дигар пардохтҳои ба манфиати шахси воқеӣ пардохтшуда (пардохтшаванда) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи кодекс супорандагони (агентони андози) андоз аз даромад ва андози иҷтимоӣ мебошанд.

Имтиёзҳои андоз барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ танҳо ба он қисми фаъолияти онҳо, ки он дар ҳудуди минтақаи озоди иқтисодӣ ба анҷом расонида мешавад, амал мекунанд.

Ҳисобкунӣ, тартиб ва муҳлати пардохти андозҳои барои субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ муқарраргардида, инчунин аз ҷониби онҳо пешниҳод намудани эъломияҳо ва ҳисоботи дигари андоз бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешаванд.

Маъмурияти минтақаи озоди иқтисодӣ ҳар семоҳа на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз семоҳаи ҳисоботӣ фаро мерасад, ба мақоми андози маҳалли баҳисобгирии худ оид ба субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ва объектҳои андозбандӣ бо шакли муқаррарнамудаи мақомоти ваколатдори давлатӣ маълумот медиҳад.

Субъектҳои минтақаи озоди иқтисодӣ ҳисоби алоҳидаи даромадҳо, харочот, молу мулк ва фаъолияти хоҷагидории худро мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш мебаранд.

Объектҳои андозбандии дар ҳудуди минтақаҳои озоди иқтисодӣ қарордоштае, ки ба субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодӣ мансуб нестанд, мутобиқи қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозбандӣ карда мешаванд.

Хусусиятҳои муносибати мутақобилаи мақомоти андоз бо маъмурияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ метавонанд дар созишномаи байни онҳо басташуда муайян карда шаванд.

Назорати пардохти андозҳо аз тарафи субъектҳои минтақаҳои озоди иқтисодиро мақомоти андоз ва гумрук амалӣ менамоянд.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1.Андоз ҳамчун мафҳуми иқтисодӣ чиро ифода менамояд?*

*2.Моҳият ва хусусияти намудҳои андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллиро тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон шарҳу тавзеҳ диҳед.*

*3.Принсипҳои андозбандӣ кадомҳоянд? Мазмуни онҳоро маънидод намоед.*

*4.Низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои кадом хусусиятҳост? Низоми амалкунандаи андоз аз низоми андозситонии кишварҳои аъзои ИДМ чӣ тафовуте дорад?*

*5.Андози ягонаи корхонаҳои (соҳибкорони) хурдро шарҳ диҳед ва хусусиятҳои фарққунандаи онро фаҳмонед.*

*6.Ба андозҳои маҳаллӣ кадом номгӯи андозҳо дохил мешаванд?*

*7.Ҳуқуқ, вазифа ва масъулияти иҷтимоии соҳибкор(ӣ), ба ақидаи Шумо, бештар дар чӣ чиз зоҳир мешавад?*

*8. Низоми андозбандии фаъолияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ: моҳият, мазмун ва хусиятҳои муҳими иқтисодии онро маънидод кунед.*

9. *Муҳлат, андоза, роҳу усулҳои пардохт намудани андози ягонаро барои корхонаҳои кишоварзии мамлакат шарҳу тавзеҳ диҳед.*
10. *Низомҳои махсуси андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чиро дар бар мегиранд ва моҳияту вижагии мазмуни онҳоро фаҳмонед.*

# МАВЗӮИ 10.
# МУФЛИСШАВИИ КОРХОНА

10.1.Моҳият ва сабабҳои муфлисшавии корхона.
10.2.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», тавсифи муқаррароти асосии он.
10.3.Тартиби эътироф намудани муфлисшавии корхона.
10.4.Роҳҳои пешгирии муфлисшавии корхона дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ.

## 10.1. Моҳият ва сабабҳои муфлисшавии корхона

Дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» (8 декабри соли 2003) муфлисшавӣ чунин маънидод шудааст: аз тарафи қарздор дар ҳаҷми пурра қонеъ карда натавонистани талаби кредиторон оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва ё иҷро карда тавонистани уҳдадориҳои ворид намудани пардохтҳои ҳатмие, ки аз ҷониби суд эътироф шуда ё қарздор қодир набуданашро эълон намудааст.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» шахси ҳуқуқӣ дар ҳолати аз даст додани қобилияти пардохт муфлис эълон шуда, меъёри адонашаванда танҳо нисбати шаҳрвандон татбиқ карда мешавад.

Бояд зикр намуд, ки қонун ба сифати яке аз сабабҳои муфлисшавӣ ҳаҷми ҳадди ақали қарзи корхонаро эътироф менамояд.

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муфлисшавии субъектҳои фаъолияти соҳибкориро бо далелҳои зерин эътироф мекунанд:

- вуҷуд доштани уҳдадориҳои қарздор, ки бо пул ифода карда шудаанд;
- қодир набудани шаҳрванд ё корхона барои иҷрои уҳдадориҳо дар назди кредиторон дар муҳлати се моҳ аз лаҳзаи фаро расидани вақти иҷрои онҳо;
- вуҷуд доштани қарзи шаҳрванд дар ҳаҷми 500 ҳадди ақали музди меҳнат ва қарзи корхона дар андозаи 10 фоизи сармояи оинномавии он;

• бо қарори суди иқтисодӣ расман эълои шудани муфлисшавии корхона.

## 10.2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», тавсифи муқаррароти асосии он

Шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва ҳамчунин шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барои қонеъ намудани талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва ҳамчунин иҷрои пардохтҳои ҳатми ба буҷет аз ҳисоби амволи онҳо ворид-шаванда қодир набуда ҳисобида мешаванд. Агар уҳдадо-риҳо аз тарафи онҳо дар давоми се моҳ аз лаҳзаи эътибор пайдо карданашон иҷро карда нашаванд ва агар маблағи умумии уҳдадориҳояшон дар назди бонк аз арзиши амволи ба онҳо тааллуқдошта зиёд бошад.

Таркиб ва ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ дар вақти пешниҳоди ариза ба суд дар бораи муфлис эълон намудани қарздор муайян карда мешаванд.

Барои муайян намудани мавҷудияти аломатҳои муфлис-шавии қарздор ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ, аз ҷумла қарз барои молҳои таҳвилгардида, корҳои иҷрошуда ва хизмат-расонӣ, фоизи қарз, ки онҳоро бояд қарздор пардохт намояд.

Ҳаҷми уҳдадориҳои пулӣ аз рӯи талабҳои кредиторон дар он ҳолат муқарраршуда ҳисобида мешавад, ки агар он бо ҳалномаи суд ё ҳуҷҷатҳои шаҳодатдиҳандае, ки дар онҳо қарздор ин талабҳоро эътироф намудааст, тасдиқ шуда бошад ва ҳамчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки қонуни амал-кунанда пешбинӣ намудааст.

Қарздор ҳуқуқ дорад бо аризаи худ дар хусуси пешакӣ муқаррар намудани муфлисшавӣ дар сурати мавҷуд будани ҳолатҳои бешубҳа шаҳодатдиҳанда дар бораи он ки вай наметавонад уҳдадориҳои пулӣ ва вазифаҳояшро оид ба ворид намудани пардохтҳои ҳатмӣ дар мӯҳлатҳои муқар-раршуда иҷро намояд, ба суд муроҷиат кунад.

Қарздор дар ҳамон ҳолат метавонад ба суд ариза диҳад, ки амволи корхона барои пардохти хароҷоти суд кифоя

бошад ва агар қонун тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

Соҳибкори инфиродӣ вазифадор аст, ки дар мавридҳои зерин бо аризаи қарздор ба суд мурочиат кунад:

- агар қонеъгардонии талабҳои як кредитор ё якчанд кредиторон сабабгори ғайриимкон гаштани иҷрои пурраи уҳдадориҳои пулии қарздор дар назди дигарон гардад;

- агар мақомоти қарздор, ки мутобиқи ҳуҷҷатҳои таъсисии қарздор барои барҳамдиҳии он ваколатдор гардидааст, барои мурочиати қарздор бо ариза ба суд қарор қабул карда бошад;

- агар мақомоти ваколатдори молики амволи қарздор корхонаи воҳиди давлатӣ дар бораи мурочиат намудан бо аризаи қарздор ба суд қарор қабул карда бошад;

- дар дигар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст.

Агар дар вақти барҳамдиҳии корхона иҷрои талабҳои кредиторон дар ҳаҷми пурра ғайриимкон бошад, қарздор ҳуқуқ дорад, ки бо ариза ба суд мурочиат намоянд.

Аризаи қарздор дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонуни амалкунанда бояд на дертар аз як моҳи пеш омадани зарурати дахлдор ба суд пешниҳод карда шавад.

Ба мақомоти андоз ва дигар идораҳои ваколатдор меъёрҳои барои кредиторон муайяншуда татбиқ карда мешаванд, агар қонун тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад.

Ҳангоми гузаронидани тартиби амалиёти муфлисшавӣ манфиати ҳамаи кредиторонро маҷлиси кредиторон ва кумитаи кредиторон, ки мутобиқи қонун ташкил карда мешаванд, ба эътибор мегирад. Аз тарафи суд барои баррасӣ қабул гардидани ариза дар бораи муфлис эълон намудани қарздор кредиторон ҳуқуқ надоранд, ки бо мақсади қонеъ гардонидани талабҳои худ бо тартиби инфиродӣ ба қарздор мурочиат намоянд.

Дар маҷлиси кредиторон намояндаи кормандони қарздор иштирок менамояд.

Ташкил ва гузаронидани маҷлиси кредиторонро мудир анҷом медиҳад.

Ваколатҳои маҷлиси кредиторон:

- қабули қарор дар мавриди зарурати идоракунии беруна ва бораи муроҷиат намудан бо илтимосномаи дахлдор ба суд;

- қабули қарор оид ба бастани созишномаи мусолиҳа;

- қабули қарор бораи муроҷиат намудан ба суд бо илтимоснома дар бораи муфлис эътироф намудани қарздор ва кушодани истеҳсолоти озмунӣ;

- қабули қарор дар бораи интихоби аъзои кумитаи кредиторон, муайян намудани шумораи ҳайати кумитаи кредиторон ва дар бораи пеш аз муҳлат қатъ намудани ваколатҳои кумитаи кредиторон;

- ҳаллу фасли дигар масъалаҳое, ки қонун пешбинӣ менамояд.

Маҷлиси кредиторон бо ташаббуси мудир, дархости кумитаи кредиторон, кредиторони озмунӣ мақомоти ваколатдори дигаре, ки талабҳои онҳо оид ба уҳдадориҳои пулӣ ва пардохтҳои ҳатмӣ на камтар аз сеяки маблағи ба рӯйхати талабҳои кредиторон дохилшударо ташкил медиҳад, ё бо ташаббуси аз се як ҳиссаи кредиторони озмунӣ даъват карда мешавад.

Дар ин маврид кредиторони озмунӣ аз ҷониби мудир, дар муҳлати ду ҳафта аз лаҳзаи бо дархости дахлдор муроҷиат намудани кумитаи кредиторон ё кредиторони озмунӣ ба унвони мудир даъват карда мешавад.

Маҷлиси кредиторон дар маҳалли ҷойгиршавии қарздор гузаронида мешавад, агар тартиби дигаре дар маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон муқаррар нашуда бошад.

Дар ҳолати набудани кворуми кредиторон дар муҳлати даҳ рӯз маҷлиси такрории кредиторон даъват карда мешавад, ки сарфи назар аз шумораи кредиторони дар он иштироккунанда салоҳиятдор мебошад, ба шарте ки аз вақт ва ҷои гузаронидани маҷлиси кредиторон онҳо саривақт огоҳ гардида бошанд.

Қарори маҷлиси кредиторон оиди масъалаҳои ба овоздиҳӣ гузошташуда, бо аксари овозҳои кредиторони озмунӣ, ки дар маҷлиси кредиторон бевосита иштирок мекунанд,

қабул карда мешаванд.

Маҷлиси кредиторон қарорҳои зеринро бо шарти ҷой доштани аксари овозҳо аз миқдори умумии кредиторони озмунӣ қабул менамояд.

## 10.3.Тартиби эътироф намудани муфлисшавии корхона

Дар сурати эътирози расмӣ аз ҷониби қарздиҳанда корхона метавонад дар бораи муфлисшавии худ ва ихтиёран барҳам хӯрданаш мутобиқи тартиботе, ки қонун пешбинӣ кардааст, эълон намояд.

Муассисони қарздор вазифадоранд, ки оид ба пешгирии муфлисшавии корхона тадбирҳои саривақтӣ андешанд.

Парванда дар бораи муфлисшавии корхона дар судҳо аз рӯи қоидаҳои пешбинӣ намудаи Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мурофиаи суди иқтисодӣ бо хусусиятҳои муқаррарнамудаи қонуни амалкунанда баррасӣ карда мешаванд.

Қарздор, кредитор, прокурор ва дар ҳолатҳое, ки қонун пешбинӣ намудааст, шахсони дигар низ ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат намудан дар хусуси муфлис эътироф намудани қарздор бо сабаби иҷро накардани уҳдадориҳои пулиро доранд.

Қарздор, дотситон (прокурор), мақомоти андоз, мақомот оид ба идоракунии амволи давлатӣ ва дигар идораҳои ваколатдор дар хусуси муфлисшавии қарздор бо сабаби иҷро накардани воридоти пардохтҳои ҳатмӣ, ҳуқуқи бо ариза ба суд муроҷиат намуданро доранд.

Шахсони зерин дар баррасии парвандаи муфлисшавӣ иштирок менамоянд:

- қарздор;
- мудир;
- кредиторони озмунӣ;
- мақомоти андоз ва мақомоти дигари ваколатдор аз рӯи талабҳо оид ба пардохтҳои ҳатмӣ;
- дотситон (прокурор), дар ҳолати бо аризаи ӯ баррасӣ намудани парвандаҳои муфлисшавӣ.

Дар ҳолатҳои пешбининамудаи қисми панҷуми моддаи 65 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» мудири беруна ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон мутобиқи рӯйхати талабҳои кредиторон аз рӯзи тасдиқшавии ҳисоботи мудири беруна аз тарафи суд оғоз менамояд.

Ҳисоббаробаркунӣ бо кредиторон бо тартиби муқаррарнамудаи моддаи 78 қонуни зикргардида анҷом дода мешавад. Аз лаҳзаи иҷрошавии уҳдадориҳои қарздор мудири беруна ба рӯйхати талабҳои кредиторон қайди дахлдор мегузорад.

Мудири озмунӣ дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ амволи қарздорро инвентаризатсия (бозҳисоб) намуда, нархи онро муайян мекунад. Барои анҷом додани ин кор мудири озмунӣ ҳуқуқ дорад нархгузорон ва дигар мутахассисонро бо пардохти музди меҳнаташон аз ҳисоби амволи қарздор ба кор ҷалб намояд, агар тартиби дигареро маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон муқаррар накарда бошад.

Дар ҳолате, ки агар амволи ба фурӯшмондаи қарздор дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ амволи ғайриманқул бошад, он гоҳ амволи номбаршуда то фурӯш, бо ҷалби нархгузорони мустақил нархгузорӣ карда мешавад.

Ҳамаи амволи дар лаҳзаи кушодани истеҳсолоти озмунӣ мавҷудбуда ва дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ ошкоршудаи қарздор молу мулки озмуниро ташкил медиҳад.

Аз амволи қарздор, ки молу мулки озмуниро ташкил додааст, амволи аз муомилот баровардашуда, ҳуқуқҳои амволии ба шахсияти қарздор алоқамандбуда, аз ҷумла бо иҷозатнома машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият, ҳамчунин амволи дигари дар қонуни зикргардида пешбинишуда одатан бароварда мешаванд.

Бо мақсади дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирии амволи қарздор, ки молу мулки озмуниро ташкил медиҳад, мудири озмунӣ ҳуқуқ дорад муҳосибон, аудиторҳо ва дигар мутахассисонро ҷалб намояд.

Талабҳои кредиторон аз рӯи навбати зайл қонеъ гардонида мешаванд:

- дар навбати аввал - талаби шаҳрвандоне, ки шахси

ҳуқуқии бархамдодашаванда дар назди онҳо барои расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатиашон масъулият дорад, қонеъ гардонида мешаванд;

- дар навбати дуюм - пардохти кумакпулӣ дар ҳолати аз кор рафтан ва музди кори шахсоне, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ, аз ҷумла тибқи қарордод кор мекунанд ва пардохти подош аз рӯи шартномаҳои муаллифӣ, ҳисобӣ карда мешаванд;
- дар навбати сеюм - қонеъгардонии талабҳои кредиторон аз рӯи уҳдадориҳое, ки барои онҳо амволи қарздор ба гарав гузошта шудааст;
- дар навбати чорум – пардохти ҳатмии қарз ба буҷет ва ба фондҳои ғайрибуҷетӣ;
- дар навбати панҷум – ҳисобӣ намудани талабҳои дигар кредиторон.

Баъди гузаронидани бозҳисоб ва нархгузории амволи қарздор мудири озмунӣ ба фурӯхтани амволи номбаршуда дар савдои озод шурӯъ мекунад, агар маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон тартиби дигари фурӯши амволи қарздорро муқаррар накарда бошад.

Тартиб ва мухлати фурӯши амволи қарздор бояд аз тарафи маҷлиси кредиторон ё кумитаи кредиторон маъқул дониста шавад.

Амволи қарздор, ки ба амволи қобилияти муомилотиаш маҳдудшуда мансуб аст, танҳо дар савдои пӯшида фурӯхта мешавад.

Мудири озмунӣ метавонад ба сифати созмондиҳандаи савдо баромад намояд ё гузаронидани савдоро дар асоси шартномаи ба ташкилоти махсусгардонидашуда супорад. Ташкилоти махсусгардонидашуда, ки савдоро ба роҳ мемонад, наметавонад нисбати қарздор ё мудири озмунӣ шахси манфиатдор бошад.

Амволи қарздоре, ки дар савдои аввал фурӯхта нашудааст, дар савдоҳои минбаъда гузошта мешавад ё аз тарафи мудири озмунӣ дар асоси шартномаи махсус, ки бе гузаронидани савдо баста мешавад, фурӯхта мешавад.

Ҳисоббаробаркуниро бо кредиторон мудири озмунӣ

мутобиқи рӯйхати талабҳои кредиторон амалӣ менамояд.

Талаби кредиторон бо тартиби пешбининамудаи моддаи 55 Қонуни мазкур ҳамоҳанг мешавад.

Даъвои кредитороне, ки баъди бастани рӯйхати талабҳои кредиторон изҳор гардидаанд, аз ҷумла оид ба пардохтҳои ҳатмӣ, ки баъди кушодани истеҳсолоти озмунӣ ба вуҷуд омадаанд, аз ҳисоби амволи қарздор баъди қонеъ гардонидани талабҳои кредиторони дар муҳлати муқарраршуда муроҷиаткарда қонеъ гардонида мешаванд.

Талабҳои кредиторони навбати якум ва дуюм, ки то анҷомдиҳии ҳисоббаробаркунӣ бо ҳамаи кредиторон, аз ҷумла баъди бастани рӯйхати талабҳои кредиторон изҳор шудаанд, воҷиби қонеъгардонӣ мебошанд.

Талабҳои кредитороне, ки бо сабаби нокифоягии амволи қарздор қонеъ нагардидаанд, пардохтшуда эътироф мешаванд. Талабҳои кредитороне, ки мудири озмунӣ онҳоро эътироф накардааст ва кредитор оиди онҳо ба суд бо даъво муроҷиат накардааст, инчунин талабҳое, ки қонеъ гардонидани онҳо бо ҳалномаи суд рад карда шудааст, ҳамчунин пардохтшуда dониста мешаванд.

Мудири озмунӣ ба рӯйхати талабҳои кредиторон дар бораи иҷрои амалиёти пардохт қайдҳо мегузорад.

Кредитороне, ки талабҳои онҳо дар ҷараёни истеҳсолоти озмунӣ ба таври пурра қонеъ гардонида нашудаанд, ҳуқуқи талабпешниҳодкунӣ ба шахсони сеюм, ки амволи қарздорро ғайриқонунӣ гирифтаанд, доранд. Баъди пӯшида шудани парвандаи муфлисшавӣ, чунин талабро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудан имкон дорад.

## 10.4. Роҳҳои пешгирӣ кардани муфлисшавии корхона дар шароити ташаккул ва рушди иқтисоди бозорӣ

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» расмияти нави таҷдидро, аз қабили солимгардонии молиявии корхона муқаррар намудааст, ки мутобиқи он муассисони қарздор метавонанд ба иҷрои амалиёти мазкур

назорат баранд.

Тибқи қонуни мазкур имкони татбиқ намудани чорабиниҳоро оид ба пешгирӣ намудани муфлисшавӣ, ки расмиятҳои барқароркунӣ унвон дорад, муқаррар намуда аст.

Чорабиниҳо оид ба пешгирӣ намудани муфлисшавии иштирокчии муомилот ба сифати расмияти мустақил баромад накунад ҳам, вале татбиқи саривақтии онҳо метавонад, ки ба ҳолати молиявии қарздор таъсири дахлдор расонад.

Расмиятҳои барқароркунӣ ба ду намуд ҷудо карда мешаванд: санатсияи то судӣ ва санатсияи судӣ. Расмиятҳои барқароркунӣ ба маънои томаш расмиятҳои муфлисшавӣ набуда, баръакс барои пешгири намудани ҳолати муфлисшавии корхона равона карда шудаанд. Чунин чораҳо то пешниҳод намудани ариза ба суди иқтисодӣ дар бораи муфлисшавии қарздор татбиқ карда мешаванд.

Ташаббуси солимгардонии вазъи молиявии қарздорро дар навбати аввал қарздиҳандагон ё дигар шахсони ваколатдор бо розигии қарздор амалӣ менамоянд, вале кумаки молиявӣ танҳо бо дархости асосноки қарздор ҷой дошта метавонад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Муфлисшавӣ ва маънои ҳуқуқию иқтисодии онро ба таври муфассал фаҳмонед.*
2. *Дар кадом ҳолат корхона муфлис эълон карда мешавад?*
3. *Моҳият ва сабабҳои муфлисшавии корхонаро асоснок намоед ва шарҳу тавзеҳ диҳед.*
4. *Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ» кай ва аз ҷониби кадом мақомоти давлатӣ ба тасвиб расида-аст, мақсад, вазифа, таркиб ва аҳамияти он чист?*
5. *Тартиби воқеии муфлис эълон шудани корхонаи истеҳсолӣ ва тиҷоратиро дар шароити Тоҷикистон мушаххас шарҳ диҳед.*
6. *Роҳҳои пешгирӣ кардани муфлисшавиро дар шароити амали иқтисоди бозорӣ нақл ва маънидод намоед.*

7. *Аломатҳои муфлисшавиро номбар намоед.*
8. *Барои эълон кардани муфлисии корхона ба суди иқтисодӣ кадом ҳуҷҷатҳоро одатан пешниҳод мекунанд?*
9. *Барои пешгирӣ кардани муфлисшавии корхона кадом тадбир ва чораҳо зарурат доранд?*
10. *Уҳдадориҳои корхонаи истеҳсолӣ чиро дар бар мегиранд. Соҳибкории инфиродӣ дар кадом мавриd бо ариза ба суди иқтисодӣ мурочиат карда метавонанд?*

# ФАСЛИ II.
# ИҚТИСОДИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

## МАВЗӮИ 11.
## ВОСИТАҲОИ АСОСӢ ВА ИСТИФОДАИ САМАРАНОКИ ОНҲО

11.1. Воситаҳои асосии корхона: моҳият, таркиб ва таснифи онҳо.
11.2. Баҳо додан ба воситаҳои асосӣ.
11.3. Фарсудашавӣ ва механизми бардошти истеҳлокӣ.
11.4. Самаранокии воситаҳои асосӣ: моҳият ва ҳисоби нишондиҳандаҳо.

### 11.1. Воситаҳои асосии корхона: моҳият, таркиб ва таснифи онҳо

Бо мақсади муваффақона пеш бурдани фаъолияти истеҳсолӣ, истифодаи самарабахши ресурсҳои иқтисодӣ, аз ҷумла воситаҳои асосӣ ва гардони корхона аҳамияти калон доранд.

***Воситаҳои асосӣ*** – ифодаи пулии воситаҳои меҳнат дар корхона мебошанд, ки дар раванди бемайлони силсилаи истеҳсолӣ пурра ва муддати дурудароз иштирок намуда, як қисми арзиши худро тавассути механизми бардошти истеҳлокӣ давра ба давра ба арзиши аслии маҳсулот мегузаронанд ва бо ин васила ба ташаккулёбии нархи маҳсулоти тавлидшуда саҳми худро мегузоранд. Танҳо ба охир расидани мӯҳлати хизмати воситаҳои асосӣ, арзиши онҳо ба маҳсулот гузашта, дар натиҷа шакли пулиро мегиранд.

Воситаҳои асосии корхона бо назардошти моҳияти иқтисодӣ, иштирок дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот ва аломатҳои дигар (ашёию аслӣ ва ғ.) тасниф мешаванд.

Тибқи аломати якум – *иштирок дар раванди истеҳсолот* – воситаҳои асосӣ ба ду намуд қисмат мешаванд: истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ. Ба воситаҳои асосии истеҳсолӣ – бино, мошинолот, таҷҳизот ва дигар воситаҳои меҳнат, ки бевосита

дар амалиёти истеҳсолот дар тавлиди маҳсулоти тайёр саҳми фаъолона доранд, дохил мешаванд.

Воситаҳои асосии ғайриистеҳсолӣ бошанд одатан объектҳои манзилию коммуналӣ, китобхона, боғчаи бачагона, бунгоҳи тиббӣ, ҷойҳои истироҳатӣ, таълимӣ-методӣ ва ғ.-ро дар бар мегиранд.

Аз рӯи аломати дувум – *ашёию аслӣ* воситаҳои асосӣ ба намудҳои зерини иқтисодӣ аз ҳамдигар фарқ доранд, ки муҳимтаринашон инҳоянд:

*Биноҳо* - манзилҳои сохтмонию меъморӣ, ки вазифаи онҳо дар муҳайё сохтани шароитӣ мусоиди истеҳсолӣ, амалӣ намудани вазифаҳои иҷтимоии кормандони корхона (манзили истиқоматӣ, фарҳангӣ), нигоҳдории ашёи хом, таҷҳизоти гуногун, маҳсулоти тайёр ва ғ.) зарурат доранд.

*Иншоотҳо* – объектҳои сохтмонию муҳандисӣ (роҳҳо, пулҳо, дарготҳо, чоҳҳо) ба ҳисоб меравaнд.

*Дастгоҳҳои интиқолӣ* – он объектҳое, мебошанд, ки ҳамчун (шабакаҳои барқӣ, газӣ, нафту ангиштсанг ва гармидиҳӣ) дар раванди истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ истифода мешаванд.

*Мошинҳо ва таҷҳизот* - мошинҳо ва таҷҳизоти пурқувват, таҷҳизоти корӣ ва озмоишӣ, компютерҳо ва ғ.

*Воситаҳои нақлиётӣ* ва дигар воситаҳои асосӣ.

Дар раванди истеҳсолот воситаҳои асосиро боз ба гурӯҳҳои фаъол ва гайрифаъол тасниф мекунанд. Воситаҳои асосии фаъол бо дигаргуншавии шакл ва сифати маҳсулот таъсири бевосита мерасонанд. Аммо қисмати ғайрифаъоли онҳо дар пешбурди истеҳсолот нақши ёрирасон доранд.

Ҳисса ё вазни қиёсии намудҳои алоҳидаи воситаҳои асосиро дар маҷмӯи арзишиашон таркиби онҳо унвон дорад, ки фоизро дар сад нишон медиҳад.

Таркиби воситаҳои асосии корхонаҳои гуногуни саноат ва дигар соҳаҳои истеҳсолӣ бо таъсири як қатор омилҳо: моҳият ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, дараҷаи техникии истеҳсолот, сатҳи махсусгардонӣ ва кооперативонӣ, шароити ҷуғрофию иқлимии ҷойгиршавиашон, воқеан тағйир меёбанд.

Воситаҳои асосӣ дар ҷараёни тавлидот дар шакли аслӣ ва пулӣ аз ҳамдигар доимо фарқ мекунанд.

Андозагирии воситаҳои асосӣ дар шакли аслӣ бештар барои муайян кардани таркиби техникии воситаҳои асосӣ, иқтидори истеҳсолии корхона, сатҳи истифодабарии таҷҳизот ва дигар мақсадҳо ба роҳ монда мешаванд.

*Баҳогузории пулӣ ё худ арзиши фондҳои асосӣ* бештар барои ҳисоб намудани ҳаҷми умумӣ, пўёӣ (динамика), сохтор, бузургӣ, ки ба арзиши аслии маҳсулот дохил шуда, барои муайян кардани сатҳи самаранокии иқтисодии сармоягузорӣ муҳим мебошанд, мавриди истифода қарор мегиранд.

Дар илми иқтисодӣ мафҳумҳои зерин: фондҳои асосӣ, воситаҳои асосӣ ва сармояи асосӣ маъмулан мавриди амал қарор гирифтаанд. Мафҳумҳои зикршуда тавассути мазмун ва тавсифи умумиашон дар ҳақиқат ба ҳам қаробати наздик доранд ва дар баъзе мавридҳо якдигарро иловаю тавзеҳ менамоянд. Вале, ҳангоми дида баромадани хусусиятҳои хосашон онҳо аз ҳамдигар тафовут ҳам доранд.

Истилоҳи «сармоя» дар маҷмўъ барои ифода намудани бузургии маблағи воситаҳои асосӣ барои таъсисёбӣ ва ташкили раванди муназзами истеҳсолот истифода мегардад. Соҳибмулки сармоя дар бозори мол воқеан қувваи корӣ ва воситаҳои истеҳсолотро харидорӣ намуда, онҳоро бо меҳнат пайваст карда, баъд аз фурўши маҳсулот ва хизматрасониҳои иҷрогардида даромади пулии бештарро ба даст меорад.

*Сармояи пешпардохтшуда* – решааш бо вожаи франсавии avancer — пешпардохт, пардохти пешакӣ) пайванд мебошад. Ин маблаги махсуси сармоя маҳсуб мешавад, ки соҳибмулк барои пешбурди фаъолияти корхонаи муайян бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ маблаггузорӣ мекунад, он аслан барои харидани воситаҳои истеҳсолот ва қувваҳои кории кироя масраф карда мешавад.

Дар амалияи хоҷагидории бозорӣ боз мафҳумҳои гуногун – сармояи оинномавӣ, сармояи иловашуда, сармояи захиравӣ ва г.-ро ба таври васеъ истифода мебаранд. Дар навбати худ сармояи доимӣ бо назардошти истифодабарии

мақсаднок ва моҳияти иқтисодиашон ба сармояи асосӣ ва гардон тақсим мешавад.

*Сармояи асосӣ* – ин як қисми арзиши дороиҳои корхона аст, ки аз арзиши воситаҳои меҳнат (бино, иншоот, мошинҳо, таҷҳизот) иборат мебошад ва дар раванди истеҳсолот истифода мегардад. Он арзиши худро на яку якбора, балки қисм ба қисм ба арзиши аслии маҳсулот мегузаронад. Ҳаҷми сармояи асосии истеҳсолӣ тибқи ҳисоби амиқи муҳосибӣ ва оморӣ дар як давраи мушаххаси вақт муайян карда мешавад.

*Сармояи гардон* – он ҳамон қисми воситаҳои пулии корхона мебошад, ки барои харидорӣ кардан дар бозори предметҳои меҳнат (ашёи хом, маводу маснуоти ёрирасон) ва дар шакли музди меҳнати кормандон ифодаи худро меёбад.

Манбаи асосии ташаккулёбии сармояи корхона воситаҳои худӣ ва қарзӣ ё ҷалбшуда ба ҳисоб мераванд.

Воситаҳои худӣ бештар аз ҳисоби фоидаи корхона, яъне фоидаи соф бо роҳи тарҳ кардани маблағи андоз аз фоида ташаккул меёбад.

*Сармояи қарзӣ (ҷалб кардашуда)* дар намуди қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат вуҷуд дорад ва самарабахш истифода бурдани он аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

Ҳамин тариқ, ***воситаҳои асосӣ*** – ин ҳамон воситаҳои меҳнат мебошанд, ки дорои арзиш буда, бо шакли истеъмолии бевоситаи худ дар раванди истеҳсолот муҳлати нисбатан дуру дароз фаъолият намуда, арзиши худро ба тадриҷ ба арзиши аслии маҳсулот зимни амали воқеии фарсудашавӣ ва механизми бардошти истеҳлок мегузаронанд.

***Воситаҳои гардон*** бошанд – як қисми воситаҳои истеҳсолот дар шакли муайяни маҷмӯи воситаҳои меҳнат буда, унсурҳои он комилан дар ҳар як давраи истеҳсолот истеъмол мешаванд, яъне намуди аслии худро пурра ё бо роҳи тағйирёбии истеъмолот аз даст медиҳанд ва арзиши худро ба арзиши маҳсулот мегузаронанд.

## 11.2. Баҳо додан ба арзиши воситаҳои асосӣ

Бо мақсади комилан дуруст ба роҳ мондани ҳисобу ҳисоботи муҳосибӣ, оморӣ ва фаврӣ, таҳлили ҳолат, динамикаи тағйирёбӣ, фарсудашавӣ ва нақшагирии рушди воситаҳои асосӣ дар раванди истеҳсолот зарурати воқеии баҳо додан ба арзиши онҳо дар корхона ба миён меояд. Дар ҳақиқат, амалиёти баҳогузорӣ ба арзиши тағйирёбандаи воситаҳои асосӣ зери таъсири омилҳои гуногун (пешрафти илмӣ – техникӣ, фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ, ҳисоби маблағи бардошти истеҳлокӣ, муайян намудани нишондиҳандаҳои самаранок истифода намудан, арзиши ҳақиқии онҳо бо дигар шудани шароити нархи воситаҳои меҳнат ва г.) имконият медиҳад, ки ҳисобу ҳисобот, таҳлили иқтисодии ҳолати муосир ваояндабинии воситаҳои асосӣ объективона, дақиқ ва шаффоф амалӣ карда шавад.

Вобаста бо ин нуктаҳои зикршуда одатан се намуди баҳоғузорӣ ба воситаҳои асосии корхонаро аз ҳамдигар бояд фарқ кард:

1.арзиши ибтидоӣ;

2.арзиши барқарорӣ;

3.арзиши бақиявӣ.

*Арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ* – ин маблаги воситаҳои асосӣ дар лаҳзаи баҳисобгирии муҳосибӣ ё истифодадиҳӣ ба истеҳсолот дар асоси нархи шартномавии харид ва пардохти арзиши ҳақиқии он ба таҳвилгарон аст. Бо ибораи дигар, ин маблағи харҷ барои истеҳсол ё харидан, тавассути нақлиёт кашонида овардан ва насб кардани воситаҳои асосии истеҳсолӣ мебошад. Дар ин маврид маблағҳое, ки дар асоси шартнома барои иҷрои корҳои сохтмонию насбкунӣ, хизматҳои иттилоотӣ ва машваратӣ, супоридани боҷу хироҷи давлатӣ, инчунин харҷҳои дигар оид ба истеҳсол ва хариди объектҳои воситаҳои асосӣ дохил мешаванд.

*Арзиши барқарории воситаҳои асосӣ* – маблағи тағйирёфтаи онҳоро бо сабаби шароити истеҳсолот дар замони кунунӣ нишон медиҳад. Ин ҳам мисли ҳисоб ва баҳогузории арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ гарчанде маҷмӯи хароҷот-

ро дар худ таҷассум намояд ҳам, вале онҳо танҳо бо нархҳои тағйирёфта ё нав ҳисоб карда мешаванд.

Бо мурури замон вазъи иқтисодӣ, пеш аз ҳама сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва арзиши аслии истеҳсоли навъҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ зери таъсири омили пешрафти илмӣ – техникӣ тағйир меёбад, зарурати ҳисоби маблағи барқарории воситаҳои асосӣ бо нархҳои нави онҳо пайдо мешавад. Ин амал ба ҳисоби амиқи нишондиҳандаҳои иқтисодии фаъолияти корхона дар ҷараёни ташкили хоҷагидорӣ мушкилиҳои муайянро дар бақайдгирии муҳосибӣ ва таҳлили самаранокӣ эҷод менамоянд. Аз ин лиҳоз, барои таъмини ҳолати муқоисавии таҳлил ва баҳогузории дақиқ бояд аз намуди арзиши барқарории воситаҳои асосӣ истифода намоем.

*Арзиши бақиявии* воситаҳои асосӣ маблағи ҳақиқии онҳоро инъикос менамояд, яъне аз арзиши пурраи ибтидоӣ ё барқарории маблағи фарсудашавӣ дар заминаи истифодаи меъёри фарсудашавӣ тарҳ карда мешавад. Ин нишондиҳанда, ҳамчун фарқ байни арзиши пурраи ибтидоӣ ё барқарорӣ ва маблағи ҷамъшудаи (бо маблағи афзоянда аз оғози сол) фарсудагардидаи воситаҳои асосӣ муайян карда мешавад. Арзиши бақиявии воситаҳои асосӣ дар лаҳзаи аз эътибор соқитшавиаш (бо сабаби фарсудашавӣ) ба худ номи арзиши барҳамдиҳиро мегирад. Дар амалияи хоҷагидорӣ онро барои ҳисоби меъёри пардохти бузургии истеҳлок ва муайян намудани зарурат ва пешгирии оқибатҳои барҳамдиҳии намуди воситаҳои асосии фарсудашуда, истифода мебаранд.

Арзиши тавозунии намуди воситаҳои асосии корхона дар аввали соли ҳисоботӣ (**$АТ_{в.а}$**) аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$АТ_{в.а} = АБ_{ҳ.} + Х_{н.в.а} + Х_{а.н.б.} - А_{б.} - М_{и.қ.},$$

дар ин ҷо,

$АБ_{ҳ.}$ – арзиши тавозунии намуди воситаҳои асосӣ дар ибтидои соли пеш аз давраи ҳисоботӣ;

$Х_{н.в.а.}$ – хароҷоти хариди воситаҳои асосӣ;

$X_{а.н.б.}$ – харочоти азнавбаркароркунии биноҳои истеҳсолӣ ва муҷаҳҳазгардонии корхона бо таҷҳизот;

$А_{б.}$ – арзиши аз эътибор соқитшавии воситаҳои асосӣ дар давоми соли пеш аз давари ҳисоботӣ;

$М_{и.к.}$ - маблаги истеҳлоки воситаҳои асосӣ, давраи қиёсшаванда.

Барои муайян намудани арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ дар давраи пеш аз соли ҳисоботӣ ба назар гирифтани бузургии мутлақи баистифодадиҳӣ ва аз эътибор соқитшавӣ дар давоми сол хеле зарур мебошад, чунки дар охири соли оянда аз санаи истифодашавӣ ё худ аз ҳолати эътибор баромадани воситаҳои асосӣ дар давари ҳисоботӣ метавонад фаъол ё ғайрифаъол тавсиф шаванд.

Таносуби ҳиссагӣ ё фоизии намудҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ дар маҷмӯи арзиши онҳо, таи муддати муайяни вақт, масалан, соли ҳисоботӣ мафҳуми таркибро мефаҳмонад. Аз ин лиҳоз, таркиби воситаҳои асосӣ дар соҳаҳои иқтисоди Тоҷикистон бо назардошти хусусияти фаъолияташон дар муқоиса бо ҳамдигар фарқи куллӣ доранд. Масалан, дар соҳаи саноат биноҳо ва иншоотҳо — 45—5 %; мошин ва таҷҳизотҳо — 10— 42%, аз ҷумла мошинҳои корӣ — 30,0—32,0%; воситаҳои нақлиёт — 2,5—3,0 %. Дар корхона ва ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ: бино, иншоот ва механизмҳои таҳвилшаванда — 64,0—65,0 %; мошинҳои пурқувват ва корӣ — 14,0—16,0 %; ҳайвоноти корӣ ва маҳсулнок — 10,0—12,0%; ниҳолҳои бисёрсола — 5,0—6,0 %; воситаҳои нақлиёт — 3, 0—4,0 %*. Тамоюлҳои умумии динамикаи сохтори технологии воситаҳои асосии корхонаҳои саноатӣ ва кишоварзии Тоҷикистон давра ба давра аз афзуншавии ҳиссаи қисмати фаъоли онҳо бештар гувоҳӣ медиҳад, ки он бевосита дар истеҳсолот раванди мусбат арзёбӣ мешавад.

Арзиши бақиявӣ – ин фарқи байни арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ ё арзиши барқарорӣ ва маблағи фарсудашавӣ (истеҳлок) мебошад. Ҳар қадар муҳлати хизмати воситаҳои асосӣ зиёд бошад, пас ҳамон қадар арзиши бақиявӣ кам мегардад.

## 11.3. Фарсудашавӣ ва механизми бардошти истеҳлокӣ

Воситаҳои асосии истеҳсолӣ дар раванди истифодабарӣ дар муддатҳои хеле зиёд ё тӯлонӣ ногузир фарсуда мешаванд, ки онро дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун вожаи «истеҳлок» мешиносанд. ***Ифодаи пулии фарсудашавии воситаҳои асосӣ мафҳуми «бардошти истеҳлокӣ»-ро ташкил медиҳад*** ва он ба арзиши аслии маҳсулот дохил мешавад.

Вожаи истеҳлок бо гузаштани вақти муайян ё муҳлати хизмати воситаҳои асосӣ тадриҷан кам шудани арзиши ибтидоии онҳоро мефаҳмонад.

Воситаҳои асосӣ тибқи тартиби истифодабариашон дар истеҳсолот ба фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавӣ мувоҷеҳ гардида, аз нигоҳи техникию иқтисодӣ куҳна ва истифодаашон дар амал камсамар мешаванд.

Моҳияти иқтисодии фарсудашавии ҷисмонии воситаҳои асосӣ аз он иборат аст, ки онҳо бо сабаби истифодабарӣ дар давраи дурудароз ё муҳлати хизмати меъёрӣ ва ҳатто аз ин ҳам бештар, инчунин дар натиҷаи таъсири омилҳои табиӣ (барф, борон, шамол, нури офтоб, хунукӣ, гармӣ) ҳолат ва нишондиҳандаҳои аввалаи техникӣ оҳиста – оҳиста фарсуда мешаванд ва иқтидори истеҳсолии худро гум мекунанд,

***Фарсудашавии маънавӣ*** дар ҳамон ҳолат рух медиҳад, ки зери таъсири дастовардҳои илмӣ - техникӣ ва инноватсионӣ дар истеҳсоли мошину таҷҳизот ва қисмҳои ҷудогонаи онҳо тағйиру дигаргуниҳои ҷолиб ба миён меоянд.

***Фарсудашавии ҷисмонии*** ҳама гуна олоти меҳнат (мошинҳо, таҷҳизот)-ро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: яке бо роҳи давра ба давра гузаронидани таъмир аз байн бурда мешаванд ва дигаре - онро ислоҳ намудан имкон надорад.

Дар амали хоҷагидории муосир зери таъсири пешрафти илмӣ – техникӣ ҳосилнокии меҳнат бошад баланд шуда, сатҳи арзиши аслии маҳсулот паст мегардад ва ин ба арзоншавии нархи воситаҳои меҳнат сабаби асосист. Ҳамчунин намудҳои пуриқтидор ва беҳтари ин ё он намуди онҳо тавлид мегардад, ки ба авҷи ҷараёни фарсудашавии маънавӣ мусоидат мекунад.

***Сатҳи фарсудашавии ҷисмонии*** воҳидҳои гуногуни воситаҳои меҳнатро метавон бо ду усули ҳисоб муайян кард: якум - аз рӯи мухлати истифодабарӣ бо роҳи муқоиса намудани андозаи воқеӣ ва меъёрии воситаҳои асосӣ; дуюм - тибқи маълумотҳои ташхису мушоҳидаҳои вазъи техникӣ - технологӣ дар корхона.

Воситаҳои асосии истеҳлокшаванда ба гурӯҳҳои дорои меъёрҳои зерини истеҳлокӣ тибқи моддаи 118, қисми 3-и Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин тақсим мешаванд (ҷадв. 11.1).

**Ҷадвали 11.1**

**Номгӯй ва меъёри истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Гурӯҳ | Намуди воситаҳои асосӣ мувофиқи маълумотҳои тавозун ва ҳисоботи корхонаву ташкилотҳои иқтисоди миллӣ | Меъёри истеҳлок, % |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | Техникаи автотрактории роҳсозӣ;<br>асбобу анҷом ва лавозимоти махсус;<br>мошинҳои электронии ҳисоббарор, дастгоҳҳо ва воситаҳои маҳаллии коркарди маълумот | **20** |
| 2 | Автомобилҳои боркаш, автобусҳо, автомобилҳои махсус ва ядакҳо;<br>мошинҳо ва таҷҳизот барои тамоми соҳаҳои саноат, истеҳсолоти рехтагарӣ;<br>таҷҳизоти оҳангарию прессҳо;<br>таҷҳизоти сохтмон;<br>мошинҳо ва таҷҳизоти кишоварзӣ;<br>автомобилҳои сабукрав;<br>мебели идора | **15** |
| 3 | Мошинҳо ва таҷҳизоти қуввадиҳанда;<br>таҷҳизоти техникӣ, таҷҳизоти трубинӣ, муҳаррикҳои электрикӣ ва генераторҳои дизелӣ;<br>воситаҳои интиқоли барқ;<br>таҷҳизоти электронӣ ва воситаҳои алоқа;<br>хатҳои қубур | **8** |
| 4 | Биноҳо, иншоот ва иморатҳо, воситаҳои нақлиёти роҳи оҳан, баҳрӣ, дарёӣ ва ҳавоӣ | **7** |
| 5 | Дороиҳои истеҳлокшавандае, ки ба дигар гурӯҳҳо мансуб нестанд | **10** |

*Манбаъ:* Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони тоҷикӣ ва русӣ).-Душанбе: «Мушфиқӣ», 2012, с. 143-144.

Андозаи нисбии фарсудашавии иқтисодии воҳидҳои гуногуни ҷисмонӣ ё худ маҷмӯи мухталифи воситаҳои асосӣ, ҳамчун таносуби маблағҳои ҷамъшудаи фарсудашавӣ, яъне арзиши гузаронидашуда ба арзиши маҳсулот, нисбат ба арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ муайян карда мешаванд.

Оқибати дигаргунсозиҳои воситаҳои меҳнат ба ҳисоби миқдорӣ ё асли қаблии табдилшавӣ, маҳз барқарор намудани арзиши доимӣ, яъне механизми истеҳлок ба шумор меравад.

***Истеҳлоки воситаҳои асосӣ*** — ин раванди табдилдиҳии арзиши пешпардохшудаи ҳама намуди воситаҳои меҳнат ба арзиши маҳсулот бо мақсади пурра барқарор намудани онҳо бояд фаҳмида шавад.

Барои барқарор намудани арзиши қисмати фарсудашудаи воситаҳои асосӣ ҳар як корхона бузургии истеҳлокро ҳисоб менамояд. Бардошти истеҳлок бо ифодаи пулӣ ба арзиши аслии маҳсулот ворид шуда, ҳангоми фурӯши молҳо татбиқи худро пайдо намуда, дар хазинаи махсуси истеҳлокӣ ғун карда мешавад, ки минбаъд ба ду самт: 1.таъмири асосӣ ва 2.навсозии пурраи воситаҳои асосӣ истифода мегардад.

Ҳисоби меъёри бардошти истеҳлокӣ ва барқароршавии пурраи воситаҳои асосӣ аз рӯи формулаи зайл ёфта мешавад:

$$\mathbf{М_и = [(Ф - Б + Д) : (Ф \times И_д] \times 100\ \%},$$

дар ин ҷо,

$М_и$ - меъёри истеҳлок барои барқароршавии пурраи воситаҳои асосӣ;

Ф - арзиши ибтидоӣ ё барқарории воситаҳои асосӣ;

Б - арзиши барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ;

Д - арзиши таҷдиди воситаҳои асосӣ;

$И_д$ - муҳлати меъёри истеҳлоки воситаҳои асосӣ.

Ташкили ҷараёни мунтазами такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ талаб менамояд, ки бузургии воқеии истеҳлок ба андозаи меъёри он баробар бошад. Маблағи солонаи истеҳ-

лок барои азнавбарқароркунии воситаҳои асосӣ одатан бо усули зарб намудани арзиши миёнасолонаи онҳо ба меъёри истеҳлок мушаххас ҳисоб карда мешавад. Арзиши миёнасолонаи ҳар як намуди воситаҳои асосиро тариқи ҷамъ намудани арзиши ибтидоии онҳо дар соли ҳисоботӣ ва фарқ дар байни андозаи миёнасолонаи унсурҳои амалкунандаи воситаҳои меҳнатии нав ва аз эътибор соқитшуда муайян мекунанд.

Маблағи солонаи истеҳлок тавассути формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$\mathbf{А_{и.в.а} = А_{и.б.в.а} - (А_{б.в.а} : М_{и})},$$

дар ин ҷо,
$А_{и.в.а}$ – арзиши истеҳлоки воситаҳои асосӣ, сомонӣ;
$А_{и.б.в.а}$ – арзиши ибтидоии воситаҳои асосии солона;
$А_{б.в.а}$ – арзиши барҳамдиҳии воситаҳои асосӣ;
$М_{и}$ – мӯҳлати истифодабарии намуди воситаҳои асосӣ.

**Мисол**: Арзиши таҷҳизот 20 ҳазор сомонӣ ва арзиши барҳамдиҳии он 2 ҳазор сомониро ташкил намуд. Мӯҳлати воситаҳои асосӣ – 5 сол. Дар асоси нишондодҳои зикршуда меъёри истеҳлок дар муддати як моҳ ва солона ёфта шавад? Аз ин ҷо, маблағи истеҳлокро меёбем:

- $А_{и.в.а}$ = 20 ҳазор – 2 ҳазор : 5 сол = 3 600 сомонӣ, дар як сол;
- 3 600 сомонӣ : 12 моҳ. = 300 сомонӣ дар як моҳ.

### 11.4. Самаранокии истифодаи воситаҳои асосӣ: моҳият ва ҳисоби нишондиҳандаҳо

Таъмини рушди устувор ва самаранокии фаъолияти корхона аз таъсири омилҳои гуногун вобастагӣ дорад, ки дар байни онҳо истифодаи мақсаднок ва пурсамари воситаҳои асосӣ мавқеи назаррас дорад.

Истифодабарии воситаҳои асосии корхона дар амали хоҷагидории муосир бо ду роҳ:

1.шиддатфизоӣ (интенсивӣ);

2.экстенсивӣ имконпазир аст.

Омили шиддатфизоии рушди иқтисодӣ ҷараёни рушди иқтисодии шиддатфизоӣ зимни ҳарчи бештар истифода намудани омилҳои интенсивӣ, нахуст аз ҳама аз тариқи татбиқ намудани бемайлони пешрафти илмӣ – техникӣ ва натиҷаҳои он дар истеҳсолот, ки ба баланд шудани сатҳи ҳосилнокии меҳнат боис мегардад. Вобаста ба ин, истифодаи самаронари тамоми намудҳои воситаҳои асосии амалкунандаи корхона, аз ҷумла воситаҳои асосии истеҳсолӣ (қисми фаъол), ки дар болоравии сатҳи боздеҳи фондҳо, миқдори басмнокӣ, бештару хубтар кор кардани таҷҳизот, истифодаи шаклу намудҳои пешқадами хоҷагидорӣ, ташаккулёбӣ ва инкишофи ислоҳоти иқтисодӣ ва механизми иқтисоди бозорӣ он аҳамияти бениҳоят муҳим доранд.

Роҳи экстенсивии тараққиёти иқтисоди корхона, ки харҷи иловагии қувваи корӣ, маблағҳои молиявӣ – сармоягузориро боисрор талаб менамояд, албатта дар ҳолатҳои зарурӣ (паст будани сатҳи техникии корхона) татбиқи амалӣ меёбад, вале афзалият бояд асосан ба омилҳои интенсивӣ дода шавад.

Самаранокии истифодаи воситаҳои асосии корхона дар заминаи ҳисоби низоми нишондиҳандаҳои махсус ва услуби таҳлили комплексӣ имконпазир аст. Бо ин хотир, нишондиҳандаҳои (зарибҳои) зерини ченкунии натиҷаи самаранокии воситаҳои асосии истеҳсолии корхонаро бояд муайян ва таҳлил кард, ки муҳимтаринашон инҳоанд:

**1. Зариби боздеҳи воситаҳои асосӣ =** Ҳаҷми истеҳсол (фурӯш)-и маҳсулот, ҳисобот, сомонӣ : Арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

**2. Зариби фоиданокии воситаҳои асосӣ =** Маблағи фоидаи соф, ҳисобот, сомонӣ : Арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

**3. Зариби ғунҷоиши воситаҳои асосӣ =** Арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ : Ҳаҷми истеҳсол (фурӯш)-и маҳсулот, ҳисобот, сомонӣ.

**4. Зариби мусаллаҳнокии меҳнат бо воситаҳои асосӣ =** Маблағи миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ : Шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар.

**5. Зариби мусаллаҳнокии техникии меҳнат =** Арзиши миёнасолонаи таҷҳизоти истеҳсолӣ, сомонӣ : Шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар.

**6. Зариби навшавӣ =** Арзиши воситаҳои асосии воридшуда дар давоми сол, сомонӣ : Арзиши воситаҳои асосӣ дар охири сол, сомонӣ.

**7. Зариби хориҷшавӣ =** Арзиши хориҷшудаи воситаҳои асосӣ дар як сол, сомонӣ : Арзиши воситаҳои асосӣ дар сол, сомонӣ.

**8. Зариби афзоиши воситаҳои асосӣ =** [(Арзиши воридшудаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ – Арзиши хориҷшудаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ) : Арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ дар аввали сол, сомонӣ].

**9. Зариби истеҳлок (фарсудашавӣ) =** Маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ, сол, сомонӣ : Арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

**10.Зариби коршоямӣ =** Арзиши бақиявии воситаҳои асосӣ, сомонӣ : Арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

**11. Зариби истифодаи интегралии самараноки воситаҳои асосӣ =** $\sqrt{\text{Зариби 1 x Зариби 2}}$.

**12. Зариби бастнокии истифодаи таҷҳизот** (аз рӯи намудҳои он) = Вақти кори таҷҳизот дар як шабонарӯз ё рӯзи пурраи корӣ (ҳамаи се баст), соат : Вақти кори

тачҳизот бо миқдори аз ҳама зиёди корӣ бо ҳисоби дастгоҳ – соат.

Мисол: фарз кардем, таҷҳизоти истеҳсолӣ дар басти якум 750 дастгоҳ – соат, басти дуюм 620 дастгоҳ – соат ва басти сеюм 540 дастгоҳ – соат кор кардааст. Он гоҳ, зариби бастнокиро меёбем, яъне

$З_б = [(750 + 620 + 540) : 750] = 2,55.$

Бинобар ин, пурра истифода бурдани таҷҳизоти дар корхона барои омода ё васл намудан дар ҳар як басти корӣ ва умуман зиёд намудани бузургии зариби бастнокӣ – яъне аз захираҳои калони дар оянда баланд бардоштани самаранокии истифодаи воситаҳои асосии фаъол маҳсуб меёбад.

Дар ҷараёни таҳлили самаранокии воситаҳои асосии корхона баҳо додан ба нишондиҳандаҳои зиёди дигар, ба монанди зариби истифодаи экстенсивии таҷҳизот ва мошинҳо, зариби истифодаи шиддатфизоии иқтидори таҷҳизот, дараҷаи тамаркуз (консентратсия) ва махсусгардонӣ, сатҳи истифодабарии иқтидори истеҳсолии корхона, зариби интегралии истифодаи экстенсивӣ ва интегралии таҷҳизот ва г. бениҳоят зарур ва судманд мебошад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Моҳияти воситаҳои асосии корхонаи истеҳсолиро шарҳ диҳед ва таркиби онҳоро дар соҳаҳои гуногуни саноат дар муқоиса фаҳмонед.*
2. *Баҳодиҳӣ чист ва сатҳи самаранок истифода намудани воситаҳои асосии корхона аз рӯи кадом нишондиҳандаҳои иқтисодӣ сурат мегирад?*
3. *Фарсудашавӣ чӣ маъно дорад? Кадом намудҳои фарсудашавиро медонед? Фарқияти онҳоро бо мисолҳои мушаххас шарҳу тавзеҳ диҳед.*
4. *Истеҳлок ва сатҳи бардошти истеҳлоки воситаҳои асосии корхонаи истеҳсолӣ чиро ифода менамояд ва ҳамзамон воситаҳои асосӣ аз рӯи арзишашон чӣ тавр аз ҳамдигар фарқ мекунанд?*

5. *Такрористеҳсоли воситаҳои асосӣ гуфта чиро дар назар доранд? Кадом намудҳои такрористеҳсоли воситаҳои асосиро медонед?*
6. *Таъмир, таҷдид, навсозӣ ва ивазкунии воситаҳои асосии амалкунанда: моҳият ва мазмуни иқтисодии онҳоро маънидод кунед.*
7. *Нишондиҳандаи шиддатфизоӣ ва истифодаи самаранокии воситаҳои асосӣ дар замони гузариш ба иқтисоди бозаргонӣ кадомҳоянд ва онҳоро чӣ тавр муайян мекунанд?*
8. *Таркиби воситаҳои асосии корхонаҳои саноати мамлакат аз дигар соҳаҳои иқтисоди миллӣ чӣ гуна фарқ доранд?*
9. *Ба воситаҳои асосии фаъоли корхонаҳои истеҳсолии кишвар кадом унсурҳои воситаҳои асосӣ дохил мешаванд?*
10. *Таркиби воситаҳои асосии ғайрифаъоли корхонаҳои саноатии мамлакатро чиҳо ташкил дода метавонанд?*

# МАВЗӮИ 12.
# ВОСИТАҲОИ ГАРДОНИ КОРХОНА

12.1.Моҳият ва таснифи воситаҳои гардон.
12.2.Меъёргирии воситаҳои гардон.
12.3.Самарабахшии истифодаи воситаҳои гардон ва ҳисоби нишондиҳандаҳои махсус.

## 12.1. Моҳият ва таснифи воситаҳои гардон

Ба ғайр аз фондҳои асосӣ (биноҳо, иншоот, мошинҳо, механизмҳо ва ғ.), корхона ба воситаҳои ғардон дар шакли арзиши ашёи хом, мавод, воситаҳои пулӣ, сӯзишворӣ, неруи барқ, борҷома ва ғ. эҳтиёҷоти зиёд дорад.

Воситаҳои гардон – маҷмӯи воситаҳои пулии корхона барои ташаккулёбӣ ва таъминоти гирдгардиши фондҳои истеҳсолӣ ва муомилот зарурбударо меноманд. Моҳият ва вазифаи асосии фондҳои гардон ин пеш аз ҳама, хизматрасонии гирдгардиши фондҳои истеҳсолӣ мебошад, ки онро метавон ин тавр бо ҳарфҳо П – М ...Г...М*- П*, яъне воситаҳои молиявӣ, пулӣ марҳалаи гирдгардиш ё бозгардон доранд. Дар ишора ин формула пул (П), М (маҳсулот), Г (гардиш), М (мол) ва боз пул (П) аст.

Бинобар ин, дар давраи якуми гирдгардиши воситаҳои гардон, яъне маблағҳои молиявӣ барои харидорӣ намудани ашёи хом, ҳар гуна маводи зарурӣ ва дигар захираҳо (воситаҳо) масраф карда мешаванд, яъне аз шакли пулӣ ба шакли молӣ мегузаранд ва бо ин роҳ захираҳои истеҳсолии муайян ба вуҷуд оварда мешаванд, баъдан боз давраи дуюм – табдил аз мол ба пул рух медиҳад. Дар ин марҳила ба раванди истеҳсолот қувваи корӣ дохил гардида, бо ширкати фаъолонаи худ ба натиҷаи ниҳоии истеҳсолот таъсири мусбат мерасонад ва ба ивази ин амалашон кормандон музди меҳнат мегиранд. Минбаъд арзишҳои моддию молӣ ба маҳсулоти тайёр табдил дода мешаванд. Дар марҳилаи ниҳоии гирдгардиш бошад, маҳсулоти истеҳсолшуда ба фурӯш бароварда мешавад ва корхона аз он маблаги муайян ба даст

меорад, минбаъд бо он пурра хароҷоти истеҳсоли маҳсулотро пӯшонида, боз ҳаҷми муайяни фоида ба даст меоварад.

Танзим ва ташаккулёбии унсурҳои ҷудогонаи воситаҳои гардон дорои хусусият ва тавсифи муайян мебошанд. Якум, ин пеш аз ҳама воситаҳои молиявӣ, пулӣ; дуюм, хароҷоти ҷорӣ, ки пурра арзиши худро ба маҳсулоти тайёр мегузаронанд, ба шумор мераванд. Вобаста ба ин, воситаҳои гардон бо назардошти хусусиятҳои хоси соҳаҳои истеҳсолот ва муомилоти молу хизматрасонӣ, тарзи танзимгарӣ ба гурӯҳҳои меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ тақсим карда мешаванд (ҷадв. 12.1).

**Ҷадвали 12.1**

Таркиб ва таснифи фондҳои гардон

| Намуди воситаҳои гардон | Таркиби воситаҳои гардон | Гурӯҳбандии воситаҳои гардон |
|---|---|---|
| ***Воситаҳои гардони истеҳсолӣ*** | 1. Захираҳои истеҳсолӣ:<br>• ашёи хом, маводи асосӣ ва маҳсулоти нимтайёри харидашуда;<br>• маводи ёрирасон;<br>• сӯзишворӣ;<br>• борҷома;<br>• қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмири ашёҳои камарзиш, тезфарсудашаванда, асбобу ускунаҳои ба он монанд ва абзорҳо.<br>2. Истеҳсолоти нотамом ва маҳсулоти нотамоми истеҳсолоти худӣ<br>3. Хароҷоти давраҳои оянда | ***Воситаҳои гардони меъёрӣ*** |
| ***Фонди муомилот*** | 4. Маҳсулоти тайёри дар анбор буда ва таҳвилгардида, ки санадҳояш дар арафаи бақайдгирианд<br>5. Молҳои таҳвилшуда, вале аз ҷониби харидор пардохтнашуда<br>6. Воситаҳои пулии дар хазина ва суратҳисобҳои бонкӣ буда<br>7. Қарзҳои дебиторӣ<br>8. Воситаҳои дар дигар ҳисобҳо буда | ***Воситаҳои гардони ғайримеъёрӣ*** |

Баҳодиҳии сохтори фондҳои гардон дар шароити муосир аҳамияти калонро касб намудаанд. Маблагҳо танҳо ҳамон вакт самарабахш истифодашуда ҳисобида мешаванд, ки қисмати бештари онҳо ба соҳаи истеҳсолот ҷалб гардида бошанд. Дар корхонаҳои саноатии Тоҷикистон қисми муайяни фондҳои гардон дар соҳаи истеҳсолот 72 % (аз ҷумла дар захираҳои истеҳсолӣ ва истеҳсолоти нотамом мутаносибан – 48 – 20 %), дар соҳаи муомилот – 28 % (аз онҳо тахминан 17 % - арзиши маҳсулоти тайёр ва 6 % - воситаҳои пулӣ) –ро ташкил медиҳанд.

## 12.2. Меъёргирии воситаҳои гардон

Андозаи зарурии воситаҳои пулие, ки ба ҳадди ақали захираи арзишҳои моддию молӣ ҷалб гардида, барои таъмини мунтазами раванди истеҳсоли маҳсулот, беш аз ҳама, бо роҳи меъёргирӣ (ҳисоби меъёрҳо) муайян карда мешавад, нақши назаррасро пайдо менамояд.

Меъёр – бузургӣ, андоза ва микдори масрафи ресурсҳои ҳадди ниҳоии додашуда (пулӣ, моддӣ, меҳнатӣ), ки бо роҳи назариявӣ ва таҷрибавӣ пайдо карда шудаанд. Меъёргирӣ- раванди таҳияи меъёрҳо ва муқаррар намудани меъёр аст. Меъёргирии фондҳои гардон ҳисоби ҳадди кифояи эҳтиёҷоти корхона ба воситаҳои пулӣ, ки ташаккул додани захираи арзишҳои моддию молӣ, таъмини мунтазамии фаъолияти он сарфшударо мефаҳмонад.

Дар иқтисоди муосир се усули ҳисоби меъёргирии фондҳои гардон: усули таҳлилӣ, зарибӣ ва ҳисоби мустақим маъмул мебошад. Усули таҳлилӣ (ё худ таҷрибавию оморӣ) пеш аз ҳама, таҳияи ҳамаҷонибаи мавҷудияти арзишҳои моддию молӣ бо васидаи тасҳеҳи захираҳои воқеӣ ва аз эътибор соқит намудани қисми изофаи онҳо мебошад. Усули зарибӣ дар ибтидо аз дақиқ будани меъёрҳои амалкунанда ва муайян намудани ҳисоби фондҳои гардони вобаста ба тағйиру иловаҳои дар ин давра ба миён омада ба нишондиҳандаҳои истеҳсолот ва ба андозаи ин воситаҳо таъсиркунанда иборат мебошанд. Усули ҳисоби мустақим бошад - ин ҳисоби илман асоснокшудаи меъёргирӣ буда, ба

ҳар як унсури фондҳои гардон (захираҳои истеҳсолӣ, истеҳсолоти нотамом, хароҷоти давраҳои оянда, бақияи маҳсулоти тайёр ва ғ.) хос мебошад. Дар амалияи хоҷагидорӣ усули мазкур хеле муҳим буда, усулҳои боқимонда дар бештари мавридҳо ҳамчун усули ёрирасон мавриди истифода қарор мегиранд.

Тибқи мазмуни иқтисодиашон захираҳои истеҳсолӣ ба унсурҳои зерини ба фондҳои гардон тааллуқдошта (ашёи хом, маводҳо, сӯзишворӣ) ва инчунин унсурҳои бештар ба фондҳои асосӣ майлдошта (қисмҳои эҳтиётӣ барои таъмир, асбобу ускунаҳо, ашёҳои камарзиш ва тезфарсудашаванда) иборат буда, тақсим карда мешаванд.

Меъёри фондҳои гардони захираҳои истеҳсолӣ ба фондҳои гардон дохилшаванда бо роҳи зарб намудани талаботи миёнаи шабонарӯзии ашёҳо тибқи ченаки арзишиашон ба меъёри захираи онҳо ба ҳисоби рӯз муайян карда мешаванд.

Шаффофияти ҳисобҳо аз бисёр ҷиҳат аз дуруст муайян намудани захираи сарватҳои моддии зарурӣ вобастагии мустаҳкам ва қавӣ доранд.

Меъёри воситаҳои нақлиётӣ, одатан дар фосилаи ду рӯз муқаррар карда шудаанд. Ин гуна меъёри фондҳои гардон давраи пардохти маблағро ба суратҳисоби таҳвилгарони молу ашёи хом ва давраи ворид шудани онҳо ба анбори корхонаро дар бар мегиранд.

Захираҳои тайёри истеҳсолӣ бошанд барои қабули ресурсҳои моддӣ, ҷо ба ҷо намудан, тайёрӣ ва истифодабарии истеҳсоли онҳо ташкил дода мешаванд. Ҳиссаи аз ҳама бештар аз ҳисоби харҷи захираҳои ашёи хом ва маводи барои тавлиди маҳсулот зарурӣ ташаккул меёбад. Меъёрҳои умумии фондҳои гардон дар шакли захираҳои истеҳсолӣ, ки тибқи он маблағи фондҳои гардонро муайян мекунад, аз унсурҳои зерин иборатанд (рақамҳо шартӣ мебошанд):

1. Талабот ба ашёи хом ва маводҳо дар семоҳаи якуми сол — 2700 тонна.

2. Масрафи миёнаи шабонарӯзии мавод — 30 тонна.

3. Нархи озоди як тоннаи ашё ва мавод — 12 000 сомонӣ.

4. Арзиши шабонарӯзии масрафи ашё ва мавод-360 000 сомонӣ (сатри 3 х сатри 2)

5. Меъёри захираи ашёи хом ва мавод:

| | |
|---|---|
| а) нақлиётӣ | —2 рӯз |
| б) технологӣ | —3 рӯз |
| в) ҷорӣ | —15 рӯз |
| г) суғуртавӣ | —5 рӯз |
| ҳамагӣ: | —25 рӯз |

6. маблағи талабот ба фондҳои гардони захираҳои истеҳсолӣ (сатри 4 х сатри ҳамагӣ) — 360 000 х 25 рӯз = 9,0 млн сомонӣ .

Қоидаи умумии меъёргирии фондҳои гардони ашёҳои камарзиш ва тезфарсудашаванда иборат аст: якум, алоҳида муайян намудани меъёр барои арзишҳои моддии дар анбори корхона захирашуда ва дар раванди истеҳсолот истифодашаванда; дувум баҳодиҳии пули захираҳои анбор аз рӯи арзиши пурраи хариди онҳо, истифодаи минбаъдаи онҳо дар истеҳсолот ба андозаи 50 фоизи арзиши ибтидоии онҳо.

Андозаи ин меъёр пеш аз ҳама, аз ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшуда, арзиши аслии намудҳои мухталифи он ва моҳияти тақсимоти масрафҳо доир ба давомнокии сикл ё давраи истеҳсолот вобастагӣ дорад. Бояд таъкид намуд, ки фондҳои гардон дар ин шакли вазифавиашон ба динамикаи (пӯёи) маҷмӯи истеҳсол ва арзишҳои моддию маънавӣ таъсири мутаносиби роста доранд. Инчунин ҳатман таносуби миёнаи арзиши аслии маҳсулоти нотамом ва маҳсулоти тайёр, ки маъмулан онро ҳамчун зариби афзоишёбандаи хароҷот низ меноманд, мавриди ҳисоб қарор мегирад. Меъёри воситаҳои гардони истеҳсолоти нотамом ($М_{и.н}$)-ро тавассути формулаи зайл меёбанд:

$$М_{и.н} = И_{м.м} \times Д_{с.и} \times З_{а.х},$$

дар ин ҷо,

$И_{м.м}$ - истеҳсоли миёнаи шабонарӯзии маҳсулоти молӣ аз рӯи арзиши аслии он;

$Д_{с.и}$ - давомнокии миёнаи як сикли истеҳсолӣ ба ҳисоби рӯз;

$З_{а.х}$ - зариби афзоишёбандаи хароҷот (арзиши аслии истеҳсолоти нотамом).

Муайян намудани нишондиҳандаҳои миёнаи истеҳсоли шабонарӯзии маҳсулот аз рӯи арзиши аслӣ ва давомнокии давраи истеҳсолот ягон мушкилӣ ба миён намеорад. Нишондиҳандаи аввала бо роҳи тақсим намудани истеҳсоли маҳсулоти дар нақша пешбинишуда ба миқдори рӯзҳои давраи ҳисобӣ, дуюми бошад – ҳамчун андозаи миёна аз рӯи вазни қиёсии маҳсулот ё (гурӯҳи онҳо) дар арзиши аслии маҳсулоти молӣ ёфта мешавад.

Зариби афзоишёбандаи хароҷот ҳисоби пешакии махсусро талаб менамояд. Аз ҳама дақиқтар онро тавассути тақсим намудани хароҷот бо рӯзҳои давраи истеҳсолӣ муайян кардан беҳтар аст.

Усули муайян намудани зариби афзояндаи хароҷотро дар мисоли зерин дида мебароем. Дода шудааст, арзиши аслии ягон намуди маҳсулоти тағйирёбада дар ҳаҷми 50 100 сомонӣ, давомнокии миёнаи силсилаи истеҳсолӣ – 6 рӯз. Тақсимоти хароҷот тибқи рӯзҳои як давраи пурраи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар ҷадв. 12.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 12.2**

**Тақсимоти хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот мувофиқи рӯзҳои як давраи пурраи истеҳсолот**

| Давраи истеҳсоли маҳсулот (шумораи рӯзҳо) | Хароҷоти истеҳсолот, сомонӣ | Маблағи хароҷот аз рӯи ҳисоби афзоянда, сомонӣ |
|---|---|---|
| Якум | 30 000 | 30 000 |
| Дуюм | 3 000 | 33 000 |
| Сеюм | 3 500 | 36 500 |
| Чорум | 4 000 | 40 500 |
| Панҷум | 4 000 | 44 500 |
| Шашум | 5 600 | 50 100 |
| Ҳамагӣ... | 50 100 | 234 600 |

Арзиши аслии миёнаи истеҳсолоти нотамом ба 39 100 сомонӣ (234 600 : 6) ва зариби афзояндаи хароҷот— 0,78 (39 100 : 50 100)-ро ташкил намуд.

Аммо дар сурати зиёд будани номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда ин усули муайян кардани зариби афзояндаи

хароҷот ($З_{а.х}$) шояд қобили қабул набошад. Бинобар ин, он корхонаҳое, ки мехоҳанд бештар маҳсулоти ашёталабро истеҳсол намоянд, эҳтиёҷ ба хароҷоти якдаврагӣ доранд, дар ин маврид зариби афзояндаи хароҷот бо усули дигар муайян карда мешавад:

$$З_{а.х} = (Х_{р.а.с} + 0,5\, Х_{д.р.и}) : Х_{и.м},$$

дар ин ҷо,

$Х_{р.а.с}$ — хароҷоти ибтидоии рӯзи аввали силсилаи истеҳсолӣ;
$Х_{д.р.и}$ — хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот дар дигар рӯзҳои силсилаи истеҳсолӣ;
$Х_{и.м}$ — хароҷоти (арзиши аслии) истеҳсоли маҳсулот.

Пас, аз рӯи нишондиҳандаҳои ҷадвали 12.2 аён мегардад, ки зариби афзояндаи хароҷот тибқи услуби дигари ҳисоб ба 0,8 [(30 000 + 0,5 • 20 100) : 50 • 100] баробар аст. Тавре мебинем, носаҳеҳӣ дар ин ҷо чандон зиёд набошад ҳам, вале саҳеҳии ҳисобро бузургии 0,02 (0,8 - 0,78) таъмин мекунад, ки дар иқтисоди корхонаҳои истеҳсолӣ аҳамияти муҳим дорад.

Агар андозаи миёнаи истеҳсоли маҳсулот дар як рӯз ба 20 000 сомонӣ ва давомнокии давраи истеҳсолот – 6 рӯз бошад, пас меъёри воситаҳои истеҳсолоти нотамомро меёбем:

$М_{и.н}$ = 20 000 х 6 х 0,8 = 96 000 сомонӣ барои як давраи истеҳсоли маҳсулот.

Ба ғайр аз захираҳои истеҳсолӣ ва истеҳсолоти нотамом ба унсурҳои меъёрии фондҳои гардон, инчунин хароҷоти давраҳои оянда ва бақияи маҳсулоти тайёри корхонаҳо дохил мешаванд.

Меъёри фондҳои гардони хароҷоти давраҳои оянда вобаста аз бақияи воситаҳо дар ибтидои давра ва маблағи хароҷоти кулли давраи ҳисоб (нақшавӣ) ба истиснои андозаи хароҷоти минбаъда рӯйпӯшшаванда аз ҳисоби арзиши аслии маҳсулот ёфта мешавад. Мисол, дар давраи аввали семоҳа бақияи маблағи давраҳои оянда 8 000 сомонӣ ва эҳтиёҷот ба онҳо дар ҳамин давра-82 000 сомониро

ташкил дод, арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот, минбаъд хароҷоти пешакӣ вориднамуда ба 36 000 сомонӣ баробар аст. Дар ин ҳолат, талаботи меъёрӣ ба фондҳои гардони давраҳои оянда маблаги 54 000 сомонӣ (8 000 + 82 000 - 36 000)-ро ташкил менамояд.

Меъёри бақияи воситаҳои гардони маҳсулоти тайёр, ҳамчун нишондиҳандаи ҳосили зарби арзиши истеҳсоли якрӯзаи маҳсулоти тайёр нисбат ба меъёри захираи он дар анборҳо ба ҳисоби рӯз муайян карда мешавад. Дар навбати худ, меъёри захира аз миқдори рӯзҳои барои тайёр кардани маҳсулот бо мақсади фурӯши он аз кори мукаммалгардонии номгӯи маҳсулот, бастабандӣ ва таҳвили молҳо ба истеъмолгарон, сарфи вақт барои таҳия ва пешкаши санадҳои пардохт иборат мебошад.

Ҳамин тариқ, маҷмӯи меъёри воситаҳои гардони корхона дар давраи ҳисоботӣ ё нақшавӣ аз ҳисоби маблағҳои меъёри унсурҳои ҷудогонаи онҳо ҳисобу китобшуда (захираҳои истеҳсолӣ, истеҳсолоти нотамом, хароҷоти давраҳои оянда ва бақияи маҳсулоти тайёр)-ро дар бар мегирад.

### 12.3. Самарабахшии истифодаи воситаҳои гардон ва ҳисоби нишондиҳандаҳои махсус

Истифодаи самараноки воситаҳои гардон дар корхонаҳои истеҳсолӣ масъалаи дорои аҳамияти муҳими иқтисодӣ мебошад.

Сатҳи самаранокии воситаҳои гардонро тавассути нишондиҳандаи вақти гардиш ё худ гирдгардиши онҳо андоза менамоянд. Тезонидани раванди гирдгардиши фондҳои гардони корхона имконият медиҳад, ки ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти дилхоҳ бо истифодаи оқилонаи воситаҳои гардон дар муддати муайяни вақт бояд сурат гирад. Дар баробари ин сарфаи муайяни воситаҳои гардон ва бо ин васила дуруст истифода бурдани маблағҳои аз гардиш озодшуда барои пурра кардани ресурсҳои молиявии

корхона ва рушди истеҳсолот шароити мусоид фароҳам меорад.

Гирдгардиши воситаҳои гардонро асосан бо нишондиҳандаҳои зерин чен мекунанд:

1. Бо ҳисоби рӯз нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулоти саноатӣ;
2. Бо ҳисоби маротибаи гардиши воситаҳои гардон.

Давомнокии як давраи гардиши воситаҳои гардон ба ҳисоби рӯз ҳамчун таносуби миқдори рӯзҳои давраи ҳисоботӣ (се моҳ – 90 рӯз, сол —360 рӯз) нисбат ба зариби гирдгардиши ҳамин давра мебошад.

Барои тавсифи истифодаи самараноки фондҳои гардон инчунин, нишондиҳандаи фоиданокӣ бояд ҳисоб карда шавад ва он ҳамчун таносуби бузургии фоидаи корхона нисбат ба ҳаҷми маблағҳои фондҳои гардон мебошад. Онро бо формула ифода менамоянд:

$$Ф_{вс} = (\sum Ф : ФГ) \times 100,$$

дар ин ҷо,

$Ф_{вс}$ – фоиданокии истифодаи воситаҳои гардон, %;

$\sum Ф$ - маблағи фоида, сомонӣ;

ФГ – маблағи фондҳои гардон, сомонӣ.

Бо роҳи суръат бахшидан ба гирдгардиши воситаҳои гардон эҳтиёҷот ба онҳо кам мешавад ва дар натиҷа озодшавии ин воситаҳо зимни оқилона истифода бурдан ба миён меояд. Озодшавии воситаҳои пулиро дар асоси тезонидани суръати гардиш дар шакли бузургии мутлақ (камшавии эҳтиёҷот ба воситаҳои гардон) ва шакли нисбӣ (бо ҳисоби рӯз нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулот) аҳамияти иқтисодӣ дорад.

Зариби гирдгардиш (миқдори гардиш) бо роҳи тақсим намудани арзиши маҳсулоти фурӯш мувофиқи нархҳои амалкунандаи яклухт дар давраҳои муайян нисбат ба бақияи миёнаи воситаҳои гардони ҳамин давра ҳисоб карда мешавад ва дар шакли формула намуди зеринро дорад:

$$ЗГ_{в.г} = ΣҲФМ : ΣВГ_{б.м},$$

дар ин ҷо,

$ЗГ_{в.г}$ – зариби гирдгардиши воситаҳои гардон, миқдори гардиш;

ΣҲФМ – ҳаҷми фурӯши маҳсулот, сомонӣ;

$ΣВГ_{б.м}$ – бақияи миёнаи воситаҳои гардон, сомонӣ.

Нишондиҳандаи дигари гирдгардиши воситаҳои гардон ба ҳисоби рӯз ҳисоб мекунанд:

$$ЗГ_{в.с} = ΣВГ_{б.м} : ΣҲФМ.$$

Ин нишондиҳанда гувоҳӣ медиҳад, ки воситаҳои гардон бо назардошти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар чанд рӯз гардиш мехуранд.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба истифодаи самараноки фондҳои гардон таъсири мусбат мерасонад, ин ноил шудан ба захираҳои оптималии истеҳсолот мебошад. Бо роҳи оптимизатсионӣ имконияти хуби самарабахши захираҳои корхона, хусусан истеҳсолоти ашёталабии он бештар ба даст оварда мешавад. Кам гардидани давомнокии мӯҳлати истеҳсолот дар корхонаҳо ҳамагӣ ба андозаи як рӯзи фондҳои гардон имконият медиҳад, то ки ҳаҷми истеҳсолоти нотамом бо маблағҳои пулӣ хеле зиёд сарфа гардад. Тезонидани суръати гардиши фондҳои гардон (бо ҳисоби рӯз ва миқдори гардиш) воқеан барои корхона аҳамияти муҳим дорад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1. Воситаҳои гардони саноатӣ чиро ифода менамоянд ва ба таркиби онҳо чиҳо дохил мешаванд?*

*2. Меъёргирии воситаҳои гардон: аҳамият, моҳият ва таркиби ҳисобу китоби онҳо дар корхона.*

*3. Ба захираҳои истеҳсолӣ чиҳо дохил мешавад? Номгӯи ҳар яки онҳоро шарҳу тавзеҳ намоед.*

4. *Меъёргирии захираҳои истеҳсолӣ: моҳият, вазифа ва хусусиятҳои хоси онҳоро фаҳмонед.*
5. *Истеҳсолоти нотамом: моҳият ва мазмуни иқтисодии он.*
6. *Меъёри истеҳсолоти нотамом: мақсад, зарурат ва аҳамияти онҳо дар шароити муосир аз чӣ иборат аст?*
7. *Меъёргирии дигар унсурҳои воситаҳои гардон ва мазмуни иқтисодии онҳо.*
8. *Нишондиҳандаҳо ва роҳҳои истифодаи самарабахши воситаҳои гардонро дар мисоли мушаххаси корхонаҳои саноатии кишвар нишон диҳед.*
9. *Талабот ба воситаҳои гардони корхонаи истеҳсолиро барои соли оянда чи тавр ҳисоб мекунанд?*
10. *Ба афзоиши воситаҳои гардони корхонаҳои саноатии Тоҷикистон бештар кадом омилҳои иқтисодӣ таъсири мусбат мерасонанд?*

# МАВЗӮИ 13.
# КАДРҲОИ КОРХОНА: ТАРКИБ, ҲОСИЛНОКИИ МЕҲНАТ ВА НАҚШАГИРӢ

13.1.Кадрҳои корхона: ҳайат, таркиб ва таснифи онҳо.
13.2.Ташкил ва меъёргирии меҳнати кормандон.
13.3.Ҳосилнокии меҳнат: мазмун, нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон.
13.4.Нақшагирии эҳтиёҷи кадрҳо дар корхонаи истеҳсолӣ.

## 13.1.Кадрҳои корхона: ҳайат, таркиб ва таснифи онҳо

Кадрҳо ифодакунандаи ресурси меҳнатии корхона буда, ҳамзамон истифодаи пурсамари онҳо яке аз омилҳои поягии таъсиргузор ба фаъолияти самарабахши корхона маҳсуб мешаванд. Бинобар ин, аз назари илмию амалӣ асоснок намудани эҳтиёҷ ба шумора ва ҳайати касбии кормандон барои давраи оянда, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти онҳо аз рӯи ҳунар, ихтисос ва вазифаҳои гуногуни касбӣ, ташкили дурусти шароити корӣ, риояи қатъии тартибу интизоми меҳнат, баланд бардоштани сатҳи ҳосилнокии меҳнат, таҳлили ҳолат ва истифодаи оқилонаи имконияту захираҳои мавҷуд буда, масъалаҳои марказии ин мавзӯъ мебошанд.

Зери мафҳуми кадрҳои корхона одатан ҳайати асосӣ (ҷадвали вазифаҳо ё мансабҳо)-и кормандон фаҳмида мешавад.

Кадрҳои корхона дар вобастагӣ аз рӯи иҷрои вазифаҳои кориашон ба гурӯҳҳои зерин тасниф шудаанд:

- коргарони асосӣ ва иловагӣ;
- роҳбарон;
- мутахассисон ва хизматчиён.

Ҳар як гурӯҳ ё аниқтараш категорияи кормандон дар навбати худ аз ҳайати фарқкунандаи касбу пешаҳои алоҳида иборат буда, ихтисосҳои гуногунро дар бар мегирад.

Ҳайати кормандони корхона бо таъсири омилҳои дохила ва беруна, пеш аз ҳама, инкишофи самтҳои фаъолияти корхона, ҳаҷми иҷрои корҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, сатҳи технологию техникӣ, суръати афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва самаранок истифода намудани потенсиали кадрии корхона ва ғ. метавонад тағйир ёбад.

***Касбу ҳунар*** ё ***пеша*** ин маҷмӯи махсуси донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ буда, аз худ кардан ва донистани хусусиятҳои хос ва нозуки онҳо барои иҷрои намудҳои мушаххаси кор дар ин ё он соҳаи иқтисод бениҳоят аҳамияти махсус доранд.

***Ихтисос*** ин як намуди фаъолияти зарури касбӣ дар доираи ҳамин касбу пеша мебошад, ки аз кормандон донишҳои устувор, ҳамаҷониба ва малакаҳои дар амал татбиқ намудани онҳоро тақозо менамояд.

***Тахассуснокӣ*** – кулли донишҳои муосиру замонавӣ ва малакаҳои амалӣ мебошанд, ки кормандро ба иҷрои ин ё он кори муайяни мураккаб омода менамояд ва ҳуқуқи кор карданро ироа медорад. Вобаста бо ин, сатҳи тахассуснокии коргаронро одатан ба гурӯҳҳои ғайритахассуснокӣ, сатҳи пасти тахассуснокӣ, тахассуснокӣ ва тахассуснокии хеле баланд ҷудо мекунанд. Ин амали ҳаётиро воқеан бо роҳи дараҷагузорӣ ба меҳнати коргарон муайян мекунанд, ки ҳамчун як усули ҳавасмандгардонӣ нисбат ба меҳнат фарқкунанда мебошад.

Кормандони корхонаҳоро аз рӯи категорияҳои тахассуснокӣ ба категорияи 1, 2, 3 ва ғайрикатегориявӣ қисмат мекунанд, ки мантиқи солим дорад.

Роҳбарони корхона аз рӯи сохтори ташкилӣ ва зинаҳои идоракунӣ табақабандӣ мешаванд, яъне ҳамчун роҳбарони зинаҳои олӣ, миёна ва поёнӣ.

Ба қатори мутахассисони корхона асосан кормандони муҳандисӣ-техникӣ, иқтисоддонон, муҳосибон, ҳуқуқшиносон, технологҳо ва ғ. дохил мешаванд.

Хизматчиён бошанд, аз кормандони касбу кори гуногун: ҳуҷҷатгузорон, хазинадорон ва ғ. иборат мебошанд.

Ҳамин тариқ, таркиби кадрҳо – ин таносуби категорияҳои алоҳидаи кормандон аз рӯи касбу кор, вазифаҳои хизматӣ нисбат ба шумораи умумии онҳо дар як муддати муайяни вақт, масалан, дар як сол, бо ҳисоби фоиз дар сад мебошад.

## 13.2.Ташкил ва меъёргирии меҳнати кормандон

Ташкили дуруст ва мақсадноки меҳнати кормандон дар корхона имкон медиҳад, ки барои фаъолияти дилхоҳ ва самарбахш шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

Ташкили меҳнат ин таҳияи маҷмӯи нақша – чорабиниҳои заруртарин бо мақсади ноил шудан ба натиҷаҳои мусбати молиявӣ-иқтисодӣ, ҳаллу фасли вазифаҳои муҳими иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар корхона, ба даст овардани сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат, сатҳу сифати зиндагии кормандон ва обрӯю эътибори корхона мебошад. Маҳз бо ин гуна зарурат, дар шароити кунунӣ бояд ҳар як корхонаи истеҳсолӣ барои такмили ташкил ва идоракунии самараноки меҳнат диққати махсус диҳад.

Ташкили меҳнат самт ва роҳҳои хеле гуногун дорад.

Ба қатори самтҳои асосӣ ва афзалиятноки ташкили илмии меҳнат инҳоро дохил кардан мумкин аст:

- беҳтар намудани сатҳи касбомӯзӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуснокии кадрҳо;
- рушди махсусгардонӣ ва тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, кооперативонии меҳнат;
- баланд бардоштани сатҳи техникӣ-технологии истеҳсолот дар корхонаҳо, ҷорӣ кардани лоиҳаҳои инноватсионӣ ва технологияҳои навтарини ба талаботи стандартҳои давлатию ҷаҳонӣ ҷавобгӯ;
- беҳтар кардани шароити меҳнати кормандон;
- ҳамаҷонибаву бемайлон мустаҳкам кардани интизоми меҳнат, ташкили доимии мониторинги иҷрои супориш, нақшаҳои кории кормандон ва беҳтар кардани сифати маҳсулоту хизматҳо ба муштариён;

- такмил додани механизм ва тарзу услубҳои ҳавасмандгардонӣ ба натиҷаҳои меҳнати пурмаҳсули кулли кормандони корхона;
- омӯзиши таҷрибаи пешқадами ташкил ва идоракунии кайфияти кор, ташкили шаклу низомҳои самаровари музди меҳнати кормандон, ҳифзи манфиатҳои иҷтимоии онҳо дар шароити муосири иқтисодӣ, хубтар ба роҳ мондани ташкил ва хизматрасонии ҷойҳои корӣ;
- такмил додани низоми меъёргирии меҳнати кормандон дар корхона.

Дар байни ин самтҳои номбаршудаи ташкили илмии меҳнат, меъёргирии меҳнати кормандони касбу кори гуногун мавқеи мустақил ва хоса дорад.

Моҳияти меъёргирии меҳнат дар муайян кардани сатҳи харҷи вақти корӣ барои иҷрои амалиёти мушаххас, масалан, тавлиди як воҳиди маҳсулот, иҷрои ҳаҷми дилхоҳи ягон кор дар шароити самаровари ташкилӣ-техникӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ инъикос меёбад. Дар ин маврид, мо бояд мафҳумҳои зерин, ба монанди *меъёри вақт, меъёри ҳаҷми кор, меъёри хизматрасонӣ, меъёри музди меҳнат ва меъёри идорашавандаро* аз ҳамдигар фарқ намоем.

***Меъёри вақт*** ин ҳамон миқдори вақти корӣ маҳсуб меёбад, ки дар асл барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот ё иҷрои ҳаҷми кор дар шароити мушаххаси ташкилӣ-техникӣ зарур мебошад.

## 13.3.Ҳосилнокии меҳнат: мазмун, нишондиҳандаҳо ва омилҳои таъсиррасон

Самаранок истифода намудани ресурсҳои меҳнатии корхона зимни таҳлили сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва таъсири омилҳо ошкор мегардад. Ин нишондиҳандаи беҳад муҳими иқтисодӣ ҳамчун таносуби ҳаҷми маҳсулоти тавлидшуда дар муддати муайяни вақт бар шумораи кормандон муқаррар карда мешавад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳам бемайлон баланд бардоштани ҳосилнокии

меҳнатро ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ арзёбӣ мекунанд, ки мантиқи солим дорад.

Ҳосилнокии меҳнатро дар сатҳи корхона бо роҳи тақсим намудани маблағи фурӯши маҳсулот ба шумораи миёнаи коргарони истеҳсолӣ низ муайян мекунанд, ки онро бо чунин формула ифода бояд кард:

$$\textbf{Ҳ}_{\text{м.к}} = \textbf{ФМ} : \textbf{Ш}_{\text{к}},$$

дар ин ҷо,

ФМ – ҳаҷми фурӯши маҳсулот ё худ ҳаҷми кори иҷрошуда дар муддати муайян, сомонӣ;

$Ш_к$ – шумораи миёнаи кормандон, нафар;

Илова ба ин, нишондиҳандаи дигари ҳосилнокии меҳнат дар корхона – ин меҳнатталабии маҳсулот аст. Онро мо метавонем бо роҳи тақсим кардани кулли вақте, ки барои истеҳсоли маҳсулот сарф мешавад ($С_в$) ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот (q) ё бо формулаи $\mathbf{С_в : q}$ ифода намоем. Тавре аз ин формула мушоҳида мегардад, барои ҳисоб кардан сатҳи ҳосилнокии меҳнат ду нишондиҳанда: ҳаҷми истеҳсол ё фурӯши маҳсулот ва шумораи кормандон истифода мегардад. Вале онро бо нишондиҳандаи натуралӣ ё миқдорӣ (кг, тонна, метри мураббаъ ва г.) ҳам андоза мекунанд.

Аёнияти ҳосилнокии меҳнат дар нишондиҳандаҳои истеҳсол (фурӯш)-и маҳсулот, ки бо нишондиҳандаҳои пулӣ ва натуралӣ чен карда мешаванд, дар амали хоҷагидорӣ бештар ба назар мерасад. Агар корхона якчанд номгӯи маҳсулоти якхела истеҳсол намояд, он гоҳ истеҳсоли маҳсулот мувофиқи воҳиди ченак метавонад шартан - натуравӣ бошад. Ин нишондиҳанда хусусан ҳангоми муайян намудани истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳои соҳаҳои истеҳсолоти газ, ангишт, нафт, нерӯи барқ, ва ғ., маҳсулот ва ченаки шартан - натуравӣ дар корхонаҳои соҳаҳои саноати нассоҷӣ, семент, фулузот ва дигар соҳаҳои саноат истифода мешаванд.

Бо пул андозагирии ҳаҷми истеҳсол ё фурӯши маҳсулот дар корхона тавассути нишондиҳандаҳои ҳаҷми маҳсулоти умумӣ ва молӣ, сурат мегирад.

Дар ҷойҳои корӣ, бригадаҳо, бахшҳову сеххое, ки бо истеҳсоли маҳсулоти гунунгунҷанба ва истеҳсолоти нотамом сару кор доранд ва чен кардани онҳо бо воҳиди ченаки натуравӣ ва арзишӣ гайриимкон аст, нишондиҳандаи истеҳсоли маҳсулот ба ҳисоби меъёри вақт муқаррар карда мешавад.

Истеҳсоли маҳсулот метавонад ба ҳисоби як соат, дар як рӯзи корӣ, моҳ, семоҳа ва сол ба як нафар корманд дар муддати сол, семоҳа, моҳ ва ғ.) рост меояд, муайян карда шавад.

Меҳнатталабии маҳсулот ин харҷи миқдори вақти корӣ барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот бо ченаки натуравӣ барои кулли номгӯи маҳсулоту хизматрасонӣ мебошад. Ҳангоми истеҳсоли номгӯи васеи маҳсулот меҳнатталабӣ маъмулан аввал барои ягон гурӯҳи муайяни он муқаррар гардида, пас барои маҳсулоти боқимонда мувофиқи ҳиссаи ҳар яки аз онҳо дар маҷмӯи умумии истеҳсоли маҳсулот ёфта мешавад.

Нишондиҳандаи меҳнатталабӣ нисбат ба истеҳсоли маҳсулот дорои бархе аз бартариҳо мебошад: якум, ин далели робитаи мустақим миёни ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва харoҷотталабӣ аст; дувум, истифодабарии нишондиҳандаи меҳнатталабии истеҳсоли маҳсулоти корхона имкон медиҳад, ки алоқамандии масъалаи баҳодиҳии ҳосилнокии меҳнат воқеан бо захираҳои афзоишёбандаи он пурра инъикос ёбад; сеюм, шароит фароҳам месозад, ки хароҷоти меҳнат барои маҳсулоти якхела дар сеххои гуногун ва бахшҳои ҷудогонаи корхонаи истеҳсолӣ бо ҳамдигар муқоиса карда шавад.

Дар ин ҷо, зарурати воқеӣ пеш меояд, ки мо бо мафҳумҳои иқтисодии меҳнатталабӣ: меҳнатталабии маҳсулот, технологӣ, истеҳсолӣ, пурра, хизматрасониҳои истеҳсолӣ ва умуман меҳнатталабии идоракунии истеҳсолот шинос шавем.

Нисбати меҳнатталабии маҳсулот ва мазмуни он мо болотар тавзеҳ додем ва бори дигар ба иҷрои ин амал зарурат намемонад.

*Меҳнатталабии технологӣ* кулли хароҷоти меҳнати кормандони асосиро бо низоми корбайъ ва вақтбайъ фаъолияткунандаро дар сатҳи корхона инъикос менамояд.

*Меҳнатталабии истеҳсолӣ бошад* ҳамаи масрафи меҳнати коргарони асосӣ ва иловагии корхонаи саноатиро дар худ пурра таҷассум мекунад.

Таркиби *меҳнатталабии пурра* маҷмӯи хароҷоти ҳайати кормандони истеҳсолию саноатии корхона тибқи дараҷаи сарфи меҳнат дар истеҳсоли маҳсулотро нишон дода метавонад.

Масрафи меҳнати коргарони иловагӣ агар ба мафҳуми *меҳнатталабии хизматрасониҳои истеҳсолӣ,* андоза гардад, пас хароҷоти меҳнати кадрҳои роҳбарикунанда ва мутахассисонро вожаи меҳнатталабии идоракунии истеҳсолот тавсиф менамояд.

Ҳосилнокии меҳнати кормандони корхона ва тағйирёбии сатҳи он дар як давраи муайяни вақт тибқи таъсири омилҳои гуногун сурат мегирад. Таъсири омилҳои ба тагйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва шумораи кормандони корхона дар натиҷа ниҳоят ба дигаргуншавии сатҳи ҳосилнокии меҳнат низ боис мегарданд.

Дар зери мафҳуми омилҳои асосии ба сатҳи ҳосилнокӣ меҳнат ва самаранокии меҳнат дар корхона таъсиррасонанда, пеш аз ҳама сабабҳои ба тағйирёбии сатҳи ин нишондиҳанда бевосита таъсиргузор фаҳмида мешавад. Дар амалияи нақшагирии меҳнат ва музди меҳнат дар бештари корхонаҳои амалкунандаи кишвар ҳисоби таъсири омилҳои гуногун ба ҳосилнокии меҳнат аз рӯи гурӯҳҳои зерин тасниф мешаванд:

- тағйирёбии сатҳи техникии истеҳсолот;
- такмили сохтори ташкилии идоракунии корхона, ва ташкили меҳнат;
- тагйирёбии ҳаҷм ва сохтори истеҳсоли маҳсулот;
- омилҳои дигар.

Нисбати мафҳуми афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон дар давраи оянда, бешубҳа, кулли имкониятҳои потенсиалии то ҳоло пурра истифоданашудаи ресурсҳои меҳнатӣ фаҳмида мешавад. Истифодаи саривақтӣ ва доимии захираҳои дохилии корхона имконият медиҳанд, ки такмилдиҳӣ ва истифодаи самараноки таҷҳизоту қувваи корӣ, инчунин кам кардани талафоти вақти корӣ, сарфаи ашёи хом, мавод, сармоя ва дигар намудҳои ресурсҳои иқтисодӣ ба афзоиши бемайлони самараноки истеҳсолот боис мегарданд.

Захираю имкониятҳои дохилиистеҳсолии дар оянда барои бевосита баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар корхона кумак расонанд. Ба қатори ин гуна захираҳои потенсиалӣ дар корхона дохил мешаванд:

- кам кардани дараҷаи меҳнатталабии маҳсулот (технологӣ, истеҳсолӣ ва пурра);
- самаранок истифода намудани вақти корӣ (корбурди ташкили илмии меҳнат, таҳкими интизоми меҳнат, истифодаи таҷрибаи пешқадами идоракунии кормандон дар корхона ва хориҷи он, баланд бардоштани беҳдоштии истеҳсолӣ ва ҳифзи меҳнат, аз байн бурдани амалиёти иқтисодии зараровар ва дигар масрафи аз нақша барзиёди меҳнат);
- истифодаи захираҳои сарфаноки сохтори ташкилии корхона, дуруст ҷобаҷогузории кадрҳо ва беҳтар истифода намудани қувваи корӣ (механиконӣ ва боз ҳам беш аз пеш оқилона ва мақсаднок истифода кардани меҳнати коргарони ёрирасон, таъмини мустақилият ва масъулияти касбию вазифагии кормандон, кам кардани вазни қиёсии шумораи аз меъёр зиёди кормандони маъмурию идоракунӣ, ташкили амали равоншиносӣ ва иҷтимоӣ нисбат ба фаъолияти кормандони корхона ва ғ.).

Дарояндаи наздик истифодаи захираю имкониятҳои афзоиши ҳосилнокии меҳнат дар корхонаҳои истеҳсолии мамлакат комилан такмили сатҳи ташкили кор ва идоракунии истеҳсолот, корбурди технологияи ҷадид, рушд ва татбиқи амалии чораҳои инноватсиониро боисрор талаб

менамояд. Ба ин хотир, ҷалби маблағгузориҳои асосии иловагӣ аз манбаъҳои гуногун барои таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои самарабахши инноватсионӣ дар заминаи корҳои ихтироъкорӣ ва дастовардҳои илмӣ-техникӣ дар корхонаю корхонаҷот дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ зарур ва хеле муфид ва мавриди татбиқи амалӣ бояд арзёбӣ шаванд, то ки ба таври нишонрас баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ва истифодаи ҳамаи захираю омилҳои мусбати таъсиррасонро бештар мусоидат намоянд.

## 13.4. Нақшагирии эҳтиёҷи кадрҳо дар корхонаи истеҳсолӣ

Нақшагирии кормандон ҳамчун қисми таркибии идора-кунии корхона аз ҳалли масъалаҳои мубрами зерин: муайян намудани мақсад ва вазифаҳо дар солҳои оянда нисбати истифодаи оқилонаи ресурсҳои меҳнатӣ дар пайвандӣ бо миссияи корхона, фароҳам овардани шароити мусоид оид ба истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, дуруст ҳисоб кардани эҳтиёҷ ба шумораи кормандон; таъмини саривақтии шаро-ити корӣ; таҳияи дурнамои такмили ихтисоси кормандон ва тайёр кардани кадрҳо дар асоси талаботи корхона ва ... иборат мебошад.

Услубҳои маъмули муайян кардани эҳтиёҷ ба кадрҳои коргарӣ инҳо мебошанд:

- касбу пешаҳои замонавии гуногун дар корхона;
- ҳаҷми нақшавии истеҳсоли маҳсулот;
- миқдори ҷойҳои корӣ, меъёри хизматрасонӣ, мошинолот ва назорат дар ташкили равандҳои истеҳсолӣ - технологӣ.

Ҳангоми нақшагирии эҳтиёҷ ба кормандон дар давраи оянда дар заминаи шумораи миёнаи рӯйхат барои соли оянда ва ба кор ҳозиршавии онҳо дар як рӯз муайян карда мешавад.

Талабот ба кормандон – ин шумораи умумии корман-дон аз рӯи таркиб, гурӯҳҳо ва тахассуснокӣ, ки барои иҷрои

вазифаю нақшаи рушди корхона дар давраи оянда (сол) мебошад.

Шумораи нақшавии умумии кормандони корхонаро дар асоси формулаи зайл ҳисоб мекунанд:

$$Ш_{к.н} = Ш_{к.г} x I_{х.м} + Т_{у.к.г},$$

дар ин ҷо,

$Ш_{к.н}$ – шумораи солонаи кормандони корхона аз рӯи нақша, нафар;

$Ш_{к.г}$ – шумораи кормандон дар соли гузашта, нафар;

$I_{х.м}$ - индекси тағйироти ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли оянда;

$Т_{у.к.г}$ – тағйироти (+,-) умумии шумораи кормандон дар соли гузашта, нафар.

Шумораи нақшавии кормандони истеҳсолӣ – саноатӣ бошад ҳамчун таносуби маҷмӯи нақшавии истеҳсоли маҳсулот бар андозаи ҳосилнокии меҳнат муайян карда мешавад:

$$Ш_{к.и} = ΣМ_{и.м (нак.)} : ΣҲ_{м.к},$$

дар ин ҷо,

$ΣМ_{и.м (нак.)}$ – маҷмӯи истеҳсоли маҳсулот, дар соли нақшавӣ;

$ΣҲ_{м.к}$ – ҳосилнокии меҳнати кормандон дар ҳамин давра.

Нақшагирии шумораи коргарони ёрирасон, ки иҷрои корҳои онҳо мувофиқи меъёри хизматрасонӣ муқаррар карда мешавад. Дар ин маврид, аниқ намудани миқдори объектҳои хизматрасонӣ одатан дар заминаи соатҳои басти корӣ сурат мегирад. Ин нишондиҳанда дар натиҷаи тақсим намудани ҳаҷми корҳои хизматрасонӣ ба шумораи кормандони ба кор ҳозиршаванда ёфта мешавад.

Шумораи мутахассисонро бо назардошти натиҷаҳои таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ва дар сурати мавҷуд набудани онҳо - аз рӯи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва меъёрҳои хизматӣ, ки барои намуди алоҳидаи ихтисоси

касбӣ дар корхона тибқи тартибот пешбинӣ шудааст, муайян мегардад.

Шумораи коргарони хизматрасонанда мумкин аст аз рӯи меъёрҳои махсуси ҳисоби ҳаҷми кор дар соли оянда ҳисоб карда шавад. Масалан, шумораи фаррошонро дар асоси майдони бино, ки бо меъёри метри мураббаъ андоза мешавад, меёбанд.

Шумораи кормандони роҳбарикунанда аз ҳаҷми корҳои иҷрошаванда, самтҳои фаъолияти корхона, меъёри иҷрои корҳои идоракунӣ ва бо назардошти як қатор омилҳои дигар бояд муқаррар карда шавад.

Таъмини эҳтиёҷот ба шумораи кадрҳо ва ҳайати он дар корхонаи амалкунанда на танҳо бо роҳи муайян кардани ҳар як касбу вазифа, балки муқоиса намудан бо қувваҳои кории воқеӣ, баҳодиҳии сайлонияти кормандон ва муқаррар намудани талаботи иловагӣ ё худ захираи кадрҳо низ аз аҳамият холӣ намебошад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Ба ҳайати кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ, ба ақидаи Шумо, кадом омилҳо таъсир мерасонанд? Тасниф ва сохтори таркибии онҳоро нишон диҳед.*
2. *Нишондиҳандаҳо ва роҳҳои ҳисоби пайдарпайии шумораи кормандони корхонаҳои истеҳсолиро дар мисолҳои мушаххас нишон диҳед.*
3. *Муайян намудани шумораи нақшавӣ барои дараҷаҳои гуногуни коргарон дар мисоли воқеии корхонаҳои саноатии минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон дорои ягон фарқият ҳаст ё не?*
4. *Фаъолияти кадрҳо ва сиёсати кадрии корхонаҳои истеҳсолии кишварро тавассути барномаҳои рушди соҳаи саноат шарҳу тавзеҳ намоед.*
5. *Таҷрибаи хориҷии ташаккул ва самаранок истифода намудани ҳайати кормандон ба тараққиёти саноати Тоҷикистон чӣ пайомадҳои навро ворид карда метавонад?*

6. *Ҳосилнокии меҳнат чист ва он аз рӯи кадом нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ҳисоб карда мешавад?*
7. *Ҳосилнокии меҳнат, ба андешаи Шумо, бо кадом тарзу усулҳои иқтисодӣ чен карда мешавад?*
8. *Усули омилӣ ва воҳиди ченаки сатҳи ҳосилнокӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ чиро ифода менамоянд?*
9. *Назарияҳои муосир ва моделҳои (амсилаҳои) ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро шарҳу тавзеҳ диҳед.*
10. *Ба фикри Шумо, мақсад ва вазифаҳои нақшагирии кадрҳои корхона чист? Талабот ба шумораи кормандони корхонаро барои соли оянда аз рӯи касбу пеша чӣ тавр ҳисоб мекунанд?*

# МАВЗӮИ 14.
# МУЗДИ МЕҲНАТ ДАР КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

14.1.Моҳият, мазмун ва принсипҳои асосии музди меҳнат.
14.2.Ташкили музди меҳнат.
14.3.Нақшагирии фонди музди -меҳнати кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ.

## 14.1.Моҳият, мазмун ва принсипҳои асосии музди меҳнат

Музди меҳнат шакли ангезаи кор ё пардохти пул бар ивази миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда ва омили муҳими идоракунӣ мебошад. Инчунин барои баланд бардоштани натиҷаи фаъолияти меҳнатии кормандони корхона буда, вазифаи таъмини раванди такрористеҳсоли қувваи кориро ба зимма дорад. .Аз назари дигар, музди меҳнат – ифодаи пулии меҳнати ҳар як корманди корхона дар воҳиди муайяни вақт (соат, баст, рӯз, моҳ, сол). Бояд хотирасон кард, ки баланд шудани самараи фаъолияти хоҷагии корхона, аз ҷумла афзоиши устувор ва бемайлони ҳосилнокии меҳнат бидуни ташкили дуруст ва оқилонаи музди меҳнати кормандон ғайриимкон аст.

Ҳавасмандгардонӣ ба натиҷаи меҳнати кормандон дар шакли музди меҳнати асосӣ, мукофотпулӣ, ёрдампулиҳои гуногун, додани нафақа, иловапулӣ барои корҳои нисбатан вазнин ва г. сурат мегирад.

Музди меҳнат дар корхонаҳо ба татбиқи амалии принсипҳои поягӣ такя мекунад. Ин принсипҳо иборатанд аз: рақобаттавонии шакл ва низомҳои ҳавасмандгардонии меҳнат; ба инобат гирифтани андозаи ҳадди ақали музди меҳнат; таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон ва кафолати он; тафриқабандии музди меҳнат дар вобастагӣ аз тахассуснокии кормандон, шароити корӣ, меҳнати ҷисмонӣ ва фикрӣ, мансубияти корхона ба ин ё он соҳаи иқтисод; зарурати сол то сол зиёд намудани андозаи музди меҳнат; афзалияти суръати болоравии ҳосилнокии меҳнат нисбат ба

суръати тағйирёбии музди миёнаи меҳнат ба як нафар корманди корхона.

Ба сатҳи умумии музди меҳнати корхона омилҳои мухталифи зерин таъсир мерасонанд:

✓ натиҷаи фаъолияти хоҷагидории корхона, сатҳи фоиданокии он;

✓ сабади истеъмолӣ дар кишвар;

✓ сиёсати иҷтимоии давлат ва сиёсати кадрии корхона;

✓ сатҳи бекорӣ дар минтақа, вилоят, дар байни кормандони ихтисосҳои гуногун;

✓ муносибати иттифоқҳои касаба, рақибон, таҳвилгарони ашёи хом, бонкҳо ва идораҳои дахлдори давлат;

✓ сиёсати дохила ва берунаи корхона дар муҳити бозорӣ, корхона ва ҳолати робита бо ҷомеа ва ғ.

Идоракунии музди меҳнат дар корхона имкон медиҳад, ки кормандонро ба натиҷаи меҳнаташон ҳавасманд намояд.

Идоракунии мақсадноки музди меҳнат дар корхона талаб менамояд, ки ҳалли масъалаҳоии зерин сари вақт, пай дар пай ва бо роҳи комплексӣ гузаронида шавад:

- ташаккули фонди музди меҳнат;
- меъёргирии меҳнат;
- муқаррар намудани низоми тарифӣ;
- муайян кардани тарзу услуб, тартиботи ҳисоб ва таҳлили ҳолати ташкили музди меҳнати кормандон дар корхона.

**Музди кор ё меҳнат** - маҷмӯи воситаҳои пулӣ мебошад, ки бар ивази миқдор ва сифати кори анҷомёфта дар муддати муайяни вақт (соат, рӯз, моҳ, сол) ба кормандон пардохта мешавад. Ин нишондиҳандаи иқтисодӣ ҷузъи таркибии арзиши аслии маҳсулот аст.

Ду намуди музди меҳнат: номиналӣ (исмӣ) ва реалӣ (ҳақиқӣ)-ро аз ҳамдигар фарқ бояд кард.

**Музди кори номиналӣ** – ин ҳамаи пулест, ки ба корманд бар ивази кори иҷрокардааш ҳисоб карда мешавад.

**Музди кори реалӣ** бошад – ин маблағест, ки корманд воқеан бо назардошти сатҳи ҷории нархи мол ва тарифҳо дар бозор дар даст дорад ва онро барои беҳдошти зинда-

гониаш сарф мекунад. Гароншавии нархи мол музди меҳнати исмии кормандро ҳамеша паст мекунад.

Меъёргирии меҳнат имконият медиҳад сифати кор ва ҳиссаи инфиродии корманд дар натиҷаи фаъолияти умумии корхона дуруст ҳисоб ва дар заминаи илмӣ татбиқ ва риоя гардад.

Муайян кардани ҷузъҳои таркибии низоми тарифӣ, аниқ чен кардани натиҷаҳои мухталифу мушаххаси кор, супориши нақшаи нишондиҳандаҳои меҳнатӣ ва музди меҳнат ба назар гирифта шавад.

Низоми тарифӣ ҳамчун асоси ташкили музди меҳнат дар корхона таркиби ба худ хос дорад:

- сеткаи тарифӣ, ки он музди меҳнати тафриқавӣ буда, аз рӯи дараҷанокии кор ва тобеъияти соҳавии корхона муқаррар карда мешавад;
- андозаи мутлақи маоши вазифагӣ дар як моҳ бо ҳисоби сомонӣ вобаста ба сатҳи ихтисосӣ, категорияи касбӣ ва ғ. муайян мегардад
- маълумотномаи тарифию тахассусокӣ, намудҳои гуногуни корҳо ба гурӯҳҳо аз рӯи мураккабии ин ё он намуди кор фарқ мекунад;
- зарибҳои ноҳиявии музди кор, ки фарқияти арзиши зиндагиро дар шароитҳои мухталифи табиию иқлимии (минақаҳо)-и ҷумҳурӣ ҷуброн менамояд;
- иловапулиҳо ба ставкаи тарифӣ ва дастмузди изофа барои ҳамкори ивазкунандаи корманди ғоиб, васеъшавии ҳудуди хизматрасонӣ, корҳои берун аз меъёри тақвимӣ, корҳо дар рӯзҳои ид ва истироҳат, корҳои вазнину зарарнок дар басти дувуму сеюми корӣ ва ғ.

Шаклҳои меҳнат ва низоми ҳавасмандгардонии онҳо дар алоқамандӣ бо сатҳи музди меҳнат, миқдору сифати кор, бо тартиби дар кишвар, соҳа ва корхона амалкунанда, шароити ташкили истеҳсолот ва натиҷаҳои меҳнати кормандони касбу пешаи гуногун муқаррар карда мешавад.

## 14.2. Ташкили музди меҳнат

*Музди меҳнат* – ин як қисми даромади миллӣ аст, ки асосан дар шакли пул ва дар асоси шартномаи байни корхона (корфармо) ва корманд (иҷрокунанда) ба тасвиб расида, барои иҷрои кори мушаххас дар вақти муайян, масалан моҳ ва сол бо нишондоди риояи уҳдадориҳои тарафайн, ба корманд пардохта мешавад.

Музди меҳнати кормандон дар корхона ду шакли асосӣ дорад: *вақтбайъ* ва *корбайъ*, ки ҳар кадоми онҳо боз дорои низоми ҳавасмандгардонӣ мебошад.

**Музди меҳнати вақтбайъ**, ки натиҷаҳои корро бояд дуруст ба эътибор гирад, одатан барои ҳамон гурӯҳи кормандони корхона метавонад истифода шавад, ки агар сарфи миқдори меҳнати онҳо бо ҳисоби меъёри вақт (рӯз ва соат) андоза гардад. Бо ин маъно роҳбарони корхона, мутахассисон ва хизматчиён ҳуқуқ доранд, аз намуди музди меҳнати зикршуда баҳра бардоранд.

**Музди меҳнати корбайъ** метавонад, одӣ, мураккаб, бо тахассуснокии сатҳи паст ва баланд бошад, ки тавассути низоми тарифӣ бояд тафриқабандӣ шавад.

*Шарти муҳими татбиқи амалии музди меҳнати корбайъ* мавҷудияти нишондиҳандаи миқдории корҳои иҷрошаванда, яъне имконияти афзоиши ҳаҷм ва фурӯши маҳсулот, маблағи фоида, сифати маҳсулот ва дигар омилҳои мусбат ба ҳисоб меравад. Ин шакли музди меҳнат талаб менамояд, ки меъёрҳои асоснокшудаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, риояи қатъии интизоми меҳнат ва баланд бардоштани сифати маҳсулоту хизматҳо таъмин карда шавад.

Музди меҳнати кормандони дастгоҳи идораи корхона дар асоси зернамуди музди меҳнати вақтбайи одӣ, бо роҳи зарб намудани арзиши тарифии яксоата (якрӯза)-и корманди дорои дараҷаи тахассуснокии муайян (масалан, иқтисоддони дараҷаи -1) ба вақти сарф кардаи ӯ бо ҳисоби соат ё рӯзи корӣ дар як моҳ баробар аст:

$$\mathbf{M_{м.к} = A_c \times B_{к.с}},$$

дар ин ҷо,

$М_{м.к}$ – музди меҳнати яксоата (ё якрӯза)-и корманд, сомонӣ ва дирам;

$А_с$ – арзиши тарифии яксоата (якрӯза)-и корманд, сомонӣ ва дирам;

$В_{к.с}$ – сарфи вақти корманд дар давраи муайян (бо ҳисоби рӯз ё рӯзи корӣ).

Дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ музди меҳнат метавонад бидуни низоми тарифӣ ҳам ташкил гардад. Тибқи ин тартибот музди меҳнати корманд дар асоси шартномаи инфиродӣ байни роҳбари аввали корхона ва корманд-мутахассис бо инобат гирифтани натиҷаи иҷрои ҳаҷми кор бо ҳисоби сомонӣ ва ҳиссаи пардохти музди меҳнат аз ин ҳаҷм бо ҳисоби фоиз, муайян карда мешавад

Моҳияти ташкили музди меҳнати вақтбайъ аз он ибрат аст, ки кормандон моҳонаи вазифагӣ мегиранд ва ин дар асоси низоми тарифию имкониятҳои корхона пешакӣ тарҳрезӣ гардидааст. Музди меҳнат аз тахассуси корманд, собиқаи корӣ, малака ва таҷрибаи корӣ, инчунин ҳаҷм ва миқёси корхона вобаста аст.

Моҳияти ташкили музди меҳнати корбайъ дар он ифода меёбад, ки маблаги ҳисоби дастмузд дар асоси миқдори муайяни истеҳсоли маҳсулот ва арзиши музди кор (рассенка) ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҳолат андозаи рассенкаро ин тавр муқаррар мекунанд:

**Андозаи музди меҳнати корманд (рассенка) = Маблаги тарифии музди меҳнати корманд дар як моҳ, сомонӣ : Ҳаҷми нақшавии истеҳсоли маҳсулот дар ин муддат, сомонӣ**

Андозаи тарифиро барои як соат бо роҳи тақсим намудани музди меҳнати коргар дар як моҳ (сомонӣ) ба меъёри ба нақша гирифташудаи истеҳсоли маҳсулот дар як моҳ ёфта мешавад.

Меъёри истеҳсоли маҳсулот дар як соат низ ҳамчун таносуб дар байни меъёри истеҳсоли маҳсулоти корманд ба ҳосилнокии меҳнати нақшавӣ баробар аст.

Татбиқи амалии ин шакли музди меҳнат дар корхонаи истеҳсолӣ бештар барои коргарон хеле муфид аст, зеро онҳоро барои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнат бевосита ҳавасманд мегардонад.

Истифодаи ин ё он шакли музди меҳнат аз майлу хоҳиши коргарон ва худи роҳбарияти корхона вобаста мебошад. Ҳар як корхона имрӯз ҳуқуқ дорад, ки шакли музди меҳнатро мустақилона интихоб намояд.

Шаклҳои музди меҳнати вақтбайъ ва корбайъ метавонад ҳамчунин системаи ҳавасмандгардонии меҳнати пурмаҳсули кормандонро дар амал ҷорӣ намояд.

Музди меҳнати вақтбайъ-мукофотӣ ба корманд дар баробари пардохт кардани андозаи муайяни маош ҳангоми иҷрои пурраи кор дар давраи ҳисоботӣ (ҷамъбасти моҳ, се моҳ, сол) аз ҳисоби хароҷоти истеҳсолот ба таври илова мукофотпулӣ аз ду сарчашма: а) аз ҳисоби музди меҳнат ва б) аз хисоби фоида дода мешавад.

Ҳар як корхона ҳуқуқ дорад мукофотпулиро дар асоси низомномае, ки онро бо қарори муштараки маҷлиси коллективи меҳнатӣ ва иттифоқи касабаи кормандон қабул кардааст, бо назардошти хусусиятҳои худаш ба роҳ монад.

Тавре таҷрибаи хоҷагидорӣ нишон медиҳад, як қисми корхонаҳо тартиботеро риоя мекунанд, ки мутобиқи он мукофотпулӣ танҳо дар ҳолати пурра иҷро кардани нақшаи истеҳсоли маҳсулот (кору хизматҳо) ва фоида ба кормандон иҷозат дода мешавад. Дар акси ҳол мукофотпулӣ дода намешавад, ки мантиқи иқтисодӣ дорад.

Умуман муайян ва пардохти мукофотпулӣ бояд дар навбати аввал саҳми коргарро дар пешрафти кори мушаххас ва фаъолияти самарабахши корхона ба назар гирад.

Музди меҳнати корбайъ ҳам истифодаи низоми ҳавасманкуниро пешбинӣ менамояд. Дар ин маврид, агар коргар нақшаи инфиродии истеҳсоли маҳсулотро то андозаи 100 фоиз иҷро намояд, он гоҳ ӯ ҳуқуқ дорад, ки

музди меҳнатро аз рӯи рассенка ё нархи барои ӯ ё гурӯҳи коргарон муайяншуда ба даст орад. Агар коргар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро аз меъёр барзиёд иҷро кунад, пас ӯ метавонад музди меҳнати бештарро, ки дар асоси рассенкаи сатҳаш баландтар соҳиб шавад ва боз ба гирифтани мукофотпулӣ дар заминаи меҳнати пурмаҳсул ва босифат сарфароз гардад.

## 14.3. Нақшагирии музди меҳнати кормандони корхонаҳои истеҳсолӣ

Фонди музди меҳнати нақшавии кормандонро дар корхона бо услубҳои гуногун ҳисоб мекунанд:

услуби якум, бо назардошти шумораи кормандон ва музди миёнаи меҳнат дар соли оянда;

услуби дуюм, бо истифодаи фонди музди меҳнат дар соли гузашта ва ҳосили зарби афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо нархҳои муқоисашаванда (фоиз) ва афзоиши музди меҳнати кормандон дар соли нақшавӣ, фоиз.

Мутобиқи услуби якум фонди музди меҳнат ҳамчун ҳосили зарби шумораи кормандон дар соли оянда ба музди миёнаи меҳнат ба як нафари онҳо дар соли нақшавӣ тариқи формула муайян карда мешавад:

$$\text{Ф}_{\text{м.м.нақшавӣ}} = \text{Ш}_{\text{к}} \text{ х } \Sigma\text{М}_{\text{м.м}},$$

дар ин ҷо,

$\text{Ф}_{\text{м.м.нақшавӣ}}$ – фонди музди меҳнат дар соли оянда, сомонӣ;

$\text{Ш}_{\text{к}}$ – шумораи кормандон дар соли оянда, нафар;

$\Sigma\text{М}_{\text{м.м}}$ – музди миёнаи меҳнати кормандон дар соли оянда, сомонӣ.

Услуби дуюми ҳисоб намудани фонди музди меҳнат дар соли оянда формулаи махсус дорад:

$$\text{Ф}_{\text{м.м.нақшавӣ}} = [(\text{Ф}_{\text{м.м.г}} \text{ х } (\text{А}_{\text{ҳ.и.м}} \text{ х } \text{А}_{\text{ф.м.м}}) : 100],$$

дар ин ҷо,

$Ф_{м.м.г}$ – фонди музди меҳнати кормандон дар соли гузашта, сомонӣ;

$Λ_{ҳ.и.м}$ – афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот бо нархҳои муқоисашаванда дар соли оянда, фоиз.

$Λ_{ф.м.м}$ – афзоиши фонди музди меҳнати кормандон дар соли нақшавӣ фоиз;

Шумораи кормандон дар соли оянда тариқи тақсим кардани ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулот (ҳазор сомонӣ) ба ҳосилнокии меҳнати кормандон (ҳазор сомонӣ) дар ин давра муайян карда мешавад.

Музди миёнаи меҳнати кормандон баробар аст ба ҳосили тақсими фонди музди меҳнат (сомонӣ) дар соли нақшавӣ ба шумораи кормандон дар соли оянда, нафар.

Дар корхонаи истеҳсолӣ ҳуҷҷати дорои аҳамияти махсус - ҷадвали вазифавии кормандон бо нишондоди ҳар як мансаб, андозаи музди меҳнат дар як моҳ барои ҳар як карманди роҳбарикунанда, мутахассисон ва хизматчиён, кормандони ёрирасон барои соли оянда бояд таҳия ва асоснок карда шавад. Дар поён ҷадвали вазифавии ҳисоби фонди музди меҳнати кормандони ҶДММ «Гули кухсор» барои соли оянда, бо ҳисоби сомонӣ оварда шудааст (ҷадв. 14.1).

**Ҷадвали 14.1**

**Ҷадвали вазифавии кормандони ҶДММ «Гули куҳсор» барои соли оянда**

| Рақами тартибӣ | Номгӯи вазифаҳо | Музди меҳнат дар як моҳ, сомонӣ | Шумораи кормандон, нафар | Музди меҳнат дар як сол, сомонӣ (сатри 3 х сатри 4 х 12 моҳ) |
|---|---|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
| 1 | Директор | 1800 | 1 | 21600 |
| 2 | Муовини директор | 1500 | 1 | 18000 |
| 3 | Сармуҳосиб | 1500 | 1 | 18000 |
| 4 | Сариктисоддон | 1500 | 1 | 18000 |
| 5 | Муҳосиби дараҷаи 1 | 1200 | 2 | 28800 |
| 6 | Муҳосиби дараҷаи 2 | 1000 | 1 | 12000 |
| 7 | Ҳуқуқшинос | 1100 | 1 | 13200 |

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| 8 | Муҳосиб - технолог | 1300 | 1 | 15600 |
| 9 | Мудири шуъбаи кадрҳо | 1200 | 1 | 14400 |
| 10 | Мудири анбор | 900 | 1 | 10800 |
| 11 | Мудири шуъбаи таъминот | 1200 | 1 | 14400 |
| 12 | Мудирони сехҳо | 700 | 3 | 25200 |
| 13 | Хазинадор | 600 | 1 | 7200 |
| 14 | Посбон | 500 | 2 | 12000 |
| 15 | Котиб | 600 | 1 | 7200 |
| 16 | Коргарони дараҷаи тахассусашон 3 | 500 | 5 | 30000 |
| 17 | Коргарони дараҷаи тахассусашон 4 | 700 | 4 | 33600 |
| 18 | Коргарони дараҷаи тахассусашон 5 | 900 | 2 | 21600 |
| 19 | Коргарони дараҷаи тахассусашон 6 | 1200 | 2 | 28800 |
| 20 | Ронанда | 800 | 1 | 9600 |
| 21 | Фаррош | 500 | 2 | 12000 |
| | **Ҷамъ:** | **Х** | **35** | **372000** |

Тавре қаблан ишора намудем, ҳисоби эҳтиёҷи умумии кормандон бо роҳи тақсим кардани ҳаҷми фурӯши маҳсулоти корхона бар бузургии ҳосилнокии меҳнати кормандон амалӣ мегардад.

Ҳосилнокии меҳнатро дар навбати худ ҳамчун таносуби ҳаҷми нақшавии фурӯши маҳсулот бар шумораи нақшавии кормандони корхона муқаррар бояд кард.

Фонди музди меҳнат дар корхона барои соли оянда на танҳо ба таври умумӣ, балки аз рӯи вазифаҳои касбу ҳунари алоҳида, гурӯҳи муайяни кормандон (истеҳсолию саноатӣ, роҳбарон, мутахассисон, коргарони ёрирасон, кадрҳои сехҳо ва ғ.) бо назардошти шаклу намудҳои музди меҳнат, системаи ҳавасмандгардонии натиҷаи меҳнат, низоми тарифӣ, маълумотномаи тахассусию тарифӣ, зарибҳо барои баланд бардоштани музди меҳнати кормандон ва ғ. омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, табиӣ аз назари иқтисодӣ асоснок карда мешавад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Назарияҳои муосир ва моделҳои (амсилаҳои) ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатиро маънидод намоед.*
2. *Асосҳои ҳуқуқӣ-меъёрии ташкили музди меҳнати кормандони корхона гуфта одатан чиро бештар дар назар доранд?*
3. *Шакл ва намудҳои музди меҳнатро дар корхонаҳои истеҳсолӣ номбар кунед ва маънои иқтисодии ҳар яки онро дар мисолҳои мушаххас баён намоед?*
4. *Сарчашмаҳои асосии пардохти низоми мукофотпулӣ ба кормандони маъмурӣ ва асосии корхонаҳои саноатии Тоҷикистон кадом нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодӣ ба ҳисоб меравандʔ*
5. *Шартҳо ва роҳу усулҳои ҳисобу китоби мукофотпулиро дар корхонаҳои истеҳсолии кишвар нишон ва тавзеҳ диҳед.*
6. *Низомномаи пардохти мукофотпулии кормандони корхонаҳои соҳаи саноатиро кадом сохтори идоракунии корхона ё ташкилот таҳия мекунад ва онро дар амалия татбиқ менамояд?*
7. *Низоми музди меҳнати корбайъро дар мисоли корхонаи истеҳсолӣ шарҳ диҳед ва барои кадом касбу кор пешбинӣ шудааст?*
8. *Низоми музди меҳнати вақтбайъ чист ва онро дар кадом маврид истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст?*
9. *Тартиботи нақшагирии фонди музди меҳнати кормандони корхонаро барои давраи оянда (сол) нақл ва асоснок намоед.*
10. *Ҳадди ақали музди меҳнатро чаро маҳз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад?*

# МАВЗӮИ 15.
# ТАШКИЛИ РАВАНДИ ИСТЕҲСОЛОТ ДАР КОРХОНА

15.1.Ташкили раванди истеҳсолот: мафҳум ва тавсифи он.
15.2.Шаклу навъҳои ташкили истеҳсолот.
15.3.Усул ва меъёрҳои ташкили истеҳсолот.
15.4.Сикли истеҳсолӣ.

## 15.1. Ташкили раванди истеҳсолот: мафҳум ва тавсифи он

Барои муваффақона идора намудани раванди истеҳсоли маҳсулот дар сатҳи корхона ташкили оқилонаи сохтори истеҳсолот ва ҷузъҳои асосии он: сехҳо, қитъаҳо ва ҷойҳои корӣ бениҳоят зарур мебошанд. Дар бастагӣ бо ин шарти муҳим, фаъолияти корхона ҳамзамон бо ташкили раванди истеҳсолот ва қисматҳои алоҳидаи он, амалиёти технологӣ ва сикли истеҳсолӣ алоқамандии доимӣ дорад.

*Ҷараёни истеҳсолот* дар корхонаҳои саноатӣ, ин пеш аз ҳама аз маҷмӯи амалиёти технологӣ бевосита барои тайёр ва тавлиди маҳсулот иборат буда, тавассути равандҳои гуногуни ёрирасону хизматрасонӣ, фаъолияти бомаром ва муназзами амалиёти асосӣ амалӣ карда мешавад.

*Амалиёт* – қисми таркибии ҷараёни истеҳсолот буда, иҷрои кору фаъолият дар як ҷойи кор ё худ якчанд ҳаракатҳоро дар як объекти истеҳсолӣ (машғулият бо олотҳо, қисмҳои эҳтиётӣ, ашёи хом, маҳсулот ва ғ.), ки аз ҷониби як ё якчанд коргарон ба роҳ монда шудааст, меноманд.

Аз ин хотир раванди истеҳсолот бо назардошти аломатҳои гуногун ба навъҳо ҷудо мешавад (ниг. ба ҷадв. 15.1).

**Ҷадвали 15.1**

Таснифи аломатҳо ва навъи ҷараёни истеҳсолӣ

| Таснифи аломат | Навъи равандҳои истеҳсолӣ |
|---|---|
| 1. Нақши тавлиди маҳсулот ва хизмат | • асосӣ;<br>• ёрирасон;<br>• хизматрасонӣ. |
| 2. Тавсифи истеҳсолот | • одӣ;<br>• мураккаб. |
| 3. Даврахои истеҳсол | • истеҳсоли маҳсулоти тайёр;<br>• истеҳсоли коркард;<br>• истеҳсолоти тавлидӣ. |
| 4. Сатҳи муназзамӣ | • муназзами пурра;<br>• номуназзам. |
| 5. Сатҳи таъминоти техникӣ | • дастӣ;<br>• қисман механиконидашуда;<br>• механиконишуда;<br>• автоматӣ. |
| 6. Хусусиятҳои истифодаи таҷҳизот | • дастгоҳӣ (агрегатӣ);<br>• дискретӣ (дастгоҳҳои махсус бо иштироки коргар) |

*Навъи истеҳолоти асосӣ* – ин чунин ҷараёни истеҳсолие мебошад, ки тавассути он ашёи хом ва мавод ба маҳсулоти тайёр мубаддал гардонида мешаванд.

*Навъи истеҳсолоти ёрирасон* – ин раванди мустақил ва таркибсози истеҳсолӣ буда, бевосита сохтори корхонаро мукаммал мегардонад. Он бавижа ба истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасонии истеҳсолоти асосӣ хеле зарур мебошад. Ба таркиби он: раванди тайёр намудани асбобу ускунаҳо ва таъмини лавозимоти технологӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, таъмиру тармими таҷҳизот ва г. дохил мешаванд.

*Навъи равандҳои истеҳсолоти хизматрасонӣ* – он бевосита ба ҷараёни истеҳсолоти асосӣ узван алоқаманд буда, бе пайвастагии якдигар вуҷуд надоранд. Вазифаи муҳими он – таъмини муттасили кору фаъолияти ҳамаи бахшҳои корхона ба ҳисоб меравад. Ба он нақлиёти дохилӣ ва берунии коргоҳҳо, ҷобаҷогузорӣ ва нигоҳдории ресурсҳои моддӣ-техникӣ ва ғ. марбут мебошанд.

Мисоли равшани *раванди одӣ* - истеҳсоли хишт, *раванди синтетикӣ* – ба даст овардани пӯлод, раванди *аналитикӣ бошад* – истихроҷ ва коркарди нафт ба шумор меравад.

*Раванди истеҳсоли маҳсулоти тайёр* – ин табдил додани ашёи хом ва маводи зарурӣ ба шаклу андозаи шабоҳат доштаи маҳсулоти тайёр мебошад. Дар соҳаи мошинсозӣ – истеҳсолоти хулабарорӣ, дар истеҳсолоти дӯзандагӣ – тарроҳии матоъ (чеварӣ) ва ҷараёнҳои дигар ба шумор меравaнд.

*Раванди истеҳсолоти коркард* - чунин ҷараёнест, ки бевосита ашёву лавозимоти тайёркардашударо ба олотҳои тайёр (ба мисли коркарди механиконидашуда, галваникӣ, дӯзандагӣ ва ғ.) мубаддал месозад.

*Раванди истеҳсолоти тавлидӣ (насби қисмҳои эҳтиётӣ)*- ҳамчун ҷараёни истеҳсол барои тавлиди маҳсулоти тайёр, насби қисмҳои ҷудогонаи мошин (насби пурраи қисмҳои эҳтиётӣ, коркарди гармию буғӣ ва ғ.).

*Раванди истеҳсолоти номуназзам* - мавҷудияти танаффус ё таваққуф дар тавлидоти маҳсулот, кору хизматрасонии таҷҳозот бе таъсиррасонӣ ба сифати он дар назар дошта мешавад.

*Раванди истеҳсолоти муназзам* – ин татбиқи амалии бевоситаи кору фаъолияти муназзамест, ки имконияти болоравии сифати маҳсулот ва ба ҳолати хуби кори таҷҳизот мусоидат мекунад.

*Раванди истеҳсолоти дастии сатҳи таъминоти техникӣ* – ин ҷараёни кору фаъолияте, ки бе иштироки мошинолоту механизмҳо иҷро гардида, фаҳмида мешавад. *Қисман механиконидашуда* – ин равандӣ ивазкунии меҳнати дастӣ бо мошин, барои иҷрои амалиёти асосии ҷудогона. *Механиконӣ – комплексӣ* – ин раванди мавҷудияти низомҳои алоқаманди мошину механизмҳо, ки иҷрои ҳамаи амалиёти истеҳсолиро бе иштироки меҳнати дастӣ, ба истисноии амалиёти идораи мошину механизмҳо таъмин менамояд. *Раванди автоматикунонӣ* – таъмини иҷрои ҳамаи амалиёти ҷараёни истеҳсолӣ дар якҷоягӣ бо идоракунии мошину механизмҳо бе иштироки бевоситаи корманд.

*Раванди истеҳсолоти дастгоҳӣ (агрегатӣ)* – татбиқи амалии корҳо бо таҷҳизот ва бе ширкати меҳнати коргар иҷрошуда.

*Раванди истеҳсолоти дискретӣ бошад* – амал дар дастгоҳҳои алоҳида бо иштироки бевоситаи коргар.

Таснифоти равандҳои истеҳсолоти мазкур, барои таҳлил ва таҳияи сохтори корхона, нақшагирии фаъолияти он, ҷустуҷӯи имкониятҳои афзоиши самаранокии истеҳсолот бениҳоят зарур мебошад.

Зери мафҳуми таркиби истеҳсолии корхона одатан бо ҳам пайвандии фаъолияти сеххо, қитъаҳо ва воҳидҳои дохилӣ дар ҷараёни истеҳсоли маҳсулот фаҳмида мешавад. Зикр бояд кард, ки сохтори истеҳсолӣ бо нишондиҳандаҳои иқтисодии корхона, ба монанди ҳаҷми истеҳсол ва сифати маҳсулот, ҳосилнокии меҳнат, хароҷоти истеҳсолот ва самаранокии истифодаи ресурсҳои иқтисодӣ, фоида ва фоиданокӣ таъсир мерасонад.

Сеххо, қитъаҳо ва ҷойҳои корӣ ҷузъҳои муҳими сохтори истеҳсолӣ ба шумор меравconfigured.

*Сех* – воҳиди асосии истеҳсолии корхонаи бузург буда, дар истеҳсолот нақши муҳим мебозад. Қитъаҳо бошанд, дар навбати худ ба сеххо мансубият дошта, нақши иловагӣ – хизматрасониро иҷро мекунанд.

*Ҷойҳои корӣ* – унсури сохтори истеҳсолӣ буда, барои пешбурди фаъолияти корӣ дар ҳайати як ё якчанд нафар коргар ва барои иҷрои ягон амалиёти алоҳида бо назардошти таъмини шароити корӣ таъсис дода мешаванд.

*Раванди истеҳсолӣ* – ин маҷмӯи амалиёти мақсадноки кормандони корхона мебошад, ки табдилёбии ашёи хом ва мавод ба маҳсулоти тайёр ва хизматҳоро мефаҳмонад.

## 15.2. Шаклу навъҳои ташкили истеҳсолот

Ба шаклҳои муҳими ташкили истеҳсолот *тамаркуз, махсусгардонӣ, стандартонӣ, кооперативонӣ* (ҳамкорӣ) ва *якҷоя кардан* дохил мешаванд.

***Тамаркуз*** - ин ҷараёни дар як ҷо мутамарказонидани истеҳсоли маҳсулоти корхона ва бахшҳои истеҳсолии алоҳидаи он ба шумор меравад.

Сатҳи тамаркуз дар навбати аввал аз воҳиди иқтидори ягонаи мошин, дастгоҳ, асбобу ускуна, хатти технологӣ, миқдори таҷҳизоти якхела, андоза ва ададҳои истеҳсолоти якмаромаи технологӣ иборат мебошад. Барои муайян кардани сатҳи тамаркуз, пеш аз ҳама, *нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсол, шумораи кормандон ва дар соҳаҳои дигари иқтисоди миллии кишвар арзиши фондҳои асосӣ* мавриди истифода қарор дода шудааст.

Вобаста аз сатҳи тамаркуз корхона, коргоҳ ва бахшҳои алоҳидаи он ба корхонаҳои калон, миёна ва хурд тақсим карда мешаванд. Тамоюли рушди тамаркуз дар шароити иқтисоди бозорӣ ба афзоиши вазни қиёсии корхонаҳои хурд, устуворгардонии бозори истеъмолӣ, бартараф намудани инҳисорият, бунёди рақобати солим, ташкили ҷойҳои кории иловагӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои пешқадами илмӣ-техникӣ, ҳаллу фасли масъалаҳои мубрами муҳити зист мусоидат мекунад.

***Махсусгардонӣ*** - ин дар сатҳи корхона ва бахшҳои ҷудогонаи истеҳсолии он мутамарказонидани тавлидоти маҳсулоти якхела,якнавохт ё иҷрои давраҳои алоҳидаи равандҳои технологиро меноманд.

Воқеан, дар амалияи хоҷагидории навин, махсусгардонӣ аз се қисмат: махсусгардонии технологӣ, предметӣ ва қисмҳои эҳтиётӣ иборат аст. Мисоли равшани махсусгардонии технологӣ, ин пеш аз ҳама мустақилияти томи корхона, коргоҳ ва бахшҳои алоҳидаи он дар иҷрои амалиёти ҷудогона ё худ силсилаи истеҳсолот ба шумор рафта дар соҳаи саноати бафандагӣ: корхонаҳои ресандагӣ, дӯзандагӣ, бофандагӣ ва рангубордиҳӣ. дар соҳаи мошинасозӣ бошад: коргоҳҳои хулагарӣ, галваникӣ, механикӣ, васлгарӣ ва ғ.-ро дарбаргиранда, нақши муассир доранд.

***Махсусгардонии предметӣ*** – ин истеҳсоли номгӯи муайяни маҳсулоти тайёр - мотосикл, велосипед, автомобилҳо ва ғ. дар сатҳи корхонаҳо дар назар дошта шудааст.

***Махсусгардонии қисмҳои эҳтиётӣ,*** як ҷузъи таркибии махсусгардонии предметӣ буда, ба истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии ҷудогона: муҳарик, очор, мурват, ҳалқаҳои флузотию пластмассӣ, чархҳо ва г. асосёфта мебошанд. Дар амалияи фаъолияти корхонаҳо баъзан ҳолатҳои ҳамкорию ҳамоҳангсозии ҳамаи шаклҳои махсусгардонӣ: коргоҳ ва бахшҳои маҳсулоттайёркунӣ, ки бо аломати технологӣ бунёд шудаанд, коркард – аз рӯи қисмҳои эҳтиётӣ ва васлкунӣ – аз рӯи махсусгардонии предметӣ бештар ҷой доранд.

Заминаи асосии афзоиши сатҳи махсусгардонӣ, пеш аз ҳама, равандҳои стандартонӣ ва ба навъҳо ҷудо намудани он ба ҳисоб меравад.

***Стандартонӣ*** - ин қатъиян муқаррар намудани номгӯи меъёрҳои сифат, шакл ва андозаи мошинолот ва қисмҳои эҳтиётӣ, маҳсулоти тайёр мебошад. Он барои маҳдуд намудани феҳристи маҳсулоти истеҳсолӣ ва афзоиши ҳудудҳои истеҳсолоти он заминаи муфид фароҳам меорад.

***Кооперативонӣ*** *(ҳамкорӣ)* – ин робитаи тавлидотии корхона, коргоҳ, бахшҳо буда, дар истеҳсоли маҳсулот, ҳамкории бевоситаи муштаракона доштаро меноманд.

***Якҷоя кардан*** *(ҳамҷоякорӣ)* – ин дар сатҳи як корхона якҷоя намудани равандҳои истеҳсолот, баъзан корхонаҳои гуногунсоҳа, ки бо якдигар алоқамандии зич доранд, нақши калонро мебозад.

Нишондиҳандаҳое, ки сатҳи якҷоя карданро пурра тавсиф менамоянд инҳоянд: микдор ва арзиши маҳсулоти корхона, ки аз ҳисоби коркарди ашёи хоми асосӣ ба даст оварда шудааст; вазни қиёсии ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёре, ки дар натиҷаи коркард минбаъд ба маҳсулоти зарурии дигар табдил дода мешавад (мисол, табдил ёфтани як сикли пурра: аз чуян, пулод, оҳан то ба прокат иборат мебошад), ҳиссаи маҳсулоти иловагӣ дар ҳаҷми умумии маҳсулоти корхона ва ғ.

Имконияти инкишофи махсусгардонӣ ва кооперативонӣ, сатҳи хароҷоти истеҳсолот ва нишондиҳандаҳои истифодабарии меҳнати зинда ва таҷҳизот дар бештари

мавридҳо аз бунёди навъҳои ташкили истеҳсолот вобастагии ногусастанӣ дорад.

*Навънокии истеҳсолот* аслан аз ҳисоби сатҳи махсусгардонии ҷойҳои корӣ, алоқамандии шаклу амалиёти гуногун дар фазо ва вақт, мураккабӣ ва устувории номгӯи маҳсулот, андозаи ҳаҷми истеҳсолот, муайян карда мешавад.

Имрӯз дар фаъолияти истеҳсолоти моддии кишвар, *се навъи ташкили истеҳсолот:* истеҳсолоти оммавӣ, ҷудогона ва фардӣ дида мешавад. Дар навбати худ, вобаста ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот онҳо фарқ мекунанд.

Маҳаки асосии муайянкунандаи ин ё он навъи ташкили истеҳсолот аз миқдори амалиёти дар таҷҳизот иҷро гардида вобастагӣ дорад.

Тавсифи қиёсии навъҳои ташкили истеҳсолот дар (ҷадв. 15.2) оварда шудааст.

**Ҷадвали 15.2**

Нишондиҳандаҳо ва навъҳои ташкили истеҳсолот

| Нишондиҳанда | Навъҳои ташкили истеҳсолот | | |
|---|---|---|---|
| | оммавӣ | ҳудуди ҷудогона | Фардӣ |
| 1 | 2 | 3 | 4 |
| 1. Номгӯи маҳсулот | ночиз | маҳдуд | Васеъ |
| 2. Махсусгардонии ҷойҳои корӣ | ба ҳар як ҷойи корӣ як амалиёти доимӣ муайян карда мешавад | ба ҳар як ҷойи корӣ давра ба давра амалиёти такрорёбанда муайян карда мешавад | амалиёт ба ҷойи корӣ муайян карда намешавад |
| 3. Навъи таҷҳизот | махсусгардонида шуда | махсусгардонидашуда ва умумӣ | умумӣ |
| 4. Тавсифи раванди истеҳсолӣ | устувор, бетағйир | давра ба давра тағйирёбанда | доимо тағйирёбанда |
| 5. Намуди ҳаракати ашёҳои меҳнат аз як амалиёт ба амалиёти дигар | пайдарпай | баробар, пайи ҳам | пайи ҳам |

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| 6. Ҳиссаи меҳнати дастӣ | паст | миёна | олӣ |
| 7. Ҳосилнокии меҳнат | баланд | миёна | паст |
| 8. Арзиши аслии як воҳиди маҳсулот | паст | миёна | баланд |
| 9. Сатҳи истифодаи таҷҳизот | баланд | миёна | паст |
| 10. Давомнокии силсилаи истеҳсолот | хурд | миёна | зиёд |
| 11. Ба эҳтиёҷоти истеъмолгарон мувофиқ | кучак | миёна | баланд |

Аз нигоҳи иқтисодӣ навъи аз ҳама самарабахш ташкили истеҳсолоти оммавӣ ба ҳисоб меравад. Вале дар шароити ривоҷу равнақёбии муносибатҳои бозорӣ хавфу хатари муфлисшавӣ ва дигар омилҳои монеъшаванда ва таҳдидкунанда ба рушду инкишофи истеҳсолоти моддӣ зарурати васеъгардонии номгӯи маҳсулоти истеҳсолӣ ва афзуншавии соҳаи навъи ташкили ҷудогонаро ба миён меорад. Таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон исботи ин гуфтаҳоянд. Ташаббускори ин самти фаъолият Япония мебошад. Дар ин ҷода Япония фаъолияти беназир дар гузашти корхонаву корпорасияҳои азими он ба истеҳсоли номгӯи васеъ ва ҷудогона тавассути корбурди низоми зудбадали истеҳсолӣ мисоли амиқ шуда метавонад.

## 15.3.Усул ва меъёрҳои ташкили истеҳсолот

Дар фаъолияти корхонаҳои саноатии кишвар аз се усули ташкили истеҳсолот: умумӣ, махсуси хаттӣ ва ягона истифода менамоянд.

*Усули умумӣ* - ё истеҳсоли маҳсулот бо маҷмӯи хаттӣ омилҳои зеринро пурра таҷассум менамояд:

• ба таври амиқ ҷудо намудани амалиёт дар ҷараёни истеҳсолот;

• махсусгардонии мушаххаси ҷойҳои корӣ ҳангоми иҷрои амалиёти муайяну саҳеҳ;

• иҷрои ҳатмии амалиёт дар ҳамаи ҷойҳои корӣ;

• ҷойгиркунии таҷҳизот бевосита дар давраи авҷи инкишофи раванди технологӣ;

• сатҳи баланди пайдарпайии ҷараёни истеҳсолот, ки бо таъмини баробарӣ ё маротибагии амалиёти андӯхиро ба миён меорад.

Дар саноат усули умумии ташкили истеҳсолот хеле гуногунҷанбаъ мебошад.

*Самаранокии иқтисодии усули умумӣ* бевосита сатҳи таъмини фаъолияти кулли принсипҳои ташкили истеҳсолот: махсусгардонӣ, пайдарпайӣ, мутаносибӣ, баробарӣ, саҳеҳии бевоситаро таъмин менамояд (ҷадв.15.3).

*Самаранокии усули умумӣ* дар ҳолатҳои зерин метавонад ба миён ояд:

- афзоиши бемайлони ҳосилнокии меҳнат аз ҳисоби кам кардани бекористӣ ҳангоми истеҳсоли маҳсулот, механиконии ҷараёни истеҳсолот, махсусгардонии ҷойҳои корӣ ва ғ.;
- суръатфизоии гирдгардиши фондҳои гардон бо роҳи кам кардани силсилаи коркард;
- арзон намудани арзиши аслии маҳсулот.

**Ҷадвали 15.3**

**Таснифи аломатҳо ва намудҳои истеҳсоли маҳсулот бо усули умумӣ**

| Таснифи аломат | Усули ташкили истеҳсолот |
|---|---|
| 1. Номгӯи маҳсулоти коркардшаванда (миқдори объектҳое, ки барои хатти истеҳсолӣ ҷудо карда мешаванд) | •доимӣ – хаттӣ – барои як навъи ашё;<br>•доимӣ – хаттӣ – барои якчанд навъи ашё;<br>•тағйирёбанда - хаттӣ;<br>•гурӯҳӣ - бисёрашёӣ. |
| 2. Сатҳи пайдарпайии ҷараёни истеҳсолот | •пайдарпайӣ бо назми муқаррар-кардашуда;<br>•пайдарпайӣ бо назми озод;<br>•номуназзамӣ. |
| | •механиконӣ ; |

| | |
|---|---|
| 3. Сатҳи механиконӣ ва автоматикунонӣ | •механиконӣ – комплексӣ;<br>•автоматикунонӣ;<br>•автоматӣ. |
| 4. Ҷалбкунии сатҳи ҷараёни истеҳсолот | •қитъавӣ;<br>•коргоҳӣ. |

Самтҳои асосии афзоиши самаранокии иқтисодию иҷтимоии истеҳсолоти умумӣ, пеш аз ҳама, ҷорӣ намудани хатҳои умумии автоматикунонӣ ва нимавтоматикунонӣ, истифодаи роботҳо ва манипуляторҳо дар кору фаъолиятҳои дақиқу амалиётҳои нозуку мураккаб.

*Усули хоси* ташкили истеҳсолот дорои нишонаҳои зерин фарқкунанда мебошад:

- истеҳсолоти маҳдуди маҳсулот;
- коркарди якчанд намуди маҳсулот;
- истифодаи таҷҳизоти махсусгардонидашуда ва умумӣ;
- истифодаи ҳамаҷонибаи кадрҳои лаёқатманду баландихтисос, дорои ҷаҳонбинии инноватсионӣ ва малакаи корӣ;
- афзалияти ҷойгир намудани таҷҳизот тибқи гурӯҳбандии дастгоҳҳои якхела.

Тибқи нишондиҳандаҳои самаранокии иқтисодӣ (афзоиши ҳосилнокии меҳнат, истифодабарии таҷҳизот, кам кардани арзиши асли маҳсулот, гирдгардиши фондҳои гардон), усули хос нисбат ба усули аввала дар зинаи поёнтар қарор дорад.

*Усули ягонаи* ташкили истеҳсолот бошад, тавлиди маҳсулоти воҳид ва нусхаи ягонадошта ё худ адади маҳдуди маҳсулоти дар назардоштташуда мебошад. Ин усул бештар дар истеҳсол ва тайёр намудани таҷҳизоти дорои тарҳи азимдошта (дастгоҳу агрегатҳои азим, прокатҳо, лулаҳои оҳан ва ғ.) дар истеҳсолоти моҳияти махсусдошта ва таҷрибавӣ ҳангоми иҷро намудани намудҳои мухталифи таъмиру тармим мавриди истифода қарор мегирад.

*Хусусияти фарқкунандаи усули ягонаи ташкили истеҳсолот аз:*

- номгӯи зиёди нотакрори маҳсулот;

▪ истифодабарии таҷҳизоти умумӣ ва моҳияти махсусдошта;

▪ ҷойгиркунии таҷҳизот мувофиқи гурӯҳбандии дастгоҳҳои якхела;

▪ таҳқиқи технологияҳои бузург;

▪ истифодабарии коргарони лаёқатманд, сатҳи ихтисоснокиашон баланд, дорои тафаккури инноватсионӣ ва малакаву таҷрибаи бойдошта;

▪ ҳиссаи на чандон зиёди истифодаи меҳнати дастӣ;

▪ низоми мураккаби ташкили таъминоти моддӣ – техникӣ, ки захираҳои зиёди истеҳсолоти нотамом, захираҳоро дар анборҳо низ ба миён меорад, иборат мебошад.

Ба меъёрҳои ҷараёни ташкили истеҳсолот давомнокии силсилаи истеҳсолот, андоза ва воҳиди якдаврагии истеҳсолоти нотамом дохил мешавад.

*Давомнокии силсилаи истеҳсолот* ($Д_{с.и}$) алоҳида барои маҳсулот (маснуот), қисмҳои эҳтиётӣ ва дастгоҳҳо – дар асоси тақвимӣ чен карда мешавад.

Таркиби онро унсурҳои зерин ташкил медиҳан:

$$Д_{с.и.} = В_{тех.} + В_{таб.} + В_{н.} + В_{нақ.} + В_{б.а.ч.} + В_{б.б.ч.},$$

дар ин ҷо,

$В_{тех.}$, $В_{таб.}$, $В_{н}$, $В_{нақ.}$ – вақти иҷрои амалиётҳои технологӣ, табиӣ (аслӣ), назоратӣ ва нақлиётӣ;

$В_{б.а.ч}$ – вақти дар байни амалиётҳо ҷалбшаванда;

$В_{б.б.ч}$ – вақти дар байни бастҳо ҷалбшаванда.

*Самтҳои асосии кам кардани давомнокии силсилаи истеҳсолот:*

➢ такмил додани технология, хусусан бо роҳи интенсивӣ;

➢ табдили равандҳои табиӣ (аслӣ) ба сунъӣ;

➢ муштаракона ё худ якҷоя иҷро намудани амалиёти нақлиётию назоратӣ бо технология, дар навбати худ, талаб менамояд, ки боз ҳам бештар воситаҳои такмилёфтаи нақлиётӣ ва назоратӣ мавриди истифода қарор гиранд;

➢ зиёдшавии басти кори корхона бо мақсади камшавии баъзе хараҷу мараҷҳои байнибастӣ;

➢татбиқи амалии ташкили илмии меҳнат дар ҷойҳои корӣ;

➢истифодаи оқилонаи роҳу усулҳои гуногуни амалиёти бо ҳам наздик ва ғ. иборат мебошанд.

Дар ташкили оқилонаи раванди истеҳсолоти асосӣ, ҳисоби якдаврагии ашёи меҳнат, ки ҳамзамон дар истеҳсолот ҷорӣ карда мешаванд, аҳамияти бағоят муҳим дорад. Инчунин, андозаи якдаврагӣ ба фаъолияти молиявию хоҷагии корхона: *кори пурраи таҷҳизот, ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии маҳсулот, ҳаҷми фондҳои гардон ва гирдгардиши онҳо* таъсири ҳаматарафа мерасонад.

Усули аз ҷиҳати илмӣ асоснок муайян намудани андозаи якдаврагӣ, *усули риёзию иқтисодӣ (усули симплексӣ)* ба шумор меравад. Истифодаи он имконият медиҳад, ки андозаи оптималии якдаврагии истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, ҳисоб карда шавад. *Маҳаки оптималӣ метавонад арзиши аслии як воҳиди маҳсулот, истифодабарии таҷҳизот* ва ғ. бояд бошад.

Ҳангоми мавҷуд набудани имкониятҳои техникии усули мазкур, андозаи якдаврагӣ метавонад бо роҳи қобилияти истеҳсолии дастгоҳхо (агрегатҳо), эҳтиёҷоти рӯзонаи олотҳо, барномаи якмаротибагии истеҳсол дар як баст (даҳа) ва г. муқаррар карда мешавад. Дар амалияи фаъолияти корхонаҳои истеҳсолии соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқи кишвар барои ҳисоби андозаи якдаврагӣ формулаи зерин истифода бурда мешавад:

$$\mathbf{В_{т.б} = З_в \times В_{а.д}},$$

дар ин ҷо,

**$В_{т.б}$** - вақти тайёрӣ ва ба охир расонидани тавлиди якдаврагии маҳсулот;

$В_{а.д}$ - адади вақти истеҳсоли як воҳиди маҳсулот;

$З_в$ – зариби васлкунӣ, он таносуби ҳадди ниҳоии додашудаи вақти коркарди тайёрию баитмомрасонӣ нисбат ба ҳамаи маҳсулоти якдаврагӣ (барои ҳисоб аз 0,05 то 0,1 истифода мешавад).

Барои ташкили раванди оқилонаи истеҳсолот ҳисоби андозаи истеҳсолоти нотамом зарур мебошад.

*Истеҳсолоти нотамом* – ин маҳсулоти ба итмом нарасидаи истеҳсолиест, ки аз ҷониби шуъбаи назорати техники қабул нашуда ва ба анбор насупорида шудааст.

## 15.4. Сикли истеҳсолӣ

Сикли истеҳсолӣ ҳамон вақти тақвимӣ аст, ки аз лаҳзаи истифодаи ашёи хом ва маснуот дар раванди истеҳсолот оғоз гардида, то вақти анҷом ёфтани тавлидоти маҳсулоти тайёр ва хизматҳои пулакиро дар бар мегирад. Ин мафҳум иҷрои амалиёти асосӣ, ёрирасон ва таваққуфгардидаро дар ҷараёни ташкили истеҳсоли маснуот муттаҳид месозад.

Вақте ки барои иҷрои амалиёти асосии дар истеҳсолот дар ҳақиқат сарф мешавад, сикли технологӣ номида мешавад. Ин муҳлатест, бо шиддатнокии меҳнати худ ба тағйирёбии он таъсир мерасонад.

Вақти иҷрои амалиёти иловагӣ бошад иборат аст аз:

- назорати сифати коркарди маснуот;
- назорати низоми кори мошин ва таҷҳизот, ба кор омода кардани онҳо, таъмири хурд;
- тоза кардани ҷойи кор;
- таҳвили маводу маҳсулоти нимтайёр тавассути нақлиёт;
- қабули маҳсулоти коркардшуда;

Вақти иҷрои амалиёти асосӣ ва иловагӣ дар маҷмӯъ муҳлати кориро ташкил медиҳад.

Муҳлати корӣ – вақтест, ки дар доираи он тавассути коргарон ё мошину механизмҳо, вале таҳти назорати онҳо ба воситаи меҳнат таъсир расонида мешавад.

Давомнокии сикли истеҳсолӣ ($В_{с.и}$)-ро бо формулаи зерин ҳисоб кардан беҳтар аст:

$$В_{с.и} = В_{а.а} + В_{а.и} + В_{т},$$

дар ин ҷо,

$В_{а.а}$ – вақти иҷрои амалиёти асосӣ ё коркарди технологӣ;

$В_{и.и}$ – вақти иҷрои амалиёти иловагӣ ё хизматрасонии технологии истеҳсолот;

$В_т$ – вақти таваққуфҳои гуногуни истеҳсолӣ (рӯзҳои ғайрикорӣ ва басти корӣ, интизорӣ, лаҳзаҳои бекористии таҷҳизот, набудани ашёи хоми зарурӣ ва г.).

Ҳар қадар натиҷаи камшавии давомнокии сикли истеҳсолӣ тезтар амалӣ гардад, пас ин ҳолат бевосита аз беҳтар истифода бурдани иқтидори истеҳсолии корхона ва афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва сарфаи хароҷоти ҷории истеҳсолот шаҳодат медиҳад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1. Раванди истеҳсолӣ чист ва таркиби раванди истеҳсолии корхонаҳои саноатии ватанӣ чиро дар бар мегирад?*

*2. Ҷойҳои корӣ, ҷузъиёти таркибии раванди истеҳсолӣ ва амалиёти технологӣ чиро ифода менамоянд ва аз кадом гурӯҳҳо иборатанд?*

*3. Сикли истеҳсолӣ чист ва он аз кадом унсурҳои истеҳсолӣ иборат мебошад?*

*4. Давомнокии сикли истеҳсолӣ аз рӯи кадом формула ҳисоб карда мешавад?*

*5. Самарабахш истифода намудани сикли истеҳсолӣ дар раванди истеҳсоли маҳсулот ба афзуншавии иқтидорҳои иқтисодии соҳа ва кишвар чӣ тавр таъсир расонида метавонад?*

*6. Истеҳсолоти нотамом гуфта чиро меноманд ва ба он кадом ҷузъҳо марбутанд?*

*7. Махсусгардонӣ чист? Роҳу усулҳои татбиқи амалии онро дар мисоли муштаххаси корхонаҳои саноати нассоҷии ҷумҳурӣ шарҳу тавзеҳ намоед?*

*8. Самтҳои асосии кам кардани давомнокии силсилаи истеҳсолотро номбар ва маънидод намоед.*

*9. Тамаркуз чист ва он дар корхонаҳои истеҳсолӣ чӣ тавр татбиқ карда мешавад?*

*10. Стандартонӣ чиро ифода менамояд?*

## МАВЗӮИ 16.
## ИҚТИДОРИ ИСТЕҲСОЛИИ КОРХОНА

16.1. Иктидори истеҳсолии корхона ва омилҳои муайянкунандаи он.
16.2. Намуд ва роҳҳои ҳисоби иқтидори истеҳсолии корхона.
16.3. Тахияи нақшаи истеҳсоли маҳсулот.

### 16. 1. Иқтидори истеҳсолии корхона ва омилҳои муайянкунандаи он

Иқтидори истеҳсолии корхонаро дар асоси сатҳи истифодабарии воситаҳои асосӣ муайян мекунанд.

***Иқтидори истеҳсолии корхона*** – ин ҳадди аксари имконпазири истеҳсоли маҳсулот дар як воҳиди вақт мебошад, ки бо ченаки миқдорӣ дар нақшаи номгӯи маҳсулот зикр шудааст. Шартҳои асосӣ он аст, ки таҷҳизот ва майдони истеҳсолӣ бо назардошти истифодаи технологияи пешқадам, беҳтар намудани ташкили истеҳсолот ва меҳнат, истеҳсоли маҳсулоти босифатро таъмин намояд.

Иқтидори истеҳсолии корхона, чун қоида, дар асоси ченакҳои миқдорӣ, ки тавассути он истеҳсоли маҳсулот ба нақша гирифта мешавад, баъзан бо ченаки дастгоҳ – соат ва дар ҳолатҳои истисноӣ бошад, бо ченаки пулӣ ҳисоб карда мешавад. Фарқияти байни иқтидори истеҳсолӣ ва барномаи истеҳсолӣ (ҳаҷми истеҳсолот) захираҳои воқеан ҷалбнашудаи корхонаро ташкил медиҳад, яъне барномаи истеҳсоли маҳсулот аз сатҳи истифодабарии иқтидори истеҳсолии корхона гувоҳӣ медиҳад.

Ба ғайр аз истилоҳи «иқтидори истеҳсолӣ» инчунин мафҳуми «қобилияти истеҳсолӣ» мавриди истифода қарор дода шудааст, ки он истеҳсоли хадди ниҳоии маҳсулотро барои ҳар як воҳиди таҷҳизот, дастгоҳ, агрегат, хатти истеҳсолоти давомдор, гурӯҳи мошинолотҳо на танҳо барои ҷузъу том, коргоҳ, балки корхонаро тавсиф менамояд. Қобилияти истеҳсолшавандагии таҷҳизот барои кору фаъо-

лияти даҳрӯзӣ, шабонарӯзӣ, дар басти корӣ ва дар як соат, вале иқтидори истеҳсолӣ сохтори воҳидии истеҳсолотро барои як сол (дар баъзе ҳолатҳо барои се моҳ ва як моҳ) ҳисобу китоб карда мешавад. Барои ҳисобу китоби иқтидори истеҳсолии корхона нишондиҳандаҳои зерин истифода бурда мешаванд (нақшаи 16.1).




***Нақшаи 16.1.*** Нишондиҳандаҳо барои ҳисоби иқтидори истеҳсолӣ

1. *Миқдор, таркиб ва ҳолати техникии таҷҳизот ва маълумот оид ба майдонҳои истеҳсолӣ.* Таркиби таҷҳизот аз рӯи ҳолати ба истифода додани он дар нақшаи 16.2. нишон дода шудааст.

2. *Меъёрҳои техникии ҳосилнокии таҷҳизот ва меҳнатталабии маҳсулоти истеҳсолӣ.* Меъёрҳои ҳосилнокии таҷҳизот чунин аз ҳам фарқ мекунанд (нақшаи 16.3). Ҳангоми ҳисоби иқтидори истеҳсолии корхонаҳои навбунёдшаванда меъёрҳои шиносномавии ҳосилнокии таҷҳизот мавриди истифода қарор дода мешаванд, вале барои корхонаҳои фаъолияткунанда - нишондиҳандаҳои аз ҷиҳати техникӣ асосноки ҳосилнокии таҷҳизот, на кам аз ҳосилнокии шиносномавӣ қабул шудааст.




***Нақшаи 16.2.*** Таркиби таҷҳизот аз рӯи ҳолати истифодабарии он

Ҳангоми ҳисоби иқтидори истеҳсолии корхона имконияти ҳадди ниҳоии нақшавии фонди солонаи вақти кори таҷҳизот истифода бурда мешавад. Барои агрегатҳои мунтазам фаъолияткунанда фонди нақшавии вақт ($B_{мунт}$) аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$B_{мунт} = [365 - (в_т + в_{н.тех})] \times 24 ,$$

дар ин ҷо,

$в_т$ – вақти зарурӣ аз рӯи меъёр барои иҷрои таъмири асосӣ ва нақшавию оҷилӣ;

$в_{н.тех}$ – вақти зарурӣ барои бекористии технологии агрегатҳо ва таҷҳизот, агар ба меъёри истифодабарии он дохил нашавад;

24 миқдори соат дар як шабонарӯз.




***Нақшаи 16.3.*** Намудҳои меъёрии ҳосилнокии таҷҳизот

*3.Фонди вақти кори таҷҳизот ва реҷаи кори корхона.* Сохтори солонаи фонди кори таҷҳизот дар нақшаи 16.4 нишон дода шудааст.




***Нақшаи 16.4.*** Фонди вақти кори таҷҳизот

Барои таҷҳизоти номунтазам кору фаъолияткунанда фонди вақти нақшавӣ ($В_{номунт}$) тибқи формула чунин муайян хоҳад шуд:

$$В_{номунт} = [(365 - В_{и} – В_{т.а}) \times М_{баст} \times В_{баст}] \times [(100 - Ф_{бекор}) : 100],$$

дар ин ҷо,

$В_{и}$ – шумораи рӯзҳои истироҳат ва идҳо дар давоми сол;

$В_{т.а}$ – шумораи рӯзҳои таъмири асосӣ ва нақшавию очилӣ, агар он дар вақти корӣ гузаронида шуда бошад;

$М_{баст}$ - шумораи басти кори таҷҳизот дар як шабнарӯз (барои корхона реҷаи ду ва се басти корӣ бояд қабул гардад);

$В_{баст}$ – давомнокии басти корӣ, соат;

$Ф_{бекор}$ – фоизи нақшагирии бекористии ҷорӣ.

3. *Феҳристи маҳсулоти истеҳсолӣ ва мувофиқати миқдории онҳо ба барнома.* Феҳристи зерини маҳсулоти истеҳсолӣ вуҷуд дорад (нақшаи 16.5).




***Нақшаи 16.5.*** Феҳристи номгӯи истеҳсоли маҳсулоти корхона

Номгӯй ва таносуби миқдории истеҳсоли маҳсулот дар асоси махсусгардонии оқилонаи корхона, коргоҳ ва ҷузъу томҳои он муқаррар карда мешавад. Ҳангоми муайян намудани иқтидори истеҳсолии корхона номгӯй ва меҳнатталабии истеҳсоли маҳсулот мавриди истифода қарор мегирад.

## 16.2. Намуд ва роҳҳои ҳисоби иқтидори истеҳсолии корхона

Иқтидори истеҳсолӣ дар аввали сол, дар охири сол, лоиҳавӣ ва миёнасолона шуда метавонад ва онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд (нақшаи 16.6).

*Иқтидори истеҳсолии* корхона, коргоҳ, ҷузъу томҳо дар аввали сол дар санаи 1 январи соли ҷорӣ фаҳмида мешавад. *Мафҳуми иқтидори истеҳсолии корхона дар охири сол* ($И_о$) бошад, иқтидори истеҳсолии корхона (коргоҳ, ҷузъу томҳо) дар интиҳои давраи нақшавӣ ба ҳисоб рафта аз рӯи формулаи зерин муайян карда мешавад:

$$И_о = И_а + И_с + И_т + И_{м.т} + И_{таг} - И_б,$$

дар ин ҷо,
$И_а$ – иқтидори истеҳсолӣ дар аввали сол;
$И_с$ – ба истифода додани иқтидорҳо истеҳсолӣ

$И_т$ – афзоиши иқтидорҳо тавассути таҷдиди корхона;
$И_{м.т}$ – зиёдшавии иқтидорҳо аз ҳисоби муҷаҳҳазгардонии техникӣ ва дигар тадбирҳои судманд;
$И_{таѓ}$ – афзоиш (камшавӣ)-и иқтидорҳо дар натиҷаи тағйирёбии номгӯи (меҳнатталабии) маҳсулот;
$И_б$ – камшавии иқтидорҳо дар асоси барҳамхӯрии таҷҳизот.

Дар корхонаҳо (коргоҳҳо, ҷузъу томҳо) иқтидори истеҳсолии ба фаъолият дохилгардида, вале пурра азхуд нашуда ба ҳайси иқтидори истеҳсолӣ ҳамчун *иқтидори лоиҳавии* ба истифода додашуда қабул карда мешавад.




***Нақшаи 16.6.*** Намудҳои иқтидори истеҳсолӣ

*Иқтидори истеҳсолии миёнасолонаи* ($И_{и.м.}$) корхона бо формулаи зайл муайян карда мешавад:

$$И_{и.м.} = И_а + \Sigma (И_{и.} \times Ш_{м1}) : 12 - \Sigma (И_б \times Ш_{м2}) : 12,$$

дар ин ҷо,
$И_а$ – иқтидори истеҳсолӣ дар аввали сол;
$И_{и.}$ – иқтидори истеҳсолии дар давоми сол ба истифода додашуда;
$И_б$ – иқтидори барҳамдиҳӣ дар давоми сол;
$Ш_{м1.}$ – шумораи пурраи моҳҳо аз давраи истифодабарии иқтидори истеҳсолӣ то охири сол;
$Ш_{м2}$ - шумораи пурраи моҳҳо аз давраи барҳамхӯрии иқтидорҳои истеҳсолӣ то охири сол.

Иқтидори истеҳсолии ($И_и$) коргоҳ ё худ ҷузъу томи бо таҷҳизоти махсусгардонидашудаи якҷинса муҷаҳҳазгар дида бо формула чунин ифода меёбад:

$$И_и = Ҳ_с \times Ф_{нак} \times Н_т,$$

дар ин ҷо,

$Ҳ_с$ – ҳосилнокии таҷҳизот дар муддати як соат;

$Ф_{нақ}$ - фонди солонаи нақшавии вақти кори як воҳиди таҷҳизот, соат;

$Н_т$ – парки миёнасолонаи намуди ҷудогонаи таҷҳизот.

Ҳисоби иқтидори истеҳсолӣ дар шакли натуралӣ ни вуҷуд дорад, ки онро ба таври зайл муайян кардан мумкин аст:

$$И_{и.н} = (в_т \times Ф_{в.х}) : Ф_{м.к},$$

дар ин ҷо,

$И_{и.н}$ – иқтидори истеҳсолии корхона бо ҳисоби натуралӣ, тонна;

$в_{т.}$ - воҳиди маҳсулот, адад;

$Ф_{в.х}$ – фонди вақти кории як воҳиди таҷҳизот, ҳисобот;

$Ф_{м.к}$ -меъёри меҳнатталабии коркарди навъи маҳсулот; соат.

Дар таҷрибаи хоҷагидорӣ ҳисоб кардани сатҳи истифодабарии иқтидори истеҳсолӣ зарурати воқеӣ дорад. Аз ин лиҳоз, сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолиро тариқи ҳисоби зариби баҳрабардорӣ муайян мекунанд, яъне

$$З_{и.и} = Ҳ_{и.м.в} : И_{и.м},$$

дар ин ҷо,

$З_{и.и}$ – зариби истифодаи иқтидори истеҳсолӣ;

$Ҳ_{и.м.в}$ – ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти воқеӣ, ҳазор сомонӣ;

$И_{и.м}$ – иқтидори истеҳсолии миёнасолона, ҳазор сомонӣ.

Баланд бардоштани сатҳи истифодаи иқтидори истеҳсолӣ дар давраи ҳисоботӣ бо муқоисаи иқтидори истеҳсолии лоиҳавии корхона аз афзун шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар натиҷаи таъсири ин омили муҳим шаҳодат медиҳад. Таъсири ин омилро тавассути формула ифода намудан ба мақсад мувофиқ аст:

$$\Delta Q = [Q_ф (З_х : З_л)-1],$$

дар ин ҷо,

$\Delta Q$ – ҳаҷми афзоиши маҳсулот дар натиҷаи беҳтар истифода намудани иқтидори истеҳсолӣ, ҳазор сомонӣ;

$Q_ф$ – ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти воқеӣ, ҳазор сомонӣ;

$З_х$ – зариби истифодабарии иқтидори истеҳсолии миёнасолонаи воқеӣ;

$З_л$ - зариби истифодабарии иқтидори истеҳсолии лоиҳавӣ.

Дар шароити муосири иқтисодӣ ҳар як корхонаи истеҳсолӣ новобаста аз шакли моликият ба воситаҳои истеҳсолот вазифадор аст, ки аз имкониятҳои мавҷуда истифода бурда, иқтидори истеҳсолии лоиҳавиро пурра мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳад.

### 16. 3. Таҳияи нақшаи истеҳсоли маҳсулот

Нақшаи истеҳсоли маҳсулот ё барномаи истеҳсолӣ барои соли оянда ва дар доираи он – семоҳа ва моҳҳои алоҳида таҳия ва асоснок карда мешавад.

Таҳияи барномаи истеҳсолӣ тавассути омӯзиши ҳамаҷонибаи бозор, шуъбаи махсусгардонидашудаи корхона – бахши бозорёбӣ татбиқ мегардад. Дар маҷмааи тадбирҳои бозорёбии корхона (ширкат) ба тадқиқи барномаи истеҳсолӣ маъмулан дохил мешавад:

- омӯзиши рафтори истеъмолкунандагони маҳсулоту хизматрасонии корхона дар бозор;
- таҳлили имкониятҳои бозории корхона;
- баҳогузории истеҳсоли маҳсулот ва хизматрасониҳои дарназардошташуда, дурнамо ва рушди он;
- таҳлили истифодабарии шакл ва роҳу услубҳои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- баҳогузории усулҳои истифодашавандаи нархгузории корхона;
- таҳқиқи тадбирҳо оид ба таҳвили маҳсулоту хизматрасонӣ ба бозор;
- омӯзиши вазъи рақибон;
- интихоби мавқеи бозор (банду басти бештар мувофиқи бозор).

Баъд аз гузаронидани тадқиқоти бозорёбӣ барномаи истеҳсолӣ дар дохили корхона бо чунин пайдарҳамӣ татбиқи худро пайдо менамояд (нақшаи 16.7). Барномаи истеҳсолӣ барои 3-5 сол, як сол тақсимоти он ба семоҳаҳо ва моҳҳо тавассути нишондиҳандаҳои миқдорӣ, шартан – миқдорӣ, меҳнатӣ ва арзишӣ ба нақша гирифта мешавад.

Ҳаҷми истеҳсолот бо ченаки миқдорӣ, феҳрист ва номгӯи истеҳсоли маҳсулот бо воҳидҳои аслӣ (табиӣ), вобаста ба хусусиятҳои мувофиқи истеъмолӣ (ченакҳои вазн, дарозӣ, ҳаҷм) тавсиф карда мешаванд.

*Феҳристи маҳсулот* – ин номгӯи ҷудогонаи он мебошад, ки бевосита дар корхона истеҳсол шуда, ба бозор пешкаш карда мешавад.

Нақшаи истеҳсоли маҳсулот амалиёти зерини пайдарпайро дар бар мегирад (нақшаи 16.7).

Иқтидори истеҳсолии корхона ва унсурҳои он
↓
Номгӯи маҳсулот ва ҳаҷми таҳвили он бо ченаки миқдорӣ
↓
Нақшаи таҳвили маҳсулот бо ченаки миқдорӣ
↓
Тағйирёбии бақияи маҳсулоти фурӯхтанашуда дар аввал ва охири давраи нақшавӣ
↓
Ҳаҷми истеҳсоли ҳар як намуди маҳсулот бо ченаки миқдорӣ
↓
Ҳаҷми умумӣ ва таркиби истеҳсоли маҳсулот дар корхона бо ҳисоби пулӣ
↓
Ҳисоби арзиши истеҳсол ва фурӯши маҳсулот
↓
Лоиҳаи нақшаи иқтидори истеҳсолии корхона барои соли оянда
↓
Тартиби речаи таҳвили маҳсулот дар асоси шартномаи корхона бо истеъмолгарон

***Нақшаи 16.7.*** Таҳияи пайдарпайии амалиёти таркибии нақшаи истеҳсолӣ

Барои чен кадани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти якхела бо назардошти сатҳи меҳнатталабии гуногун дигар *нишондиҳандаи шартан – миқдориро* истифода менамоянд. Ченаки арзишӣ (пулӣ) нишондиҳандаи ҷамъбастӣ ба ҳисоб рафта, бо ёрии он ҳаҷми умумии истеҳсолоти ширкат муайян карда мешавад. Бо ченаки арзишӣ инчунин нишондиҳандаҳои муҳими барномаи истеҳсолӣ, аз қабили *ҳаҷми маҳсулоти умумӣ, молӣ ва фурӯш* ва дигарҳо ба нақша гирифта мешаванд.

***Маҳсулоти молӣ*** – он маҷмӯи маҳсулоте, ки дар корхона истеҳсол шуда, барои фурӯш пешкаш шудааст ва ҳамчунин нишондиҳандаи асосии нақшаи истеҳсол ба шумор рафта, заминаи муфиди ҳисобу китоби маҳсулоти умумӣ ва фурӯш хизмат менамояд. Арзиши маҳсулоти молӣ арзиши ҳамон қисми маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона, ки бевосита барои фурӯш дар назар дошта шудааст, ба ҳисоб меравад.

Ба маҳсулоти молӣ арзиши ашёи хом, маводи гуногуне, ки фармоишгар пардохт намудааст, дохил наме-шавад. Вале агар, аз ин ашёи хом дар корхона барои фармоишгар маҳсулот истеҳсол карда шавад, пас арзиши коркарди чунин ашёи хом ба маҳсулоти молӣ дохил мешавад. Маҳсулоти молӣ дар бештари соҳаҳои саноат тавассути *усули умумихоҷагӣ (заводӣ)*, яъне ба ҳаҷми маҳсулоти молӣ арзиши маҳсулоти тайёр, маҳсулоти ним-тайёре, ки корхона барои мақсадҳои худӣ истеҳсол кардааст, дохил намешавад. Ба таври истисно корхонаҳои саноати хӯрокорӣ, ки дар он ба арзиши нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот *гардиши дохилихоҷагӣ* дохил карда мешавад, яъне арзиши истеъмолшудаи маҳсулоти тайёр ва нимтайёр бо мақсадҳои худӣ.

Маҳсулоти молӣ аз рӯи маҳсулоти тайёр тибқи нархҳои амалкунандаи корхона ба нақша гирифта мешавад. Аз рӯи ҳисобот бо нархи воқеии дар соли ҳисоботӣ амалкунанда ҳисоб карда мешавад; инчунин дар ҳисобот маҳсулоти молӣ бо нархҳои муқоисавии корхона муайян карда мешавад. Дар ҳуҷҷаҳои пардохтии маҳсулот (кору хизматрасонӣ) ба ғайр аз нархи истеҳсолкунандаи маҳсулот, инчунин андоз аз

арзиши иловашуда, аксизҳо ва дигар пардохтҳо, ки тавсифи андозҳои ғайримустақимро ифода мекунанд, ба таври ҷудо-гона нишон дода мешавад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Иқтидори истеҳсолӣ гуфта чиро меноманд?*
2. *Омилҳои ба иқтидори истеҳсолии корхона таъсиркунандаро номбар намоед.*
3. *Кадом намудҳои таҷҳизот ҳангоми ҳисоби иқтидори истеҳсолии корхона ба назар гирифта мешаванд?*
4. *Иқтидори истеҳсолии миёнасолона чӣ тавр ҳисоб карда мешавад?*
5. *Нақшагирии истеҳсоли маҳсулот чӣ гуна татбиқ карда мешавад?*
6. *Нишондиҳандаҳои барномаи истеҳсолии корхонаро тавсиф намоед.*
7. *Усули ҳисоби маҳсулоти молӣ ва фурӯшро нишон диҳед.*
8. *Истеҳсолоти нотамом дар аввал ва охири давраи нақшавӣ чӣ тавр ба нақша гирифта мешавад?*
9. *Ба таркиби бақияи маҳсулоти нотамом дар аввал ва охири давраи нақшавӣ чиҳо ворид мешаванд?*
10. *Аз рӯи кадом нархҳо нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба нақша гирифта мешаванд?*

# МАВЗӮИ 17.
# ФАЪОЛИЯТИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА НАВОВАРОНА ДАР КОРХОНА

17.1.Сармоягузорӣ: моҳият, намудҳо, тасниф ва аҳамияти он дар рушди иқтисоди корхона.
17.2.Самаранокии сармоягузорӣ: тарзу услубҳои баҳодиҳӣ ва ҳисоби нишондиҳандаҳои иқтисодӣ.
17.3.Фаъолияти навоварона дар корхона ва самаранокии он.
17.4.Барномаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## 17.1. Сармоягузорӣ: моҳият, намудҳо, тасниф ва аҳамияти он дар рушди иқтисоди корхона

Дар ибтидо бо моҳияти «сармоягузорӣ» ва «фаъолияти сармоягузорӣ»-и дар поён шинос мешавем.

Сармоягузорӣ – ин гузоштани (ҷалби) воситаҳои пулӣ ба объектҳои соҳибкорӣ ва рушди воситаҳои асосӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ва суди иҷтимоӣ бо роҳи самарабахш истифода бурдани онҳо мебошад.

Фаъолияти сармоягузорӣ – падида ва раванди бебадалест, ки дар ҳақиқат воситаҳои пулӣ аз ҳисоби манбаъҳои гуногун (буҷети давлат, воситаҳои худии корхонаҳо, аз ҷумла фоида, ҷалби онҳо аз хориҷи кишвар, соҳибкорони ватанӣ, қарзҳои бонкӣ ва ғ.) бо ҳалли вазифаҳои ояндадор - рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии корхонаҳои истеҳсолию ғайриистеҳсолӣ ҷалб ва амалӣ карда мешаванд. Дар натиҷаи пеш бурдани ин гуна фаъолияти бениҳоят зарур тадбирҳои иқтисодӣ, ба монанди модернизатсия (навсозии корхонаҳо), сохтмони иншооту биноҳо, харидани таҷҳизоту техникаи гуногун, таҷдид ва таҳкими иқтидори истеҳсолии корхонаҳо, маблағгузории молиявӣ дар шакли саҳмияю вомбаргҳо, амонатгузорӣ дар бонкҳо ба хотири гирифтани даромади изофа татбиқи амалии худро меёбанд, ки бешубҳа аҳамияти калони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ доранд. Вале, тавре

муайян шудааст, гирифтани ҳадди аксари маҳсулот, хизматҳо ва боз муҳимтар - фоидаи иқтисодӣ ангезаи асосии ҷалби сармоягузорӣ ба лоиҳаҳои ояндадор ва дарозмуддат дар ҷараёни гузаштан ба муносибатҳои бозорӣ маҳсуб меёбад.

Иқтисоддонон дар нисбати моҳияти сармоя ва фаъолияти сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ ба он ақидаанд, ки ҷараёни ташкил ва идораи сиёсати сармоягузорӣ ду масъалаи бо ҳам алоқаманд: якум, харҷи маблаги сармоя ва дуюм-натиҷа ё судбахшии он бояд ба эътибор гирифта шавад. Аз ин нигоҳ, фаъолияти сармоягузорӣ дар сатҳи корхона ҳамчун иқдоми аҳамиятдор сурат мегирад. Вай бояд аз таҳияи андеша ва асоснокгардонии лоиҳаи сармоягузорӣ, таъмини молиявии он огоз шуда, барои ноил шудан ба ҳадафи асосӣ – ба даст овардани фоида дар корхона равона карда шавад. Барои ин бояд интихоби объект ва субъекти фаъолияти сармоягузорӣ-ташаббускор, ташкилотчӣ ва истифодабарандагони ин гуна фаъолият бояд аниқу дақиқ муайян карда шавад. Агар дар фаъолияти корхона нокифоя бошад, пас ин ҳолат ба афзудани сатҳи фарсудашавии воситаҳои асосӣ оварда мерасонад. Бинобар ин, дар сатҳи корхонаҳо ва умуман соҳаи иқтисоди кишвар бояд муҳити солими сармоягузорӣ амал кунад, то ин ки сармоягузор бо дили пур ба ин ё он намуди фаъолият бевосита ҳавасманд бошад.

Азбаски сармоя шаклу намудҳо ва сарчашмаҳои гуногун дорад, онро ба гурӯҳҳо тасниф мекунанд.

Вобаста ба объекти худ сармоя одатан ба воқеӣ (реалӣ) ва молиявӣ тасниф мешавад.

Сармояи воқеӣ ҳамон намуди маблағгузории дарозмуддат мебошад, ки барои инкишофи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ гузошта шудааст.

Сармояи молиявӣ бошад, маблағгузории кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат аст, ки бо ҳуҷҷатҳои гуногуни молиявӣ сармояи асосиро зиёд карда, мақсади ба даст овардани даромадро дорад.

Маблағгузории молиявӣ – маблағгузорӣ ба коғазҳои қиматноки дарозмуддат аст. Сармоягузорӣ тамоми сикли ҳаёти корхонаро дар бар мегирад.

Вобаста аз тартиби амалӣ намудани чорабиниҳои сармоягузорӣ се навъи онро фарқ мекунанд:

- ✓ нетто - сармоя, ки асосан барои таъсиси корхона марбут аст;
- ✓ реинвеститсия ё ресармоягузорӣ – воситаҳои озоди пулӣ барои маблағгузории рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона мешаванд;
- ✓ брутто - ин маблағҳои пулӣ дар шакли нетто-сармоя, ремаблаггузорӣ сарф карда мешавад.

Аз рӯи нишонаи вақт сармояҳо ба кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

Умуман, таснифи сармоягузорӣ дар ҷадв. 17.1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 17.1**

Таснифи сармоягузорӣ аз рӯи нишонаҳои хос

| Нишонаи таснифот | Намуд ва шаклҳои тасниф |
|---|---|
| Ҳаҷми маблағгузорӣ | • воқеӣ;<br>• молиявӣ;<br>• сармоябунёдкунанда;<br>• портфелӣ. |
| Хосияти алоқамандӣ | • новобаста:<br>• вобаста;<br>• алтернативӣ;<br>• якдигарро иловакунанда;<br>• бебозгашт. |
| Тартиботи амалисозии чорабиниҳо | • нетто - сармояҳо;<br>• ресармоягузорӣ;<br>• брутто - сармоягузорӣ. |
| Хусусияти сармоягузорӣ | • мустақим;<br>• ғайримустақим. |
| Муҳлати сармоягузорӣ | • кӯтоҳмуддат;<br>• дарозмуддат. |
| Сатҳи хавфу хатар | • бехавфу хатар;<br>• хавфнок;<br>• ҷаллобӣ. |
| Манбаъҳои сармоягузорӣ | • воситаҳои худӣ (воситаҳои озоди пулии корхона);<br>• воситаҳои ҷалбгардида (буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллӣ), қарзи бонкҳои тиҷоратӣ ва г. |

Пешрафти фаъолияти сармоягузорӣ аз сиёсати сармоягузорӣ ва самтҳои афзалиятноки он вобастагии зич дорад.

Зери мафҳуми сиёсати сармоягузорӣ низоми чорабиниҳо, объектҳои фаъолияти сармоягузорӣ дар шакли корхонаҳо – шахсони ҳуқуқӣ ва ҳамзамон шахсони воқеӣ фаҳмида мешаванд, ки дар ин замина ҳаҷм, таркиб ва самтҳои афзалиятноки маблағгузорӣ муайян карда мешаванд.

## 17.2. Самаранокии сармоягузорӣ: тарзу услубҳои баҳодиҳӣ ва ҳисоби нишондиҳандаҳои иқтисодӣ

Воситаҳои пулии худӣ, ки дар суратҳисоби корхона сол то сол зиёд мешаванд ва тамоми воситаҳои берунӣ (буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ, бонкҳои тиҷоратӣ дар шакли қарзҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддат ба хотири сармоягузорӣ воридшаванда) ҳатман бояд самарабахш истифода шаванд.

Баҳодиҳӣ ба самарабахшии сармоя, тавре маълум аст, метавонад бо тарзу усулҳои мухталиф амалӣ гардад.

Яке аз ин усулҳои маъмултарин, ки дар таҷрибаи хоҷагидорӣ мавриди истифодаи расмӣ қарор дошт ва ҳоло ҳам ҷой дорад, ин таҳлили сатҳи самарабахшии сармоягузорӣ тавассути ду нишондиҳандаи иқтисодӣ мебошад.

1. Зариби самарабахшии сармоягузорӣ ҳамчун таносуби байни маблағи фоидаи холис аз лоиҳаи маблағгузорӣ ва ҳаҷми маблағгузорӣ мебошад.
2. Нишондиҳандаи дигари баҳо додан ба самарабахшии сармоягузорӣ-муҳлати ҷуброни (талофии) он мебошад.

Вай муддати вақте аст, ки дар давоми он фоида ба андозаи маблаги гузошташуда баробар мешавад.

Хотиррасон кардан бамаврид мебошад, ки ҳардуи нишондиҳандаҳои самарабахшии маблағгузорӣ бо назардошти хусусияти ин ё он лоиҳаи соҳаҳои иқтисод (саноат, кишоварзӣ, сохтмон, алоқа, савдо, хӯроки омма, неругоҳҳои обию барқӣ ва ғ.) бузургии меъёрӣ доранд, ки онҳоро бояд бо бузургиҳои ҳақиқӣ – ҳисобӣ муқоиса кард.

Ҳоло бошад, дар замони гузаштан ба иқтисоди бозорӣ аз тарзу усулҳои навтарини баҳодиҳӣ ба самарабахшии сармоягузорӣ, масалан ҳисоби дисконткунонӣ (тахфиф-кунонӣ) истифода мебаранд.

Ҳамин тариқ, кулли услубҳои баҳо додан ба самаранокии сармоягузориро ба ду тарзи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст:

якум- ғайридисконткунонӣ;

дуюм-дисконткунонӣ.

Моҳияти тарзи дисконткунонӣ дар он ифода меёбад, ки дар ин амалиёт омили вақт ба эътибор гирифта мешавад ва маблағгузорӣ бояд барои давраи нисбатан миёна ва дарозмуддат пешбинӣ гардад. Ба инобат гирифтани омили вақт ба он хотир хеле зарур аст, ки арзиши ҳозираи пул назар ба арзиши он дар давраи оянда одатан зиёдтар аст. Сабаби асосӣ дар ин маврид рух додани беқурбшавии пул мебошад.

Услуби ғайридисконтикунонӣ, ки ҳисоби нишондиҳандаҳои онро андаке пештар зикр намудем, маҳз дар ҳамон ҳолат истифода мешавад, ки андозаи маблағгузорӣ чандон бузург набошад ҳам, камхавфтар аст. Зимни ин услуби ҳисобу китоб зариби умумии самарабахшии сармоя ва муҳлати ҷуброни сармояи гузоштаашударо аз ҳисоби фоидаи иқтисодии ин амалиёт муайян мекунанд.

Фарз кардем, ки арзиши хариди таҷҳизоти технологӣ дар корхона дар се варианти лоиҳаи сармоягузорӣ:
якум-880 ҳазор сомонӣ;
дуюм-1200 ҳазор сомонӣ;
сеюм-1450 ҳазор сомониро ташкил намуд.

Маблағи фоидаи пешбинишаванда дар натиҷаи истифодаи таҷҳизот дар як сол мутаносибан ба 200 ҳазор сомонӣ; 250 ҳазор сомонӣ ва 280 ҳазор сомонӣ баробар аст.

Муҳлати ҷуброни маблағи сармояро ($М_{п.с}$) барои ҳар се вариант тавассути формулаи зерин:

**$М_{п.с}$ = маблағи сармоя : маблағи фоида = сол ва моҳ**

Варианти 1 = 880 ҳаз. сомонӣ : 200 ҳаз. сом. = 4 солу 4 моҳ;
Варианти 2 = 1200 ҳаз. сомонӣ : 250 ҳаз. сом. = 4 солу 8 моҳ;
Варианти 3 =1450 ҳаз. сомонӣ : 280 ҳаз. сом. = 5 солу 2 моҳ.

Тавре аз натиҷаи ҳисоби одии се варианти муқоисавии маблағгузорӣ мушоҳида мегардад, варианти якум самаранокии бештарро таъмин мекунад ва муҳлати талофии сармоягузорӣ дар варианти якум ба 4 солу 4 моҳ баробар аст, ки дар муқоиса нисбат ба дигар лоиҳаҳои дуюм ва сеюми сармоягузорӣ бештар самаранок аст.

Бинобар ин, дар вақти харидани таҷҳизот роҳбарияти корхона ин лоиҳаи афзалиятдори маблағгузориро бояд интихоб намояд.

Албатта, дар ин мисоли шартӣ зариби умумии маблағгузориро ($З_{у.м}$) бо формулаи

**$З_{у.м}$ = маблағи фоида, сомонӣ : маблағи сармоягузорӣ, сомонӣ**
ҳисоб кардан душворӣ надорад.

Акнун бо мазмуни ҳисоби дисконткунонӣ ҳамчун тарзи муосири баҳо додан ба самарабахшии сармоягузорӣ шинос мешавем.

Истифодаи ин услуб аз ҷониби иқтисоддонони ватаниву хориҷа эътироф гардидааст. Он имконият медиҳад, ки маблағгузорӣ ва суди иқтисодии онро дар муҳлат ё вақти гуногун ба инобат гирем.

Самарабахшии сармоягузориро бо роҳи таҳия ва идоракунии лоиҳаи мушаххас – аз оғоз то анҷом ёфтани он бояд баҳогузорӣ ё таҳлил кард.

Давраи ҳисобиро ба якчанд давраи бо ҳам пайваст ҷудо мекунанд ва дар доираи ҳар кадоме аз ин давраҳо иттилооти зарурӣ ба хотири баҳо додан ба нишондиҳандаи молиявӣ истифода мешавад. Одатан, ҳар як амалиёти молиявӣ дар доираи лоиҳа селаи пул, яъне пулҳои ҳақиқиро ба миён меоварад.

Ҳангоми ҳисобу китоб селаи пулӣ аз воридшавӣ, хориҷ ва натиҷа-суд иборат аст. Бо ибораи дигар, суд ё самараи сармоягузорӣ ба фарқи байни воридот ва хориҷи селаи пул баробар аст. Дар навбати худ кулли селаи пул яку якбора

не, балки ҳамчун як ҳиссаи муайян дар натиҷаи иҷрои фаъолиятҳои зерини: сармоягузорӣ, фаврӣ ва молиявӣ пайдо мешавад.

Дисконткунонӣ маънии онро дорад, ки бо назардошти таъсири омили вақт арзиши пули давраи ҳозира аз андозаи пули давраи оянда зиёд буда, онро ба як вақти ибтидоӣ (заминавӣ) ҳисоб кардан хеле муҳим аст.

Бо мақсади бузургиҳои давраи вақти гуногунро ба замони ибтидоӣ қиёс кардан аз формулаи зариби дисконт-кунонӣ ($К_д$) истифода мебаранд:

$$К_д = (1+E)^{t_m - t_o}$$

дар ин ҷо,

$К_д$ – зариби дисконткунонӣ;

E-меъёри дисконт, ҳиссаи воҳид дар сол (сатҳи ҳадди ақали фоида, ки даромаднокии лоиҳаро таъмин мекунад);

$t_m$ –лаҳзаи анҷоми қадами m;

$t_o$ –лаҳзаи қиёскунӣ, ки метавонад тағйир ёбад.

Дар ҷараёни баҳо додан ба сатҳи самарабахшии лоиҳаҳои сармоягузорӣ мутахассисон одатан истифодаи нишондиҳандаҳои зеринро тавсия медиҳанд:

- даромади соф (ДС);
- даромади дисконткунонидашудаи соф (ДДС);
- меъёри даромаднокии дохилӣ (МДД);
- талабот ба маблағҳои пули иловагӣ ($Т_{м.п.и}$);
- индексҳои даромаднокии хароҷот ва сармояҳо ($И_{д.х}$ ва С);
- муҳлати пӯшонидани маблаги сармоя ($М_{п.с}$);
- нишондиҳандаҳое, ки ҳолати молиявии корхонаро инъикос менамоянд.

Даромади соф ДС - ин самараи ғуншуда ё фарқи селаи пулӣ дар давраи ҳисоботӣ:

$$ДС = \sum_m Фm$$

Даромади дисконтикунонидашудаи соф (ДДС) самараи тахфифшудаи ғуншуда дар давраи ҳисоботӣ муҳимтарин нишондиҳандае аст, ки дар заминаи он оид ба самарабахшии лоиҳа ё ғайрисамарабахш будани лоиҳаи сармоягузорӣ хулоса баровардан мумкин аст. Нишондиҳандаи зикршударо тавассути формула ҳисоб мекунанд:

$$ДДС = \sum_{m} Ф\overline{m}\, А\overline{m}(E)$$

Бузургии ДС ба ДДС аз афзунии воридоти маблағи кулли хароҷоти лоиҳа бо назардошти омили вақт ва сарфи назар аз таъсири ин омил гувоҳӣ медиҳад

Агар фарқи байни андозаи ин ду нишондиҳандаро яъне ДС-ДДС муқаррар намоем он гоҳ дисконти ё тахфифи лоиҳаи сармоягузориро меёбем. Дар ҳолати ДДС > 0 будан маълум мегардад, ки маҳз варианти лоиҳаи маблағгузорӣ меъёри фоидаро назар ба меъёри дисконт зиёдтар ба даст меоварад.

Меъёри дохилии даромаднокӣ (МДД) ҳам ба қатори нишондиҳандаҳои баҳодиҳӣ ба самарабахшии лоиҳаи сармоягузорӣ дохил мешавад. Ин нишондиҳанда барои ба даст овардани сатҳи даромаднокии кифоя кафолат диҳад.

Агар меъёри дисконт $E = E_н$ бошад, он гоҳ даромади софи дисконткардашуда ба «0» баробар мешавад. Бо ибораи дигар, барои баҳо додан ба самаранокии маблағгузорӣ дар шакли лоиҳа бояд андозаи даромаднокии дохилӣ бо меъёри даромаднокии дохилӣ муқоиса карда шавад. Дар ҳолати МДД>Е будан лоиҳа дорои даромади софи дисконткардашуда (ДДС) мебошад, ки ин амалиёти мусбат арзёбӣ мегардад. Тавассути ин гуна ҳисоб хулоса кардан мумкин аст, ки лоиҳа самарабахш аст. Ва баракс агар ДДС < Е бошад, натиҷаи ҳисоб манфӣ аст ва лоиҳа самарабахш нест.

Ҳамзамон даромади софи ҷорӣ (ДСҶ) бақияи ғуншударо ҳисоб кардан муфид аст, ки барои баҳо додан ба самаранокии давраи К хизмат мекунад.

$$ДСЧ(к) = \sum_{m=1}^{K} Фm$$

Ҳисоби нишондиҳандаҳои дигар ба монанди даромади софи дисконткардашудаи ҷорӣ –ДСДЧ(К) дар давраи **К** бо формула сурат мегирад.

$$ДСДЧ(К) = \sum_{m=o}^{K} ФmAm(E)$$

Хулоса, баҳо додан ба сатҳи самарабахшии лоиҳаи маблағгузорӣ ҳисобу китоби махсус, меъёри муайяни даромаднокӣ (масалан, дар соҳаи гидроэнергетика ин меъёр ба 12 фоиз аз маблағи сармоя баробар аст), тартиботи дисконтикунонӣ, муқоисаи даромаднокии воқеъӣ бо меъёри дисконт (тахфиф) ва ҳисоби муҳлати ҷуброни хароҷоти сармоягузориро талаб менамояд, ки дар ин ҳолат ба инобат гирифтани чараёни бекурбшавии пул бениҳоят зарур аст.

## 17.3. Фаъолияти навоварона дар корхона ва самаранокии он

Таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ватании таъмини стратегияи рушди босуботи иқтисодӣ, алалхусус дар сатҳи корхонаҳои истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад, ки воқеан ду роҳи пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ вуҷуд дорад: якум-классикӣ, ки ба усулҳои маълум ва шинохташудаи ба даст овардани самараи ҳарчи бештар дар фаъолияти иқтисодӣ тавассути истифодаи ресурсҳои иқтисодии басо маҳдуд, асос ёфтааст. Роҳи дуюм - фаъолияти инноватсионии корхона мебошад, ки иқтисодиётро бо суръати нисбатан баландтар ва сифатан наву устувори иқтисодӣ мебардорад. Ин тарзу услуби навоварона ва навсозии раванди рушду нумӯи соҳибкорӣ дар сатҳи корхона, гарчанде зоҳиран сода намояд, ҳам дар асл ин тавр нест. Вай ҳатман хиради навоваронаи инсонӣ, нерӯи зеҳнӣ, хулоса ба кашфу ихтироот, андешаю дастовардҳои навтарини илму техника, ҷорӣ кардани андешаю тафаккури инқилобӣ ва таконидиҳандаи олимон, муҳандисон, ихтироъкорон, соҳибкорони асилу эҷодкор дар истеҳ-

солот нигаронида шудааст. Маҳз чунин роҳу равиши пешбурди иқтисодӣ хеле ояндадор буда, ҳар як корхона, ҳар як кишварро зудтар ба мақсади ниҳоӣ, сатҳи баланди рушди воқеӣ ва босуботи иқтисодию-иҷтимоӣ мерасонад.

Истилоҳи навоварӣ ё навоварона (инновасионӣ) маънои ягона надорад. Зери ин мафҳум, маъно ва ифодаҳои басо гуногун дар адабиёти иқтисодии илмию таълимии муосир бештар дучор мешаванд, ки намунаи онҳо ба таври зайл аст:

1. Инноватсия (*анг. innovation*) - ин фаъолияте мебошад, ки ба коркард, сохтан ва паҳн кардани намудҳои нави истеҳсолот, технологияҳо, шаклҳои ташкилӣ равона карда шудааст.
2. Навоварӣ - ин азхудкунии техника ва технологияҳои нав, усулҳои беҳтаркунии ташкил ва идоракунӣ мебошад.
3. Навоварӣ ҳамчун ҷараёнест, ки дар он ихтироот ё ақида мазмуни иқтисодӣ мегирад. Онро чун маҷмӯи чорабиниҳои техникӣ, истеҳсолӣ ва тиҷоратие, ки пайдоиши таҷҳизоти нав ва ҷараёнҳои мукаммалшудаи саноатиро дар бозор таъмин менамояд.
4. Зери вожаи инноватсия истифодаи падидаи нав ва навтарин дар намуди технология, намуди маҳсулот ва хизматҳо, шаклҳои нави ташкили истеҳсолот ва меҳнат, хизматрасонӣ ва мудирият фаҳмида мешавад. Бояд мафҳумҳои «новшество» (навгонӣ), «нововведение» (ҷараёни татбиқи навсозӣ) ва «инноватсия»-ро аз ҳамдигар фарқ кард, гарчанде бо ҳам наздик ва бастагии қавӣ доранд.

## 17.4. Барномаи рушди фаъолияти инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дар раванди воқеан ҷоннок намудани фаъолияти навоваронаи корхонаҳои истеҳсолӣ «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» саҳми муносиб дорад ва хоҳад гузошт. Ин тадбири судовар ва ояндадор, бешубҳа, ба такмил додани механизми ҳавасмандгардонии корҳои илмию техникӣ ва инноватсионӣ, фароҳам овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқии

барои ташкил ва рушди фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби потенсиали нерӯи интеллектуалӣ, истифодаи илму дониш ва натиҷаҳои он дар равандҳои инноватсионӣ, истифодаи самараноки коркарди дастовардҳои илмию технологӣ ва ихтироот, таъсис ва равнақи сохторҳои инноватсионӣ-технопаркҳо, технополисҳо, «ноу – хау», бизнес-инкубатор ва ғ. ба таври мусбат мусоидат менамояд.

Тавре маълум аст, мақсади асосии барномаи мазкур татбиқи амалии низоми самараноки инноватсионие мебошад, ки ба баланд бардоштани сатҳи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, ба бозори дохиливу хориҷӣ ҳарчи бештар баровардани маҳсулоти корхонаҳои инноватсионӣ, рушди бемайлони молҳои истеҳсоли ватанӣ ба ивази молҳои воридотӣ, суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии миллӣ мебошад.

Дар барномаи мазкур самтҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ зикр шудаанд, ки муҳимтарини онҳо чунинанд:

- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ;
- таъсис ва рушди инфрасохторҳои инноватсионӣ;
- ташаккул ва такомули низоми тайёр намудани мутахассисон дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ;
- ташкили низоми иттилотӣ ва ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи фаъолияти инноватсионӣ.

Дар ҷаҳони муосир омили таъсиррасони боэътимод барои таъмини рушди устувори иқтисодиёт ва ноил гардидан ба сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ бо роҳи ба иҷтимоёт нигаронида шудани рушди инноватсионӣ гузаштани он мебошад.

Таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонӣ исбот кардааст, ки мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ нисбатан пешрафта ҳиссаи афзоиши ММД аз ҳисоби истифодаи сармоягузорӣ ба навовариҳои илмию техникӣ дар истеҳсолот 70-80 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳар як мамлакат, новобаста ба он, ки дар кадом сатҳи илмию технологӣ ва иҷтимоию иқтисодии рушд қарор дорад, бояд ба ташаккули низоми миллии инноватсионии худ, ки он ба принсипҳои умумии фаъолияти инноватсионӣ

ва хусусиятҳои хоси кишвар (неруи илмию технологӣ, вазъи мусоиди иқтисодиёт, мавҷуд будани захираҳои меҳнатӣ ва маҳсулоти хом, шароити табиииву иқлимӣ ва г.) такя менамояд, бояд пайгирона саъю кӯшиш намояд ва ба натиҷаҳои баланд ноил гардад. Барои пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ, ки пайвандии зичи илм ва истеҳсолот зарур мебошад, бояд шароит фароҳам оварда шавад, то раванди инноватсионӣ дар соҳаи иқтисодиёт ба таври доимӣ афзоиш ёфта, ба пешрафти мамлакат ва болоравии некуаҳволии халқ таъсири назаррас дошта бошад.

Аз рӯйи сатҳи фаъолнокии инноватсионӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи нишондодҳое, ки ҳолати онро инъикос менамоянд (неруи илмию техникӣ, инфрасохтори инноватсионӣ, таносуби маҳсулоти аз ҷиҳати технологӣ баланд дар сохтори истеҳсолот ва содирот, тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионӣ ва ғ.) аз кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ ҳоло хеле оқиб мондааст.

Агар вазъи фаъолияти инноватсиониро дар ҷумҳурӣ ба таври умумӣ тавсиф намоем, пас гуфтан ҷоиз аст, ки он ҳоло танҳо дар давраи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Дар давоми солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба дастгирии неруи илмӣ, зеҳнӣ, ақлонӣ, таҷдиди соҳаи илм ва ба самти ҳалли масъалаҳои муҳими иҷтимоию иқтисодӣ равона кардан як қатор чораҳо андешида шудаанд. Дар кишвар таҳкими неруи илмию техникӣ ҳамчун яке аз шартҳои зарурӣ дар такмили иқтисодиёт ва гузариши давра ба давра ба роҳи инноватсионии рушд маҳз чун самти стратегӣ баррасӣ шудааст.

Дар ин маврид қонунҳо ва қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидаанд, ки сиёсати давлатиро дар соҳаи илм ва техника, муайян намуда, ба дастгирии неруи илмӣ, рушди корҳои таҳқиқотӣ - илмӣ, истифодаю коркарди технологияҳои нав ва татбиқи онҳо барои пешрафти саноат, кишоварзӣ, сохтмон, энергетика ва соҳаҳои хизматрасонӣ равона карда шудаанд:

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи илм ва сиёсати давлатии оид ба илму техника» (соли 1998);

- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 2002);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 1999);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005 – 2008» (соли 2003);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007 – 2015» (соли 2006);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи тайёр карданi кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009 – 2015» (соли 2008);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2015» (соли 2008);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2015» (соли 2009);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2020» (соли 2010);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Номгӯи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010 – 2012» (соли 2010);

- қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2011 – 2015» (Таҳрири нав, соли 2011).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчунин як қатор қонунҳое қабул гардидаанд, ки баъзе намудҳои фаъолияти инноватсиониро то андозае танзим менамоянд:

- «Дар бораи намудҳои саноатӣ» (соли 2004); «Дар бораи ихтироот» (соли 2004); «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқи топологияҳои микросхемаҳои интегралӣ» (соли 2006); «Дар бораи нишонаҳои молҳо ва нишонаҳои хизматрасониҳо» (соли 2007); «Дар бораи Парки технологӣ» (соли 2010).

Дар қисми сеюми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2005) Фасли «Моликияти зеҳнӣ) ворид карда шудааст.

Барои тавсифи вазъи ҳозираи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъзе нишондиҳандаҳоро овардан мумкин аст, ки онҳоро дар амалияи ҷаҳонӣ барои арзёбии вазъ ва динамикаи неруи инноватсионии мамлакатҳо ва самаранокии умумии соҳаи илмию инноватсионӣ истифода мекунанд.

Хароҷоти дохилӣ ба хотири иҷрои корҳои таҳқиқотӣ ва коркардҳои илмӣ қариб 0,12 фоизи ММД-ро ташкил медиҳад, дар ҳоле, ки дар кишварҳои пешрафта онҳо дар соҳаи илм пайваста меафзоянд (соли 2009 он 25 753 ҳазор сомониро ташкил медод ва нисбат ба соли 2007 ба қадри 31 фоиз афзоиш ёфт). Вале умуман бо пул таъмин намудани корҳои таҳқиқотӣ ва коркардҳои илмӣ ҳамоно воқеан нокифоя мебошад.

Таносуби маблағҳои ғайрибуҷетӣ бар хароҷоти дохилӣ ба таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ 20-30 фоизро ташкил медиҳад. Дар низоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон он дар соли 2009 53,2 фоиз, дар низоми Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон 38 фоизро ташкил дод. Ин нишондиҳандаи чандон кам нест ва бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки дар оянда сатҳи истифодаи манбаъҳои ғайрибуҷетии маблаггузории соҳаи илм бояд афзояд. Сарчашмаи асосии ин – маблағҳои худии корхонаҳо аст, ки аз ҳисоби фоида пурра хоҳад шуд.

Тибқи маълумоти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати то 1 январи соли 2010 дар соҳаи илм 5196 нафар кормандони илмӣ, аз ҷумла 3880 нафар кормандони дараҷаҳои илмидор (780 нафар доктори илм, 3100 нафар номзади илм) ва 1316 нафар бе дараҷаҳои илмӣ кор мекунанд. Миқдори ҳайати кормандоне, ки ба

таҳқиқот ва коркардҳои илмӣ машғуланд, аз рӯи ҳисоби 10 000 шахсони машғул дар иқтисодиёт 24 нафарро ташкил медиҳад.

Миқдори дархостҳои патентӣ ба ихтироот аз тарафи шаҳрвандони мамлакат дар соли 2007 – 117 адад, соли 2008 - 113 адад, соли 2009 - 116 ададро ташкил дод. Ин дар қиёс бо сатҳи фаъолияти ихтироотӣ дар кишварҳои пешрафтаи иқтисодӣ албатта нишондиҳандаи хеле паст аст.

Дар амал ҳамаи корхонаҳое, ки иҷрои корҳои таҳқиқоти илмӣ машғуланд, ба шабакаи Интернет дастрасӣ доранд, вале барои ташаккули инфрасохтори муосири иттилоотие, ки ба татбиқи технологияи навтарини иттилоотӣ иртиботӣ асос ёфта, қобилияти таъмини татбиқи сохторҳои инноватсиониро дошта бошанд, корҳои зиёдеро анҷом додан лозим меояд.

Ҳамин тариқ, навоварӣ – ин истифодаи фоиданоки фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ, ҳаллу фасли комплекси масъалаҳои ташкилӣ – техникӣ, технологӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ, истеҳсолӣ, молиявӣ, тиҷоратӣ, идоравӣ ва ғ. ба шумор меравад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Моҳият, намуд, сохтори фаъолияти сармоягузорӣ ва манбаъҳои бавуҷудоии онро шарҳу тавзеҳ диҳед.*
2. *Сармояи истеҳсолӣ: моҳият, мундариҷа ва роҳҳои муайян намудани ҳаҷми зарурии онро дар шароити муосир амиқ намоед.*
3. *Сарчашмаҳои маблаггузории сармояи истеҳсолӣ, ба андешаи Шумо, чиҳо ба ҳисоб мераванд?*
4. *Усулҳои баҳодиҳии самараноки сармояи истеҳсолӣ дар мисоли мушаххаси корхонаҳои истеҳсолии мамлакат нишон дода шавад.*
5. *Нақшаи молиявӣ чист ва баҳодиҳии самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар асоси кадом механизмҳои иқтисодӣ сурат мегиранд?*
6. *Моҳияти иқтисодии инновасия ва таснифоти онро шарҳу тавзеҳ намоед?*

7. *Воҳидҳои инноватсиониро нишон диҳед ва гӯед, ки оиҳо ба фаъолияти корхона чӣ тавр таъсир мерасонанд?*
8. *Пешрафти илмӣ-техникӣ гуфта чиро меноманд?*
9. *Самтҳои афзалиятноки фаъолияти йнновасиониро дар мисоли мушаххаси корхонаҳои саноатии Тоҷикистон нишон диҳед.*
10. *Баҳогузории самаранокии ташкилӣ ва техникии муқаддимаи навгонии инноватсионӣ ба кадом роҳу усулҳо татбиқ карда мешавад, маънидод намоед?*

# МАВЗӮИ 18.
# АРЗИШИ АСЛИИ МАҲСУЛОТ

18.1.Моҳият ва таркиби арзиши аслии маҳсулот.
18.2.Таснифи хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот.
18.3.Тартиби ҳисоби харҷнома (калкулятсия)-и воҳиди истеҳсоли маҳсулот.
18.4.Пешгӯӣ ва нақшагирии арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот дар корхона.

## 18.1.Моҳият ва таркиби арзиши аслии маҳсулот

Арзиши аслии маҳсулот яке аз нишондиҳандаҳои муҳими сифатӣ ва самаранокии фаъолияти иқтисодии корхонаи истеҳсолӣ ба шумор рафта, ба сатҳи фоиданокӣ ва нархи маҳсулот таъсири муассир мегузорад.

Ин нишондиҳанда ифодаи пулии сарфи ҷории ресурсҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии корхона барои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва асоси ташаккулёбии нархи мол ба ҳисоб меравад. Аз ин лиҳоз, тағйирёбии он (пасту баландшавӣ) ба нархи мол ва инчунин ба маблағи фоида ва фоиданокӣ – сатҳи нисбии он таъсири мустақим мерасонад.

Ба роҳ мондани сиёсати сарфаю сариштакорӣ дар харҷи маблағҳои пулӣ барои эҳтиёҷоти ҷории корхонаю ташкилот амали басо судманд буда, бе шаку шубҳа, бузургии фоидаро афзун менамояд. Аз нуктаҳои зикршуда маълум мешавад, ки ҳисобу китоби аниқ ва саҳеҳи хароҷоти ҷории корхона, донистани таркиби он ва омилҳое, ки ба ҳаҷми умумӣ ва сатҳи хароҷотнокӣ таъсири мусбат ва манфӣ мерасонанд, аҳамияти махсус касб мекунад.

Ҳисоби хароҷоти истеҳсолот дар корхона имкон медиҳад, ки масъалаҳои зерин: муайян кардани сатҳи самаранокӣ, аз ҷумла фоиданокии истеҳсоли маҳсулот, нархи маҳсулот ва захираю имкониятҳои то ҳанӯз истифоданашуда ошкор ва асоснок карда шаванд.

Ҳамин тавр, арзиши аслии маҳсулотро мо метавонем ҳамчун категорияи махсуси фаъолияти корхонаи истеҳсолӣ

арзёбӣ намоем, ки он сатҳи хароҷотнокиро дар доираи фаъолияти корхона муайян мекунад. Аз нигоҳи ҳисоби иқтисодӣ, одатан, арзиши аслии маҳсулот дар се намуд сехӣ, умумиистеҳсолӣ ва пурра ё тиҷоратӣ вуҷуд дорад.

Арзиши аслии сехӣ харҷи ҷории-зерсохтори корхона (сехҳои алоҳида) барои истеҳсоли ин ё он навъи маҳсулот дар як давраи муайян мебошад.

Арзиши аслии умумиистеҳсолӣ бошад ин маҷмӯи моддаҳо дар таркиби хароҷоти сехӣ ва сарфи маблағҳои умумхоҷагӣ аст.

Арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ)-и маҳсулоти корхона ин ҳосили ҷамъи арзиши аслии умумиистеҳсолӣ ва харҷҳои ғайриистеҳсолӣ барои бозорёбӣ ва тиҷорати молу хизматҳо мебошад, ки заминаи асосии сатҳи нархи яклухти шартномавии корхонаро ташкил медиҳад.

Таркиби хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо назардошти мазмуни унсурҳои иқтисодӣ ё моддаҳои алоҳида иборат аст аз:

1. ашёи хом ва маснуот (партовҳои баргардонида шаванда тарҳ карда мешаванд);
2. сӯзишворӣ ва нерӯи барқ барои эҳтиёҷи технологӣ;
3. музди меҳнати асосии коргарони истеҳсолӣ;
4. музди меҳнати иловагии коргарони истеҳсолӣ;
5. ҳиссаҷудокунӣ ба эҳтиёҷи суғуртаи иҷтимоӣ;
6. харҷ барои тайёр кардан ва баҳрабардории истеҳсолот;
7. истеҳлоки воситаҳои асосӣ;
8. харҷи нигоҳубин ва истифодаи таҷҳизот;

---

9. арзиши аслии сехӣ *(моддаҳои 1- 8)*;
10. талафот (брак)-и маҳсулот;
11. дигар хароҷоти истеҳсолӣ;

---

12. арзиши аслии умумиистеҳсолӣ *(моддаҳои 9 +10+11);*
13. харҷҳои ғайриистеҳсолӣ;

---

14. арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ)-и маҳсулоти корхонаи саноатӣ.

## 18.2. Таснифи харочоти истехсол ва фурӯши махсулот

Арзиши аслии махсулоти саноатӣ аз рӯи аломатҳои зерин тасниф мешавад:

- вобаста бо мазмуни таъсиррасонии моддаҳои алоҳидаи харочоти истехсолот - *мустақим ва ғайримустақим*;
- вобаста ба тағйирёбии ҳаҷми умумии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот - *доимӣ ва тағйирёбанда*;
- аз рӯи таркиби харочот – *махсус ва комплексӣ*;
- аз рӯи моҳияти иқтисодии харочот - *асосии истеҳсолӣ ва ғайриистеҳсолӣ*.

Харочоти мустақим ба истеҳсоли намуди мушаххаси маҳсулот пайвандӣ дорад ва дар асоси ҳуҷҷатҳои ибтидоӣ ба арзиши аслии маҳсулот бевосита дохил мешаванд.

Харҷҳои ғайримустақим бошанд дар муқобили ин тартиб ба якчанд номгӯи маҳсулот иртибот доранд. Онҳоро ба арзиши аслии маҳсулот тавассути ҳисобҳои махсуси тақсим ва бо роҳи интихоби андозаи муайян, ки ба таҷрибаи хоҷагидорӣ такя мекунад, муқаррар менамоянд.

Бояд таъкид намуд, ки қисмати асосӣ ё бештари арзиши аслии маҳсулотро маҳз харҷҳои мустақим ташкил медиҳанд, ки ин барои дуруст ба роҳ мондани ба ҳисобгирии муҳосибӣ ва иқтисодию оморӣ аҳамият дорад.

Арзиши аслии маҳсулотро инчунин аз рӯи нишонаҳои дигар – ягонагӣ ва аз назари моҳияти иқтисодӣ бо ҳам наздик будан новобаста аз намуди корхонаҳо, таркиб ва унсурҳои иқтисодӣ, моддаҳои калкулятсионӣ, алоқамандӣ бо нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии фаъолияти корхона тасниф намудан ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин маврид, масалан, аз рӯи нишонаи таркиби харочот, онҳоро ба намудҳои ҳаммаъноп иқтисодӣ (маснуот, музди меҳнат, истеҳлоки воситаҳои асосӣ) ва комплексӣ гурӯҳбандӣ кардан хеле бомаврид мебошад.

Харочоти комплексӣ гуфта ҳамон намудҳои арзиши аслии маҳсулотро меноманд, ки дар таркиби худ чандин зернамуд ё моддаҳои ҷудогонаи онҳоро муттаҳид месозанд,

ба монанди харҷҳои мухталиф: сехӣ, умумиистеҳсолӣ ва пурра ё тиҷоратӣ.

Дар алоқамандӣ бо нишонаи ягонагии моҳияти иқтисодӣ моддаҳои алоҳидаи арзиши аслии маҳсулотро ба гурӯҳҳои зерин тасниф менамоянд:

- харҷҳои моддӣ;
- харҷҳо оид ба музди меҳнати кормандон;
- ҳиссаҷудокунӣ аз фонди музди меҳнат ба эҳтиёҷи иҷтимоӣ;
- истеҳлоки воситаҳои асосии худии корхона;
- дигар навъҳои хароҷот.

Дар амали хоҷагидорӣ ин тарзи гурӯҳбандии арзиши аслии маҳсулотро ба хотири татбиқи амалии ба ҳисобгирии молиявӣ ва таҳлили иқтисодӣ истифода бурдан мумкин аст.

Дар раванди таҳлили иқтисодӣ бо назардошти таъсири омили тағйирёбии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар давраи таҳқиқшаванда хароҷоти истеҳсолотро ба ду гурӯҳ: шартан-доимӣ ва шартан-тағйирёбанда тасниф мекунанд, ки ин ҳам аҳамияти махсус дорад.

Харҷҳои доимӣ аз ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулот вобастагии зич доранд. Бо афзудани суръати истеҳсоли маҳсулот, одатан, ҳаҷми арзиши аслии маҳсулот гарчанде зиёд шавад ҳам, вале сатҳи хароҷотнокӣ ҳатман (бо ҳисоби фоиз) коҳиш меёбад.

Харҷҳои тағйирёбанда чунин хислат доранд, ки ҳатто бо тағйир ёфтани ҳаҷм ва суръати истеҳсолу фурӯши маҳсулот маблағи хароҷот бетағйир мемонад ё андаке тағйир ёбад ҳам, аммо сатҳи хароҷотнокӣ ҳатман доимӣ, бетағйир боқӣ мемонад.

Ба хотири ҳисоби хароҷот аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ ва ҳам ҷои пайдоиши арзиши аслии маҳсулот ба моддаҳои калкулятсионӣ (харҷномавӣ) нисбат ба намуди алоҳидаи маҳсулот, харҷҳои сехӣ ва дигар зерсохторҳои истеҳсолӣ гурӯҳбандӣ карда мешаванд.

Арзиши аслии маҳсулоти корхонаҳои истеҳсолиро бо назардошти нишонаҳои дигар низ (вақти пайдо шудан ва тарзи дохил намудан ба таркиби хароҷоти истеҳсол ва

фурӯши маҳсулот, шаклҳои истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва ғ.) ҷудо менамоянд, ки дорои аҳамияти фаъолияти таҳлилӣ аст.

## 18.3.Тартиби ҳисоби харҷнома (калкулятсия)-и воҳиди истеҳсоли маҳсулот

Калкулятсия ё таҳияи харҷнома аз истилоҳи лотинии *calculation* гирифта шудааст, ки маънои ҳисоб ва ҳисоб карданро мефаҳмонад.

Харҷномасозӣ ин як намуди махсуси амалиёти иқтисодӣ – муҳосибӣ мебошад, ки дар асоси он андозаи арзиши аслии воҳиди муайяни маҳсулот (як метр газвор, як ҷуфт пойафзоли мардона, як килограмм қанд ва ғ.) ва гурӯҳи молҳои бо ҳам монанд дар давраи мушаххаси вақт (сол) ҳисоб карда мешавад. Барои анҷом додани ҳисоби саҳеҳу дурусти сатҳи арзиши аслии маҳсулот мо бояд тарзу усулҳои ҳисоб, моддаҳои хароҷотро барои калкулятсия-кунонӣ ва иттилооти заруриро оид ба ин масъала пайдо намоем.

Харҷномасозӣ аз вожаи калкулятсия ё харҷнома бо он фарқ мекунад, ки ифодаи пулии арзиши аслии маҳсулотро надорад ва ҳамчун як амалиёти махсуси иқтисодӣ муаррифӣ мегардад. Харҷнома бошад маълум аст, ки ба ҳисобу китоби андозаи хароҷоти истеҳсолот бевосита пайванд мебошад.

Харҷнома се намуд дорад: *меъёрӣ, нақшавӣ ва ҳисоботӣ.*

***Харҷномаи меъёрӣ*** дар асоси услуби меъёргирии илмии сарфи ресурсҳои иқтисодӣ ба ҳар як воҳиди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва ҳисоби дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии интихобшуда муайян карда мешавад.

***Харҷномаи нақшавиро*** тавассути ҳисоб ва таҳлили ҳама-ҷонибаи нишондиҳандаҳои нақшавии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар даврҳои муайян (моҳ, семоҳа, сол) тартиб медиҳанд.

***Харҷномаи ҳисоботӣ*** дар заминаи ҳисоботи муҳосибии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот муқаррар мегардад.

Харҷномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот бо назар дошти иттилооти иқтисодӣ аз рӯи моддаҳои зерин харочоти истеҳсолот аз назари иқтисодӣ ҳисоб ва асоснок карда мешавад.

## 18.4.Пешгӯӣ ва нақшагирии арзиши аслии истеҳсоли маҳсулот

Мақсади асосии таҳияи пешгӯӣ ва нақшагирии арзиши аслии маҳсулот ин муайян намудани ҳаҷми мутлақ бо ҳисоби сомонӣ ва сатҳи нисбии он, ошкор намудан ва истифодаи захираю имкониятҳои дохилӣ бо мақсади кам кардани харочоти истеҳсолот дар соли оянда мебошад. Барои расидан ба ин ҳадафи корхонаи истеҳсолӣ андешидани чораю тадбирҳо доир ба роҳ мондани речаи сарфаю сариштакорӣ ва ҳаллу фасли пай дар пайи як қатор масъалаҳои муҳими хочагӣ бениҳоят зарур арзёбӣ мегардад. Корхона бояд дар натичаи самарабахш истифода бурдани ресурсҳои иқтисодӣ, аз чумла моддӣ, меҳнатӣ ва молиявӣ бо роҳи пешгӯӣ ва нақшагирӣ харочоти барзиёди исгеҳсолотро торафт кам намояд ва бештар фоидаи иқтисодӣ ба даст оварад.

Барои асоснок муайян кардани ҳаҷм ва сатҳи харочоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар корхонаи истеҳсолӣ бояд корҳои зерин амалӣ карда шаванд:

1. гузаронидани таҳлили ҳамачонибаи аз чиҳати илмӣ асосноки харочоти истеҳсолот ва ҳамоҳанг намудани он бо натичаҳои молиявии корхона;
2. баҳо додан ба тамоюли тағйирёбии арзиши аслӣ аз рӯи ҳаҷм, таркиб ва сатҳи харочотнокӣ дар давраи 3-5 соли гузашта, аз чумла дар давраи ҳисоботи солона ва ҳисобҳои ичрои нақшаи харочоти интизорӣ;
3. таҳлили тағйирёбии нишондиҳандаҳои мутлақ, нисбӣ ва ҳисоби таъсири омилҳои гуногун;

Дар ин бобат харочоти истеҳсолотро бояд аз рӯи ҳаҷми умумӣ дар корхона ва доираи моддаҳои алоҳида таҳлил кард.

Ҳар як модда, албатта, моҳият ва хусусияти ба худ хос дорад, ки ҳисобу китоби амиқу дақиқро талаб менамояд. Масалан, моддаи сарфи ашёи хом ва маснуот дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва сабук ҳиссаи аз ҳама бештар дар хароҷоти муомилот дорад дар асоси нақшаи ҳаҷм ва номгӯи истеҳсоли маҳсулот, меъёри харҷи ашёи хом ба ҳар як воҳиди маҳсулот, нархи хариди ашёи хом ҳисоб карда мешавад. Дар ин ҷо арзиши ашёи хом ва маснуот, ки ба таркиби хароҷоти муомилот дохил мешавад бо роҳи зарб намудани миқдори истеҳсоли маҳсулоти мушаххас дар соли нақшавӣ ба меъёри харҷи ашёи хом ба як воҳиди ин навъи маҳсулот ва нархи хариди он муқаррар карда мешавад. Маҷмӯи арзиши сарфи ашёи хоми тамоми номгӯи маҳсулот ҳамчун моддаи алоҳида ба арзиши аслии маҳсулот ворид карда мешавад.

Мисоли дигарро мегирем. Фонди музди меҳнати кормандони корхона, тавре, ки дар мавзӯи 14.3 зикр гардидааст, бо роҳи тартиб додани ҷадвали вазифавӣ ва дар асоси истифодаи шаклу низомҳои амалкунандаи ташкили музди меҳнат муайян карда мешавад. Ҳамчунин ин нишондиҳандаро тариқи зарб намудани шумораи миёнаи рӯйхатии корхона (сол) ба музди миёнаи меҳнати кормандон дар ҳамин муддат меёбанд. Агар мо фонди музди меҳнатро ба ҳаҷми фурӯши маҳсулот аз рӯи нақша тақсим намуда, натиҷаи ҳосилшударо боз ба 100 зарб занем, он гоҳ дараҷаи нисбии фонди музди кор пайдо мешавад. Ҳамин тариқ, бо истифодаи ҳисобу китобҳои техникӣ-иқтисодӣ, меъёрӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ бузургии ҳар як моддаи хароҷотро ҷудогона (хароҷоти сӯзишворӣ, қувваи барқ, истеҳлоки воситаҳои асосии худӣ, хароҷоти сехӣ ва умумиистеҳсолӣ, инчунин хароҷоти ғайриистеҳсолӣ ва ғ.) барои соли оянда муқаррар намуда, сипас дар хотима, маблағи умумии арзиши аслии маҳсулотро меёбанд. Вазифаи муҳим он аст, ки захираҳои сарфа кардани хароҷоти истеҳсоли як воҳиди маҳсулот ва ҳаҷми умумии маҳсулот хароҷоти истеҳсолот дар давраи нақшавӣ асоснок ва дуруст муайян карда шавад.

Нақшаи арзиши аслии маҳсулотро бо роҳи ҳисобҳои техникӣ-иқтисодӣ аввал барои ҳар як моддаи хароҷот ва дар интиҳо ҳаҷми умумии онро ҳамчун ҷамъи харҷи моддаҳои иқтисодӣ таҳия менамоянд. Дар ин росто, ҷараёни нақшагирии арзиши аслии маҳсулот аз рукнҳои зерин иборат аст:

1.смета (нақша)-и хароҷот барои истеҳсоли маҳсулот аз рӯи унсурҳои иқтисодӣ;

2.ҳисоби хароҷоти маҷмӯи маҳсулоти молӣ ва фурӯхташаванда;

3.муқоиса намудани харҷномаи нақшавӣ аз рӯи моддаҳои алоҳида;

4.ҳисобу китоби кам кардани арзиши аслии маҳсулоти молӣ аз рӯи омилҳои техникӣ-иқтисодӣ.

Нишондиҳандаҳои сифатии нақшаи арзиши аслии маҳсулот низ як қатор ҳисобҳои махсусро пешбинӣ менамояд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд: хароҷот ба як сомонӣ маҳсулоти молӣ ё фурӯхташаванда; арзиши аслии маҳсулоти молӣ ва фурӯхташуда; хароҷоти навъҳои ҷудогонаи маҳсулот; фоизи кам кардани арзиши аслии маҳсулот бо таъсири омилҳои гуногун (иқтисодӣ, техникӣ, ташкилӣ ва ғ.); фоизи кам кардани арзиши аслии маҳсулоти қиёсшаванда.

Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаи хароҷот ба андозаи як сомонӣ нисбат ба ҳаҷми маҳсулоти молӣ бо роҳи тақсим намудани маблағи хароҷоти нақшавии истеҳсоли маҳсулот ба арзиши маҳсулоти молӣ, ки бо нархи яклухти корхона ҳисоб карда шудааст. Бузургии ин нишондиҳанда на танҳо аз кам кардани арзиши аслии маҳсулот, балки аз тағйир ёфтани сатҳи нархи яклухти корхона, номгӯй ва сифати маҳсулот вобастагии ногусастанӣ дорад. Маҳз ин нишондиҳанда аз сатҳи камшавии хароҷот дар давраи ояндаи нақшавӣ гувоҳӣ медиҳад.

Нақшаи хароҷоти истеҳсоли маҳсулот дар корхонаҳо, одатан, дар асоси риоя намудани тартиботи ягона оид ба ҳисобгирии муҳосибӣ, таҳлил, харҷномасозӣ ва тарзу услубҳои нақшагирӣ сурат мегирад. Умуман, нақшаи

арзиши аслии маҳсулот бо назардошти ҳаҷм ва таркиби маҳсулоти молии нақшавӣ, арзиши аслии нақшавии номгӯи маҳсулот, сатҳи нархи маҳсулот ва тарифи хизматҳои амалкунанда асоснок карда мешаванд.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Моҳият, тасниф ва таркиби арзиши аслии маҳсулоти саноатиро шарҳу тавзеҳ намоед.*
2. *Таркиби харҷнома (калкулятсия)-ро фаҳмонед. Он чӣ тавр ба нархи бозории мол таъсир мерасонад?*
3. *Ҳисоби арзиши аслии нақшавии маҳсулот ва намудҳои онро дар мисоли ягон корхонаи саноатии Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ намоед.*
4. *Усулҳои ҳисоби масрафҳо ва харҷномаи воқеии арзиши аслии маҳсулотро дар мисоли равшани ягон корхонаи истеҳсолии ш.Душанбе дар муқоиса бо нишондиҳандаҳои соли гузашта муайян намоед?*
5. *Ба ҳаҷм, таркиб ва сатҳи хароҷоти истеҳсолот дар корхона кадом омилҳои асосӣ таъсир мерасонанд?*
6. *Арзиши пурраи хароҷоти истеҳсолот кадом унсурҳоро дар бар мегирад?*
7. *Хароҷоти тағйирёбанда ва доимиро чӣ тавр шартан ҳисоб мекунанд.*
8. *Тағйирёбии нархи ашёи хом, қувваи барқ, сӯзишворӣ чӣ тавр ба сатҳи арзиши аслии маҳсулот таъсир мерасонад.*
9. *Ба андешаи Шумо, кадом роҳҳо ва захираҳои паст кардани хароҷоти аз нақша барзиёд вуҷуд дорад?*
10. *Арзиши аслии пурра ё тиҷоратӣ гуфта чиро меноманд? Он аз дигар намуди арзиши аслии корхонаи истеҳсолӣ чӣ гуна фарқ менамояд?*

# МАВЗӮИ 19.
# ФОИДА ВА ФОИДАНОКӢ

19.1.Моҳият ва намудҳои фоида. Фоиданокӣ.
19.2.Манбаъҳои ташаккулёбии фоида.
19.3.Нақшагирии фоида дар корхона.
19.4.Самтҳои асосии тақсим ва истифодаи фоида.

## 19.1. Моҳият ва намудҳои фоида. Фоиданокӣ

**Фоида** – нишондиҳандаи самаранокии фаъолияти корхона ва сарчашмаи асосии таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҳавасмандгардонии истеҳсолот мебошад.

**Фоидаи корхонаи истеҳсолӣ** як ҳиссаи муайяни арзиши маҳсулоти изофа, ки тавассути меҳнати пурмаҳсули кормандон ба вуҷуд оварда мешавад.

Фоида манбаи асосии маблағгузории тараққиёти корхона, ташаккул ва такмилёбии пояи устувори моддию техникӣ, пурра кардани арзиши воситаҳои гардони худи корхона, ҳавасмандгардонии моддию иҷтимоии кормандон, бунёди захираҳои пулӣ ва ғ. эҳтиёҷоти пулӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста аз тартиби ташаккулёбӣ, тартиби тақсим ва истифода кардан, одатан, фоидаро ба якчанд намудҳои фарққунанда қисмат мекунанд. Дар ин маврид фоида аз фурӯши маҳсулот, фоида аз фаъолияти ғайриистеҳсолӣ, фоидаи тавозунӣ, фоидаи софро аз ҳамдигар бояд фарқ намуд.

***Фоида аз фурӯши маҳсулот*** бо роҳи аз арзиши моли фурӯхташуда тарҳ кардани арзиши аслии пурраи тиҷоратии корхона муайян карда мешавад.

Арзиши моли фурӯхташуда баробар аст ба ҳосили зарби микдори номгӯи маҳсулоти фурӯхташуда ва нархи яклухти саноатии озод (шартномавӣ). Андозаи нархи ҳар як намуди мол дар шартномаи байни корхонаи истеҳсолӣ ва истеъмолгар (корхонаҳои савдо ва хӯроки омма) ба тасвибрасида, зикр мегардад.

***Фоида аз фаъолияти ғайриистеҳсолӣ*** аз сарчашмаҳои гуногун маншаъ мегирад. Ба ин сарчашмаҳо дохил мешаванд: фоида аз иҷораи воситаҳои асосӣ, фоида аз фурӯши воситаҳои асосии зиёдатӣ, даромад аз фурӯши саҳмияҳо, маблағи ҷаримаҳои иқтисодии ғайринақшавӣ, ки дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои шартномаи хоҷагӣ аз ҷониби ҳамкорон ба миён омадааст (бо тарҳи маблағҳое, ки бо ин сабаб ба шарикон супоридааст) ва ғ.

***Фоидаи тавозунӣ*** – маҷмӯи умумии фоида, ки аз ҳисоби пешбурди фаъолияти хоҷагӣ дар як давраи муайян (моҳ, семоҳа, сол) ва аз ҳисоби тамоми манбаъҳои имконпазири пайдоиши фоида ба даст меояд.

Ҳар як корхона уҳдадор аст, ки тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳз аз маблағи фоидаи тавозунӣ ба буҷети умумидавлатӣ андозро аз рӯи меъёри амалкунанда сари вақт супорад.

***Фоидаи софи*** корхона ин фарқи байни маблағи фоидаи тавозунӣ ва андоз аз фоида ба буҷети давлат мебошад.

Фоидаи соф комилан пурра ба ихтиёри корхона мемонад ва мутобиқи тартиботи қабулшуда ба самтҳои гуногун тақсим гардида, мақсаднок истифода бурда мешавад.

Ҳадафи асосии корхона, ки фаъолияти соҳибкориро пеш мебарад, ба даст овардани фоидаи ҳарчи бештар аст.

Фоидаи корхона бо ду нишондиҳанда чен карда мешавад: бо маблағи мутлақ (сомонӣ) ва бо ҳисоби фоиз нисбат ба бузургии ягон нишондиҳандаи иқтисодӣ (ҳаҷми фурӯши маҳсулот; арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ ва гардони истеҳсолӣ; арзиши аслии маҳсулот; шумораи кормандон).

***Сатҳи нисбии фоидаро, одатан, фоиданокӣ меноманд,*** ки бо роҳи тақсим кардани фоидаи тавозунӣ ё соф ба арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ ва гардони истеҳсолӣ ва натиҷаи ҳисоб боз ба 100 зарб карда мешавад. Инро бо формула ин тавр навишта метавонем:

$$\mathbf{С_ф = [\sum Ф : (\sum В_а + \sum В_г) \times 100],}$$

дар ин ҷо,

$С_ф$ – сатҳи фоиданокӣ нисбат ба арзиши фондҳои корхона, фоиз;

$\sum Ф$ – маблағи фоидаи тавозунӣ ё софи корхона, сомонӣ;

$\sum В_а$ – арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ,сомонӣ;

$\sum В_г$ - арзиши миёнасолонаи воситаҳои гардон,сомонӣ.

## 19.2. Манбаъҳои ташаккулёбии фоида

Фоидаи корхона аз манбаъҳои зерин ташаккул меёбад:

- аз ҳисоби истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
- аз ҳисоби иҷрои ҳар гуна хизматҳо ва хизматрасонӣ;
- аз ҳисоби фурӯши фондҳои асосие, ки дар корхона истифода намешаванд;
- аз дигар амалиёти истеҳсолӣ-иқтисодӣ.

***Фоида аз фурӯши маҳсулот*** (фаъолияти амалиётӣ) маъмулан аз ҳисоби маҷмӯи маблағҳои умумии фоида, ки танҳо онҳо рисолат ва хусусияти хоси касбияти корхонаро инъикос карда метавонад, фаҳмида мешавад. Он ҳамчун фарқ байни маблаги фурӯши маҳсулот (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ва андози аксизӣ) муқаррар карда мешавад.

***Фоида аз фурӯши амвол*** дар ҳамон маврид ба миён меояд, ки бо баъзе сабабҳо амвол дигар барои корхона нолозим шуда мемонад, дар ин ҳолат фоида аз фурӯши фондҳои асосӣ (воситаҳои фаъоли моддӣ), воситаҳои фаъоли ғайримоддӣ, коғазҳои қиматноки дигар корхонаҳо манбаи муҳими он ба шумор мераванд. Бузургии он фарқ байни нархи фурӯш ва арзиши бақиявии объекти фурӯхташаванда тавассути хароҷот барои фурӯш (насбкунӣ, хароҷоти нақлиёт, пардохти агентиҳои хизматрасонӣ) муайян карда мешавад.

***Фоида аз амалиёти ғайрифурӯш*** — ин фоида аз ҳисоби ҳиссаҷудокуниҳои корхонаҳои муштарак, супоридани амвол ба иҷораи дарозмуддат (лизинг), дивидендҳо аз ҳисоби коғазҳои қиматнок, даромадҳо аз ҳисоби уҳдадори-

хои қарзӣ, маблағҳои аз ҳисоби ҷаримаҳои иқтисодӣ ба даст овардашуда ташаккул меёбад.

Тарҳи муайянкунии бузургии фоидаи умумӣ, тибқи манбаъҳо ва тартиби ташаккулёбии он барои таҳлил ва қабули қарорҳои хоҷагӣ аҳамияти муҳим дорад. Аз ҳама бештар бояд андоза ва мизони андоз аз фоидаи корхонаро донист. Мувофиқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (с.2013) ҳаҷми андоз аз фоида (**$А_{х.ф}$**) бо формулаи зерин ифода карда мешавад:

$$\mathbf{А_{х.ф} = [(Д_у - Х_у) \times 15] : 100,}$$

дар ин ҷо,

$Д_у$ - даромади умумӣ дар давраҳои муайян, сомонӣ;

$Х_у$ - хароҷоти умумӣ дар ҳамин давраҳо, сомонӣ.

Даромади асосӣ аз ҳисоби маблағи фурӯши маҳсулот пайдо мешавад. Ба даромад инчунин маблағи фоида аз фурӯши амвол ва амалиёти ғайрифурӯш низ дохил карда мешаванд. Хароҷоти умумӣ — ин пеш аз ҳама хароҷоти фурӯши маҳсулот ва талафот аз фурӯши амвол вобаста ба афзоиши арзиши тавозунии он нисбат ба маблағи фурӯши дороиҳо ба шумор меравад. Пардохти маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ дар таркиби маблағи умумии хароҷот ҷудо нишон дода шудааст, чунки пардохт ва истифодабарии ин маблағҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор бо тартиби махсус назорат карда мешаванд.

## 19.3. Нақшагирии фоида дар корхона

Нақшағирии фоида масъалаи марказии идора кардани молияи корхона ба шумор меравад.

Мақсади асосии таҳияи нақшаи фоида, ки қисми таркибии бизнес-нақшаи рушди корхона мебошад, аз асоснок намудани маблағи фоида ва фоиданокӣ барои давраҳои кӯтоҳмуддат (то 1 сол) ва миёнамуддат (то 3 сол) пешбинӣ менамояд.

Маблағи фоидаи нақшавӣ аз рӯи тартиботи дар корхона муқарраршуда ва бо назардошти таъсири омилҳои асосии дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла нишондиҳандаҳои иқтисодӣ муайян карда мешаванд.

Дар шакли умумӣ маблағи фоидаи нақшавӣ баробар аст ба ҳосили тарҳи арзиши маҳсулоти молӣ ё фурӯши он ва арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ)-и маҳсулот дар соли оянда, семоҳа ва моҳҳои алоҳида дар доираи он. Вале бояд хотиррасон намоем, ки маблағи фоида аз сарчашмаҳои гуногун пайдо мешавад ва тамоми бурду бохти фаъолияти гуноғунҷабҳаи корхона дар ниҳояти кор ба ин нишондиҳанда таъсиргузор мебошад. Бинобар ин, таҳияи нақшаи фоида бояд хеле ҷиддӣ ва бо масъулияти зиёд ба сомон расонида шавад. Танҳо дар ин сурат корхона метавонад дар давраи интизорӣ, яъне давраи нақшавӣ ба солимгардонии вазъи молиявӣ ва бомуваффақият иҷро намудани вазифаҳои дар назди худаш гузошташуда сарбаландона барояд.

Асоснок намудани тарҳи бузургии фоида (маблағи мутлақ ва сатҳи нисбии он) бо истифодаи услуби ҳисобӣ-иқтисодӣ ба таври намуна дар ҷадв. 19.1 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 19.1**

**Ҳисоби фоидаи корхонаи истеҳсолӣ дар соли оянда**

| Р/т | Нишондиҳандаҳо | Ҳазор сомонӣ |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| 1 | Нақшаи ҳаҷми фурӯши маҳсулот:<br>а) бо ҳисоби нархи яклухти (шартномавӣ)-и корхона<br>б) арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ)-и маҳсулот | <br>45 396<br>36 979 |
| 2 | Фоида аз фурӯши маҳсулот (сатри $1_а$ – сатри $1_б$) | 8 417 |
| 3 | Даромад аз иҷрои хизматҳои пулакӣ | 88 |
| 4 | Даромад аз фурӯши воситаҳои асосӣ | 110 |
| 5 | Даромад аз иҷораи амвол | 50 |
| 6 | Даромад аз фурӯши коғазҳои қиматнок (саҳмияҳо) | 220 |
| 7 | Гирифтани дивиденд аз саҳмияи корхона | 100 |
| 8 | Ба даст овардани фоида аз гузоштани маблағҳои муваққат дар суратҳисоби бонкӣ-депозитӣ | 30 |

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 9 | Даромадҳои ғайринақшавӣ (гирифтани ҷаримаҳои иқтисодӣ дар ҳолати риоя накардани уҳдадориҳои шартномавӣ аз ҷониби шарикони хоҷагӣ, ошкор гардидани маблағҳои барзиёди арзишҳои молӣ-ашёӣ ва ғ.) | 215 |
| 10 | Талафот ва зарарҳои ғайринақшавӣ (супоридани ҷаримаҳои иқтисодӣ дар ҳолати риоя накардани уҳдадориҳои шартномавӣ аз тарафи корхона, ҳисороти сӯхтор, заминларза ва дигар амалиёт) | 120 |
| | **Маблағи умумии фоида дар соли оянда:**<br>**а) бо ҳисоби мутлақ (сатри 2 + сатри 3 + сатри 4 – сатри 5 + сатри 6 + сатри 7 + сатри 8 – сатри 9)**<br>**б) фоиданокӣ (таносуби маблағи умумии фоида ба арзиши аслии маҳсулот – [(9 110 : 36 979) х 100], фоиз** | **9 110**<br><br>**24,64** |

Аз иттилоот ва ҳисобҳои иқтисодӣ, ки дар ҷадвали 19.1 инъикос ёфтааст, маълум мешавад, ки ба фоидаи умумии корхонаи истеҳсолӣ манбаъҳои гуногун таъсир мерасонанд. Фоида, дар навбати аввал, аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти тайёр бо нархи яклухти корхона (шартномавӣ) ва арзиши аслии пурраи маҳсулот ташаккул меёбад ва ин 92,4 фоизи фоидаи умумии корхонаро ташкил медиҳад. Боқимондаи фоида дар соли оянда (7,6 фоиз) аз ҳисоби фоида аз ҳисоби амалиёти ғайриистеҳсолӣ (фурӯши амволи ғайриманқули бекорхобида, иҷораи воситаҳои асосӣ, иҷрои ҳар гуна хизматҳои иловагӣ, фурӯши коғазҳои қиматнок - саҳмияҳо ва гирифтани дивиденд аз саҳмияҳо, даромадҳои ғайринақшавӣ тарҳи зарар ва талафоти ба нақша гирифтанашуда ва дигар сарчашмаҳо) ба вуҷуд меояд.

Ҳисоби нуқтаи безарарии корхона низ барои давраи оянда ва ҳам аз назари идоракунии фаъолияти молиявӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ин тарзи ҳисобро дар асоси ҳаҷми нақшавии истеҳсоли маҳсулот, хароҷоти доимӣ, хароҷоти тағйирёбанда ва фоида амалӣ мегардонанд.

Нуқтаи безарарии фаъолияти корхона он ҳаҷми зарурии истеҳсол ва фурӯш дар назар дошта мешавад, ки тавассути он корхонаи тиҷоратӣ қобилияти ҷуброн

намудани хароҷоти тағйирёбандаро дошта, бояд дар як муддати муайяни истеҳсолӣ фоида ба даст оварад.

Дар фаъолияти минбаъдаи нақшагирии фоида аз ҳама муҳим муайян кардани таъсири омилҳои ба он таъсиррасонанда (+, -) мавқеъ ва нақши назаррас доранд.

*Омилҳе, ки ба афзоиши фоида таъсири мусбат мерасонанд аз инҳо иборатанд:*

- тағйирёбии (±) ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти саноатӣ;
- сатҳи нарх ва тағйирёбии он;
- сарфа кардани арзиши аслии маҳсулот;
- истифодаи пурраи иқтидори истеҳсолии корхона;
- вусъат бахшидан ба иҷрои амалиёти хизматрасонии иловагӣ дар корхона ва бо ин роҳ ба даст овардани фоида;
- навоварӣ, диверсификатсияи истеҳсоли маҳсулот ва баланд бардоштани сифати он;
- дар истеҳсолот ҷорӣ намудани технологияи пешқадами ҷавобгӯ ба стандартҳои ҷаҳонӣ ва дастовардҳои навтарини илму техника, ки ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат мусоидат мекунад;
- ба роҳ мондани нақшагирии стратегӣ дар фаъолияти корхона барои давраҳои дарозмуддат ва содироти маҳсулот ба бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ.

## 19.4. Самтҳои асосии тақсим ва истифодаи фоида

Дар сиёсати молиявии корхона мавқеи асосиро тақсим ва истифодабарии фоида ҳамчун як тарзи маблағгузории эҳтиёҷ ба сармоягузорӣ ва қонеъ гардонидани манфиатҳои худи корхона ишғол менамояд.

Тарҳи шарти муҳими истифодабарии фоидаи софи корхона дар (нақшаи 19.1) оварда шудааст.




***Нақшаи.19.1.*** Тарҳи тақсим ва истифодабарии фоидаи софи корхона

Аз фоидаи умумӣ андоз мувофиқи шартҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурӣ оид ба андоз аз фоидаи корхона пардохт карда мешавад. Фоидаи боқимонда пас аз андозбандӣ (фоидаи соф) пурра ба ихтиёри худи корхона мемонад ва бо тартиби муайяннамудаи оинномa ва қарори соҳибмулк он аз рӯи самтҳои гуногун мавриди истифода қарор дода мешавад.

Самти муҳим ва ҳалкунандаи истифодабарӣ тақсимоти фоида се самти асосӣ дорад:

- фонди истеъмол;
- фонди андӯхт;
- фонди захиравӣ ва дигар самтҳои зарурӣ.

Ҳиссаи муайяни фоида барои бунёди фондҳои захиравӣ ва сармоягузорӣ равон карда мешавад. Фонди захиравӣ маъмулан ба сифати фишанги ҷубронкунандаи имкониятҳои тафовутнок нисбат ба гардиши ҳадди ақалл хизмат мекунад.

Ин гуна тартиби умумии тақсими фоида ҳатман дар сатҳи корхона бояд дар асоси шаклҳои ташкилию ҳуқуқии гуногун мушаххас гардонида шавад, вале дар ҷамъиятҳои саҳомӣ он дорои хусусиятҳои хос мебошад. Чӣ тавре маълум аст, соҳибони саҳмияҳо як қисми фоидаи корпоративӣ (дастҷамъона)-ро дар шакли дивидендҳо (даромади сармоягузорон аз ҳисоби истифодаи самароварии сармояи ҷалб намудаашон) ба даст меоранд. Дар корхонаҳои саҳомӣ дивидендҳо ҳамчун як ҳаққи муайяни ҷалби маблағҳо аз

ҳисоби интишор ва фурӯши коғазҳои қиматнок дар назар дошта мешавад.

Тақсимоти фоидаи корхона, бузургии дивидендҳо ба ҳисоби фоиз (d) дар асоси формулаи зайл муайян карда мешавад:

$$d = Ф_д : С_о,$$

дар ин ҷо,

$Ф_д$ — як қисми маблағи фоида, ки барои пардохти дивидендҳо пешбинӣ шудааст;

$С_о$ — сармояи оинномавии корхона.

Маблағи мутлақи дивидендҳо ба ҳисоби як саҳмия (Д) мутаносибан баробар аст ба:

$$Д = С_о : М_с,$$

дар ин ҷо,

$М_с$ — миқдори саҳмияҳое, ки бузургии сармояи оинномавиро ташкил менамояд ё адади саҳмияҳои фурӯхташуда.

Таҷрибаи фаъолияти ширкатҳои хориҷӣ ва корхонаҳои амалкунандаи ватанӣ собит менамояд, ки ҳиссаи маблағи дивидендҳо дар ҳаҷми умумии фоидаи соф ба андозаи 30-70 фоизро ташкил менамояд. Агар сатҳи он аз 30 фоиз кам бошад, пас пардохтҳо бо ин сабаб камтарин, вале андозаи он агар аз 70 фоиз беш бошад — ҳадди ниҳоӣ ҳисобида мешавад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1. Фоидаи корхонаи истеҳсолӣ ва манбаъҳои ташаккулёбии онро фаҳмонед ва фикру андешаи худатонро асоснок намоед.*
*2. Нақшаи фоида аз ҳисоби фурӯши молро шарҳ диҳед.*
*3. Моҳият, намудҳо ва усулҳои таҳлили омилии фоида дар корхонаи истеҳсолӣ.*

4. *Нишондиҳандаҳои ҳисоби фоиданокиро навишта, маъно ва истифодаи онҳоро дар фаъолияти иқтисодии корхона шарҳ диҳед.*
5. *Оё фоидаи тавозунӣ воқеан аз фоидаи соф фарқ дорад?*
6. *Фоидаи софи корхонаҳои саноатӣ, ба фикри Шумо, бештар барои кадом мақсадҳо тақсим ва истифода мегардад?*
7. *Ҳиссаҷудокунӣ ба буҷет аз фоидаи тавозунии корхонаҳои саноатӣ вобаста ба ҳаҷми корхона, шакли моликият ҳоло ба кадом меъёр баробар аст, дар ин бобат назари Шумо, чист?*
8. *Фоидаи софи корхона ба кадом самту мақсадҳо тақсим карда мешавад?*
9. *Корхонаҳои саноатии Тоҷикистон аз фоида кадом намуди андозро ба буҷети кишвар месупоранд? Мизони он барои корхонаҳо тибқи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 январи соли 2013 бо кадом меъёр ва имтиёзҳо дар ин бобат муқаррар карда шудаанд?*
10. *Фоиданокии маҳсулот, истеҳсолот чиро ифода менамояд ва кадом омилҳо ба афзунишавии сатҳи он таъсир мерасонанд ва инро чӣ тавр бояд ҳисобу таҳлил кард?*

# МАВЗӮИ 20.
# ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ БЕРУНАИ КОРХОНА

20.1. Моҳият ва аҳамияти фаъолияти иқтисодии берунаи корхона.
20.2. Шартномаи тиҷоратӣ-иқтисодии корхона ва таркиби он.
20.3. Намудҳои ҳисоббаробаркунӣ дар савдои хориҷии корхона ва шарҳи онҳо.
20.4. Истилоҳҳои махсуси шартномаи савдои хориҷӣ.

## 20.1. Моҳият ва аҳамияти фаъолияти иқтисодии берунаи корхона

Корхона (ташкилот) ба шарофати оғози раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва ба даст овардани мустақилияти давлатию иқтисодӣ, таъмини баробарҳуқуқии шаклҳои гуногуни моликият ба воситаҳои истеҳсолот ва дигар заминаҳои боэътимоди ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ имконияти пурсамар пеш бурдани фаъолияти хоҷагиро дар дохил ва беруни кишварро касб намуданд.

Фаъолияти иқтисодии берунаи корхона – ин ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти мустақилона ва хавфу хатардор дар мубодилаи молу хизматҳо дар сатҳи байналмилалӣ, ҳаракати доимӣ ва судманди ресурсҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ё интеллектуалӣ мебошад.

Таҷрибаи хоҷагидории муосир исбот намудааст, ки рушди фаъолияти иқтисодӣ – дар сатҳи корхона, асосан дар заминаи тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, алалхусус тақсимоти байналмилалии меҳнат имконпазир мегардад.

Таъмини мустақилияти иқтисодӣ имконият медиҳад, ки корхона дар заминаи рақобати озоди бозорӣ худаш мустақилона мавқеъи муносиби худро пайдо намуда, онро сол то сол мустаҳкам намояд. Корхонаи истеҳсолӣ ҳуқуқ дорад ба бозори хориҷа низ ворид шуда, маҳсулоти рақобаттавонро бо риояи пурраи тартибу қоидаҳои амалкунандаи сатҳи

байналмилалӣ, хусусан бо назардошти коидаҳои СУС фаъолияти иктисодии берунӣ, пеш аз ҳама содиротро бо дигар кишварҳои аъзои ин ташкилот фаъолона пеш барад.

## 20.2. Шартномаи тиҷоратӣ-иктисодии корхона ва таркиби он

Имрӯз корхонаҳо ҳуқуқ доранд, ки муносибатҳои шартномавии ҳамкорони хориҷиро доир ба савдо мустақилона пеш баранд. Таҳия ва тасдиқи аҳднома барои тарафайн судманд ягон монеаи ҷиддие вуҷуд надорад, агар ин шакли фаъолият дар оинномаи корхона расман эътироф гардида бошад ва бо риояи қонуну санадҳои ҳуқуқии амалкунанда сурат гирад.

Одатан шартномаи фаъолияти тиҷоратӣ-иқтисодии берунаи корхона аз якчанд бобҳои бо ҳам хеле марбут иборат аст, ки дар онҳо шартҳои хариду фурӯши маҳсулот дар миёни фурӯшанда, харидор зикр мешавад ва оид ба мазмуну хусусиятҳои хоси он дар ҷараёни гуфтушунидҳо тарафҳои ҳавасманд ба мувофиқа ё созиш мерасанд.

Таркиби шартнома метавонад стандартӣ бошад ё бо ворид кардани баъзе тағйиру иловаҳои махсус таҳия шавад.

Шакли стандартии шартномаи мазкур таркибан аз бобҳои зерин иборат аст.

**Боби якум** – предмети шартнома. Дар ин ҷо номгӯи маҳсулот, микдор, макони пайдоиш ва шартҳои заминавии таҳвили маҳсулот нишон дода мешавад.

**Боби дуюм** – сифати маҳсулот унвон дорад ва дар он тавсифи маҳсулоти мушаххас, ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда ва тарзи муайян кардани сифат, ки дар таҷрибаи байналмилалӣ эътироф шудааст, зикр мегардад.

**Боби сеюм** – нарх ва маблағи умумии қарордодро дар бар мегирад ва дар ин бахш воҳиди пул, нархи як воҳиди маҳсулот ва арзиши кулли молҳое, ки аз ҷониби харидор бояд пардохт гардад, сабт меёбад.

**Боби чорум** – муҳлати таҳвил аст, ки дар он муҳлати мушаххаси таҳвили молро аз корхонаи истеҳсолӣ то ба ҷое, ки дар шартнома ишора ёфтааст, инъикос мегардонанд.

**Боби панҷум** – шартҳои пардохт, ки зикри арзе, ки тибқи он ҳисоббаробаркунии хариду фурӯши маҳсулот дар байни ҳамкорони шартнома сурат мегирад, инчунин муҳлат ва ҷои пардохт, тарз ва шакли пардохт қайд карда мешавад.

**Боби шашум** – супоридан – қабул ном дорад. Дар ин ҷо макони ба харидор супоридани маҳсулот, миқдор ва сифати он, тарз ва муҳлати қабул ва супоридани мол ба харидор акс меёбад.

**Боби ҳафтум** – бастабандӣ ва тамғагузории маҳсулот мебошад. Маҳз дар ин қисмати шартнома бояд кулли талабот оиди бастабандӣ ва тамғагузории маҳсулот сабт гардад.

**Боби ҳаштум** – муҷозот мебошад ва дар он андозаи ҷаримаҳо барои риоя накардани шартҳои созишнома оиди савдои хориҷӣ, таҳвил додани моли пастсифат, риоя накардани миқдор, сифат, нархи маҳсулот ва г. навишта мешавад ва харидору фурӯшанда ин гуна шартҳоро мувазазафанд, ки дар амал қатъӣ иҷро кунанд.

**Боби нуҳум** – арбитраж ном дорад. Дар рафти иҷрои банд ва нуқтаҳои махсуси шартнома, баъзан масоили баҳснок ба миён меояд ва ҳаллу фасли онҳо дар асоси талаботи қонун ва қоидаҳои байналмилалӣ тавассути ҳакамоти додгоҳӣ (суди арбитражӣ) анҷом меёбад. Танҳо дар асоси ҳаллномаи ин гуна додгоҳи махсусгардонидашуда назорати қонунӣ нисбати риояи қатъии моддаҳои шартнома нисбати шарикони бевоситаи шартнома таъмин гардида, ҳақ ба ҳақдор мерасад.

**Боби даҳум** – форс - мажор мебошад. Дар ин боб ҳолатҳои фавқулода ва ғайричашмдошт зикр мешаванд, ки оиди пайдоиши онҳо дар лаҳзаи бастани шартномаи савдои берунии корхона ҳеҷ гуна маълумоти аниқе вуҷуд надошт ва ҳам боиси интизорӣ набуд (сӯхтор, обхезӣ, заминларза, тарма, сел, ярч ва ғ.). Вале ба ин нигоҳ накарда, намудҳо ва мавриди амал қарор гирифтани ҳаракатҳои зарурӣ ҳолат-

ҳои форс – мажорӣ дар муносибатҳои шартномавӣ зикри расмии худро меёбад.

**Боби ёздаҳум** – шартҳои дигарро фаро мегирад. Дар ин ҷо, ба ғайр аз зикри шартҳои асосӣ, боз шарту талабҳои иловагӣ нисбати ҳуқуқ ва уҳдадориҳои дуҷониба, ки имконияти пайдошавӣ дорад, сабт мегардад.

**Боби дувоздаҳум** - суроғаи ҳуқуқии тарафҳо номида шудааст, ки унвони пурра ё фирмавии корхонаи истеҳсолӣ, макони ҷойгиршавӣ ва дигар нишонаҳои хоси бениҳоят зарур – рақамҳои телефон, факс, сайт, почтаи электронӣ нишон дода мешавад.

## 20.3. Намудҳои ҳисоббаробаркунӣ дар савдои хориҷии корхона ва шарҳи онҳо

Фаъолияти ҳисоббаробаркунӣ дар байни фурӯшанда ва харидори маҳсулот, ки дар асоси шартномаи ба тасвиб расида сурат мегирад, истифодаи чор намуди асосии ҳисобу китобро дар таҷрибаи байналмилалӣ пешбинӣ менамояд:

1.ҳуҷҷатгузорӣ бо тарзи ҳисоби инкассо;

2.ҳуҷҷатгузорӣ тавассути аккредитив;

3.интиқоли бонкии воситаҳои пулӣ;

4.ҳисоби нисбатан озод.

Пеш аз ҳама, бояд хотиррасон намуд, ки инкассо ин интиқоли пул мебошад. Вай ду маъно дорад: якум, гирифтани пул аз рӯи ҳуҷҷати муҳосибӣ; дуюм – амалиёти ҳисоби бонкӣ, ки бо супориши муштариён, бонк метавонад пули харидори маҳсулотро, яъне шахси қарздорро аз сурат-ҳисобаш дар бонк гирифта, дар асоси навиштаҷоти ҳуҷҷати расмӣ, ки имзои роҳбари аввали корхона ва бо мӯҳри мудаввари он тасдиқ шудааст, ба суратҳисоби фурӯшандаи мол – шахси дорои салоҳияти ҳуқуқӣ, яъне содироти мол гузаронад.

Дар ин маврид, ҳисоббаробаркунӣ тарзи ин намуди ҳисобу китоб – ҳуҷҷатгузорӣ тариқи инкассо нақши зеринро дорад (ниг. ба нақшаи 20.1).




***Нақшаи 20.1.*** Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи тартиботи инкассо

Чунон ки аз ин тарҳ маълум мешавад, ташкили муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ байни харидор ва фурӯшанда бо тартиби пай дар пай сурат мегирад, ки амалиёти гуногунро бо ҳам пайванд мегардонад:

- байни содиркунанда ва воридкунанда ё харидору фурӯшанда шартномаи тиҷоратӣ баста шуда, намояндаи тарафҳо онро тасдиқ мекунанд;
- фурӯшанда молро тавассути ин ё намуди қулайи нақлиёт интиқол медиҳад ва аз кашонанда (ҳамлу нақл)-и маҳсулот – бор нисбати воқеан фиристонидани он ҳуҷҷатҳои заруриро ба даст оварда, дар ин бобат боварии том пайдо мекунад;
- фурӯшанда ҳуҷҷатҳои заруриро оид ба интиқол додани маҳсулот ба унвони харидор (воридкунанда) ба бонки худаш, ки дар он ҷо суратҳисоб дорад, барои ҳисоббаробаркунӣ ба инкассо месупорад;
- бонки фурӯшанда (бонк – ремитент) ҳуҷҷатҳои ба унвонии воридшударо санҷида, онҳоро ба бонки харидор (бонк – инкассатор) мефиристонад;
- бонки инкассатор бошад харидори молро оиди мавҷуд будани инкассо сари вақт огоҳ менамояд;

- харидор ба боркашонанда ҳуҷҷатҳоро пешкаш намуда, ба соҳибӣ кардани мол шурӯъ мекунад.

Ҳисоббаробаркунӣ тариқи аккредитив – намуди муҳим ва дигари ҳисобу китоб дар байни харидор ва фурӯшандаи маҳсулот – мол маҳсуб мешавад.

Истилоҳи аккредитив – маънои эътиборнома дорад, ки тарзи бо аккредитив ҳисоббаробаркунии хариду фурӯши молро мефаҳмонад. Ин тарзи ҳисобу китоб дар муносибатҳои тиҷорати берунии корхона бо ширкату фирмаҳои хориҷӣ тавассути фаъолияти бонкҳо вижагиҳои худро доро мебошад.

Ҳисоб дар заминаи аккредитив дар шакли нақша ин тавр аст (нақшаи 20.2).




***Нақшаи 20.2.*** Ҳисоббаробаркунӣ тавассути аккредитив

Аз тарҳи 20.2 возеҳу равшан тасаввурот пайдо кардан мумкин аст, ки ҳисоби аккредитив ҳам комилан ба ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ, ки бо супориши харидор (дархосткунанда), ки имкони пардохти маблағро ба фурӯшандаи мол ба санаи мушаххаси вақт дорад, пулро аз суратҳисоби харидор ба суратҳисоби содиркунандаи мол гузаронад.

Дар ҳолати мазкур амалиёти зерини бо ҳам пайванд зина ба зина иҷро карда мешаванд:

- бастан ва ба тасвиб расонидани шартномаи тиҷоратӣ дар байни корхонаи ватанӣ ва харидор аз кишвари хориҷа;
- харидор ба бонки худаш (бонк-эмитент) барои кушодани ҳисоби аккредитив супориши хаттӣ ирсол менамояд;
- бонк – эмитент, ки аккредитив мекушояд, ҳуҷҷатҳоро ба бонки корреспондентии (муросилоти)-и худаш равон мекунад;
- бонк дар кишвари фурӯшанда (бонк-ремитент) дар бобати мавҷуд будани аккредитив ба фурӯшанда хабар медиҳад;
- фурӯшанда тавассути нақлиёти муносиб маҳсулотро таҳвил медиҳад ва ҳуҷҷатҳои боркашонии нақлиётиро дастрас менамояд;
- фурӯшанда ҳуҷҷатҳое, ки барои аккредитив заруранд, ба бонки фурӯшанда (бонк – ремитент) мефиристонад;
- бонк – ремитент ҳуҷҷатҳоро ба хотири мувофиқат кардан ба талаботи аккредитив месанҷад. Дар ҳолати дурусту бехато будани ҳуҷҷатҳо, ба фурӯшанда бо маблағи пули дар ҳуҷҷат зикршуда баробар аст;
- бонки фурӯшанда ҳуҷҷатҳоро ба бонки –эмитент равон мекунад.
- бонки – ремитент тибқи тартиби муайяншуда ҳуҷҷатҳоро ба харидор медиҳад ва маблағи дар он қайдшударо ба ҳисоби дебит мегузаронад;
- харидор бо дастрас кардани ҳуҷҷатҳои зарурӣ метавонад молро соҳибӣ кунад.

Намуди сеюми ҳисоббаробаркунӣ дар муносибати тиҷорати берунаи харидор бо фурӯшандаи мол ҳамчун интиқоли бонкӣ шинохта шудааст. Моҳияти ин тарзи ҳисобу китоб бо иштироки бонк дар он зоҳир мешавад, ки харидор ба бонки хизматрасони худаш дар бобати интиқоли маблағи мушаххаси пул ва пардохти он ба суратҳисоби фурӯшандаи мол супориш ироа мекунад. Ба таври намоён инро аз намуди ҳисобот бо роҳи интиқоли пул тавассути бонк мушоҳида кардан имкон дорад (ниг. ба нақшаи 20.3).




***Нақшаи 20.3.*** Ҳисоббаробаркунӣ гарики интиқоли бонкӣ

Амалиёти пай дар пай дар доираи ин намуди ҳисоббаробаркунӣ чунинанд:

- фурӯшанда ба унвони харидор ҳисоби тиҷоратӣ, ҳуҷҷатҳои нақлиётӣ ва г., ки дар шартнома акс ёфтааст, равон мекунад;
- харидор бо гирифтани ҳуҷҷатҳо, онҳоро бо супориш ба бонк медиҳад, ки пулро интиқол диҳад;
- бонки харидор пулро ба бонки фурӯшанда интиқол дода, супориши пардохтиро равон мекунад;
- бонки фурӯшанда баъди гирифтани супориш пардохти маблағи муайяни пулро ба суратҳисоби фурӯшанда ворид месозад.

Намуди чоруми ҳисоббаробаркунӣ дар савдои хориҷӣ – ҳисоби озод ба шумор меравад. Аммо бояд зикр намуд, ки ҳам фурӯшанда ва ҳам харидор дар доираи ин навъи ҳисоббаробаркунӣ мустақилона ҳисоб – счет мекушоянд. Муносибати иқтисодӣ – молиявӣ дар байни онҳо хеле сода ва бевосита сурат мегирад (нақшаи 20.4).




***Нақшаи 20.4.*** Ҳисоббаробаркунӣ аз рӯи ҳисоби озод

## 20.4. Истилоҳҳои махсуси шартномаи тиҷоратӣ

Чунон ки аз таҷрибаи муносибатҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва мазмуни шартномаҳои тиҷорати хориҷӣ дар байни фурӯшандагон ва харидорон маълум аст, дар ин бобат мафҳумҳои махсуси ИНКОТЕРМС 2010 истифода мешаванд.

Инкотермс (англ. Incoterms, International commerce terms) – қоидаҳои байналмилалӣ дар шакли луғати мухтасар барои маънидод намудани истилоҳоти махсуси савдои берунӣ, пеш аз ҳама, нисбати франко-ҷойи гузашти масъулият аз фурӯшанда ба харидор мебошад. Истилоҳоти байналмилалии савдо ифодаи стандартии шарти қарордодҳои хариду фурӯш, ки қаблан дар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ эътироф гардидааст.

Қоидаи мазкур бори аввал соли 1936 аз ҷониби Палатаи савдои байналмилалӣ нашр гардида, таҳрири ибтидоии он ҳамчун «Инкотермс-1936» маъмулу машҳур аст. Тағйиру иловаҳо ба он дар солҳои 1953, 1967, 1976, 1980, 1990, 2000 ва 2010-ум ворид карда шудаанд.

Принсипҳои асосии танзимкунандаи вожаҳои Инкотермс инҳоанд:

- тақсими хароҷоти нақлиётӣ дар байни фурӯшанда ва харидор, оид ба таҳвили мол, яъне муайян кардани харҷҳое, ки фурӯшанда ба уҳда мегирад ва аз кадом лаҳза ба харидор мегузарад;
- лаҳзаи аз фурӯшанда ба харидор гузаштани хавфу хатари иллатёбӣ, аз даст додан ё тасодуфан нобуд шудани бор;
- санаи таҳвили мол, яъне муайян кардани лаҳзаи воқеии додани мол ба ихтиёри харидор ё намояндаи ӯ – масалан, ташкилоти нақлиётӣ ва бинобар ин иҷро ё иҷро нашудани уҳдадорӣ аз рӯи муҳлати таҳвил.

Тартиботи амалкунандаи Инкотермс-2010 ва истилоҳоти ба он марбута дар нақшаи 20.5 оварда шудааст.




***Нақшаи 20.5.*** Тартиботи амалкунандаи Инкотермс-2010 ва истилоҳоти ба он хос

Аз тартиби Инкотермс қоидаи гузариши ҳуқуқи моликият аз фурӯшанда ба харидор ва оқибатҳои иҷро нагардидани уҳдадориҳои тарафайн тибқи қарордоди хариду фурӯши молҳо, бо назардошти сабаби озодкунии тарафҳо аз ҷавобгарӣ берун мемонад. Ҳамаи ин масъалаҳои зикршуда дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ ва конвенсияи Вена амалӣ мегарад.

Ҳар як истилоҳи муайяншаванда аз се ҳарф иборат буда, ҳарфи аввали он ба нуқтаи гузариши уҳдадорӣ аз фурӯшанда ба харидорро нишон медиҳад:

- E – аз ҷойи таҳвили мол (англ. departure);
- F – аз терминали боркашонии асосии мол, ҳиссаи аксари бори кашонидашуда пардохт нашудааст (англ. main carriage unpaid);

- C – аз терминали боркашонии асосӣ, ҳиссаи аксари бори кашонидашуда пардохт шудааст (англ. main carriage paid);
- D – аз фурӯшанда бо арзиши пурраащ расонидани бор (англ. arrival).

Дар Инкотермс – 2010 - 11 истилоҳот муқаррар шудааст, ки 7-тои он барои ҳама гуна навъи боркашонии асосӣ тавассути тамоми намудҳои нақлиёт истифода намудан мумкин аст.

1. EXW (англ. ex works, франко-анбор, франко-завод): харидор молро тибқи муқаррароти қарордод аз анбори фурӯшанда мегирад, вале пардохти боҷи содиротӣ ба зиммаи харидор вогузор карда шудааст.

2. FCA (англ. free carrier, франко – боркашонанда): мол бо фармоиши боркашонандаи асосӣ аз терминали интиқол, мувофиқи қарордоди нишондодашуда таҳвил дода мешавад, боҷи содиротиро харидор пардохт менамояд.

3. CPT (англ. carriage paid to...): мол ба боркашонандаи асосии фармоишгар расонида мешавад, қисмати асосии борро то терминали воридшавӣ тибқи нишондоди шартнома танҳо фурӯшанда пардохт менамояд, харҷи суғуртаро харидор ба ухда мегирад, вале интиқол аз терминали омадани боркашонии асосиро харидор иҷро менамояд.

4. CIP (англ. carriage and insurance paid tu...): айнан мисли истилоҳи CPT буда, вале боркашонии асосӣ аз тарафи фурӯшанда суғурта карда мешавад.

5. DAT (англ. *delivered at terminal*): таҳвил то нуқтаи дар шартнома зикршудаи терминалии гумрукии воридотӣ пардохт шудааст ё пардохтҳои содиротӣ ва боркашонии асосӣ ва инчунин сугуртаро фурӯшанда пардохт менамояд, расмияти гумрукиро оид ба воридот фурӯшанда ба ухда мегирад.

6. DAP (англ. *delivered at point*): таҳвил ба ҷойи таъиншуда, ки шартнома муайян кардааст, боҷи гумрукӣ ва андозҳои маҳаллиро харидор пардохт менамояд.

7. DDP (англ. *delivered duty paid*): мол ба фармоишгар расонида мешавад, ба ҷойи муайяншудае, ки дар шартнома сабт гардида, аз тамоми расмиятҳои гумрукӣ ва хавфу хатарҳо озод мебошад.

Инчунин дар Инкотермс – 2010 – 4 истилоҳи махсус, ки бевосита ба нақлиёти баҳрӣ ва нақлиёти обҳои минтақавӣ дахл дорад, мавриди истифода қарор дода мешавад:

1.FOB (англ. free on board): мол ба киштии харидор бор карда мешавад, харҷи амалиёти борфурориро фурӯшанда пардохт менамояд.

2.FAS (англ. free alongside): мол то ба киштии харидор оварда мешавад, дар шартнома бандари боркуни нишон дода мешавад, фаровардан ва боркарданро харидор пардохт мекунад.

3.CFR (англ. cost and freight): мол тибқи муқаррароти шартнома ба бандари муайян намудаи харидор кашонида мешавад, суғуртаи боркашонии асосӣ, фуровардан ва аз ҷое ба ҷои дигар кашонидани борро харидор пардохт менамояд.

4.CIF (англ. Cost, Insurance and Freight): мисли вожаи CFR, аммо боркашонии асосиро харидор сугурта мекунад.

Мазмуни Инкотермс дар ҳар гуна маридҳои дилхоҳ бевосита тағйир меёбад, масалан. дар Инкотермс – 2010 нисбат ба Инкотермс – 2000 истилоҳи DAR ба ивази аз эътибор соқитшудаи истилоҳи DAF (delivered at frontier, бурда расонидан то сарҳад), DES (delivered ex ship, бурда расонидани бор то ба болои киштии дар бандари таъиншуда) ва DDU (delivered, duty unpaid, расонидан ба макони муайяншуда бе пардохти боҷи гумрукӣ), аммо ба ҷои DEQ (англ. delivered ex quey, расонидани мол ба бандар) истилоҳи умумии DAT татбиқ шудааст.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

1. *Фаъолияти иқтисодии берунаи корхонаи истеҳсолӣ: моҳият ва аҳамияти он дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ кадом масъалаҳои замонавиро дар бар мегирад?*

2. *Ташкили муносибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ, ҳуқуқӣ дар байни харидорон ва фурӯшандагон бо кадом хусусиятҳо аз ҳамдигар фарқ доранд?*
3. *Бобҳо ва моддаҳои таркибии шартномаи тиҷорати берунии корхонаро шарҳу тавзеҳ диҳед.*
4. *Шаклу намудҳои ҳисоббаробаркуниро дар савдои хориҷӣ тавассути ҳуҷҷатҳои расмии инкассо, аккредитив, интиқоли бонкии воситаҳои пулӣ ва ҳисоби нисбатан озод мустақилона маънидод намоед.*
5. *Бонк-эмитент аз бонк-ремитент дар доираи муносибатҳои байналмилалӣ аз рӯи кадом нишонаҳо ва вазифаҳояш фарқ дорад?*
6. *Шартҳои таҳвили пояғии мол гуфта дар муносибатҳои иқтисодии берунаи корхона чиро меноманд?*
7. *Моҳияти принсипҳои асосии танзимкунандаи истилоҳҳои қоидаҳои байналмилалии савдои хориҷиро дар доираи Инкотермс 2010 фаҳмонед ва нақл намоед.*
8. *Вожаҳои «Франко», «E», «F», «C». ва «D» дар чорчӯбаи тиҷорати байналмилалӣ – Инкотермс 2010* (англ. Incoterms, International commerce terms) чиро мефаҳмо-нанд?
9. *Дар Инкотермс 2010 вожаҳои мухтасари иборат аз се ҳарф муқаррар шудааст: EXW, FCA, CPT, CIP, DAT, DAP, DDP, пас маънои онҳоро шарҳ диҳед.*
10. *Дар Инкотермс 2010 боз чор истилоҳи дигар: FOB, FAS, CFR ва CIF бо кадом мақсад пешбинӣ шудаанд ва ҳар кадоми онҳо чӣ маъно дорад?*

# МАВЗӮИ 21.
# МОЛИЯИ КОРХОНА

21.1.Моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни молияи корхона.
21.2.Ҳолати молиявии корхона ва нишондиҳандаҳои таҳлили он.
21.3.Нақшагирии молияи корхона.

## 21.1.Моҳияти иқтисодӣ ва мазмуни молияи корхона

Зери мафҳуми молияи корхонаҳо ва соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ тариқи ташаккулёбӣ, тарзу усулҳои истифодабарӣ ва афзун намудани воситаҳои пулӣ ё хазинаи пулӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷи дохилихоҷагӣ ва дигар талаботи сатҳи соҳавӣ ва умумидавлатӣ фаҳмида мешавад.

Тавре маълум аст, тамоми паҳлуҳои фаъолияти хоҷагии корхона ва намудҳои иттиҳодияи онҳо ба ресурсҳои молиявӣ ва самаранок истифода намудани онҳо вобастагии бевосита доранд. Косташавии ҳолати молиявӣ, нокифоя будани қобилияту имконоти пардохттавонӣ ва зараровария фаъолияти иқтисодии корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият ва мушкилоти зиёдро дар шароити татбиқи амалии хоҷагидории бозорӣ эҷод мекунад ва ба тамоюли рушди иқтисодию – иҷтимоӣ таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин лиҳоз, фаъолияти мақсаднок ва босуръати хоҷагии корхона ҳамеша ба ташкили дуруст ва идоракунии оқилонаи гардиши воситаҳои пулию молӣ иртиботи қавӣ ва мутақобила дорад.

Бо ифодаи дигар, пул ва муносибатҳои иқтисодии бо гардиши он пайванд дар истеҳсолоти муосир моҳияти гуногун дорад ва дар алоқаҳои корхона бо дигар иштирокчиёни амалиёти бозорӣ инъикоси худро мееёбанд:

- миёни корхонаҳо ва сохтору идораҳои давлатӣ, масалан дар пардохтани андозҳо ба буҷетҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ; дастгирии фаъолияти қонунии корхонаҳо аз ҷониби давлат тариқи таҳия ва тасдиқи қонунҳо ва

дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ доир ба таъмини фаъолияти мустақилона ва самарабахши корхонаҳо;

- миёни корхонаҳо ва кормандони онҳо тавассути бастани шартномаи меҳнатӣ, ташкили шароити мусоиди корӣ, риояи қатъии интизоми меҳнат ва иҷрои корҳо, пардохти музди меҳнат, ҳавасмандгардонии моддӣ ва маънавӣ ба натиҷаи меҳнати кормандони штатӣ ва кироя;
- миёни корхонаҳои истеҳсолӣ ва таҳвилгарони ашёи хом, мавод ва дигар воситаҳои меҳнат;
- миёни корхонаҳои истеҳсолӣ ва корхонаю ташкилотҳои соҳаи савдо ва хӯроки омма, соҳибкории инфиродӣ ҳамчун харидорон дар бозори хариду фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда;
- миёни корхонаҳо ва бонкҳои тиҷоратӣ;
- миёни корхона, ташкилот, муассисаҳои дигар оид ба иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ ва пардохти мутақобилаи воситаҳои пулӣ дар иҷрои ҳар гуна корҳо ва хизматҳо.

Молия тамоми шаклҳои муносибатҳои пулиро дар бар мегирад. Молияи корхонаҳо ҷузъи ҷудонашавандаи молияи соҳаи дахлдори иқтисодиёт ва молияи ноҳиявӣ (шаҳрӣ) ва умумидавлатӣ ба шумор меравад. Ҳамин тавр, молияи корхонаҳо ва рушду такомули он омили пешрафти босуръати фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона, ноҳия, шаҳр, вилоят, соҳа ва иқтисоди миллӣ аст. Вай имкон медиҳад, корхона дар ганӣ гардонидани буҷети давлат саҳми босазо гузорад, заминаи моддӣ-техникии корхонаро мустаҳкам кунад, ҳавасмандгардонии кормандон ва дигар масоили ҳалталаби иқтисодӣ ва иҷтимоиро дуруст ва сари вақт амалӣ намояд.

Моҳияти молияи корхона дар вазифаҳое, ки вай дар амал иҷро мекунад, инъикоси худро меёбад. Бинобар ин, молия ҳамчун фишанги пурзӯр ва мафҳуми муҳими иқтисодӣ вазифа ё функсияҳои зайлро ба уҳда дорад:

- **вазифаи фаврӣ**, яъне таъмин намудани талаботи корхона ба воситаҳои пулӣ, ки барои фаъолияти бефосила ва устувори корхона заруранд;

- **вазифаи тақсимкунандагӣ** – тақсими хазинаи воситаҳои пулӣ ба эҳтиёҷоти гуногун: ба фонди марказонидашудаи давлат, барои пурра кардани фондҳои дохилихоҷагӣ - андӯхт, иҷтимоӣ ва захиравӣ;
- **вазифаи назоратӣ** - назорату мониторинги равандҳои гирдгардиши воситаҳои гардон, тақсим ва азнавтақсимкунии фоида, ташаккулёбӣ ва истифодаи фонди воситаҳои пулӣ дар корхонаю ташкилотҳо. Назорат ҳамчун ҷузъи таркибии идоракунии фаъолияти хоҷагии корхона бо исрор тақозо менамояд, ки харҷи пулӣ бо даромадҳои пулӣ - натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ қиёс карда шавад ва бо ин роҳ бузургии фоида (сомонӣ) ва фоиданокӣ (фоиз) муайян гардида, таъсири омилҳои таъсиррасон саҳеҳ ҳисоб карда шавад. Умуман, шахси назораткунанда бояд ба сатҳи иҷрои нишондиҳандаҳои нақшаи молиявӣ баҳои объективона ва дуруст диҳад, захираҳои истифоданашудаи истеҳсолотро дақиқназарона ва шаффоф ошкор намояд;
- **вазифаи дигар** - ин таъмини ҳавасмандгардонии иқтисодӣ мебошад, ки самаранок инкишоф додани истеҳсолот, оқилона истифода намудани ресурсҳои иқтисодии корхонаҳо ва воситаҳои пулиро бештар талаб менамояд.

Қайд бояд кард, ки дороиҳо ё активҳои корхона ба воситаҳои асосӣ ва воситаҳои гардон гурӯҳбандӣ шудаанд, зеро онҳо ҳамчун шакли ифодаи молияи корхона хусусияти хос доранд. Агар мо фондҳои асосӣ ва гардонро бо пул чен кунем, он гоҳ онҳоро бояд ҳамчун воситаҳои пулӣ дарк намоем. Вале ин фондҳоро на танҳо дар шакли пулӣ, балки бо нишондиҳандаҳои натуравӣ (адад, метри мураббаъ ва г.) ифода кардан шояд беҳтар ва мувофиқи мантиқи дуруст бошад.

Воситаҳои асосӣ дар ҷараёни истеҳсолот истифода шуда, барои ин амалиёт шароити мусоид фароҳам месозанд. Онҳо дар раванди технологӣ-истеҳсолӣ муддатҳои зиёд хизмат намуда, бо ин сабаб арзиши худро қисм - қисм тавассути механизми бардошти истеҳлок вобаста ба ин ё он намуди воситаҳои меҳнат ба арзиши аслии маҳсулот ва ҳамин тариқ ба нархи маҳсулоти ниҳоӣ мегузаронанд.

Воситаҳои гардон ҳамчун предметҳои меҳнат дар намуди ресурҳои моддӣ ва пулӣ ҳамеша дар гардиши хоҷагӣ буда, шакли худро аз пул ба мол ва баръакс аз мол ба пул табдил медиҳанд. Ин дар навбати худ зарурати воқеии суръат бахшидани гирдгардиши воситаҳои гардони корхонаро ба миён мегузорад. Пастшавӣ ва афзоиши суръати бозгардонии воситаҳои гардон ба ҳисоби рӯз нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулот ва миқдори гардиш андоза карда мешавад, ки дар ду ҳолати ҳисоб ҳам моҳияти якхелаи иқтисодӣ-молиявӣ дорад.

Воситаҳои асосӣ ва гардони корхона, одатан, ду гурӯҳи сарчашмаи ташаккулёбӣ доранд: якум, манбаъҳои худи корхона; дувум-манбаъҳои қарзӣ ва дигари ҷалбшуда.

Таҷрибаи хоҷагидорӣ дар сатҳи корхонаҳо гувоҳӣ медиҳад, ки таносуб дар байни воситаҳои асосӣ ва гардон дар корхонаҳо аз ҳамдигар фарқ дорад ва ин аз ҷараёни хусусигардонии соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва самту равияҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳо вобастагӣ дорад.

Аз назари илму амали иқтисодӣ муҳим он аст, ки корхона дар шароити имрӯза бояд азму талош ба харҷ диҳад, ки ҳарчи бештар имкон ёбад ҳаҷм ва ҳиссаи воситаҳои асосӣ ва гардони худро бо беҳтар кардани фаъолияти молиявии корхонаҳо аз ҳисоби истифодаи самараноки захираҳои дохилӣ дар оянда то рафт афзун намояд.

## 21.2.Ҳолати молиявии корхона ва нишондиҳандаҳои таҳлили он

Таҳлил ва баҳо додан ба ҳолати молиявии корхона, тавре таҷрибаи хоҷагидории ҷаҳонию ватанӣ нишон медиҳад, аҳамияти калон дорад.

Ҳолати солими молиявӣ ин таъмин будани субъекти хоҷагидорӣ бо ресурсҳои молиявӣ, истифодаи самарабахши онҳо, қобилияти маблағгузорӣ, иҷрои уҳдадориҳои дар назди буҷет, бонкҳои тиҷоратӣ, таҳвилгарони мол ва дигар қарздиҳандагон ва ба даст овардани натиҷаҳои беҳтари

фаъолияти хоҷагӣ-молиявиро дар бар мегирад, кафолат медиҳад.

Таҳлили ҳолати молиявӣ ҷузъи муҳими механизми идоракунии ресурсҳои молиявӣ буда, яъне тарзи истифодаи воситаҳои пулро нишон медиҳад. Дар заминаи натиҷаҳои ин гуна таҳлил доир ба масъалаи дар оянда хубтар ҷойгиркунӣ, истифода ва афзун намудани самараи ресурсҳои иқтисодӣ қарорҳои дахлдори идоракунӣ қабул карда мешаванд.

Ҳолати молиявии корхона метавонад устувор, ғайриустувор ва бӯҳронӣ бошад, ки инро танҳо тавассути омӯзиш ва таҳлили ҳисоботи молиявии корхона ошкор кардан имкон дорад.

Дар ҷараёни ташкил ва гузаронидани таҳлили молиявӣ бояд ҳадафи асосӣ, вазифаҳо ва манбаъҳои иттилоотӣ муайян карда шавад.

Ҳадафи асосии таҳлили вазъи молиявии корхона ин сари вақт ва объективона таҳқиқ кардан, баҳо додан ба ҳолати молиявӣ, ошкор сохтани ҷиҳатҳои мусбату манфӣ ва сабабҳои пайдоиши онҳо тариқи таҳлили амудӣ ва уфуқии ҳисоботи молиявии корхона бо истифодаи низоми махсуси нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар давраи муайян (сол, семоҳа, се-панҷ соли гузашта) ва дар қисмати хотимавӣ асоснок намудани таклифу пешниҳодҳои мушаххас мебошад. Аммо барои расидан ба ҳадафи асосии таҳқиқи масъалаи мазкур шахси таҳлилгар бояд вазифаҳои муайянро дар назди худ гузорад ва онҳоро ҳамаҷониба ва дуруст ҳаллу фасл намояд.

Вазифаҳои таҳлили молиявии корхона инҳоанд:

1. интихоб ва ҳисоби бузургии як қатор нишондиҳандаҳои хоси иқтисодӣ – молиявӣ ва таҳлили муқоисавии амудӣ ва уфуқӣ;
2. ҳисоб кардани фарқияти нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар давраи таҳлилшаванда ва сабабҳои ба тағйиротҳо (+,-) таъсиррасон;

3. ҷустуҷӯ ва ошкор намудани захираҳои ҳанӯз истифода-нашуда ва сафарбарии онҳо ба хотири беҳтар намудани вазъу устувории молиявии корхона;

4. таҳияи хулоса ва тавсияҳои мушаххас оид ба баланд бардоштани истифодаи самараноки ресурсҳои молиявӣ, қобилияти пардохттавонӣ, пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ ва умуман солиму пурзӯр намудани вазъи молиявии корхона.

Манбаи асосии таҳлили ҳолати молиявии корхона ҳисоботи бухгалтерӣ ё ҳисоботи молиявӣ ба шумор меравад. Таркиби ин гуна иттилооти расмӣ иборат аст аз:

- шакли № 1 «Тавозуни бухгалтерӣ»;
- шакли № 2 «Ҳисобот оид ба фоида ва зарарҳо»;
- шакли № 3 «Ҳисобот оид ба таъғйирёбии сармоя»;
- шакли № 5 «Замима ба тавозуни бухгалтерӣ» ва дигар шаклҳои ҳисоботӣ ва замимаҳо ба тавозуни бухгалтерӣ;
- рақамҳои ҳисоби бухгалтерии ибтидоӣ ва таҳлили ҳолати молиявӣ (экспресс-таҳлил) дар асоси шаклҳои давлатии ҳисоботи оморӣ ба монанди:

- шакли № 4-ф (тавозун) «Ҳисобот оид ба таркиби воситаҳо ва манбаъҳои ташаккули онҳо» (семоҳа);
- шакли № 12-ф (фоида) «Ҳисобот оид ба натиҷаҳои молиявӣ» (якмоҳа).
- нишондиҳандаҳое, ки одатан дар раванди таҳлил ва баҳодиҳии ҳолати молиявии корхона истифода мешаванд.

Таҳлил ва баҳо додан ба ҳолати молиявии корхона дар заминаи ҳисобии се гурӯҳи нишондиҳандаҳо гузаронида мешавад:

1.устувории молиявӣ;

2.пардохттавонӣ ва ликвиднокӣ (дороиҳои ба пул бадалшаванда)-и корхона;

3.сатҳи самаранокии истифодабарии воситаҳои гардон.

Устувории молиявии корхона аз таркиби дилхоҳи сарчашмаи сармоя ё аз таносуб дар байни маблағи воситаҳои (сармояи) худӣ ва воситаҳои гардон, вобаста аст. Ҳамчунин ҳиссаи воситаҳои асосӣ ва гардон барои баҳо додан ба ҳолати молиявӣ сарчашмаҳои пайдоиши таркиби

сармояро мебояд таҳлил кард. Бо ин мақсад нишондиҳандаҳои зеринро (6-то) дар асоси рақамҳои тавозуни баҳисобгирии муҳосибии корхона дар аввал ва охири сол ҳатман ҳисоб мекунанд:

1. Зарибимухторияти молиявӣ ($З_{м.м}$) (новобастагӣ аз воситаҳои қарзӣ) – таносуби арзиши сармоя бар маҷмӯи маблағҳои умумии тавозун баробар буда, онро дар шакли формула ин тавр ифода мекунем:

**$З_{м.м}$ = Маблағи воситаҳои асосӣ : Маҷмӯи маблағҳои тавозуни баҳисобгирии муҳосибӣ**

2. Зариби вобастагии молиявӣ ($З_{в.м}$) - таносуби арзиши сармояи қарзӣ бар маҷмӯи маблағҳои умумии тавозун буда, онро тавассути формулаи зерин муайян кардан мумкин аст:

**$З_{в.м}$ = Маблағи сармояи қарзӣ : Маҷмӯи маблағҳои тавозуни баҳисобгирии муҳосибӣ**

3. Зариби устувории молиявӣ ($З_{у.м}$)– таносуби арзиши воситаҳои худӣ ва воситаҳои қарзии дарозмуддат бар маҷмӯи маблағҳои умумии муҳосибӣ буда, дар шакли формула ин тавр аст:

**$З_{у.м}$ = (Сармояи худӣ + Уҳдадориҳои дарозмуддат) : Маҷмӯи маблағҳои умумии муҳосибӣ**

Меъёри ҳадди ақали ин зариб ба 0,6 баробар мебошад.

4. Зариби бо пул таъмин намудан ($З_{п.т}$)– таносуби арзиши сармояи худӣ бар маблағи сармояи қарзӣ аст ё тариқи формула навишта мешавад:

**$З_{п.т}$ = Сармояи худӣ : Сармояи қарзӣ**

Нишондиҳандаҳои дар боло зикршударо бо вазни қиёсӣ (%) низ ифода кардан имкон дорад ва дар ин ҷо мо бояд

натиҷаи хосилшудаи ҳар яке аз ин зарибҳоро ба адади 100 зарб намоем.

Ҳисоби ин гуна нишондиҳандаи нисбии зарибҳои махсус нишон медиҳанд, ки ҳиссаи воситаҳои худӣ дар тавозуни муҳосибӣ чи қадар аст ва дар охири сол нисбат ба аввали сол бо кадом бузургӣ (зиёд +, ё кам -) тағйир ёфтааст.

5. Зариби левереҷи молиявӣ ($З_{л.м}$)– ин таносуби сармояи қарзӣ бар сармояи худӣ аст:

$$З_{л.м} = \text{Самояи карзӣ} : \text{Сармояи худӣ}$$

Ин нишондиҳанда гувоҳӣ медиҳад, ки корхона чи қадар сармояи қарзиро ба як сомонӣ воситаҳои худӣ ҷалб кардааст.

6. Зариби таъмин будан бо воситаҳои худӣ ($З_{т.в.г}$)– таносуби маҷмӯи сармояи худӣ – тарҳи бузургии дороиҳои фаъоли ғайригардон бар арзиши дороиҳои гардони корхона дар давраи ҳисоботӣ буда, онро зимни формула муайян мекунанд:

$$З_{т.в.г} = (\text{Сармояи худӣ} – \text{Дороиҳои гайригардон}) : \text{Дороиҳои гардон}$$

Дар доираи гурӯҳи дуюми нишондиҳандаҳои таҳлили ҳолати молиявии корхона ба ду нишондиҳандаи (зариби) муҳим:

1.пардохттавонии корхона,
2. ликвиднокии корхона таваҷҷуҳ нишон додан аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Аввалтар аз усули ҳисоб кардан бояд донист, ки нишондиҳандаҳои мазкур чӣ маъно доранд?

***Пардохттавонӣ*** маънои онро дорад, ки оё корхона қобилияти аз ҳисоби воситаҳои пулии ҷорӣ пардохт намудани уҳдадориҳои ҷории берунаи худро дорад ё не? Корхона дар ҳолате воқеан пардохттавон баҳо дода мешавад, ки агар маблағи дороиҳои гардон, ба монанди

(захираҳои молӣ, воситаҳои пулӣ, қарзҳои дебиторӣ ва дигар дориҳо) ба арзиши уҳдадориҳои берунаи корхона баробар ё ҳатто аз он зиёд бошад.

Ба уҳдадориҳои берунаи корхона қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, инчунин маблағи пурраи қарзҳои кредиторӣ дохил мешаванд. Вале дар ин маврид, аз маблаги «уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат» (ҷамъ дар боби V пассиви тавозун) арзишҳои ду мода «даромадҳои давраи оянда» ва «захираҳои харҷу пардохтҳои оянда», ки ба воситаҳои қарзӣ дахл надоранд, бояд тарҳ карда шаванд.

Ликвиднокӣ (дороиҳои ба пул бадалшаванда) – ин имконияти дар муддати муайяни вақт аз шакли активҳо (фаъолҳо)-и корхона ба шакли пул мубаддалшавиро мефаҳмонад, ки метавон ин маблағро барои мақсадҳои бо пул таъминкунии эҳтиёҷоти хоҷагӣ харҷ кард. Ҳар қадар ин амалиёти молиявӣ, яъне ликвиднокии дороиҳо дар фосилаи нисбатан камтарини вақт амалӣ гардад, дар натиҷа сатҳи ликвиднокӣ аҳамияти баландтар пайдо мекунад ва ин ҳолат ба қобилияти пардохттавонии корхона бештар мусоидат менамояд.

Пардохттавонӣ ва ликвиднокӣ нишондиҳандаҳои иқтисодии чандон ҳаммаъно набошад ҳам, вале бо ҳамдигар пайвандии хеле наздик доранд.

Ликвиднокӣ дар навбати худ нишондиҳандаҳои махсус дорад. Онҳо се намуд доранд.

Яке аз онҳо зариби ликвиднокии ҷорӣ ($З_{л.ҷ}$) мебошад, ки чун таносуби маблағи воқеии воситаҳои гардони корхона бар арзиши уҳдадориҳои фаврӣ муайян карда мешавад ё бо формула дар шакли зерин ҳисобу китоб мешавад:

**$З_{л.ч}$ = Маблағи дороиҳои гардони корхона (ҷамъи боби II активҳои тавозун) : боби VII (ҷамъи боби V пассивҳои тавозун) – (сатри 640 + сатри 650 + сатри 660)**

Бузургии ин зариб нишон медиҳад, ки уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат чанд маротиба аз ҳисоби дороиҳои гардони корхона талофӣ ё ҷуброн карда мешаванд.

Меъёри ин зариб бештар ё баробар ба 2 аст (**$З_{л.ч} \geq 2$**). Агар натиҷаи ҳисоби зариб дар корхона, масалан, дар аввали сол – 1,7 ва дар охири сол – 1,6 бошад, он гоҳ вай аз ҳолати ғайриқаноатбахши тавозуни корхона дарак медиҳад.

Зарибн зудликвиднокӣ (зудбадалшавандагии дороиҳо) – таносуби воситаҳои пулӣ, когазҳои қиматнок ва қарзҳои дебиторӣ (боби II активи тавозун) нисбат бар арзиши уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат (боби V пассиви тавозун) мебошад. Ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки кадом қисми уҳдадориҳои ҷорӣ метавонанд на танҳо аз ҳисоби пули нақд, балки тариқи вориди интизории арзиши маҳсулоти равонкардашуда ва иҷрои корҳо ё хизматҳо амалӣ гарданд.

Зариби ликвиднокии мутлақ бошад таносуби маблағи воситаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматноки зуд ба фурӯшраванда (боби II активи тавозун) бар қарзҳои кӯтоҳмуддат (ҷамъи боби V пасиви тавозун – сатри 640, сатри 650 ва сатри 660) аст. Меъёри муътадили ин зариб – 0,2 –ро ташкил медиҳад.

Таҳлили самаранок истифода намудани воситаҳои гардони корхона, яъне ба ҳолати бозгардони воситаҳои гардон алоқаманд мебошад ва дар ҳақиқат ин нишондиҳанда хеле муҳими иқтисодӣ - молиявӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамин тавр, ҳолати молиявии корхона аз он вобаста аст, ки то чӣ андоза воситаҳо дар шакли дороиҳои корхона зуд ё дер ба пул мубаддал мешаванд.

Барои таҳлили самаранокии воситаҳои гардон аз низоми нишондиҳандаҳои махсуси иқтисодии бо ҳам пайванд истифода бурдан зарур аст. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, ду нишондиҳандаро ҳисоб кардан бомаврид мебошад:

1. Зариби боздеҳи воситаҳои гардон:

**$З_{б.в.г}$ = (Маблағи фурӯши молҳо : Бақияи арзиши миёнасолонаи воситаҳои гардон)**

2. Зариби фоиданокии воситаҳои гардон:

а) $З_{ф.в.г}$ **= (Фоидаи соф : Бақияи арзиши миёнасолонаи воситаҳои гардон)**

б) Зариби фоиданокии воситаҳои гардони худӣ:

$З_{ф.в.г.х}$ **= (Фоидаи соф : Арзиши воситаҳои гардони худӣ)**

Гирдгардиши воситаҳои гардон бо ҳисоби рӯз баробар аст ба таносуби миқдори рӯзҳо дар давра (сол) бар миқдори гардиш (ба ҳисоби маротиба).

Бо ин мақсад, дар асоси зернишондиҳандаҳои дигар ҳам ҳолати самаранок истифода кардани дороиҳо, аз ҷумла дороиҳои гардонро таҳлил ва баҳогузорӣ кардан зарурат дорад. Ба ин қатор дохил мешаванд, таҳлили қарзҳои дебиторӣ (гирдгардиш, муҳлати руёнидан ва ҳиссаи онҳо), гирдгардиши захираи арзишҳои молӣ – моддӣ ва зарибҳои хос, муҳлати нигоҳдошти захираҳо, фоиданокии дороиҳои (амвол), фоиданокии дороиҳои гардон ва ғ. *Бояд зикр намоем, ки ин намуди нишондиҳандаҳо қаблан дар мавзӯъҳои ҷудогонаи китоби мазкур шарҳу тавзеҳи мушаххаси худро пайдо намудаанд ва зарурат ба такрори онҳо намемонад.*

## 21.3. Нақшагирии молияи корхона

Дар корхонаю ташкилотҳои шакли моликияташон гуногун таҳияи нақшаи молиявӣ аҳамияти ҳалкунанда дорад, зеро ин амалиёти зарур ва стратегияи бо пул таъминкунии чорабиниҳои хоҷагӣ дар давраи оянда имкон медиҳад, ки барои давраи дарозмуддат (панҷ сол) ва кӯтоҳмуддат (соли оянда, аз ҷумла бо нишондоди ҳар семоҳа ресурсҳои молиявӣ ва манбаъҳои ташаккулёбии онҳо), самтҳои мушаххаси истифодабарии даромадҳои пулӣ ва ҳиссаҷудокунӣ аз даромадҳо барои мақсадҳои муайяншуда аз назари иқтисодӣ асоснок карда шавад. Бинобар ин, нақшаи молиявӣ ё бо ибораи дигар, буҷети корхона дар соли оянда қисмати таркибии нақшаи соҳибкории (бизнес-

накшаи) корхона буда, воқеан тамоми бобҳою нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаро барои давраи оянда бо ҳамдигар ҳамоҳанг ва пайваст менамояд.

Лоиҳаи нақшаи молиявии корхонаи истеҳсолӣ дар шакли тавозуни дахл ва харҷи воситаҳои пулӣ бо назардошти саҳмгузории корхона дар ташаккули даромади буҷети давлат барои соли оянда, аз ҷумла-ҳар семоҳа бо зикри моҳҳои дахлдор таҳия карда мешавад. Лоиҳаи ин намуди нақша се боби бо ҳамдигар хело пайвандро муттаҳид менамояд:

I. Дахли воситаҳои пулӣ ва манбаъҳои он;
II. Харҷи маблағҳо ва самтҳои мушаххаси онҳо;
III. Мунөсибати молиявии корхона бо буҷети давлатӣ, ноҳиявӣ.

Барои дурусту асоснок тартиб додани нақшаи молиявӣ ба инобат гирифтани заминаҳои зарурӣ ё ин ки омилҳои таъсиргузор ба миён меояд, ки ба қатори онҳо корҳои зеринро шомил кардан ба мақсад мувофиқ мебошад:

- Натиҷаҳои таҳлили ҳолати молиявии корхона, хусусан иҷрои нақшаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ - молиявии фаъолияти корхона дар давраи ҳисоботи хеле зарур аст, (бояд ҳамзамон баҳодиҳии интизорӣ, барвақт, яъне пеш аз ба охир расидани сол аз ҷониби мутахассисон анҷом дода шавад);
- Пешгӯӣ ва дурнамои таъгирёбии бузургии нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии фаъолияти иқтисодӣ-иҷтимоии корхона;
- Таҳияи стратегияи рушди молиявии корхона, бо пул таъмин кардани эҳтиёҷоти умумии корхона, аз ҷумла бо нияти пурра намудани афзоиши талабот ба воситаҳои асосӣ ва гардон, пеш аз ҳама, эҳтиёҷ ба воситаҳои гардони корхона;
- Тартиб додани нақша – чорабиниҳо оид ба татбиқи амалии санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии амалкунанда дар таъмини фаъолияти бомароми иқтисодӣ - молиявӣ ва самаранокии корхона, мутобиқгардонии рушди корхона бо сиёсати андозгузорӣ ва андозситонии давлат, сиёсати пулӣ -

қарзӣ, сармоягузорӣ, тақсимот ва истифодаи оқилонаи фоидаи иқтисодии корхона, беҳтар намудани натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ва ҳолати молиявии корхона ва ғ.

Нақшаи молиявӣ дар асоси ҳисобу китоби амиқу саҳеҳ ва таҳлили комплексии нишондиҳандаҳои фаъолияти иқтисодӣ - молиявӣ аз рӯи ҳисоботи соли гузашта, пешгӯии эҳтимолӣ дар соли ҷорӣ ҳамчун тавозуни даромадҳо ва хароҷоти пулии корхона барои соли оянда таҳия карда мешавад (ҷадв. 21.1).

Бояд таҳлили ҳолати молиявӣ дар соли гузашта ва иҷрои интизории нишондиҳандаҳои молиявӣ анҷом дода шавад.

**Ҷадвали 21.1**

**Тавозуни дахл ва харҷи пулии корхона барои соли оянда**

| Р/т | Нишондиҳандаҳо | Маблағ, ҳазор сомонӣ |
|---|---|---|
| 1 | 2 | 3 |
| *I* | ***Дахли воситаҳои пулӣ ва манбаъҳои он:*** | |
| 1 | Фоидаи соли ҷорӣ аз фурӯши воситаҳои асосӣ | |
| 2 | Фоидаи соли гузашта, ки ба буҷет пардохт мешавад | |
| 3 | Фоида ва сарфаи арзиши корҳои сохтмонӣ-васлкунӣ, ки тавассути худи корхона иҷро мегардад | |
| 4 | Фоида аз хоҷагии ёрирасони корхона | |
| 5 | Бардошти истеҳлок ба сармоягузорӣ | |
| 6 | Бардошти истеҳлок ба таъмири асосӣ | |
| 7 | Зиёдшавии воситаҳои ғайрифаъоли (пассивҳои) устувор | |
| 8 | Сарфа аз паст кардани маблағи таъмири асосӣ, ки бо тарзи ҳисоби хоҷагӣ иҷро карда мешавад | |
| 9 | Сафарбар кардани ресурсҳои дохилӣ дар сохтмони асосӣ | |
| 10 | Даромад аз фурӯши амволи зиёдатӣ ё истифодашаванда | |
| 11 | Сарчашмаҳои ғайримарказонидашуда, ки ба мақсади маблағгузорӣ истифода мешаванд | |
| 12 | Сарфаи маблағ аз арзоншавии нархи яклухти шартномавии таҷҳизот | |
| 13 | Сарфаи маблағ аз кам кардани хароҷоти маъмурӣ-идоракунӣ | |

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| 14 | Маблағҳои озоди фонди ҳавасмандгардонӣ, ки барои бо пул таъмин кардани хароҷоти нақшавӣ пешбинӣ мешаванд | |
| 15 | Воридоти маблағҳо аз ташкилоти болоӣ бо тариқи азнавтақсимкунӣ (воситаҳои гардон, бардошти истеҳлок, гункунӣ) | |
| 16 | Қарзҳои дарозмуддати бонкҳои тиҷоратӣ | |
| 17 | Воридоти дигари воситаҳои пулӣ | |
| | **Ҷамъи даромади пулӣ** | |
| 18 | Зиёдии хароҷот бар даромадҳо | |
| *II* | ***Харҷи маблағҳо ва самтҳои он*** | |
| 1 | Сармоягузорӣ | |
| 2 | Пурра кардани воситаҳои гардони худӣ | |
| 3 | Афзунии воситаҳои гардон дар сохтмони асосӣ | |
| 4 | Хароҷот ба таъмири асосӣ | |
| 5 | Ҳиссаҷудокунӣ аз фоида ба фондҳои дохилихоҷагии корхона (фондҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ: фонди ҳавасмандгардонии моддӣ, фонди чорабиниҳои манзилӣ-иҷтимоӣ, фонди рушди истеҳсолот) | |
| 6 | Пардохти маблағи қарзи бонкҳои тиҷоратӣ | |
| 7 | Ҳиссаҷудокунӣ ба фонди хавфу хатар дар шароити таъсири рақобати бозорӣ | |
| 8 | Хароҷот ба нигоҳдошти хоҷагии манзилию коммуналӣ | |
| 9 | Хароҷот барои пардохти фоизи қарзи бонкҳои тиҷоратӣ | |
| 10 | Пурра кардани воситаҳои пулии муваққатан озоди фондҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ, ки дар соли оянда барои бо пул таъмин кардани хароҷоти нақшавӣ равона мегардад | |
| 11 | Хароҷот барои нигоҳдошти муассисаҳои бачагона (кӯдакистонҳо) | |
| 12 | Хароҷот ва ҳиссаҷудокуниҳои дигар | |
| | **Ҷамъи харҷи маблағҳо** | |
| 13 | Андозаи барзиёди даромадҳо бар хароҷот | |
| *III* | ***Муносибат бо буҷет*** | |
| 1 | Пардохти андозҳо ба буҷет: | |
| • | ҳиссаҷудокунӣ аз фоидаи соли ҷорӣ (ҳисоботӣ) | |
| • | ҳиссаҷудокунӣ аз фоидаи соли гузашта | |
| • | гирифтани истеҳлоки озод | |

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| • | саҳмгузорӣ ба фонди хавфу хатар дар бозори маҳсулот ва хизматҳо | |
| • | пардохтҳои дигар | |
| | **Ҷамъи пардохт ба буҷет** | |
| 2. | Андозаи барзиёди маблағҷудокунӣ (кумаки молиявӣ ба таври истисно) пардохт ба буҷет | |
| 3. | Маблағҷудокунӣ (кумак аз буҷет ба таври истисно) | |
| • | барои сармоягузорӣ | |
| • | ба дигар максадҳо ва хароҷот | |
| | **Ҷамъи маблағҷудокунӣ аз буҷет** | |
| 4. | Андозаи барзиёди пардохтҳо ба буҷет ва маблағгузорӣ аз буҷет | |

Тавре аз бахши аввали тавозуни дахл ва харҷи пулии корхона мушоҳида кардан мумкин аст, «дахли пул ва манбаъҳои пайдоиши он» ба ҷузъҳо ва моддаҳои алоҳида ҷудо мешаванд:

Гурӯҳи якум – натиҷаи молиявии ҳамаи намудҳои фаъолияти хоҷагӣ - фоидаи тавозуниро дар бар мегирад, ки саҳми аз ҳама афзалиятдор дар маҷмӯи ресурсҳои молиявии корхона дар соли оянда дорад. Андоз аз фоидаи тавозунӣ дар қисмати хароҷоти тавозуни корхона нишон дода мешавад.

Ба гурӯҳи дувум - ҳамон манбаъҳое дохил мешаванд, ки онҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои дохилӣ маншаъ ғирифта сарватҳои молиявиро пурра мекунанд ва ба манфиати рушдиояндаи корхона истифода мешаванд. Ба ин қатор бардошти истеҳлок ба маблағгузорӣ ва таъмири асосӣ; даромад аз фурӯши амволи зиёдатӣ, ки дар корхона бо сабабҳои гуногун истифода намешавад; сарфа аз кам кардани арзиши таъмири асосӣ ва дигар манбаъҳои дохилихоҷагӣ, шомил мебошанд. Дар ин ҷо бояд зикр намоем, ки маблағи истеҳлоки воситаҳои асосии корхона яке аз сарчашмаҳои ташаккул додани маблағгузории асосӣ ба ҳисоб меравад. Мисол: соли ҳисоботӣ арзиши ибтидоии миёнасолонаи воситаҳои асосии ҶДММ «Кафолат» ба 20 450 ҳазор сомонӣ ва маблағи бардошти истеҳлок 2 760 ҳазор сомониро ташкил

дод. Аз ин ҷо, меъёри миёнаи истеҳлок дар соли ҷорӣ 13,5 % [(2 760 : 20 450) x 100] баробар буд. Дар соли оянда тибқи интизории маблағи миёнасолонаи воситаҳои асосӣ бояд 22 300 ҳазор сомониро ташкил диҳад. Бинобар ин, маблағи истеҳлок ба 3 010 ҳазор сомонӣ дар як сол [(22 300 x 13,5 %) : 100] мерасад, ки дар муқоиса бо соли ҳисоботӣ 250,5 ҳазор сомонӣ (3 010 – 2760) зиёд хоҳад шуд.

Ба гурӯҳи савум ҳамон маблағҳое ворид карда мешаванд, ки агар онҳо аз ҷониби ташкилотҳои болоии молиявӣ бо роҳи кумак ва дастгирии фаъолияти баъзе корхонаҳои давлатӣ молиявӣ ҷудо шуда бошад. Ин амал имрӯз гарчанде хеле кам ба назар расад ҳам, вале имкони истифода метавонад қарор гирад, бахусус дар корхонаҳои давлатӣ ё корхонаҳои хусусӣ ва ҳамкории онҳо бо сохторҳои давлатӣ.

Ба гурӯҳи чорум одатан моддаҳое дохил карда мешаванд, ки агар онҳо аз ҳисоби сарчашмаҳои молиявии беруна, аз ҷумла дар шакли қарзҳои дарозмуддат (то як сол) таъсис ёбанд.

Дар бахши «Хароҷот ва самтҳои истифодаи воситаҳои пулӣ» низ шартан моддаҳои алоҳидаро аз рӯи бо ҳам наздик будани моҳияташон ба чор гурӯҳи асосӣ ҷудо кардан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Гурӯҳи якум воситаҳое мебошанд, ки ба рушди фаъолияти асосии истеҳсолӣ, хоҷагиҳои ёрирасон ва ташаккули фондҳои иқтисодии аҳамияти дохилихоҷагидошта бештар алоқаманд мебошанд.

Гурӯҳи дувум - воситаҳои пулие шомиланд, ки барои пӯшонидани ҳар гуна хароҷоти ҷорӣ равона мешаванд, масалан: хароҷоти хоҷагии манзилию коммуналӣ, ки бо роҳи тартиб додани харҷнома ё смета сурат мегиранд.

Гурӯҳи савум - агар як ҳиссаи миқдори воситаҳои пулии корхона аз ҷониби идораҳои болоӣ бо мақсади азнавтақсимкунии онҳо (фоида, истеҳлок, воситаҳои гардон ва ғ.) тақсим шуда бошанд.

Гурӯҳи чорум - ин пардохти қарзҳои дарозмуддат дар натиҷаи муҳайё гаштани воситаҳои пулии худи корхона аст.

Бояд газаккур дод, ки муносибати корхона бо буҷет - ин пардохти андоз аз фоида ва дигар манбаъҳои андозситонӣ (андоз аз молу мулки ғайриманқул, андози иҷтимоӣ, андоз аз арзиши иловашуда ва г.)-ро дар бар мегирад.

Дар ҷараёни нақшагирии молиявӣ корхона бояд фаъолияти ҳамоҳангсозӣ ва алоқамандии кулли нишондиҳандаҳои иқтисодӣ - молиявии фаъолияти худро бо мақсади ошкор кардани захираю имкониятҳои мавҷуд буда, пурзӯр кардани интизоми сарфаю сариштакорӣ, баланд бардоштани сатҳи фоиданокӣ ва самаранокии истеҳсолот, суръат бахшидан ба раванди бозгардони воситаҳои гардон, солим гардонидани вазъи молиявии корхона, аз ҷумла қувват бахшидан ба қобилияти пардохттавонӣ азму талош намуда, барои таҳия ва амалӣ намудан чораю тадбирҳои судманд собитқадамона пайгирӣ намояд.

Яке аз шартҳои дуруст ва асоснок таҳия намудани тавозуни даромадҳои пулӣ ва хароҷоти корхона, бавижа корхонаҳои калон ва хурд – ин тартиб додани ҷадвали шоҳмотӣ мебошад. Моҳияту мазмуни ин ҷадвали махсус дар он ифода меёбад, ки маблаги ҳар як моддаи қисми даромад, яъне аниқтараш манбаи даромад, бояд тавре ба харҷҳои гуногун тақсим ё равон карда шавад, ки дар маҷмӯъ ба маблағи ҳамон номгӯи ин сарчашмаи даромад (масалан, маблағи фоида чун сарчашмаи асосии ресурси молиявӣ) дар шакли мусовӣ бошад. Маҳз, ин гуна ҳисобу китоби мантиқӣ ва бо ҳам пайванд дар шакли ҷадвали шоҳмотӣ бояд таҳия гардад.

Истифодаи мақсаднок, саривақтӣ ва самарабахши воситаҳои молиявӣ (ҳам аз они худи корхонаҳо ва ҳам аз берун ҷалбшуда – қарзию вомбаргӣ) дар заминаи стратегия бо маблағҳои пулӣ таъмин кардани эҳтиёҷоти истеҳсолот дар давраи ҷорӣ ва пешгӯишуда – омили муҳими рушди муназзам ва устувори фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона маҳсуб мешавад.

Шарти дигари басо муҳими идоракунии молияи корхона ин ташкили назорату мониторинги иҷрои нақшаи

молиявии корхона мебошад, ки ҷузъи таркибӣ ва зарур-
тарини мудирияти молиявии корхона ба шумор меравад.

***Саволу супоришҳо барои такрор:***

*1. Молияи корхона: моҳият, мазмун ва аҳамияти иқтисодии онро дар шароити муосир маънидод намоед.*

*2. Таҳлили ҳолати молиявии корхона дар асоси низоми кадом нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бояд сурат гирад ва онҳоро чӣ тавр ҳисоб мекунанд?*

*3. Мақсад, вазифаҳо ва манбаъҳои иттилоотии таҳлили ҳолати молиявии корхонаро фаҳмонед.*

*4. Таҳлили уфуқӣ ва амудии ҳисоботи молиявии корхона [illegible] тавр ба роҳ монда мешавад?*

*Ба андешаи Шумо, манбаи иттилоотии таҳлили [illegible] корхона чист ва ба таркиби он кадом [illegible] муҳосибӣ ё молиявӣ дохил мешаванд ва онҳоро [illegible]*

*Унсурҳои таркибии таҳлили нақшаи молиявии корхонаро [illegible] ...омбар кунед ва ҷузъиётҳои онҳоро ба шарт [illegible] маънидод намоед.*

*Кадом омилҳо ба натиҷаҳои ҳолати молиявии корхона ...бештар таъсир мерасонад? Зариби пардохтпазирии [illegible] ...нро чӣ тавр муайян кардан мумкин аст?*

*...а боби даромадҳо ва маблағҳои воридотии [illegible] ...и корхона ё ба истилоҳи дигар, буҷети корхона [illegible] ...афҳумҳо ё худ воситаҳои иқтисодӣ шомил [illegible] ...исмати харҷи воситаҳои пулии таво[illegible] ...рхонаро чӣ дар бар мегирад ва онҳоро барои [illegible] ...авр ҳисоб ва асоснок мекунанд?*

*...муносибати мутақобилаи корхонаи давлатӣ [illegible] ...рҳ тавзеҳ намоед.*

## ЗАМИМАҲО

Замимаи 1

### КОНСЕПСИЯИ НАҚШАИ СОҲИБКОРӢ (БИЗНЕС – ПЛАН)-И БУНЁДИ ЗАВОДИ ҚАНД

[Манбаъ: Интернет, лоиҳаи инвеститсионии Тоҷикистон]*

#### УНВОНИ НАҚШАИ СОҲИБКОРӢ: ИСТЕҲСОЛИ ҚАНД ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Нақшаи соҳибкорӣ (бизнес –план)-и истеҳсоли қанд аз бобҳои зерин иборат мебошад:

1. Шарҳи лоиҳа (резюме).
2. Сертификатсияи фаъолияти корхона оиди истеҳсоли қанд.
3. Маркетинг:
   3.1. истилоҳот;
   3.2. бозори қанди Тоҷикистон;
   3.3. истеъмоли қанд. Ангезаи истеъмол;
   3.4. нархгузорӣ дар бозори қанд;
   3.5. муҳити рақобатӣ дар бозори қанд. Истеҳсолгарони асосии қанд;
   3.6. хусусияти дистрибутсияҳо.
4. Ташкили фаъолияти корхона.
5. Нақшаи истеҳсолӣ:
   5.1. технологияи истеҳсоли қанд;
   5.1.1. ашёи хом;
   5.1.2. истеҳсоли қанд;
   5.2. кормандон;
   5.3. ҷойгиршавии корхона.
6. Баҳодиҳии хавфу хатарҳо ва роҳҳои кам кардани онҳо.
7. Молия.

---

* Аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷумаи муаллифони китоби дарсӣ (С.Ҳ. ва М.Ҷ.)

## 1.ШАРҲИ ЛОИҲА (РЕЗЮМЕ)

Воридоти шакар ба қаламрави Тоҷикистон имрӯз ба таври оммавӣ ба роҳ монда шудааст, аммо ба ин нигоҳ накарда истеъмоли он сол то сол бештару бештар мегардад ва дар ин бозор ҳамеша ҷои холӣ боқӣ мемонад.

Дар доираи лоиҳаи мазкур таъсис додани заводи хурд (мини – завод) оид ба истеҳсоли қанд пешбинӣ мешавад. Истеҳсолоти бузург сармояи ибтидоии калон ва харҷи хеле зиёдро тақозо менамояд. Гузашта аз ин, корбурди истеҳсолот осонтар аст, агар он ба шаҳрҳои хурди худамон майл дошта бошад ва дар оянда ба тадриҷ имкони ба сатҳи балантар баромадан мумкин аст.

Истеҳсоли шакар ба коркарди ашёи хоми қанд асос меёбад. Минбаъд, имкони технологияи коркарди лаблабуи қанд ба роҳ монда шавад. Истеҳсолот воқеан пурра механиконида мешавад.

Мақсади асосии бунёди заводи хурди қанд – таъмин кардани бозори дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маҳсулоти қанд аст.

Аз рӯи ҳисобу китоб тибқи иқтидори истеҳсолӣ ва ҳосилнокӣ, ҳар як заводи хурд бояд на кам аз 20 ҳазор тонна шакар тавлид кунад, ки ин тақрибан 10 фоизи ҳаҷми умумии талаботи қандро ташкил медиҳад. Талаботи аҳолӣ ба қанд ва имкониятҳои парвариши лаблабуи қандро дар шароити иқлими Тоҷикистон ба назар гирифта, дилпурона зикр кардан ҷоиз аст, ки сохтмони заводи қанд пурра самаровар ва сатҳи фоиданокии иқтисодиаш баланд мебошад.

Дар нақшаи соҳибкорӣ бозори қанди Тоҷикистон мавриди ҳамаҷонибаи таҳлил қарор гирифта, тамоюлҳои мавҷудбудаи бозори мазкур ошкор гардида, ҷалбнокии бунёди корхонаи нав баҳогузорӣ карда шуда, мушаххасан давраҳои созмон додани корхонаи истеҳсоли қанд ҳамаҷониба нишон дода мешавад.

## 2. СЕРТИФИКАТСИЯИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА ОИДИ ИСТЕҲСОЛИ ҚАНД

### 2.1. Зарурати бақайдгирӣ ва литсензия

Завод бояд дар Минтақаи озоди иқтисодӣ ба қайд гирифта шавад. Он дорои мақоми корхонаи муштарак аст. Литсензия дар назар дошта нашудааст. Сертификат аз Агентии Тоҷикстандарт дастрас мегардад. Назорати санитарию эпидемиологӣ ба зиммаи СЭС вогузор карда шудааст.

### 2.2. Танзими давлатии сифати қанд

Дар Минтақаи озоди иқтисодӣ озмоишгоҳи худӣ ба фаъолият оғоз менамояд ва он сифати маҳсулоти истеҳсолшударо мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор медиҳад.

## 3. МАРКЕТИНГ (бозорёбӣ)

### 3.1. Истилоҳот

Қанд – номгӯи таркибии он сахароза мебошад. Қанди аз найшакар ва лаблабуи қанд (шакар, қанди сафедкардашуда) истеҳсолгардида яке аз муҳимтарин маҳсулоти ғизоӣ маҳсуб меёбад. Одатан қанд, ҳамчун сахароза, ба гурӯҳи ангиштобҳо дохил гардида, яке аз қиматноктарин моддаи гизодеҳ ба ҳисоб рафта, ҷисми инсонро бо гармии зарурӣ таъмин менамояд. Крахмал (оҳар) низ ба гурӯҳи ангиштобҳо шомил аст, вале ҷисми инсон онро бо оҳистагӣ ҳазм мекунад. Аммо сахароза бошад дар узвҳои ҳозимаи инсон ба глюкозаю фруктоза табдил шуда бо тези ҳал гардида, ба рагҳои хунгард ворид мешавад.

Қанд – мафҳуми муродифи ангиштоб; ин номгӯй аз ҳисоби аввалин ихтиротҳои онҳо, ки дорои мазаи ширин доштанд, ба миён омадааст.

### 3.2. Бозори қанди Тоҷикистон

**Эҳтиёҷи аҳолӣ ба қанд**

Тибқи иттилооти агентӣ оид ба пешгӯии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини тақозои ҳадди ақали инсон дар як сол 29,3 кг қанд зарур мебошад. Истеъмоли воқеии қанд тӯли солҳои 1991 – 2003 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як истеъмолгар дар як сол 24 кг-ро ташкил дод.

Вазъи камбизоатӣ боиси он гардид, ки асоси ратсиони ғизоии қисмати бештари сокинони Тоҷикистонро нон, чой ва қанд ташкил намуд.

Ба ҳисоби миёна ҳар сол Ҷумҳурии Тоҷикистон 176 ҳазор тонна қанд ворид менамояд, барои хариди он бо нархи миёнаи соли 2000-ум 61 миллиону 600 ҳазор доллари ИМА маблағ сарф карда шудааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз ягон заводи истеҳсоли қанд бунёд карда нашудааст, аз ин рӯ дар сатҳи истеҳсолоти маҳаллӣ ба зикри мавҷудияти ягон хели рақобат ҳоҷат намемонад.

Ҳамин тариқ, ҳам имрӯз ва ҳам дар ояндаи наздик Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷбур аст, ки ҳар сол ба андозаи 180-200 ҳазор тонна қанд, дар ҳаҷми 160-180 миллион доллари ИМА воридот намояд.

### 3.3. Истеъмоли қанд. Ангезаи истеъмол

Соли 2009 ба вилояти Суғд ба андозаи 35 000 тонна қанд ворид шуда буд. Дар ин давра ба Ҷумҳурии Тоҷикистон бошад қариб 30 000 ҳазор тонна қанд ворид гардид.

Воридот аслан аз кишварҳои назди сарҳадӣ: Қиргизистон, Ӯзбекистон, Афғонистон сурат гирифтааст.

Таҳвили қанд бо бастабандии халтагӣ аз Русия, Украина ва Полша ба роҳ монда шудааст. Маҷмӯи маҳсулоти воридшудаи қанд ба стандарти Аврупоӣ мувофиқат менамояд. Бастабандии он комилан дар ҷои дахлдор сурат мегирад.

Харидорон ва истеъмолгарони қанд дар мамлакат аҳолӣ, корхонаҳои қаннодӣ, заводҳои консервабарорӣ ва ғ. ба шумор меравандд.

Вазни қиёсие, ки дархосткунандаи лоиҳа ба назар гирифтаанд, то 20 фоизро ташкил хоҳад намуд.

### 3.4. Нархгузорӣ дар бозори қанд

Дар шароити кунунӣ нархи қанд аз тарафи биржаи молию ашёӣ муқаррар карда мешавад. Ба ғайр аз ин ба нархи қанд инчунин арзиши боркашонӣ, харҷи гумрукию дар анборҳо нигоҳдорӣ ва нархи бариловаи фурӯшанда зам карда мешавад.

Давлат ҳоло нархро тасдиқ ва танзим наменамояд.

### 3.5. Муҳити рақобатӣ дар бозори қанд. Истеҳсолгарони асосии қанд

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсоли қанд ба роҳ монда нашудааст, пас рақибони тавлидотӣ низ ба назар намерасанд.

Ба мамлакат қанд тавассути соҳибкорони хусусӣ ва ширкатҳои зерин, ба монандӣ:

- «Авангард», мавқеи ҷойгиршавиаш ш.Хуҷанд;
- ҶДММ «Ҳомид ОИЛ» ш.Истаравшан;
- ҶДММ «Вектор» ш.Душанбе;
- Фабрикаи Ширин (ҳоло бо Бразилия карордод ба имзо расонида шудааст) ворид карда мешаванд.

### 3.6. Хусусияти дистрибутсияҳо

Қанди ба мамлакат воридгардида, аз анборҳо тавассути бозорҳо ба истеъмолгарон - аҳолӣ дастрас карда мешавад.

# 4.ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ КОРХОНА

## 4.1. Консепсияи корхона оид ба истеҳсоли қанд

**Ташкили фаъолияти заводи қанд**

Заводи қанд ҷараёни мунтазами технологие мебошад, ки ҳамарӯза 50 тонна ашёи хоми қандро коркард менамояд. Маҳсулоти ба даст овардашудаи он шакар мебошад.

# 5.НАҚШАИ ИСТЕҲСОЛӢ

## 5.1. Технологияи истеҳсоли қанд

### 5.1.1. Ашёи хом

Барои истеҳсоли қанд ашёи хоми қанд истифода мешавад, ки он бештар барои истеҳсоли мунтазам бо миқдори муайян дар давоми сол аз кишварҳои хориҷ ворид мегардад. Ашёи хоми зикршуда асосан аз Бразилия ва Аргентина оварда мешавад. Ҳоло якчанд таҳвилгарони фаъоли он мавҷуданд.

Минбаъд имконияти истифодаи лаблабуи қанд, ҳамчун ашёи хоми гаронбаҳои истеҳсоли қанд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд аст ва он тавассути иқлими мусоиди ин кишвар ба роҳ монда мешавад.

Тибқи ақидаи мутахассисон дар заминҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон мумкин аст, ҳосили 250-400 сентнерии лаблабуи қанд аз ҳар як гектар истеҳсол намуд, дар натиҷаи коркарди он бошад метавон 4-5 тонна қанд ва 50-60 тонна гизои чорво (шелуха, баргу пояи лаблабу ва ғ) ё худ 7700-9400 воҳиди хӯрокаи чорво ба даст овард.

### 5.1.2. Истеҳсоли қанд

Истеҳсоли шакар дар заводҳои лаблабуи қанд аз рӯи тарҳи технологияи намунавӣ ё худ мувофиқи тарҳи ба ҷойҳои парвариши он наздик амалан ба роҳ монда мешавад. Тарҳи технологияи намунавӣ дар асоси дастовардҳои муосири илмиву техникӣ таҳия гардида, он барои

ба даст овардани сифати баланди маҳсулот шароити мусоид фароҳам меоварад. Барои иҷрои амалиёти алоҳида дар тарҳи технологӣ таҷҳизоти технологии намунавӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

### 5.2. Кормандон

Барои кору фаъолияти заводи хурд ҷадвали вазифаҳо дар шумораи 12-14 нафар зарурат дорад. Ба ҳайати кормандони он мутахассисони баландихтисоси дорои таҷрибаи пешқадам дар бахши истеҳсолот интихоб ва ҷобаҷогузорӣ карда мешаванд.

### 5.3. Ҷойгиршавии корхона

Сохтмони заводи қанд дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Минтақаи озоди иқтисодӣ ба нақша гирифта шудааст.

## 4. Баҳодиҳии хавфу хатарҳо ва роҳҳои кам кардани онҳо

| Хавфу хатарҳо | Сабабҳо | Роҳҳои рафъи он |
|---|---|---|
| Ҳолатҳои форс - мажорӣ | Заминларза ё худ дигар ҳодисаҳои фавқулода | Суғуртакунонии завод |
| Бекористии истеҳсолот аз ҳисоби набудан ё норасогии нерӯи барқ | Набудани нерӯи барқ дар даврахои зимистон ё худ норасогии он аз ҳисоби садама дар пойгоҳҳои барқӣ ё ин ки дар хатҳои интиқоли он | Хариди генераторҳои дорои иқтидорҳои зарурӣ дар мавридҳои камбуд ё худ набудани нерӯи барқ, эҳтиёчоти завод аз ҳисоби он рӯйпӯш карда мешавад |
| Бефаъолиятии истеҳсолот аз ҳисоби набудани ашёи хом | - соли камҳосилӣ;<br>- риоя накардани шартҳои шартнома ё худ ворид нагардидани ашёи хом ҳангоми ба миён омадани ихтилофҳо дар сарҳадот | -сохтмони анбор барои нигоҳдории ашёи хоми воридгардида бо захираи ҳадди ақалл барои нимсола |

**5. Молия**

Барои сохтмони заводи қанд ва ба истифода додани он 3000 000 доллари ИМА воситаҳои молиявӣ лозим аст, аз ҷумла:

- ҳиссаи корхона 300 000 доллари ИМА;
- зарурати сармоягузорӣ 2 700 000 доллари ИМА.

Муҳлати ҷуброн намудани маблағҳои қарзӣ 4 сол аст.

6. **Суроға**

ГК «АМА», Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи А.Дониш 26.
Барои тамос ба директори ширкати «Алка – С» Шлипаков Михаил Анатолевич муроҷиат намоед.
Телефони дастӣ +992 919979879
Телефони корӣ +992 37 2264141

Замимаи 2

# НАҚШАИ РУШДИ СОҲИБКОРИИ КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИИ ҶДММ «КАФОЛАТ»

Душанбе - 2014

Мундарича:

Саҳ.

Муқаддима...3

Қисми 1. Муқова...4

Қисми 2. Хулоса ё худ лоиҳа...5

Қисми 3. Таҳлили вазъи фаъолияти соҳа...6

Қисми 4. Нақшаи истеҳсолӣ...7

Қисми 5. Нақшаи бозорёбӣ...8

Қисми 6. Нақшаи ташкилӣ...9

Қисми 7. Нақшаи молиявӣ...10

Адабиёт...11

Замимаҳо...12

## Муқаддима

Нақшаи соҳибкорӣ ҳуҷҷати заруриест, ки корхона, ташкилот ва муассисаҳо, новобаста аз шакли моликияташон, барои иҷрои имкониятҳои иқтисодию молиявии хеш ба мақомоти молиявию бонкии кишвар ва дигар бунёду фондҳои гуногуни ватанию байналмилалӣ барои ба даст овардани маблағҳо таҳия менамоянд.

Ин санади муҳими иқтисодӣ дорои фаслу қисматҳо буда, дар онҳо роҳу услуби тартиб додани нақшаи соҳибкорӣ, талаботи маблағгузорон, механизми пешниҳод, услуби баргардонӣ, андоза, меъёрҳо ва дигар омилҳо ба таври мушаххас муайян карда мешаванд.

Қисми 1. **«Муқова»**

Тарҳи нақшаи соҳибкорӣ ки соҳибкорон ба тартиби дархост ба озмун барои дастрас кардани маблағҳо аз буҷети рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар сохторҳо, мақомоти давлатӣ ва хазинаву фондҳои байналмилалӣ пешкаш менамоянд, иборат мебошад.

Нақшаи соҳибкорӣ ҷузъи таркибии дархости соҳибкор барои иштирок дар озмун буда, ба таври мутамарказонидашуда тақсимоти маблағҳо (ресурсҳо) дар назар дошта мешавад.

Нақшаи соҳибкорӣ барои як сол пеш тартиб дода мешавад. Дар тарҳи нақшаи соҳибкорӣ нақшаҳо ва ҷадвалҳои лоиҳавии тиҷоратии комил, бо нишондоди муҳлатҳои рӯйпӯш кардани хароҷот барои на кам аз ду сол оварда мешаванд.

Ҳисобу китоб дар нақшаи соҳибкорӣ дар асоси нархҳои миёнаи солона, ки дар озмун муайян карда мешаванд, гузаронида мешавад.

Дар қисмати аввали нақшаи соҳибкорӣ тасдиқи нақшаи соҳибкорӣ, имзо ва муҳри корхона ба расмият даровaрда мешавад.

**Нақшаи соҳибкорӣ**

(фишурдаи матлаби тавсифи лоиҳа)

1.Ном ва суроғаи корхона.

2. Муассисони асосӣ, саҳми ҳар яки онҳо дар сармояи оинномавӣ.

**Қисми 2. «Хулоса ё худ лоиҳа»**

**Тарҳи нақшаи соҳибкорӣ**

Лоиҳаи муқаддимаи нақшаи соҳибкорӣ ё худ резюме
( 3-4 саҳифаро дар бар мегирад)

Дар ин қисмати нақшаи соҳибкорӣ тавсифи умумӣ дар бораи лоиҳа, мақсад ва манфиатҳои он аз тарафи соҳибкорон нишон дода мешавад. Дар он моҳияти лоиҳа, дараҷаи он аз рӯи моҳият ва сатҳи афзалиятнокии номгӯи маҳсулот, рақибон дар муқоиса бо истеҳсолгарони миллию хориҷӣ муқаррар карда мешавад. Аз ҳама муҳим, дар ин қисмати нақшаи соҳибкорӣ андоза ва ҳаҷми дурнамои тақозои маҳсулот, талабот ба сармоя ва мухлати баргардонии воситаҳои қарзӣ инъикоси худро пайдо менамояд. Аз ҳама муҳим, ба андешаи мо, татбиқи амалии лоиҳаи нишондодашудаи масъалаҳои иҷтимоӣ, ки имрӯз аз барномаи паст кардани сатҳи камбизоатии кишвар манбаъ мегирад, бахусус ташкили ҷойҳои кории нав ва истифодаи иртиботи муосир, васеъгардонии фонди манзил, ҷалби самараноки меҳнати маъюбон ва ғайраҳоро нишон додан зарур ва самарабахш мебошад.

**Қисми 3. «Таҳлили вазъи фаъолияти соҳа»**

(дар ин ҷо тавсифи умумии соҳа, рушди босуботи он ва ҳолатҳои таназзулёбии он дар ҳаҷми 3-4 саҳифа муайян карда мешавад)

1. Дар қисмати мазкур тавсифи умумии эҳтиёҷот ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва фурӯш дар ҳудуди ноҳия, шаҳр, минтақа, вилоят ва умуман ҷумҳурӣ нишон дода мешавад. Ба ғайр аз ин, моҳият ва зарурати истеҳсолоти номбаршуда ва рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат ва минтақаҳои он ҳаматарафа вобастагӣ дорад.

2. Вазни қиёсии пешбинишавандаи дурнамои истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар минтақаҳо ё худ дар Тоҷикистон ба инобат гирифта мешавад.

3. Рақибони дорои иқтидорҳои пурқувват (дар ин ҷо номгӯй ва нишонаи молҳои асосии истеҳсолӣ, тарафҳои пурқувват ва заифи он) зикр карда мешавад.

4. Кай ва дар кадом давра (дар 3- соли охир) ҳамин гуна маҳсулот ба бозори тавлидотии мамлакат ворид мешавад.

## Қисми 4. «Нақшаи истеҳсолӣ»

(моҳияти ин фасл - аз интихоби асоснокии ҷараёни истеҳсолот ва тавсифи нишондиҳандаҳои муҳими иқтисодию техникӣ мувофиқи асноди лоиҳавию харҷномавии тасдиқшуда то 5-саҳифаро дар бар мегирад)

Дар ин қисмати тарҳи нақшаи соҳибкорӣ бештар ба масъалаҳои зерин диққати махсус дода мешавад:

1. барномаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулот;
2. талабот ва ташкили истеҳсолот;
3. таркиби таҷҳизоти асосии корхонаҳои истеҳсолкунанда ва таҳвилдиҳандаи онҳо (дар шакли иҷора ё ин ки хариди онҳо, таҷҳизоти лизингӣ);
4. корхонаҳои истеҳсолкунанда ва таҳвилдиҳандаи ашёи хом ва масолеҳ (шароит, тарзи таҳвил ва нархҳои пешакӣ муқарраркардашуда);
5. манбаъҳои алтернативии таъминот бо ашёи хоми асосӣ ва ёрирасон;
6. шумораи кормандон ва хароҷоти музди меҳнати онҳо;
7. арзиши фондҳои асосии истеҳсолӣ;

8. шакли истеҳлок (одӣ ва суръатнок) меъёри пардохти истеҳлоки фондҳои асосии воқеӣ барои қабули меъёрҳои суръатноки истеҳлокӣ;

9. хароҷоти солонаи истеҳсоли маҳсулот, хароҷоти доимӣ ва таъғйирёбанда, арзиши аслии ҳар як воҳиди маҳсулот;

10. арзиши сохтмон, сохтори маблағҳои асосӣ дар асноди лоиҳавию харҷномавӣ ва ҳисоби харҷнома, аз ҷумла корҳои сохтмонию васлкунӣ, хароҷот барои таҷҳизот ва дигар намуди масрафҳо.

11. арзиши умумии лоиҳаи маблағгузорӣ, таъмини бехатарӣ иқтисодию иҷтимоӣ ва ғ. дар назар дошта шудааст.

## Қисми 5. «Нақшаи бозорёбӣ»

(дар ин қисмат, фурӯши мол он қадар ҳам масъалаи мушкил нест, вале ҳаҷми хароҷоти фурӯш аҳамияти махсус дорад ва он то 5-саҳифаро дар бар мегирад)

Ҳангоми тартиб додани фасли мазкур соҳибкор бештар ба масъалаҳои зерин бояд диққати зарурӣ диҳад:

1. маҳсулоти истеҳсоли хориҷӣ, ки талаботашон дар бозори дохилӣ мавҷуд аст ва масъалаи иваз кардани ин молҳои воридотӣ бо сатҳи пасти иқтидорҳои истеҳсолии корхона давра ба давра тибқи бароннома ё консепсияи рушди инкишофи сиёсати воридотии мамлакат бояд ба роҳ монда шавад.

Инчунин вазъи фаъолияти патентикунонӣ, ҳимояи нишонаҳои молӣ дар мамлакати литсензиат дар бозори дохилӣ ва имконияти содиротии рақибон дар истеҳсоли маҳсулоти зарурӣ бо риояи ҳуқуқи патентии ҳарифон ба эътибор гирифта мешавад;

2. ташкили фаъолияти хариду фурӯш, низоми фаъолияти хариду фурӯши маҳсулоти шарикон нишон дода мешавад;

3. асосноккунии ҳаҷми сармоягузорӣ ба фурӯши маҳсулот алоқаманд, хароҷоти корхонаҳои хариду фурӯш ба назар гирифта мешавад;

4. кадом имкониятҳоро рақибон метавонанд дар стратегияи фаъолияташон истифода мебаранд, бояд маълумоти дақиқ дошта бошанд;

5. асосноккунии нархи маҳсулот.

Нархи яклухти мол дар асоси талаботи васеи мавҷудбудаи бозори дохилӣ ва берунӣ, инчунин сатҳи фоиданокӣ, ки барои дастгирии устувори ҳолати молиявӣ ва қобилияти пардохташавандагии ташкилот зарур мебошад, муайян карда мешавад;

6. даромад ва хароҷоти хизматрасонии баъд аз фурӯш ба миён омада;

7. барнома оид ба ташкили реклама, ҳаҷми тахминии хароҷоти он;

8. барномаи фурӯши маҳсулот, маблағҳои аз ҳисоби фурӯш умуман ба миён омада ва дар алоҳидагӣ ба ҳар як гурӯҳи молҳо, дар асоси нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсол дар 3-моҳаҳо ва солона, дараҷа ва муҳлати аз худ намудани иқтидори истеҳсолӣ ва инчунин нархҳо ҳаматарафа ҳисоб карда мешавад. Ба ғайр аз ин, қарордодҳо доир ба фурӯши молҳо ва нархҳои пешниҳодкардашуда ба назар гирифта мешаванд.

## Қисми 6. «Нақшаи ташкилӣ»

Дар ин қисмати нақшаи соҳибкорӣ дар бораи соҳибкор маълумоти кофӣ пешкаш карда мешавад.

Он бояд андозаи сармояи оинномавӣ, сохтори ташкили идора, вазъи молиявӣ ва дигар маълумотҳоро дар бар гирад.

Ҳисоби зариби баҳодиҳӣ, сохтори ташкили идораи соҳибкорон, ба монанди зариби воситаҳои фаъоли ҷорӣ, таъмини воситаҳои худӣ ва таносуби онҳо ба ҳаҷми воситаҳои қарзӣ дар таркиби лоиҳаи воситаҳои молиявӣ, барқароркунӣ, пардохтшаванда дар асоси қарори ҳукумат ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муфлисшавӣ», ба мисли:

1. услуби ҳисоби зарибҳо дар асоси замимаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низомномаҳои методӣ оид ба баҳодиҳии вазъи молиявии корхона ва дигар ҳуҷҷатҳои зарурӣ истифода карда мешаванд;

2. шакли моликияти соҳибкорон, моликиятҳо ва ҷамъиятҳо дар асосӣ шарти бунёдшавиашон, ҷамъиятҳои саҳомӣ бошад дар асоси таркиби саҳомони асосӣ ва ҳиссаи саҳмияи ба онҳо дахлдошта ташкил карда мешаванд;

3. ҷамъиятҳои саҳомии шакли кушода (ҶСК) ҳаҷми саҳмияҳои интишорёфтаи онҳоро ташкил медиҳанд;

4. ҳайати Шӯрои директорон ва маълумоти мухтасар дар бораи тарҷумаи ҳоли онҳо.

5. киҳо ҳаққи имзо кардан дар ҳуҷҷатҳои молиявиро доранд;

6. тақсимоти вазифаҳо дар байни ҳайати кормандони идораи корхона;

7. дастгирии лоиҳа аз тарафи маъмурият ё ин ки мақомоти давлатии маҳаллӣ ва ғ. ба ҳисоб гирифта мешаванд.

## Қисми 7. «Нақшаи молиявӣ»

(қисмати мазкур фасли ҷамъбастӣ ва муҳими нақшаи соҳибкорӣ буда, хароҷот ва ба амал татбиқ намудани лоиҳа, инчунин роҳҳои ҳисоби самаранокии ба нақша гирифташудаи он, то 5- саҳифаро дар бар мегирад)

Ҳангоми тартиб додани ин фасл соҳибкор бештар ба масъалаҳои молиявии корхона, роҳу усулҳои истифодаи онҳо ва манбаъҳои бадастоварӣ диққат медиҳад.

Дар ин бахш розигии бонкҳои тиҷоратӣ ва диғар қарздиҳандагон ҳангоми ба даст овардани ин маблағҳо, аз асноди тасдиқшудаи он ба нишондодҳои қарз, аз қабили мавҷуд будани кафолоти давлатӣ, мизони фоизҳо, муҳлат ва давраи баргардонии қарз ва инчунин талаботи иловагии дороиҳоро нишон додан зарур мебошад.

Дар фасли мазкур инчунин натиҷаи молиявии татбиқи лоиҳаи сармоягузорӣ (нақшаи фоида), тақсимоти маблағҳои фурӯше, ки аз ҳисоби фурӯши молҳо ба даст оварда шудаанд, ва инчунин ҳаҷми фоидаи соф дар 3-моҳаҳо ва умуман дар як сол нишон дода мешавад.

Муҳимтарин нишондиҳандаҳои муайянкунии самаранокии лоиҳаи сармоягузорӣ маълумотҳои нақшаи воридшавӣ ва пардохти маблағҳо нишон дода мешавад.

Нишондиҳандаҳои самаранокӣ ё худ самаранок истифода намудани лоиҳаи сармоягузорӣ аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин: ба мисли муҳлати рӯйпӯшкунии хароҷот, нақшаи безарарӣ ва самараи маблағҳои буҷетӣ баҳогузорӣ карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои дигари рӯйпӯш кардани хароҷот, ин вақти аз ибтидо татбиқ намудани лоиҳаи ҳамин нақшаи соҳибкорӣ, то он даврае, ки маблағҳои ғункардашудаи фоидаи соф дар якҷоягӣ бо маблағи бардошти истеҳлокӣ ва ҳаҷми хароҷоти маблағгузорӣ, фарқи онҳо ин натиҷаро бояд муайян карда тавонад.

Муҳлати рӯйпӯш намудани хароҷот дар асоси нишондиҳандаҳои оморӣ ҳисоб карда мешаванд.

Ҳаҷми хароҷоти сармоягузорӣ дар амалӣ гардонидани лоиҳа дар асоси нишондиҳандаҳо муайян карда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани лоиҳаи самаранокӣ нишондиҳандаи фоидаи соф, бардошти истеҳлокӣ танҳо ба татбиқи амалӣ лоиҳаи маблағгузорӣ ба назар гирифта мешавад.

Нишондиҳандаҳои воқеии фаъолияти корхона нуқтаи безарарӣ, ҳаҷми фурӯши маҳсулот ва ғ. инъикос карда мешаванд:

1. Нуқтаи безарарӣ - он ба ҳаҷми фурӯш аз ибтидои давраи истеҳсоли маҳсулот то гирифтани фоида таъсир мерасонад.

2. Ҳаҷми фурӯш ҳатман бо иқтидори лоиҳавии корхонаи бунёдшаванда муқоиса карда мешавад.

Нуқтаи безарарӣ - ин таносуби андозаи хароҷоти доимӣ ба фарқияти истеҳсол ва ҳаҷми хароҷоти тағйир-ёбанда нисбат ба ҳаҷми фурӯши маҳсулот ҳисоб карда мешавад.

Хароҷоти доимӣ ва тағйирёбанда доир ба ин масъала оварда мешавад.

Самараи буҷети лоиҳаи сармоягузорӣ ҳамчун маблағҳои бақияи ба буҷети ҷумҳуриявӣ воридшуда ва аз он пардохтнашуда барои амалияи ин лоиҳа тибқи нишондиҳандаҳои оморию муҳосибии ҷамъият ҳисоб карда мешавад.

Дар ҳисоби ин нишондиҳанда ҳаҷми дисконтикунонидашудаи ҳаҷми маблағҳои дохилшуда ва пардохтҳои он, аз рӯи солҳои татбиқи лоиҳа ба амал бароварда мешавад.

Даромади софи дисконтикунонидашуда ҳамчунин аз татбиқи амалии лоиҳа аз рӯи ҳаҷми маблағҳои дохилшавӣ ва пардохтшавандагии буҷет бо нархҳои соли аввали лоиҳа ҳисоб карда мешавад.

## ТАВЗЕҲОТ

## А

*Андоз* - пардохти ҳатмие мебошад, ки онро шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар асоси муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи кишвар ба буҷети умумидавлатӣ ва буҷетҳои маҳаллӣ ворид менамоянд.

*Андози аксиз* - изофаандоз, як навъи андози ғайримустақим аз фурӯши навъҳои алоҳидаи молҳои зераксизӣ (нӯшокиҳои беспирт ва спиртдор, маҳсулоти тамоку, гази моеъ, шина, автомобилҳои сабукрав ва ғ.) аст, ки пурра ба буҷети умумидавлатӣ ворид мегардад.

*Андозҳои мустақим* - пардохтҳои пулие мебошанд, ки бевосита мувофиқи меъёрҳои муқаррааргардида аз манбаи маблағи андозбандии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ маншаъ гирифта, ба буҷети давлат ворид карда мешаванд.

*Андозҳои ғайримустақим* - гурӯҳи дигари андозҳое мебошанд, ки на аз манбаи асосӣ, балки тавассути нарх ва тарифҳо муқаррар мешаванд. Ба ин гурӯҳи махсуси андоз, пеш аз ҳама навъи аксизҳо, андоз аз арзиши иловашуда ва ғ. мансубанд.

*Андоз аз даромад* - ин яке аз намудҳои асосии андози мустақим маҳсуб меёбад ва бо фоиз аз маблағи умумии даромадҳои пулии шахсони воқеӣ ва тарҳ кардани харочоти дар заминаи ҳуҷҷатҳои тасдиқшуда бо назардошти қонунгузории амалкунанда муайян мегардад.

*Андоз аз фоида* - ин намуди алоҳида ва эътирофшудаи андози мустақим буда, онро ҳамаи корхонаҳои ватанӣ ва хориҷии дар қаламрави Тоҷикистон фаъолиятдошта ҳамчун шахсони ҳуқуқӣ - андозсупорандагон ба буҷети умумидавлатӣ месупоранд.

*Андоз аз арзиши иловашуда* - намуди асосии андози гайримустақим ба ҳисоб меравад. Тавассути ин андоз як ҳиссаи муайяни арзиши иловашудае, ки дар тамоми марҳилаҳои истеҳсолу муомилоти молҳо, иҷрои корҳо ва хизматрасо-

ниҳо, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул меёбанд, ба қисмати даромади буҷети умумидавлатӣ пардохт мешавад.

***Андози иҷтимоӣ*** - намуди андози ҳатмӣ мебошад, ки барои мақсадҳои суғуртаи иҷтимоӣ аз ҷониби супорандагони андози иҷтимоӣ мувофиқи меъёрҳои муқаррар намудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз маблағи умумии музди меҳнат пардохта мешавад.

***Андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард*** - ҳамчун намуди алоҳида ҳамаи корхонаҳои резидентӣ ва хориҷие, ки ба таври доимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуланд, онро ба буҷети умумидавлатӣ месупоранд.

***Андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия*** – навъи пардохти ҳатмӣ буда, ба буҷети умумиҷумҳуриявӣ равона карда мешавад. Дар асоси Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андоз аз фурӯши нахи пахта ва алюминийи аввалия шахсони ҳуқуқӣ ва воқеие мебошанд, ки ин молҳои истеҳсолшударо ба бозорҳои дохилӣ ва берунӣ таҳвил медиҳанд. Меъёрҳои андоз аз фурӯш барои ҳисоби маблағи андоз бо фоиз нисбати арзиши биржавии андозбандишаванда барои нахи пахта 10 фоиз ва барои алюминийи аввалия 3 фоиз муайян карда шудааст.

***Андоз аз воситаҳои нақлиёт*** - як намуди андози ҳатмӣ буда, пурра ба буҷетҳои маҳаллӣ ворид мегардад. Супорандагони ин намуди андоз соҳибони воситаҳои нақлиёт мебошанд, ки дар идораҳои бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд.

***Андозҳо аз молу мулки ғайриманқул*** (хонаҳои истиқоматӣ, ҳуҷраҳо, бустонсаройҳо ва дигар намудҳои иморату иншоот) - навъи андозҳое, ки ба буҷети маҳаллӣ ворид мешаванд. Супорандагони ин намуди андоз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, яъне моликон ва истифодабарандагони молу мулки ғайриманқул мебошанд.

***Аккредитив*** - маънои эътиборнома дорад, ки тарзи бо аккредитив ҳисоббаробаркунии хариду фурӯши молро

мефаҳмонад. Ин тарзи ҳисобу китоб дар муносибатҳои тиҷорати хориҷии корхона бо ширкату фирмаҳо тавассути фаъолияти бонкҳо амалӣ карда мешавад.

***Аксепт, пазира:*** 1. қабули шарти аҳднома; 2. накдпардохт; тарзи бо пули накд баробар кардани ҳисобу китоб байни корхонаву ташкилотҳо; 3. розигӣ барои додани пул дар асоси ҳуҷҷат.

***Амортизатсия - истеҳлок***: 1. фарсудашавии таҷҳизот, мошинҳо, воситаҳои нақлиётӣ, биною иншоот ва дигар намудҳои воситаҳои меҳнат дар натиҷаи истифодабарии дуру дароз, бо таъсири омилҳои табиӣ - барфу борон, инчунин фарсудашавии маънавӣ; 2. сатҳи фарсудашавӣ аз рӯи меъёри муқарраршуда ба арзиши аслии маҳсулот дар як давраи муайян (моҳҳо ва сол) дохил карда мешавад.

***Арзиши аслии маҳсулот*** - ифодаи пулии сарфи ҷории ресурсҳои моддӣ, меҳнатӣ ва молиявии корхона барои истеҳсолу фурӯши маҳсулот ва заминаи ташаккулёбии нархи мол мебошад.

***Арзиши аслии сехӣ*** - харҷи ҷорӣ дар ҳудуди зерсохтори корхона (сехҳо) барои истеҳсоли ин ё он навъи маҳсулот дар як давраи муайян аст.

***Арзиши аслии умумиистеҳсолӣ*** - нишондиҳандаи иқтисодиест, ки арзиши аслии сехӣ ва сарфи маблағҳои умумихоҷагиро дар бар мегирад.

***Арзиши аслии пурра (тиҷоратӣ)-и маҳсулоти корхона*** - ҳосили ҷамъи арзиши аслии умумиистеҳсолӣ ва харҷҳои ғайриистеҳсолӣ мебошад, ки заминаи асосии сатҳи нархи яклухти шартномавии корхонаро ташкил медиҳад.

***Арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ***-маблағи воситаҳои асосӣ дар лаҳзаи баҳисобгирии муҳосибӣ ё истифодадиҳӣ ба истеҳсолот дар асоси нархи шартномавии харид ва пардохти арзиши ҳақиқии он ба таҳвилгарон аст. Ба бузургии ин нишондиҳанда инчунин маблаги тавассути нақлиёт кашонида овардан ва насб кардани воситаҳои асосии истеҳсолӣ дохил мешавад.

***Арзиши барқарории воситаҳои асосӣ*** – маблағи тағйирёфтаи воситаҳои асосӣ маҳсуб меёбад, ки дар натиҷаи баланд

шудани ҳосилнокии меҳнат ва паст шудани арзиши аслии маҳсулот нархи намудҳои алоҳидаи воситаҳои асосӣ дигар мешавад. Аз ин рӯ, аз сари нав баҳо додан ба арзиши воситаҳои асосӣ дар шароити нави иқтисодӣ ба миён меояд.

***Арзиши бақиявии воситаҳои асосӣ*** - маблағи ҳақиқии онҳоро инъикос менамояд, яъне аз арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ маблағи фарсудашавии воситаҳои асосӣ тарҳ карда мешавад.

***Аҳди фючерсӣ, аҳди пешхарид*** - амали дар оянда бо мол таъмин намудани харидорон. Аҳду паймонест, ки тибқи он дар биржаҳои молиявӣ ва молӣ ба хотири пардохти маблағи дар аҳднома зикршуда, танҳо пас аз бастани он ва бо назардошти нархҳои фючерсӣ дар давраи оянда истифода мегардад.

**Б**

***Баланс - тавозун, тарознома, мувозина*** - ҷамъбасти маблағҳои даромаду харҷ, масалан, тавозуни муҳосибӣ; тавозуни молияи корхона; тавозуни даромад ва харҷи пули аҳолӣ ва ғ.

***Бақайдгирии давлатӣ***-амали мақомоти ваколатдори давлатӣ дар хусуси ба расмият даровардани воқеияти ҳуқуқии таъсисёбӣ, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ ба сифати соҳибкорони инфиродӣ ва қатъ намудани фаъолияти онҳо мебошад.

***Бардошти истеҳлокӣ*** - ифодаи пулии фарсудашавии воситаҳои асосиро мефаҳмонад ва ба арзиши аслии маҳсулот ворид мешавад.

***Барномаи истеҳсолӣ*** – муайян кардани ҳаҷми умумӣ ва таркиби истеҳсоли маҳсулот барои давраи оянда (сол, аз ҷумла семоҳа ва моҳ) бо ҳисоби амиқи иқтидори истеҳсолии корхона.

***Бизнес-нақшаи корхона*** – як тарзу роҳи таҳияи самтҳои афзалиятдори фаъолияти соҳибкории корхона барои давраи оянда мебошад, ки аз бобу нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, ба монанди муқаддима, омӯзиш ва пешгӯии вазъи бозори маҳсулот, нақшаҳои истеҳсоли маҳсулот, арзиши аслии маҳсулот, молияи корхона, хавфу хатарҳо, стратегияи маблағгузорӣ ва дигар бахшҳои муҳим иборат аст.

***Биржа*** – як навъи ташкилоти тиҷоратӣ мебошад, ки ба хариду фурӯши яклухти ашёи хом ва маҳсулоти тайёр махсус гардонида шудааст. Биржаҳо ду навъ мешаванд: умумӣ ва махсус гардонидашуда.

***Боздеҳи фондҳо*** – яке аз нишондиҳандаҳои муҳими сатҳи самаранокии воситаҳои асосӣ, ки ҳамчун таносуби ҳаҷми фурӯши маҳсулоти саноатӣ бар арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ муқаррар карда мешавад.

***Бозор*** – муносибатҳои иқтисодие мебошад, ки ба ҷараёни озоди хариду фурӯши мол ва хизматҳо асос ёфта, арзаи мол, тақозои аҳолӣ, нарх, рақобати бозорӣ ва фоидаро дар бар мегирад.

***Бозори фурӯшанда*** – муносибати иқтисоди бозорӣ мебошад, ки дар он нақши асосиро фурӯшанда-истеҳсолгари мол иҷро менамояд. Фурӯшанда дар ин бозор ҳамеша кӯшиш мекунад, ки молро ба харидорон бо нархи ҳарчи гаронтар фурӯшад.

***Бозори харидор*** - муносибати иқтисоди бозорӣ мебошад, ки дар он мавқеи ҳалкунандаро харидорон ё истеъмолгарони молу хизматҳо мебозанд. Харидор дар ин бозор ҳамеша талош менамояд, ки молро аз фурӯшандагон бо нархи арзонтар харидорӣ кунад. Дар натиҷаи бо ҳамдигар мутобиқ шудани аҳду паймон дар байни фурӯшандаи мол ва харидори он як нархи озоди бозорӣ пайдо мешавад.

***Бозтамвил (рефинансирование)*** – нишондиҳандаи махсуси бонкӣ мебошад, ки муносибати мутақобилаи бонки марказиро бо бонкҳои тиҷоратӣ танзим мекунад. Сатҳи ин нишондиҳанда бо ҳисоби фоиз аҳамияти воқеӣ дорад.

***Боҷу хироҷи гумрукӣ*** – намуди ҳатмии андоз маҳсуб меёбад, ки дар ҳолати аз хориҷи кишвар ворид шудани молҳо ба қаламрави мамлакати дигар ба манфиати буҷети умумидавлатӣ аз ҷониби хадамоти гумрук ва сохторҳои минтақавии он ситонида мешавад.

## В

***Вакансия*** – номгӯи вазифаҳои касбие, ки дар ҷадвали мансабҳои корхона барои як сол тасдиқ шуданд, вале бо

сабабҳои гуногун, хусусан набудани корманди муносиб ва тахассусдор муваккатан озод мондааст.

***Воситаҳои асосии корхона*** – ифодаи пулии воситаҳои меҳнати дар корхона истифода шуда, ки дар раванди бемайлони силсилаи истеҳсолӣ муддати аз як сол зиёд иштирок намуда, як қисми арзиши худро тавассути механизми бардошти истеҳлокӣ давра ба давра ба арзиши аслии маҳсулот мегузаронанд ва бо ин васила ба ташаккулёбии нархи маҳсулоти тавлидшуда саҳми худро мегузоранд.

***Воситаҳои гардони корхона*** – маҷмӯи воситаҳои пулии корхона барои ташаккулёбӣ ва рушди хоҷагии корхона истифода шуда, дар як сикли истеҳсолӣ иштирок мекунанд ва шакли худро аз пул бо мол ва баръакси он иваз мекунанд.

***Воситаҳои қарзӣ*** – қарзҳои кӯтоҳмуддат (то 1 сол), миёнамуддат (аз 1 то 5 сол) ва дарозмуддат (аз 5 сол зиёд), ки бонкҳои тиҷоратӣ ба корхонаҳои истеҳсолӣ бо риояи қатъии шарту қоидаҳои махсус (пулакӣ будани қарз, истифодаи мақсаднок, саривақтӣ баргардонидани қарз ва ғ.) пешкаш менамоянд.

***Воситаҳои худи корхона***-маҷмӯи дороиҳои гардон мебошанд, ки пешрафти фаъолияти пай дар пайи корхонаро таъмин мекунанд. Сарчашмаи ташаккулёбӣ ва рушди онҳо аз ҳисоби сармояи оинномавӣ, фоида ва дигар маблағҳои ба онҳо баробаркардашуда (ҳадди ақали қарз доир ба музди меҳнат, хароҷоти давраҳои оянда ва ғ.).

## Г

***Гирдгардиши воситаҳои гардон*** – вақти муомилот мебошад, ки бо ду нишондиҳандаҳои асосӣ – гирдгардиши мол бо ҳисоби рӯз ва маротиба ҳисоб карда мешавад. Нишондиҳандаи мазкур ва тағйирёбии мусбати онҳо далели самаранок истифода бурдани воситаҳои гардони корхона ё шарти таъмини фаъолнокии соҳибкорӣ аст.

## Д

***Даромади дисконтикунонидашудаи соф*** – нишондиҳандаест, ки дар шароити муосир бо истифода аз он самаранокии

истифодаи маблағгузориро бо назардошти омили вақт ҳисоб мекунанд. Вожаи *англ. дисконт* – тахфиф карданро дорад. Ниг. ба истилоҳи ***дисконтикунонӣ.***

***Дебитор*** - қарздори корхонае, ки маблағҳои корхонаро бо ҳар гуна сабабҳои объективӣ ва субъективӣ ба муддати то як сол ва аз он зиёд истифода мебаранд, вале онҳоро ба суратҳисоби корхона барнамегардонанд. Мақсади ин ибора он аст, ки қарзҳои дебиторӣ бояд саривақтӣ ва пурра ба соҳиби аслиаш баргардонида шаванд ва муҳосиботи корхона бо иштироки ҳуқуқшинос ин амалиёти молиявӣ-муҳосибӣ зери назорати қатъӣ гиранд.

***Девалватсия - бекурбшавии арзи миллӣ*** - бо сабаби паст гардидани қурби тиллоии воҳиди арз ва коҳиш ёфтани пули коғазӣ иборат аст.

***Декларатсия - эъломия, изҳорнома, изҳорот, баёнот***: 1. баёноти расмӣ оид ба амалиёт; 2. баёноти расмӣ, ки кулли даромадҳои пулии шахсони воқеиро тасдиқ менамояд; 3. эъломияи расмӣ, ки дар вақти аз сарҳади мамлакат гузаштани молу пул, онро пур карда, ба намояндаҳои мақомоти гумрук месупуранд.

***Депозит - супурда, амонат, сармояи ба ихтиёри бонк буда:*** 1. пул ё коғазҳои қиматбаҳо, ки барои ба қарздиҳанда додан ё нигоҳ доштан ба муассисаҳои қарзӣ супурда мешаванд; 2. як тарзи муваққатан нигоҳ доштани пули шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар бонкҳо, ки ба соҳиби пул дар шакли фоиз даромади иловагӣ меорад; 3. ҷузъи таркибии авуарҳо буда, маблаги пасандози аҳолӣ, корхонаю ташкилотҳоро дар ин ё он бонк нишон медиҳад.

***Дефитсит*** - каср, камбуд, камёфт, камчинӣ, танқисӣ, зиёд будани маблағи хароҷот нисбат ба ҳаҷми даромад, нарасидани мол ё пул дар иқтисод.

***Дефлятсия:*** 1. паст шудани сатҳи умумии нарх дар иқтисоди миллии кишвар, ки бо роҳи кам кардани миқдори пули коғазӣ бо мақсади баланд бардоштани қурби он амалӣ карда мешавад; 2. усули устуворсозии муомилоти пул бо роҳи аз муомилот гирифтани пулҳои коғазии барзиёд.

***Диверсификатсия*, *афзоиши анвоъ, воридгарӣ ба соҳаи ғайр*** - васеъ намудани соҳаи фаъолият дар бозори молҳои нав, ки ба истеҳсолоти асосӣ алоқамандӣ надорад.

***Дивиденд*** - *ҳаққи саҳм, суди саҳмия, суди саҳом:* 1. фоидаи саҳмдорон, ки мувофиқи сармояи худ аз ширкат мегиранд ё як ҳиссаи фоидаи корхона, ки дар байни саҳмдорон ҳамчун фоиз ба арзиши саҳмия илова мегардад; 2. як ҳиссаи фоидае, ки дар байни саҳмдорон дар охири сол тақсим мегардад.

***Дисконт – тахфиф:*** 1. қайду ҳисоби вексел; 2. фоизе, ки дар вақти қайди вексел нигоҳ дошта мешавад; 3. фоизи ҳисоби бонкӣ, ки аз амалиёти векселӣ ба даст омадааст; 4.фарқи байни нархи ҳадди ақали коғазҳои қиматнок ва қурби биржавӣ.

***Дисконткунонӣ*** - маънии онро дорад, ки бо назардошти таъсири омили вақт арзиши пули давраи ҳозира аз андозаи пули давраи оянда зиёд буда, онро ба як вақти ибтидоӣ (заминавӣ) ҳисоб кардан хеле муҳим аст.

***Дистрибутер, миёнарав*** - шахси мустақиле, ки нақши миёнаравиро дар савдои яклухти мол ба уҳда дорад.

***Дистрибютор, миёнарав*** - миёнарави мустақилест, ки дар бурда расонидани молу хизматҳо, аз истеҳсолкунандагон то ба истеъмолгарон махсус гардонидашудааст.

***Дотатсия - кумакхарҷӣ, кумакхазина, тарзи бебозгашт додани пул аз буҷет, кумаки хазина*** - аз тарафи давлат ба ягон идора, муассиса ё ташкилот ҳамчун пули бебозгашт ҷудо кардан; кумаки бебозгашт; кумаки молиявии беподош; мусоида.

## З

***Зариби боздеҳи воситаҳои асосӣ*** =Ҳаҷми истеҳсол (фурӯш)-и маҳсулот, ҳисобот, сомонӣ : Арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

***Зариби фоиданокии воситаҳои асосӣ*** = Маблағи фоидаи соф, ҳисобот, сомонӣ : Арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

***Зариби гунҷоиши воситаҳои асосӣ*** = Арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ : Ҳаҷми истеҳсол (фурӯш)-и маҳсулот, ҳисобот, сомонӣ.

***Зариби мусаллаҳнокии меҳнат бо воситаҳои асосӣ*** = Маблағи миёнасолонаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ : Шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар.

***Зариби мусаллаҳнокии техникии меҳнат*** = Арзиши миёнасолонаи таҷҳизоти истеҳсолӣ, сомонӣ : Шумораи миёнасолонаи кормандон, нафар.

***Зариби навшавӣ*** = Арзиши воситаҳои асосии воридшуда дар давоми сол, сомонӣ : Арзиши воситаҳои асосӣ дар охири сол, сомонӣ.

***Зариби хориҷшавӣ*** = Арзиши хориҷшудаи воситаҳои асосӣ дар як сол, сомонӣ : Арзиши воситаҳои асосӣ дар сол, сомонӣ.

***Зариби афзоиши воситаҳои асосӣ*** = [(Арзиши воридшудаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ – Арзиши хориҷшудаи воситаҳои асосӣ, сомонӣ) : Арзиши тавозунии воситаҳои асосӣ дар аввали сол, сомонӣ].

***Зариби истеҳлок (фарсудашавӣ)*** = Маблағи истеҳлоки воситаҳои асосӣ, сол, сомонӣ : Арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

***Зариби коршоямӣ*** = Арзиши бақиявии воситаҳои асосӣ, сомонӣ : Арзиши ибтидоии воситаҳои асосӣ, сомонӣ.

***Зариби бастнокии истифодаи таҷҳизот*** *(аз рӯи намудҳои он)* = Вақти кори таҷҳизот дар як шабонарӯз ё рӯзи пурраи корӣ (ҳамаи се баст), соат : Вақти кори таҷҳизот бо миқдори аз ҳама зиёди корӣ бо ҳисоби дастгоҳ – соат.

***Зариби гирдгардиш*** *(миқдори гардиш)* бо роҳи тақсим намудани арзиши маҳсулоти фурӯш мувофиқи нархҳои амалкунандаи яклухт дар давраҳои муайян нисбат ба бақияи миёнаи воситаҳои гардони ҳамин давра ҳисоб карда мешавад.

***Зариби истеҳсоли пурра*** – ин нишондиҳанда баръакси зариби гирдгардишро ифода менамояд.

***Зариби мухторияти молиявӣ*** *(новобастагӣ аз воситаҳои қарзӣ)* – таносуби арзиши сармояи худи корхона бар маҷмӯи маблағҳои умумии тавозун мебошад.

***Зариби вобастагии молиявӣ*** - таносуби арзиши сармояи қарзӣ бар маҷмӯи маблағҳои умумии тавозун.

***Зариби устувории молиявӣ*** – таносуби арзиши воситаҳои худӣ ва воситаҳои қарзии дарозмуддат бар маҷмӯи маблағҳои умумии муҳосибӣ мебошад.

***Зариби бо пул таъмин намудан*** – таносуби арзиши сармояи худӣ бар маблаги сармояи худӣ аст.

***Зариби левереҷи молиявӣ*** – ин таносуби сармояи қарзӣ бар сармояи худӣ аст.

***Зариби таъмин будан бо воситаҳои худӣ*** – таносуби маҷмӯи сармояи худӣ – тарҳи бузургии дороиҳои фаъоли ғайригардон бар арзиши дороиҳои гардони корхона дар давраи ҳисоботӣ.

***Зариби ликвиднокии ҷорӣ*** - таносуби маблағи воқеии воситаҳои гардони корхона бар арзиши уҳдадориҳои фаврӣ.

***Зариби зудликвиднокӣ*** *(зудбадалшавандагии дороиҳо)* – таносуби воситаҳои пулӣ, когазҳои қиматнок ва қарзҳои дебиторӣ (боби II активи тавозун) нисбат бар арзиши уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат (боби V пассиви тавозун) мебошад. Ин нишондиҳанда маънои онро дорад, ки кадом қисми уҳдадориҳои ҷорӣ метавонанд на танҳо аз ҳисоби пули нақд, балки тариқи вориди интизории арзиши маҳсулоти равонкардашуда ва иҷрои корҳо ё хизматҳо амалӣ ғарданд.

***Зариби ликвиднокии мутлақ*** - таносуби маблағи воситаҳои пулӣ ва коғазҳои қиматноки зуд ба фурӯшраванда (боби II активи тавозун) бар қарзҳои кӯтоҳмуддат (ҷамъи боби V пасиви тавозун – сатри 640, сатри 650 ва сатри 660) аст. Меъёри муътадили ин зариб – 0,2 –ро ташкил медиҳад.

***Зариби боздеҳи воситаҳои гардон***: $З_{б.в.г}$ = (Маблағи фурӯши молҳо : Бақияи арзиши миёнасолонаи воситаҳои гардон).

***Зариби фоиданокии воситаҳои гардон:*** **а)** $З_{ф.в.г}$ = (Фоидаи соф : Бақияи арзиши миёнасолонаи воситаҳои гардон); б) **Зариби фоиданокии воситаҳои гардони худӣ**: $З_{ф.в.г.х}$ = (Фоидаи соф : Арзиши воситаҳои ғардони худӣ)

# И

***Иқтидори истеҳсолии корхона*** – ин ҳадди аксари имконпазири истеҳсоли маҳсулот дар як воҳиди вақт мебошад, ки бо ченаки миқдорӣ дар нақшаи истеҳсоли номгӯи мушаххаси маҳсулот зикр шудааст.

***Имтиёзи андоз*** - қисман ё худ пурра озод намудан аз супоридани андоз, тамдиди муҳлати пардохти андоз мутобиқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

***Индексатсияи даромадҳо*** – намоябандии даромад, ба сатҳи нави нархҳо мувофиқ гардонидани даромади аҳолӣ.

***Индуксия - қиёс*** - тартиби фикррониӣ аз кулл ба ҷузъ; ё усули аз кулл ба ҷузъ гузаштан.

***Инкассо - интиқоли пул:*** 1. гирифтани пул аз рӯи ҳуҷҷат; 2. амалиёти ҳисоби бонкӣ, ки бо супориши муштариёни бонк пулро аз қарздорон гирифта, дар асоси ҳуҷҷатҳо ба ҳисобҳои шахсони дорои ҳуқуқӣ ё воқеӣ мегузаронанд.

***Инкотермс*** *(англ. Incoterms, International commerce terms)* – қоидаҳои байналмилалӣ дар шакли лугати мухтасар барои маънидод намудани истилоҳоти махсуси савдои берунӣ, пеш аз ҳама, нисбати франко-ҷойи гузашти масъулият аз фурӯшанда ба харидор мебошад. Истилоҳоти байналмилалии савдо ифодаи стандартии шарти қарордодҳои хариду фурӯш аст, ки қаблан дар ҳуҷҷатҳои байналхалқӣ эътироф гардидааст.

***Инноватсия*** - навоварӣ, сармоягузорӣ дар асоси ихтироъу патент, татбиқи амалии техника ва технологияи навтарин, корҳои илмию тадқиқотии инноватсионӣ. Сиёсати навоварона аз андешаю ғояҳои нав сар карда, то татбиқи бевоситаи он дар истеҳсолот бояд пайгирона анҷом ёбад.

***Инноватсия*** (*анг. innovation*) – 1. фаъолияте мебошад, ки ба коркард, сохтан ва паҳн кардани намудҳои нави истеҳсолот, технологияҳо, шаклҳои ташкилӣ равона карда шудааст.

***Интенсификатсия****-шиддатафзоӣ, баҳраафзоӣ* - самти таъмини самарабахши иқтисод бо роҳи истифодаи дурусти шиддатнокии маҷмӯи кулли ресурсҳои хоҷагӣ, тавассути суръатафзоии пешрафти илмӣ-техникӣ, баланд бардоштани

ҳосилнокии меҳнат, суръатбахшӣ ба раванди ислоҳоти иқтисодӣ, такмили идоракунӣ ва ғ. ба даст меояд. Ин роҳ аз назари иқтисодӣ камхарҷ мебошад.

***Инфлятсия – таваррум, таварруми пул, беқурбшавии пул*** - дар натиҷаи аз ҳад зиёд баровардани пули коғазӣ; афзоиши сатҳи умумии (миёнаи) нархҳо дар иқтисоди миллӣ.

***Инфраструктура*** - *зерсохтор, зербино*; *сохторҳои ёридиҳандаи иқтисоди бозорӣ;* маҷмӯи соҳаҳои ёрирасони иктисод, ки ба истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ, соҳаҳои наклиёт, алоқа, савдо ва ғ. ҷудо мешаванд.

***Ислоҳоти иқтисодӣ*** – раванди гузаштани низоми иқтисодии беҳад марказонидашуда ба низоми иқтисоди бозорӣ, амалисозии чораю тадбирҳои комилан ҷиддиро талаб менамояд.

***Истеҳлоки воситаҳои асосӣ*** - ин раванди табдилдиҳии арзиши пешпардохтшудаи ҳама намуди воситаҳои меҳнат ба арзиши маҳсулот бо мақсади пурра барқарор намудани онҳо бояд фаҳмида шавад.

***Истеҳсолоти нотамом*** – ин маҳсулоти ба итмом нарасидаи истеҳсолиест, ки аз ҷониби шуъбаи назорати техникӣ қабул нашуда ва ба анбор насупорида шудааст.

***Ихтисос*** - ин як намуди фаъолияти зарури касбӣ дар доираи ҳамин касбу пеша мебошад, ки аз кормандон донишҳои устувор, ҳамаҷониба ва малакаҳои дар амал татбиқ намудани онҳоро тақозо менамояд.

***Иҷора, кироя, рента:*** 1. вожаи иқтисодӣ; 2. даромади муайяни сармоя, амвол, қитъаи замин, ки фаъолияти соҳибкориро талаб намекунад; 3. воми бемуҳлати давлатӣ дар мамлакатҳои мутараққӣ, ки соҳиби он даромади доимӣ дорад.

## К

***Картел*** - иттиҳодияи сармоядорони калони саноатӣ ё иттиҳодияи якчанд корхонаи якхела, ки бо мақсади ба худ тобеъ кардани бозор ва бисёртар гирифтани фоида аз рақобати байни ҳамдигар даст мекашанд.

***Касбу ҳунар*** ё ***пеша*** - ин маҷмӯи махсуси донишҳои назариявӣ ва малакаҳои амалӣ буда, аз худ кардан ва донистани

хусусиятҳои хос ва нозуки онҳо барои иҷрои намудҳои мушаххаси кор дар ин ё он соҳаи иқтисод бениҳоят аҳамияти махсус доранд.

***Касри тавозун***: 1. ҷамъбасте, ки дар он маблағи харҷ аз ҳаҷми дахл зиёд аст; 2. бештар ин амалиёт хоси тавозуни молиявии баъзе корхонаҳо аст.

***Квота*** - ҳисса, саҳм, меъёри ҳудуддор: 1. вазни қиёсӣ дар истеҳсол, фурӯш, содирот ё воридоти мол ба иштирокдорони алоҳидаи бозор; 2. маҳдудият дар фурӯхтани ин ё он навъи маҳсулот бо роҳи содирот, ки онро идораҳои давлатӣ муайян менамоянд.

***Консигнатсия***-амонатфиристӣ, ирсоли амонатӣ - супориши як ҷониб (ширкат) барои фурӯхтани мол ба ҷониби дигар (корхона) аз номи ширкати соҳиби мол ба шарту қоидаҳои муайян, ки дар шартнома зикр шудааст.

***Консортсиум*** – иттиҳод: 1. иттиҳоди якчанд бонк ва соҳибони бонк барои ба ҷо овардани ягон нақша ё тадбири молиявӣ; 2. як шакли ташкилии муваққатан муттаҳид гаштани бонкҳо ё корхонаҳои саноатӣ бо мақсади маблағгузории якҷоя, амалӣ гардонидани чораҳои калони молиявию тиҷоратӣ.

***Консерн***-иттиҳод - иттиҳоди мустақилонаю озоди корхонаҳои соҳаҳои мухталиф, ки тавассути тадқиқотҳои муштараки низоми шарикӣ, созишномаҳои литсензионию патентӣ дар пайвастагӣ бо ҳамкориҳои истеҳсолӣ, фаҳмида мешавад.

***Кооперативонӣ(ҳамкорӣ)***-ин робитаи тавлидотии корхона, коргоҳ, бахшҳо буда, дар истеҳсоли маҳсулот, ҳамкории бевоситаи муштаракона доштаро меноманд.

***Кооператсия:*** 1. ҳамкорӣ дар истеҳсолот ва ғ.; 2. ширкат.

***Кооперативи истеҳсолӣ*** - корхонаи тиҷоратие мебошад, ки дорои мақоми шахси ҳуқуқӣ буда, иттиҳодияи ихтиёрии шаҳрвандонро барои иҷрои кори якҷояи судманд ташкил дода, мақсаду маромаш ба амал баровардани фаъолияти муштараки истеҳсолӣ (бо роҳи муттаҳид намудани моликият ва кӯшиши тарафҳо) ё худ ягон навъи дигари хоҷагидорӣ (истеҳсол, коркард, фурӯши маҳсулоти саноатӣ,

кишоварзӣ ва маҳсулоти дигар, иҷрои корҳо, савдо, хизматрасонии маишӣ, хизматрасониҳои дигар) мебошад.

***Кормандони корхона*** - ифодакунандаи ресурси меҳнатӣ буда, ҳамзамон истифодаи пурсамари онҳо яке аз омилҳои поягии таъсиргузор ба фаъолияти самарабахши корхона маҳсуб мешаванд.

***Корхона*** - объекти мустақили хоҷагидорӣ, ки дорои салоҳияти шахси ҳуқуқӣ мебошад, бо тартиби созмондиҳии қонунгузории амалкунанда муайян гардида, барои истеҳсоли маҳсулот, иҷрои кору хизматҳо, бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи бозор ва ба даст овардани фоида фаъолият менамояд.

***Корхонаи воҳиди давлатӣ*** - чунин корхонаеро меноманд, ки маҳз бо қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ ташкил карда мешавад.

***Корхонаи воҳиди маҳаллӣ*** – чунин корхонае аст, ки танҳо бо қарори ҳокимияти давлатии маҳаллӣ таъсис меёбад.

***Кредит 1*** - ҳисоби дахлу харҷ: 1. барои ҳисобҳои фаъол (актив) ин нишондиҳанда дар тарафи рости амалиёти муҳосибӣ, ки қарзҳо ва хароҷот навишта мешаванд, ба ҳисоб гирифта мешавад; 2. барои ҳисобҳои ғайрифаъол (пассив) ин амалиёти баръакс афзоиши воситаҳоро ба ҳисоб мегирад.

***Кредит 2*** - қарз, насия - аз тарафи бонк ба муҳлати муайян бо роҳи қарз додани пул ба аҳолӣ ва корхонаҳо, бо мақсади аз ин амалиёт ба даст овардани даромад дар шакли як андозаи муайяни фоиз.

## Қ

Қарз-маблағҳои пулие, ки қарздиҳанда ба як муҳлати муайян бо шарти баргардонидани он бо фоиз ба муштариёнаш медиҳад.

## Л

***Ликвиднокӣ*** – дороиҳое, ки дар муҳлати муайян (зуд ё дертар) ба пул бадал мешаванд.

## М

***Маркетинг*** – бозорёбӣ – илмест, ки вазъи бозорро аз рӯи консепсияҳои рушди истеҳсоли маҳсулот, тақозои аҳолӣ ва омилҳои он, нарх, савдо ва дигар тарзу усулҳои ба назария ва амалияи ба худ хос меомӯзад, таҳқиқ мекунад, пешгӯӣ мекунад. Тибқи назарияи маркетинг дар маркази диққат аввалтар аз истеъмолгарон, тақозою дархости онҳо ба мол ва хизмат меистад.

***Маркетолог*** - бозоршинос, бозордон - мутахассисе, ки талаботро дар бозор омӯхта, вазъи онро таҳлил ва пешгӯӣ менамояд.

***Махсусгардонӣ*** - ин дар сатҳи корхона ва бахшҳои ҷудогона ва махсусгардонии тавлидоти маҳсулоти якхела, якнавохт ё иҷрои давраҳои алоҳидаи равандҳои технологиро меноманд. Рушди махсусгардонии истеҳсоли маҳсулот ба баланд шудани ҳосилнокии меҳнат боис мешавад.

***Махсусгардонии предметӣ*** – ин истеҳсоли номгӯи муайяни маҳсулоти тайёр: мотосикл, велосипед, автомобилҳо ва ғ. дар сатҳи корхонаҳо дар назар дошта шудааст.

***Махсусгардонии қисмҳои эҳтиётӣ*** – як ҷузъи таркибии махсусгардонии предметӣ буда, ба истеҳсоли қисмҳои эҳтиётии ҷудогона: муҳарик, очор, мурват, ҳалқаҳои флузотию пластмассӣ, чархҳо, маводи ғизоӣ ва ғайриғизоӣ мебошанд.

***Маҳсулоти молӣ*** – он маҷмӯи маҳсулоте, ки дар корхона истеҳсол шуда, барои фурӯш пешкаш шудааст ва ҳамчунин нишондиҳандаи асосии нақшаи истеҳсол ба шумор рафта, заминаи муфиди ҳисобу китоби маҳсулоти умумӣ ва фурӯш хизмат менамояд. Арзиши маҳсулоти молӣ арзиши ҳамон қисми маҳсулоти истеҳсолнамудаи корхона, ки бевосита барои фурӯш дар назар дошта шудааст, ба ҳисоб меравад.

***Менеҷер*** - мутаҳассиси соҳаи идора ё мудирият дар иқтисоди бозорӣ; мутахассиси соҳибкасб дар бахши менеҷмент, ки бештар бо тамоми кормандони корхонаҳо фаъолияти густурда дорад.

***Менеҷери соҳибкор*** - идоракунандаи касбӣ дар соҳаи истеҳсолот ва фурӯши молу хизматҳо.

***Менеҷмент*** - шарт ва усулҳои пешқадами идоракунии замонавии истеҳсолот, илми муосир, фанни таълимӣ; мудирият.

***Метод*** - усул, равиш, роҳу равиш ё тарзу усули идрокӣ ё азхудкунии амалӣ ё назари воқеият.

***Меҳнатталабии маҳсулот*** – нишондиҳандаи иқтисодиест, ки бо роҳи тақсим кардани кулли вақти барои истеҳсоли маҳсулот сарфшуда бар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ёфта мешавад.

***Меъёри вақт*** - ҳамон миқдори вақти корӣ маҳсуб меёбад, ки дар асл барои истеҳсоли як воҳиди маҳсулот ё иҷрои ҳаҷми кор дар шароити мушаххаси ташкилӣ-техникӣ зарур мебошад.

***Миссия*** – ин ҳадафи олӣ, фалсафаи стратегӣ - фаъолияти дарозмуддати корхона мебошад ва таҳияи асосноки он барои ҳар як корхона, сарфи назар аз шакли моликияташ, дар замони муосир бениҳоят зарур аст. Вай боз ҳадафу вазифаҳо ва дигар ҷузъиётҳои махсусро тақозо менамояд.

***Молия*** – ташаккулёбӣ, истифодабарӣ ва рушди воситаҳои пулӣ буда, барои таъмин кардани эҳтиёҷоти корхона сарф карда мешавад.

***Музди меҳнат*** - шакли ангезаи кор ё пардохти пул бар ивази миқдор ва сифати меҳнати сарфшуда буда, омили муҳими иҷтимоӣ мебошад. Ҳамзамон, як қисми даромади миллӣ аст, ки асосан дар шакли пул ва дар асоси шартномаи меҳнатӣ дар байни корхона (корфармо) ва корманд (иҷрокунанда) ба тасвиб расида, барои иҷрои кори мушаххас дар вақти муайян, масалан моҳ ва сол бо нишондоди риояи уҳдадориҳои тарафайн, ба корманд пардохта мешавад.

***Музди меҳнати вақтбайъ*** – ҳамчун намуди музди меҳнат бояд сарфи вақти кориро дуруст ба эътибор гирад, одатан барои ҳамон гурӯҳи кормандони корхона (роҳбарон, мутахассисон ва ғ.) метавонад истифода шавад, ки агар харҷи миқдори меҳнати онҳо бо ҳисоби меъёри вақт (рӯз ва соат) андоза гардад.

***Музди меҳнати корбайъ*** - намуди дигари музди меҳнат аст, ки кормандони корхонаро (коргарон ва ғ.) ба натиҷаи меҳнаташон хубтар ҳавасманд мегардонад. Дар асоси меъёри иҷрои кор ва нархномаи музди меҳнат ҳисоб карда мешавад.

***Музди меҳнати иловагӣ*** – маблаге, ки корманд ба ғайр аз моҳонааш, боз иловапулӣ дар шакли мукофот мегирад.

***Музди кори номиналӣ*** – маҷмӯи пулест, ки ба корманд бар ивази кори иҷрокардааш ҳисоб карда мешавад.

***Музди кори реалӣ*** – маблағест, ки корманд воқеан бо назардошти сатҳи ҷории нархи мол ва тарифҳо дар бозор дар даст дорад ва онро барои беҳдошти зиндагониаш сарф мекунад.

***Муҳити дохилии корхона*** – омилҳое, ки ба фаъолияти корхона таъсир мерасонанд ва мавқеи дохилихоҷагӣ доранд (технология, кормандон, иттилоот, истифодаи самарабахши воситаҳои асосӣ ва воситаҳои гардон), шомил кардан ба мақсад мувофиқ аст.

***Муҳлати хизмати воситаҳои асосӣ*** – одатан ҳар як намуди алоҳидаи воситаҳои асосӣ муҳлати хизмати муайян (сол) доранд.

***Муҳити берунии корхона*** - сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат дар марҳилаҳои алоҳидаи рушди кишвар, фаъолияту муносибати корхона бо идораю сохторҳои давлатии марказӣ ва ноҳиявию шаҳрӣ, таҳвилгарон, бонкҳо, истеъмолгарони молу маҳсулот, аҳолӣ, рақибон, сармоягузорон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва ғ.-ро дар бар мегирад.

***Муфлисшавӣ*** - шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии хориҷӣ барои қонеъ намудани талабҳои қарздиҳандагон аз рӯи уҳдадориҳои пулӣ ва иҷрои пардохтҳои ҳатми ба буҷет аз ҳисоби амволи онҳо воридшаванда қодир набуда, ҳисобида мешаванд.

## Н

***Навоварӣ*** – раванди азхудкунии техника ва технологияҳои нав, истифодаи усулҳои инноватсионии ташкил ва идоракунии истеҳсолот мебошад.

***Нақша*** – пояи онро пешгӯии асоснок ташкил менамояд, ки таъсири тағйирёбии омилҳоро барои давраи оянда дар бар мегирад

***Нақшагирӣ*** – раванди пай дар пайи таҳияи нақшаи рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии фаъолияти корхона мебошад ва ҷузъи муҳиму таркибии менеҷмент ба ҳисоб меравад.

***Нақшагирии кормандон*** - мақсади асосии нақшагирии кормандон аз муайян кардани талабот, шумораи умумӣ ва ҳайати кормандон барои давраи оянда мебошад.

***Нақшагирии стратегӣ***-тарҳрезии самту намудҳои афзалиятдори фаъолияти корхона, истифодаи самарабахши ресурсҳои иқтисодӣ бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин бо хароҷоти камтарин ва ҳамзамон бо назардошти истифодаи дастовардҳои илмӣ - техникӣ, тарзу услубҳои пешқадами илму амали иқтисодӣ асоснок карда шударо меноманд. Дар нақшагирии рушди стратегии корхона дар навбати аввал таҳлили вазъи корхона, муайян кардани миссия, мақсади фаъолияти корхона ва таҳияи нақшаи стратегӣ аҳамияти хосса пайдо мекунад.

***Нақшагирии ҷорӣ ё тактикӣ*** - дар корхона бо мақсади таҳия намудани нақшаи рушди фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоии корхона барои давраҳои кӯтоҳмуддат (то 1 сол) ва миёнамуддат (то 3 сол)-и оянда тартиб дода мешавад; намуди нақшагирӣ буда, барои давраи кӯтоҳмуддат ба роҳ монда мешавад.

***Нақшагирии фаврӣ*** - таҳия ва асосноккунии мушаххаси нақшаҳои стратегӣ ва ҷориро пешбинӣ менамояд ва он муддати нисбатан кӯтоҳтар (рӯз, ҳафта, моҳ, семоҳа, шашмоҳа ва нуҳмоҳа)-ро мефаҳмонад.

***Нақшагирии арзиши аслии маҳсулот*** – асоснок намудани маблағи мутлақ, нисбӣ ва таркиби хароҷот аз рӯи моддаҳои иқтисодӣ барои соли оянда мебошад. Иҷрои он таҳлили хароҷоти истеҳсолотро дар давраҳои гузашта, аз ҷумла дар соли гузашта талаб менамояд. Бо назардошти рушди иқтисодии корхона дар соли оянда нақшаи арзиши аслии маҳсулот бояд таҳия ва асоснок карда шавад.

***Нарх*** – ифодаи пулии арзиши мол нарх номида мешавад.

***Нархгузорӣ*** – амалиёти иқтисодие мебошад, ки ташаккулёбӣ ва асоснок намудани сатҳи нархи мол ва таркиби онро дар шароити таъсири омилҳои дохилӣ ва берунии корхона дар бар мегирад.

***Нархи яклухти корхона*** - агар ба бузургии пурраи арзиши аслии маҳсулот ва сатҳи фоидаи кифояи корхона инчунин маблаги андоз аз арзиши иловашударо ҷамъ намоем, он гоҳ нархи яклухти озоди корхонаи истеҳсолӣ ҳосил мешавад,

***Нархи яклухти саноатӣ*** - сатҳи нархи яклухти саноатӣ одатан ҳосили ҷамъи нархи яклухти корхона ва тахфифи савдои яклухт аст. Бо ин нарх мол ба корхонаю ташкилотҳои савди чакана ва хӯроки омма фурӯхта мешавад.

***Нархи чакана*** - шакли ниҳойи низоми нарх буда, молҳои истеъмолӣ тавассути он ба аҳолӣ фурӯхта мешаванд. Ин намуди нарх ҳосили ҷамъи нархи яклухти саноатӣ ва тахфифи савдо аст.

***Нархи озоди бозорӣ*** – нархест, ки дар шароити муносибатҳои бозорӣ бо назардошти вазъи воқеии бозор, арзаю тақозоро бе дахолати давлат муайян мекунанд.

***Нархи шартномавӣ*** – нархи нисбатан озод буда, тариқи шартномаи хоҷагӣ дар байни фурӯшанда ва харидор муайян карда мешавад.

***Низоми андозбандӣ*** - маҷмӯи муносибатҳои иқтисодӣ-молиявии дар Кодекси андоз пешбинишуда, тартиби андозгузорӣ ва пардохти андозҳо, инчунин сохтори ташкилии мақомоти андоз, шаклҳои ташкилӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ ва масъулиятро барои вайрон кардани қонунгузории андоз дар бар мегирад.

***Нишондиҳандаҳои иқтисодии корхона***-низоми нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбии иқтисодӣ буда, дар заминаи онҳо ба фаъолияти корхона дар як давраи мушаххас баҳо дода мешавад; раванди пешгӯӣ ва накшагирии рушди корхона амалӣ мегардад.

## О

***Объекти таҳлил***-фаъолияти корхона, натиҷаҳои иқтисодӣ-молиявӣ, иҷтимоӣ ва тагйирёбии онҳо зери таъсири омилҳои гуногун ба шумор меравад.

***Объектҳои андозситонӣ*** аз даромад, фоида, арзиши иловашудаи маҳсулот (кору хизматрасонӣ), истифодаи сарватҳои табиӣ, амвол, арзиши гумрукии молу маҳсулот ва дигар манбаъҳо, ки қонунгузории амалкунанда дар Тоҷикистон муайян намудааст, маҳсуб мешавад.

***Омор*** - илмест барои ташаккул ва таҳлилу таҳқиқи иттилооти миқдорӣ ва сифатии фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сару кор дорад.

***Омилҳо*** – сабабхое, ки ба нишондиҳандаи омӯхташаванда таъсир мерасонанд ва дар натиҷаи таҳлил баҳои миқдорӣ ва сифатӣ мегиранд.

***Оферта*** - мазмуну мундариҷаи ҳамаи шартҳои асосии амалиёти минбаъдаро дар бахши ҳисоббаробаркунӣ дар худ пурра таҷассум менамояд.

***Офертаи қатъӣ*** - пешниҳоди хаттӣ барои фурӯши миқдори муайяни мол, ки оферент ба харидор муқаррар намудааст, ба ҳисоб меравад, Дар он инчунин мухлат ва дигар амалҳо нишон дода мешавад.

***Офертаи озод*** - он пешниҳоди ҳамон андозаву ҳаҷми муайяншудаи номгӯи молҳо ба якчанд харидорони дорои имконияти заруридошта мебошад. Дар он, муҳлат ва ҷавоби хаттӣ ҷой дода намешавад.

## П

***Пакети назоратӣ*** - ин маҷмӯи арзиши сахмияҳоеанд, ки ҳуқуқи идоракунии ҷамъиятро медиҳад ва ҳар як пакети он ҳуқуқи як овозро дорад.

***Пассив*** – ғайрифаъол, асосан сарчашмаҳои асосии бо пул таъмин кардани дороиҳои корхонаро нишон медиҳад. Пассив аз воситаҳои худи корхона ва қарзи бонкҳо ташаккул меёбад.

***Патент*** - имтиёзнома, имтиёз - шаҳодатномае, ки ба соҳиби он ҳуқуқи ихтироъкор ва амалиёти навоваронаро таҳия ва асоснок мекунад.

***Пеня*** - ҷарима, ҷаримаи пулӣ - барои иҷро накардан ё риоя накардани нуқтаҳои созишномаи ба тасвиб расида, мебошад.

***Переотсенка*** – амалест, ки аз сари нав баҳо додан ба молу мулки корхонаро мефаҳмонад; нархгузории дубора ба арзиши молу хадамот бо сабаби тагйирёбии нарху тарифҳо, рух медиҳад.

***Преференсия***-бартарӣ, имтиёз, имтиёзи тиҷоратӣ-имтиёзҳо, сабукиҳое, ки аз рӯи қарордоди байни давлатҳо барои корбурди тиҷорати мутақобила дода мешаванд.

***Принсипи махсусгардонӣ***-раванди тайёр ва истеҳсол намудани номгӯи маҳдудиятноки маҳсулот ё иҷрои кору фаъолияти махсусгардонидашуда.

***Пролонгатсия*** – тамдиди муҳлат, дароз намудани муҳлати амали қарордод.

***Профитсит*** – вожае, ки нисбати буҷети давлат истифода мешавад ва зиёдии маблаги қисмати даромадҳои пулӣ нисбат ба қисмати харҷи буҷет гувоҳӣ медиҳад.

## Р

***Раванди истеҳсолӣ*** – ин маҷмӯи амалиёти мақсадноки фаъолияти истеҳсолии кормандони корхона мебошад, ки табдилёбии ашёи хом, маснуот ба маҳсулоти тайёр ва хизматҳоро мефаҳмонад. Мақсади асосии пеш бурдани ин раванди иқтисодӣ истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти босифат аст.

***Расенка*** - *(андозаи нисбии музди меҳнат тариқи корбайъ)*-ташкили музди меҳнати корбайъ бар он асос меёбад, ки бузургии он ҳамчун таносуби маблағи музди меҳнати коргар ё гурӯҳи коргарон дар як сол бар ҳаҷми кори иҷрошаванда ёфта мешавад.

***Реквизитҳо*** - мушаххасот, мусодираҳо-маълумоти ҳатмӣ дар асноди ҳуқуқӣ, ки бе он муомила беэътибор шуморида мешавад.

***Реклама*** - таблиғот, эълон, намоиши молу мавод барои фурӯш; реклом - иттилоот дар бораи молҳо, хадамот ва ғ. бо мақсади огоҳ сохтани харидорон ва пайдо намудани талабот ба онҳо дар бозор.

***Реконструксия - таҷдид, навсозӣ, бозсозӣ, таъмир*** - чараёни таҷдиди қатъии истеҳсолоти амалкунанда бар заминаи ташаккули фаъолияти ташкилию техникӣ буда, дорои

навгониҳои комплексӣ ва муҷаҳҳазсозии воситаҳои асосӣ мебошад.

## С

***Сайлонияти кормандон*** *(бо забони русӣ текучесть кадров ном дорад)* – ба масоили аз кор рафтани кормандони корхона дахл дорад. Дар ин мавриd, зариби сайлонияти кормандони корхона ё ташкилотро бо роҳи тақсим кардани шумораи кормандони бо ҳар гуна сабабҳо аз кор рафта бар шумораи умумии кормандон буда, натиҷааш ба рақами 100 зарб карда мешавад.

***Самара*** – натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ, ки дар намуди фоида ва ҳаҷми фурӯши мол, суди иҷтимоӣ инъикоси худро меёбад.

***Самаранокӣ*** – нишондиҳандаи ниҳоии нисбӣ буда, таносуби фоида, ҳаҷми фурӯши молро бар ҳаҷми ресурсҳои иқтисодӣ (воситаҳои асосӣ ва гардон) аст.

***Саҳмия, саҳм*** - коғази қиматноке мебошад, ки онро ҷамъияти саҳомӣ мебарорад ва ин коғаз ба дорандаи он барои аз фоидаи ҷамъияти саҳомӣ ҳисса гирифтан дар шакли дивиденд ҳуқуқ медиҳад.

***Сармояи воқеӣ*** - ҳамон намуди маблағгузории дарозмуддат мебошад, ки барои инкишофи соҳаҳои истеҳсолоти моддӣ гузошта шудааст.

***Сармояи молиявӣ***-маблағгузории кӯтоҳмуддат ва дарозмудат аст, ки бо ҳуҷҷатҳои гуногуни молиявӣ сармояи асосиро зиёд карда, мақсади ба даст овардани даромадро дорад.

***Сармоягузорӣ***-гузоштани (ҷалби) воситаҳои пулӣ ба объектҳои соҳибкорӣ ва рушди воситаҳои асосӣ бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ ва суди иҷтимоӣ бо роҳи самарабахш истифода бурдани онҳо мебошад.

***Сармояи пешпардохтшуда*** - решааш бо вожаи *франсавии avancer* - пешпардохт, пардохти пешакӣ пайванд мебошад. Ин маблағи махсуси сармоя маҳсуб мешавад, ки соҳибмулк барои пешбурди фаъолияти корхонаи муайян бо мақсади ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ маблағгузорӣ мекунад, он аслан барои харидани воситаҳои истеҳсолот ва қувваҳои кории кироя масраф карда мешавад.

***Сармояи асосӣ***-як қисми арзиши дороиҳои корхона аст, ки аз арзиши воситаҳои меҳнат (бино, иншоот, мошинҳо, таҷҳизот) иборат мебошад ва дар раванди истеҳсолот истифода мегардад.

***Сармояи гардон***-он ҳамон қисми воситаҳои пулии корхона мебошад, ки барои харидорӣ кардан дар бозори предметҳои меҳнат (ашёи хом, маводу маснуоти ёрирасон) ва дар шакли музди меҳнати кормандон ифодаи худро меёбад.

***Сармояи қарзӣ*** *(ҷалб кардашуда)* дар намуди қарзҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат вуҷуд дорад ва самарабахш истифода бурдани он аҳамияти муҳими иқтисодӣ дорад.

***Сарпараст, ҳомӣ, кумакрасон*** - шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие мебошанд, ки дар ҳолатҳои лозимӣ ба шахсон ё корхонаҳои ба ин неъматҳо эҳтиёҷдошта ва муҳтоҷон кумаки молиявӣ ва моддии худро мерасонанд.

***Сарпарастӣ, ҳомигарӣ, кумакрасонӣ*** - фаъолиятест, ки мақсаду маромаш дастгирӣ намудани корхонаву соҳибкорон ва шаҳрвандони кишвар дар ҳолатҳои бӯҳронӣ, фавқулода бо кумакҳои беғаразона (ҳасана) ё бо фоизҳои мусоид аз ҷиҳати молиявӣ ва моддӣ хизмат мерасонанд.

***Сатҳи зиндагӣ***-дараҷаи таъмини аҳолӣ бо неъматҳои моддӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ.

***Санатсия*** - маҷмӯи чорабиниҳое, ки давлат бо мақсади беҳтар намудани вазъи молиявии корхонаҳо ё бонкҳо амалӣ мегардонад.

***Санксия*** - *муҷозот; чораҳои ҷазодиҳӣ, ҷаримаситонӣ* - чорабиниҳои маҷбурие, ки дар ҳолатҳои риоя накардани шартҳои умумии созишномаҳои хоҷагӣ (корхона, муассиса) мувофиқи асноди ҳуқуқии мамлакат аз тарафи ин ё он иштирокдори созишнома истифода мегарданд.

***Сех*** – воҳиди асосии истеҳсолии корхонаи калон буда, дар истеҳсолот нақши муҳим мебозад. Қитъаҳо бошанд, дар навбати худ ба сехҳо мансубият дошта, нақши иловагӣ – хизматрасониро иҷро мекунанд.

***Сегменти бозор*** – *банду басти бозор* - гурӯҳи истеъмолгароне, ки ба ҳамон як номгӯи омилҳои ҳавасмандии бозорёбӣ ҳиссиёти якхела зоҳир менамоянд.

***Сертификати мутобиқат** - тасдиқномаи мутобиқат, коғази қурбдор; шаҳодатномаи пулӣ* - барои он ҳуҷҷати боваринок ва тасдиққунандаи зарурӣ ҳисобида мешавад, ки он бевосита метавонад ҳаммонандии мувофиқи махсулотро бо стандартҳои мушаххас ё худ дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ, комилан ҷавобгӯи он бошад.

***Сикли истеҳсолӣ*** - вақти тақвимӣ аст, ки аз лаҳзаи истифодаи ашёи хом ва мавод дар раванди истеҳсолот оғоз шуда, то вақти анҷом ёфтани тавлидоти маҳсулоти тайёр ва хизматҳои пулакиро дар бар мегирад.

***Синтез***-вожае, ки таҳлили иқтисодиро мукаммал менамояд, яъне дар асоси таҳлили масъалаҳои хурд, ҷудогона боз хулосабарории умумиро муҳайё месозад.

***Соҳибкорӣ*** - фаъолияти мустақилона ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқаррарнамудаи қонун бақайдгирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи самаранокии ресурсҳои маҳдуди иқтисодӣ, молу мулк, истеҳсол, фурӯши мол, иҷрои кор ё хизматрасонӣ равона карда шудааст.

***Соҳибкории истеҳсолӣ*** ба тавлиди маҳсулоти тайёр, коркарди ашёи хом, иҷрои кору хизматҳои гуногун фаъолияти навоварона дар асоси дастовардҳои пешқадами илмию техникӣ нигаронида шудааст.

***Соҳибкории тиҷоратӣ*** хариду фурӯши молҳои истеҳсолшуда, воридотӣ, фаъолияти миёнаравӣ, пешниҳоди хизматрасониҳо, савдои биржавӣ, музоядавӣ ва дигар амалиёти тиҷоратиро дар бар мегирад.

***Соҳибкории молиявӣ*** иҷрои вазифаҳои хизматрасонии молиявӣ ва бонкӣ, пешбурди ҳисоботи молиявӣ, суғурта, аудит, лизинги молиявӣ ва г.-ро амалӣ мегардонад

***Соҳибкории машваратӣ*** ба ҳаллу фасли идоракунии илмии истеҳсолот, идоракунии кормандон, бозорёбӣ, таҳлили фаъолияти хоҷагӣ, таҳияи нақшаи соҳибкорӣ, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ ва ғ. махсус гардонда шудааст.

***Соҳибкории инфиродӣ*** - фаъолияти мустақилонаи шахси воқеие мебошад, ки бидуни таъсиси шахси ҳуқуқӣ (корхона ё

ташкилот) аз номи худ ва хавфу хатар бо масъулияти амволии худ, ба гирифтани фоида равона карда шудааст.

***Соҳибкории шахси ҳуқуқӣ*** - фаъолияти мустақили ба хавфу хатари худ амалишаванда корхонаест, ки барои мунтазам гирифтани фоида, истифодаи молу мулк, фурӯши мол, истеҳсол, ичрои кор ё хизматрасониро пайгирӣ мекунад.

***Субъекти андозбандӣ*** - андозсупоранда, корхона (шахси ҳуқуқӣ) ё худ шаҳрванд (шахси воқеӣ), ки вазифаи ҳатмии супоридани андозро доранд, ба шумор меравад.

***Ставкаи андоз*** – ин меъёри тасдиқшудаи андозе мебошад, ки аз манбаи андозбандишаванда, масалан, арзиши нахи пахта ва ғ. ситонида мешавад.

***Ставкаи андози қатъӣ*** - маблағи мутлақ ба ҳар як воҳиди ситонидашавӣ новобаста аз андозаи даромадҳо муқаррар карда мешавад.

***Ставкаи андози мутаносиб*** – бо ҳисоби фоизи ягона, новобаста ба андозаи даромадҳо муайян карда шудааст.

***Ставкаи андози пешқадам*** - бо назардошти афзоиши андозаи ситонидашавандаи даромадҳо мустақиман афзун мегардад.

***Ставкаи андози регрессионӣ*** *(ҳадди ақалл)* - баръакс бо мурури афзоиши даромадҳо сатҳи он кам карда мешавад.

***Стагнатсия*** - *шахшавӣ, рукуд,* - шах шудан ё дар як сатҳ қарор гирифтани иқтисоди миллиро мефаҳмонад.

***Стагфлятсия*** - *таварруми гилолуд, рукуд* - дар иқтисод вазъе мебошад, ки тибқи он шахшавӣ бо вусъати ҷараёни бекурбгардии пулҳои когазӣ ҳамоҳанг мегардад.

***Стандартонӣ*** - ин қатъиян муқаррар намудани номгӯи меъёрҳои сифат, шакл ва андозаи мошинолот ва қисмҳои эҳтиётӣ, маҳсулоти тайёр мебошад. Он барои маҳдуд намудани феҳристи маҳсулоти истеҳсолӣ ва афзоиши ҳудудҳои истеҳсолоти он заминаи муфид фароҳам меорад.

***Стандарт – костинг*** - низоми харҷномавии арзиши аслии маҳсулот буда бо роҳи тасдиқ намудани моҳияти стандартҳои мақсаднок ё худ нақшавӣ фаҳмида мешавад.

***Стратегия*** – роҳу равиши дарозмуддати корхона аст, ки таҳлили комплексии вазъи корхона, муайян кардани миссия

– ҳадафи олии фаъолият, вазифаҳои асосӣ ва таҳияи асосноки нақшаи рушди корхонаро тақозо менамояд.

***Субвенсия*** – шакли кумаки давлатӣ тариқи додани воситаҳои пулӣ аз буҷети давлат ба шахсони ҳуқуқӣ ройгон ва бебозгашт.

***Субсидия*** – шакли кумаки давлатӣ бо роҳи ба шахсони ҳуқуқӣ додани воситаҳои пулӣ аз буҷети давлат, вале бо шарти қарзҳои кредитӣ.

**Т**

***Тавозун*** – баробарии ду тарафи тавозун, масалан, активҳо бо пассивҳо, дахл ва харҷи пули аҳолӣ, дахл ва харҷи молияи корхонаро мефаҳмонад.

***Тавварум*** *(инфлятсия)* – беқурбшавӣ, паст шудани қобилияти харидории он дар бозор. Ду шакли таваррум: 1.Т. тақозо; 2. Т. хароҷот вуҷуд дорад. Т. тақозо ҳамчун оқибати харҷҳо бошад дар натиҷаи баланд шудани хароҷоти миёнаи маҳсулот ва паст шудани арзаи кулл рух медиҳад. Умуман, т. кушод бо сабаби болоравии сатҳи нархи мол ва хизматҳо, инчунин т. пахшшуда бо таъсири омили камчинии молҳо дар иқтисоди миллӣ метавонад мушоҳида гардад.

***Талабот*** – зарурати объективии дархост ва тақозои аҳолӣ, корхона ва ташкилотро ба ягон чиз – маҳсулот ва хизматҳо мефаҳмонад.

***Тақозои аҳолӣ*** – ифодаи пулии тақозои аҳолӣ, яъне талаботи истеъмолгарони молу хизмат бо миқдори даромадҳои пулӣ маҳдуд аст.

***Тахассуснокӣ*** – кулли донишҳои муосиру замонавӣ ва малакаҳои амалӣ мебошанд, ки кормандро ба иҷрои ин ё он кори муайяни мураккаб омода менамояд ва ҳуқуқи кор карданро ироа медорад.

***Таҳлили иқтисодӣ*** - тарзу усулҳои омӯзиши вазъи муосири фаъолияти хоҷагии субъектҳои бозор дар давраи мушаххас бо мақсади муайян кардани сатҳи иҷрои нақшаю супоришҳо, таъсири омилҳои гуногун ба нишондиҳандаи иқтисодӣ ошкор кардани захираҳои то ҳанӯз истифоданашуда, асоснок намудани хулоса, таклифу пешниҳодҳои муфид барои қабули қарорҳои идоракунӣ ва меъёрҳо аст.

***Таҳлили муқоисавӣ*** – як услуби таҳлили иқтисодӣ, ки бо роҳи муқоиса кардани нишондиҳандаи ҳисоботӣ бо нақша, ҳисоботи соли охир бо нишондиҳандаи солҳои гузашта ва ғ. дар назар аст.

***Таҳлили оморӣ*** - услуби махсуси таҳлили иқтисодӣ мебошад, ба ҳисобу китоби амиқи таъсири омилҳо ба бузургии нишондодашудаи натиҷавӣ аст.

***Тариф ё боҷу хироҷи гумрукӣ*** - андозҳое, ки дар ҳолати воридоти мол аз хориҷи кишвар гузошта мешавад ва он пурра ба буҷети давлатӣ дохил мешавад.

***Ташкили илмии истеҳсолот*** - мақсади бунёди оқилонаи низоми технологияи пешқадам ва техникаи муосир дар сатҳи корхона мебошад.

***Ташкили илмии идоракунии корхона*** - сохтори ташкилии самараноки замонавӣ, истифодаи тарзу услубҳои судманд ва пешқадами идоракунӣ дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ ба шумор меравад.

***Технопаркҳо*** - маҷмӯи ширкатҳои хурди илмию технологие, ки фаъолияти соҳибкорӣ пеш мебаранд. Онҳо дар асоси ҳамкории навоваронаи мактабҳои олӣ, истеҳсолот ва ҳокимияти маҳаллӣ фаъолияти хешро ба роҳ мемонанд, ки амали замони муосир ва хеле муфиду судманд мебошад.

***Транзит - гузар*** - мусофиркашонӣ ва молкашонӣ аз як мамлакат ба мамлакати дигар ба воситаи роҳҳои мамлакати савум; ба истгоҳҳои мобайнӣ нафароварда кашондани мол ва мусофирон.

***Трансферт*** - вогузорӣ - ройгон ё бебозгашт додани маблағҳо аз буҷети давлатӣ барои мақсадҳои иҷтимоии аҳолӣ, табақаҳои камбизоати он, соҳаи маориф, фарҳанг, илм, тандурустӣ ва ғ.

## У

***Услуби нақшагирӣ*** – як тарзиояндабинӣ ва муайян намудани роҳу равиши фаъолияти корхона барои ба даст овардани натиҷаҳои боз ҳам баландтари иқтисодӣ бо сарфи оқилонаи ресурсҳои иқтисодӣ.

***Услуби тавозунӣ*** - василаи бомароми бо ҳамдигар алоқаманд кардани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бо роҳи баробар

кардани бузургии ду ё якчанд нишондиҳандаи пулӣ ё натуралӣ дар шакли тавозун ба ҳисоб меравад.

**Ф**

***Фаъолияти иқтисодии берунии корхона*** – ин ташкил ва ба роҳ мондани фаъолияти мустақилона ва хавфу хатардор дар мубодилаи молу хизматҳо дар сатҳи байналмилалӣ, ҳаракати доимӣ ва судманди ресурсҳои моддӣ, молиявӣ, зеҳнӣ ё интеллектуалӣ мебошад.

***Фарсудашавӣ*** - воситаҳои асосии истеҳсолӣ дар раванди истифодабарӣ дар муддатҳои хеле зиёд ё тӯлонӣ ногузир фарсуда мешаванд, ки онро дар адабиёти иқтисодӣ ҳамчун вожаи «истеҳлок» мешиносанд.

***Фарсудашавии маънавӣ*** - дар ҳамон ҳолат рух медиҳад, ки зери таъсири дастовардҳои илмӣ - техникӣ ва инноватсионӣ дар истеҳсоли мошину таҷҳизот ва қисмҳои ҷудогонаи онҳо тағйиру дигаргуниҳои ҷолиб ба миён меоянд.

***Фарсудашавии ҷисмонӣ*** - ҳамагуна олоти меҳнат (мошинҳо, таҷҳизот)-ро метавон ба ду гурӯҳ тақсим намуд: яке бо роҳи давра ба давра гузаронидани таъмир аз байн бурда мешаванд ва дигаре - онро ислоҳ намудан имкон надорад.

***Фоида*** – ифодаи пулии як қисми даромади соф аст, ки бо меҳнати кормандони соҳаи истеҳсолӣ ба даст оварда мешавад. Маблағи фоида – ин фарқ дар байни нархи мол ва хароҷоти истеҳсоли маҳсулот маҳсуб мешавад.

***Фоидаи корхонаи истеҳсолӣ*** як ҳиссаи муайяни арзиши маҳсулоти изофа, ки тавассути меҳнати пурмаҳсули кормандон ба вуҷуд оварда мешавад.

***Фоида аз фурӯши мол*** - бо роҳи аз арзиши моли фурӯхташуда тарҳ кардани арзиши аслии пурраи тиҷоратии корхона муайян карда мешавад. Агар одитар гӯем, фоида аз фурӯши мол бо роҳи аз нархи фурӯши маҳсулот тарҳ кардани арзиши аслии он аст.

***Фоида аз фурӯши маҳсулот*** (фаъолияти амалиётӣ) маъмулан аз ҳисоби маҷмӯи маблағҳои умумии фоида, ки танҳо онҳо рисолат ва хусусияти хоси касбияти корхонаро инъикос карда метавонад, фаҳмида мешавад. Он ҳамчун фарқ байни

маблағи фурӯши маҳсулот (ба истиснои андоз аз арзиши иловашуда ва андози аксизӣ) муқаррар карда мешавад.

***Фоида аз фурӯши амвол*** дар ҳамон маврид ба миён меояд, ки бо баъзе сабабҳо амвол дигар барои корхона нолозим шуда мемонад, дар ин ҳолат фоида аз фурӯши воситаҳои асосӣ (воситаҳои фаъоли моддӣ), воситаҳои фаъоли ғайримоддӣ, коғазҳои қиматноки дигар корхонаҳо манбаи муҳими он ба шумор мераванд. Бузургии он фарқ байни нархи фурӯш ва арзиши бақиявии объекти фурӯхташаванда тавассути хароҷот барои фурӯш (насбкунӣ, хароҷоти нақлиёт, пардохти агентиҳои хизматрасонӣ) муайян карда мешавад.

***Фоида аз амалиёти ғайрифурӯш*** - ин фоида аз ҳисоби ҳисса-ҷудокуниҳои корхонаҳои муштарак, супоридани амвол ба иҷораи дарозмуддат (лизинг), дивидендҳо аз ҳисоби коғаз-ҳои қиматнок, даромадҳо аз ҳисоби уҳдадориҳои қарзӣ, маблағҳои аз ҳисоби ҷаримаҳои иқтисодӣ ба даст овардашуда ташаккул меёбад.

***Фоиданокӣ*** - сатҳи нисбии фоидаро, одатан, фоиданокӣ меноманд, ки бо роҳи тақсим кардани фоидаи тавозунӣ ё соф ба арзиши миёнасолонаи воситаҳои асосӣ ва гардони истеҳсолӣ ва натиҷаи ҳисоб боз ба 100 зарб карда мешавад.Фоиданокӣ - он ҳамчун таносуби бузургии фоидаи корхона нисбат ба ҳаҷми маблағҳои фондҳои гардон мебошад.

***Фоидаи тавозунӣ*** - маҷмӯи умумии фоида, ки аз ҳисоби пешбурди фаъолияти хоҷагӣ дар як давраи муайян (моҳ, семоҳа, сол) ва аз ҳисоби тамоми манбаъҳои имконпазири пайдоиши фоида ба даст меояд.

***Фоидаи софи*** корхона - фарқи байни маблағи фоидаи тавозунӣ ва андоз аз фоида ба буҷети давлат мебошад.

***Фоида аз фаъолияти ғайриистеҳсолӣ*** - аз сарчашмаҳои гуногун маншаъ мегирад. Ба ин сарчашмаҳо дохил мешаванд: фоида аз иҷораи воситаҳои асосӣ, фоида аз фурӯши воситаҳои асосии зиёдатӣ, даромад аз фурӯши саҳмияҳо, маблағи ҷаримаҳои иқтисодии ғайринақшавӣ, ки дар натиҷаи риоя накардани қоидаҳои шартномаи хоҷагӣ аз

ҷониби ҳамкорон ба миён омадааст (бо тарҳи маблағҳое, ки бо ин сабаб ба шарикон супоридааст) ва ғ.

***Фондҳои асосӣ*** – воситаҳои меҳнате мебошанд, ки дорои арзиш буда, бо шакли истеъмолии бевоситаи худ дар раванди истеҳсолот муҳлати нисбатан дуру дароз фаъолият намуда, арзиши худро ба тадриҷ ба арзиши аслии маҳсулот зимни амали воқеии фарсудашавӣ ва механизми бардошти истеҳлок мегузаронанд.

***Фондҳои гардон*** - як қисми воситаҳои истеҳсолот дар шакли муайяни предметҳои меҳнат буда, унсурҳои он комилан дар ҳар як давраи истеҳсолот истеъмол мешаванд, яъне намуди аслии худро пурра ё бо роҳи тағйирёбии истеъмолот аз даст медиҳанд ва арзиши худро ба нархи маҳсулот мегузаронанд.

***Форс-мажор*** – вазъият ё ҳолате, ки ба тарзи фавқулода рух медиҳад. Истилоҳи махсусе, ки дар қарордоди хариду фурӯши мол истифода мешавад. Маънии он уҳдадориҳо дар мавриди сӯхтор, ҷанг, заминларза ва ғ. аст, ки рӯй додани чунин ҳолат ба иҷрои созишнома таъсир мекунад.

## Х

***Харҷнома (калкулятсия)*** – ҳисобу китоби харҷи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти корхонаи истеҳсолӣ, ки ба як воҳиди он рост меояд. Харҷнома метавонад нақшавӣ ва ҳисоботӣ шакл гирад.

***Харҷномаи меъёрӣ*** - дар асоси услуби меъёргирии илмии сарфи ресурсҳои иқтисодӣ ба ҳар як воҳиди истеҳсол ва фурӯши маҳсулот ва ҳисоби дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии интихобшуда муайян карда мешавад.

***Харҷномаи нақшавиро*** тавассути ҳисоб ва таҳлили ҳамаҷонибаи нишондиҳандаҳои нақшавии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар давраҳои муайян (моҳ, семоҳа, сол) тартиб медиҳанд.

***Харҷномаи ҳисоботӣ*** дар заминаи ҳисоботи муҳосибии хароҷоти истеҳсол ва фурӯши маҳсулот муқаррар мегардад.

## Ҳ

***Ҳадафи асосии фаъолияти иқтисодии корхона (ташкилот)*** - истеҳсол ва фурӯши маҳсулот, иҷрои кору хизматҳо, қонеъ

намудани талаботи бозор ва бо ин васила ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ мебошад.

***Ҳисоббаробаркунӣ дар шакли интиқоли бонкӣ***-тарзи ҳисобу китоб бо иштироки бонк дар он зоҳир мешавад, ки харидор ба бонки хизматрасони худаш дар бобати интиқоли маблағи мушаххаси пул ва пардохти он ба суратҳисоби фурӯшандаи мол супориш ироа мекунад.

***Ҳосилнокии меҳнат*** дар сатҳи корхона бо роҳи тақсим намудани маблағи фурӯши маҳсулот ба шумораи миёнаи коргарони истеҳсолӣ ёфта мешавад.

## Ч

***Чандирнокии тақозои аҳолӣ*** – аз рӯи нархи мол дар бозор – ин таносуби тағйирёбии андозаи тақозо бар тағйирёбии фоизии нархҳо дар шароити баробари муқоисашаванда мебошад. Зариби ч. тақозо бо тағйирёбии сатҳи нархи мол бо формулаи $З_{ч.т} = \Delta Q_1 : \Delta P_1 \times 100$, дар ин ҷо $Q_1$ – тағйирёбии тақозои аҳолӣ, $P_1$ – тағйирёбии нарх; $\Delta$ – афзоиш. Тағйирёбии фоизи нарх баробар аст $[(P_2 - P_1) \times 100 : (P_1+P_2) : 2]$. Чандирии тақозо аз рӯи нарх = Тағйирёбии андозаи тақозо (±) : тағйирёбии фоизи нарх (±) ё $[(Q_2-Q_1) : (P_1+P_2) : (P_2 - P_1) + Q_2]$. Ч.тақозо аз рӯи нарх барои ҳамаи молҳо якранг набуда, ба он омилҳои зиёд таъсир мерасонанд. Бо ин формула хеле наздик (агар ба ҷои тақозои аҳолӣ бояд пешниҳоди мол гирифта шавад), ч. арзаи молро аз рӯи тағйирёбии фоизии нарх низ метавон муайян кард.

## Ҷ

***Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд*** - як шакли мутаҳидкардашудаи сармоягузорӣ мебошад. Иштирокчиёни ин гуна ҷамъият тибқи уҳдадориҳояшон фақат дар чорчӯбаи саҳмияҳои худ бори ҷавобгарӣ доранд, вале аз рӯи амволашон бошанд ҳеҷ ягон масъулиятро ба зимма надоранд.

***Ҷамъияти вобаста*** - ҷамъияти дигари бартаридошта бештар аз 20 %-и саҳмияҳои ҷамъияти саҳомӣ ё 20 %-и сармояи оинномавии ҷамъияти дорои масъулияти маҳдудро ба уҳда дошта бошад, пас чунин ҷамъият ҷамъияти хоҷагидории вобаста эътироф мешавад.

***Ҷамъияти дорои масъулияти иловагӣ*** - намуди субъекти хоҷагидории тиҷоратӣ дониста мешавад, ки аз ҷониби як ё якчанд шахс таъсис ёфта, фонди оинномавии он мувофиқи қоидаҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ муайянгардида ба ҳиссаҳои амиқ тақсим мешавад.

***Ҷамъияти саҳомии шакли кушода*** - мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳидшавии гурӯҳи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ мебошанд, ки ба хотири пеш бурдани фаъолияти мустақилонаи хоҷагидорӣ таъсис ёфтааст. Вай дорои масъулияти махсус буда, онро дар заминаи арзиши саҳмияҳои аъзоён дар амалия татбиқ менамояд.

***Ҷамъияти саҳомие,*** ки саҳмияҳои он танҳо дар байни муассисон ва аъзоёни инфиродии он тақсим мешаванд, ҷамъияти саҳомии шакли пӯшида эътироф мешавад. Чунин ҷамъият ба обунаи озоди саҳмияҳои интишор додааш ё ба шахсони ғайриаъзо фурӯхтани онҳоро иҷозат намедиҳад.

***Ҷамъияти фаръӣ*** - ҷамъият ё ширкати хоҷагидорӣ дар натиҷаи иштироки фаъоли худ дар сармояи оинномавии он ё мутобиқи қарордоди ба тариқи дигар имконияти муайян намудани қарорҳои аз ҷониби чунин ҷамъият қабулшударо дошта бошад, пас чунин ҷамъиятро ҷамъияти хоҷагидории фаръӣ меноманд.

***Ҷараёни истеҳсолот*** - дар заминаи таъмини шарти ягонагӣ ва алоқамандии бевоситаи се унсури бозори меҳнат: қувваҳои корӣ, предмет ва воситаҳои меҳнат ба роҳ монда мешавад.

***«Ҷои холӣ дар бозор»***, «ҷой дар бозор», бозорҷой, «мавқеи шӯҳрат дар бозор» - ниша - рынка.

***Ҷойҳои корӣ*** – унсури сохтори истеҳсолӣ буда, барои пешбурди фаъолияти корӣ дар ҳайати як ё якчанд нафар коргар ва барои иҷрои ягон амалиёти алоҳида бо назардошти таъмини шароити корӣ таъсис дода мешаванд.

**Ш**

***Шартнома*** - ин тарзи хаттии ба созиш, ҳамфикрии дутарафа омадани субъектҳои иқтисодии манфиатдор мебошад, ки пас аз ба имзо расонидани чунин ҳуҷҷат

ҳуқуқу уҳдадориҳои худро бо риояи қатъии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқии амалкунанда иҷро мекунад.

***Шартҳои таҳвили маҳсулот*** - дар шартнома ба куҷо ва бо кадом роҳу равиш молистеҳсолкунанда вазифаи таҳвилгариро ба зимма мегирад: ба харидоре, ки бо тавлидгар дар як минтақа ҷойгир мебошад, ё худ ба суроғаи харидор таҳвил намудани он, агар ӯ дар дигар минтақаи аҳолинишин ҷойгир бошад, ва ба нишонаи корхонаҳои дигар тибқи фармоишоти пешакӣ сурат мегирад. Дар шартнома муҳлати пешниҳоди дархост ва мазмуну мундариҷаи он нишон дода мешавад.

***Ширкати ба боварӣ асосёфта*** - ҳамон ширкате дониста мешавад, ки дар он дар баробари иштирокчиёне, ки аз номи ширкат фаъолияти соҳибкориро пеш мебарад, ҳамзамон дар уҳдадориҳои ширкат бо арзиши амволи худ масъулият доранд.

***Ширкати комил*** - корхонаи тиҷоратиест, ки барои амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади гирифтани фоида ду ё зиёда аз ин шахсонро муттаҳид менамояд; инчунин иштирокчиёни он бевосита дар фаъолияти ширкат иштирок намуда ҳар кадоми онҳо аз рӯи уҳдадории ҷамъият на танҳо тибқи сармояи ҷалбшуда, балки бо арзиши амволашон пурра ҷавобгаранд.

**ҲАБИБОВ САФИУВЛО**

**ҶАМШЕДОВ МАҲМАДНАЗАР**

# ИҚТИСОДИ КОРХОНА (ТАШКИЛОТ)-ҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ

**Қисми 1**

**Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ**

Муҳаррири ороиш: Исоев А.
Муҳаррири техникӣ: Шарифов М.
Тарроҳии компютерӣ: Бунафша Ҷабборова

БИ 5294

Ба чоп 25.12.2014 имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопии шартӣ 22,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 16,0.
Адади нашр 250. Супориши № 69.

Муассисаи нашриявии «Ирфон»-и Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734018,
ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17.
E.mail: irfon_compony @ mail.ru

**Китоб дар матбааи ҶДММ «Нашриёи Бухоро» чоп шудааст.**
**ш. Душанбе, хиёбони. «Дӯстии халқҳо», 47.**
**Тел: 227-61-47.**



**Сафиувло Ҳабибов** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор. Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Академики Академияи илмҳои педагогӣ ва иҷтимоии Федератсияи Россия. Солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои мудири кафедра, декани факултет ва ноиби ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон фаъолият намудааст. Ҳоло профессори кафедраи иқтисод ва ташкили соҳибкории донишгоҳи мазкур мебошад. Муаллифи зиёда аз 250 асарҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ, аз он ҷумла зиёда аз 15 китоби дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва монографияҳои илмӣ дар соҳаи иқтисоди бозорӣ, менеҷмент ва тиҷорати байналмилалӣ.



**Маҳмадназар Ҷамшедов** – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Аълочии кооператсияи матлуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Мудири маркази бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Муаллифи зиёда аз 100 асарҳои илмӣ ва таълимӣ-методӣ, аз он ҷумла китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва монографияҳои илмӣ дар соҳаи иқтисоди корхонаҳои савдо ва хӯроки омма, тиҷорати байналмилалӣ, нақшагирии соҳибкорӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони савдо.

ISBN 978-99975-0-211-7

“Ирфон”